**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ»**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**ВБД: 396(575.3) (09)**

**ФАЙЗЗОДА РАМАЗОН ХУРСАНД**

# КУМИТАИ БЕҲДОШТИ МЕҲНАТ ВА МАИШАТИ ЗАНОН ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАҲАВВУЛОТИ ИҶТИМОИИ ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОН (СОЛҲОИ 1928–1934)

**Д И С С Е Р Т А Т С И Я**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.1. – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои таърих, профессор Халилзода Давлаталӣ Халил

**БОХТАР – 2026**

**МУНДАРИҶА**


| | |
|---|---|
| **НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО......................................................................** | 3 |
| **МУҚАДДИМА...........................................................................................** | 4 |
| **ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ.........................................................** | 18 |
| **БОБИ I. АСОСҲОИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ ТАШАККУЛ ВА ФАЪОЛИЯТИ КУМИТАИ БЕҲДОШТИ МЕҲНАТ ВА МАИШАТИ ЗАНОН (КБММЗ)** | |
| 1.1. Заминаҳои таърихӣ ва зарурати таъсиси КБММЗ дар низоми идоракунии давлатии Тоҷикистон............................................................... | 31 |
| 1.2. Сохтор, асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва самтҳои стратегии фаъолияти Кумита........................................................................................................... | 54 |
| **БОБИ II. НАҚШИ КУМИТА ДАР ТАҲАВВУЛОТИ ИҚТИСОДИИ ҲАЁТИ ЗАНОН ВА ТАШАККУЛИ КОРГАРЗАНОНИ КАСБӢ** | |
| 2.1. Механизмҳои институтсионалии сафарбаркунии занон ба бахши истеҳсолӣ ва кишоварзӣ дар фаъолияти КБММЗ..................................... | 90 |
| 2.2. Ташаккули табақаи коргарзанони касбӣ ва нақши Кумита дар маҳви бесаводии техникӣ........................................................................................ | 124 |
| **БОБИ III. РОҲБУРДИ (СТРАТЕГИЯ) КБММЗ ДАР РАВАНДИ ТАҲАВУЛЛОТИ ИҶТИМОӢ - МАДАНӢ ВА МОДЕРНИЗАТСИЯИ МАИШАТИ ЗАНОН** | |
| 3.1. Низоми маърифатпарварӣ ва таҳаввули шуури ҷамъиятии занон дар доираи фаъолияти КБММЗ......................................................................... | 159 |
| 3.2. Самтҳои модернизатсияи маишат ва нақши Кумита дар таъсиси инфрасохтори иҷтимоии занон (Таҳлили ташкили боғчаҳо, ошхонаҳо ва клубҳои занон ҳамчун кӯшиши озод кардани зан аз «асорати рӯзгор»)...... | 178 |
| **ХУЛОСА....................................................................................................** | 215 |
| **Рӯйхати сарчашма ва адабиёти истифодашуда........................................** | 220 |

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО

ҲКИШ - Ҳизби коммунистии Иттиҳоди Шуравӣ;

ҲК - Ҳизби коммунистӣ;

КБММЗ - Кумитаи беҳдошти меҳнат ва маишати занон;

КИМ - Кумитаи марказии иҷроия;

ҶШС - Ҷумҳурии шуравии сотсиалистӣ;

ҶМШС - Ҷумҳурии мухтори шуравии сотсиалистӣ;

ҶХШ - Ҷумҳурии халқии шуравӣ;

ИҶШС - Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ;

ШКХ - Шурои Комиссариатҳои халқӣ;

МТС - Мактаби ташкилкардаи Советӣ;

КМ КБММЗ - Кумитаи Марказии Кумитаи беҳдошти меҳнат ва маишати занон;

КХТ - Комиссариати халқии тандурустӣ;

КХТ - Комитети халқии таъминотӣ;

КХМ - Комиссариати халқии маориф;

КХЗ - Комиссариати халқии замин;

КМ ҲК - Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунист;

МТОК - Мактаби таълимии олии коммунистӣ;

## МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқ.** Таҳқиқи таърихи таҳаввулоти иҷтимоӣ ва равандҳои модернизатсияи ҷомеаи Тоҷикистон дар солҳои 20-30-юми асри XX яке аз самтҳои муҳимми таърихнигории муосири ватанӣ маҳсуб меёбад. Ин давра дар таърихи халқи тоҷик ҳамчун марҳалаи гузариши бунёдӣ аз сохти суннатии аграрӣ ба низоми нави иҷтимоӣ-сиёсӣ арзёбӣ гардида, бо суръати баланди дигаргунсозиҳои сохторӣ тавсиф мешавад. Дар ин замина, омӯзиши фаъолияти ниҳодҳои махсуси давлатӣ, аз ҷумла Кумитаи беҳдошти меҳнат ва маишати занон (КБММЗ), аҳамияти хоси илмӣ ва амалӣ пайдо мекунад.

КБММЗ дар низоми идоракунии давлатии он замон на танҳо ҳамчун як сохтори муқаррарии маъмурӣ, балки ҳамчун як ниҳоди стратегӣ ва омили калидии «муҳандисии иҷтимоӣ» зуҳур намуд. Мубрамияти ин масъала дар он зоҳир мегардад, ки Кумита вазифаи мураккаби трансформатсияи низоми суннатии ҷомеаро ба зимма дошт. Ин раванд танҳо бо ҷалби занон ба корҳои ҷамъиятӣ маҳдуд нашуда, балки ҳадафи васеътар-таҷдиди куллии шуури иҷтимоӣ, аз байн бурдани монеаҳои мазҳабӣ-патриархалӣ ва фароҳам овардани заминаҳои нави ҳуқуқиву иқтисодиро барои зани тоҷик дунбол мекард.

Аз диди таърихнигории муосир, фаъолияти КБММЗ ҳамчун механизми давлатии «модернизатсияи маишат» баррасӣ мешавад. Кумита кӯшиш ба харҷ медод, фазои пӯшидаи хонаводагиро бо фазои кушоди иҷтимоӣ иваз намояд, ки ин боиси тағйири куллии нақшҳои гендерӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон гардид. Таҳлили интиқодии ин раванд нишон медиҳад, ки давлат тавассути ин ниҳод кӯшиш мекард, «Зани нави шарқӣ»-ро ҳамчун субъекти фаъоли сохтмони сотсиалистӣ шакл диҳад. Аз ин рӯ, пажӯҳиши фаъолияти КБММЗ имкон медиҳад, ки на танҳо омор ва арқоми таърихӣ, балки ҷавҳари тағйирот дар ҳаёти рӯзмарра, муқовиматҳои иҷтимоӣ ва натиҷаҳои ниҳоии сиёсати эмансипатсияи занон дар шароити хоси Тоҷикистони солҳои 20-30-юми асри XX мавриди баррасии амиқи илмӣ қарор гирад.

Мубрамияти мавзуи диссертатсия бо омилҳои зерин муайян карда мешавад:

Аввалан, зарурати бозбинӣ, таҷдиди назар ва арзёбии нави илмии раванди эмансипатсия (озодсозӣ)-и занон дар Тоҷикистон аз диди методологияи муосири таърихнигорӣ тақозо мегардад. Дар марҳалаи кунунии рушди ҷомеа, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи стратегии таҳкими давлатдории миллиро пеш гирифтааст, омӯзиши таҷрибаи таърихии солҳои 20-30-юми асри XX аҳамияти ҳаётӣ пайдо мекунад. Ин марҳала на танҳо як давраи хронологӣ, балки нуқтаи гардиши консептуалӣ дар тақдири зани тоҷик мебошад. Гузариш аз «низоми пӯшидаи маишӣ», ки дар он зан танҳо ҳамчун объекти анъанаҳои патриархалӣ ва маҳдуд дар доираи хонавода баррасӣ мешуд, ба «фазои кушоди иҷтимоӣ-иқтисодӣ» боиси шикастани қолабҳои куҳнаи фикрӣ ва иҷтимоӣ гардид.

Омӯзиши муфассали ин раванд имкон медиҳад, ки решаҳои таърихии ташаккули субъективияти (субъектность) зани тоҷик дуруст дарк карда шавад. Яъне, маҳз дар ҳамин давра зан аз як фарди тобеъ ба субъекти фаъоли таърих, соҳиби ҳуқуқи меҳнат, таҳсил ва иштирок дар идоракунии давлатӣ мубаддал гашт. Таҳлили интиқодии ин гузариш барои фаҳмидани он муҳим аст, ки чӣ гуна заминаҳои худшиносӣ ва ифтихори миллии занон дар шароити бархӯрди суннат ва модернизатсия тавлид ёфтаанд.

Дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ ва талошҳои давлат барои таъмини баробарии гендерӣ, бозгашт ба таҷрибаи КБММЗ ва дарки моҳияти «озодсозии зани шарқӣ» ба мо кумак мекунад, ки моделҳои миллии рушди иҷтимоиро бидуни гум кардани асолат ва ҳувияти таърихӣ тарҳрезӣ намоем. Ҳамин тариқ, ин пажӯҳиш на танҳо як таҳқиқи гузашта, балки талошест барои муайян кардани пайванди мантиқии таърихию иҷтимоӣ дар масири ташаккули ҷомеаи муосири Тоҷикистон.

Сонияи, КБММЗ ҳамчун механизми калидии институтсионалии давлат дар шароити ниҳоят мураккаб ва хоси Тоҷикистони солҳои 20-30-юми асри XX фаъолият мебурд. Мубрамияти пажӯҳиш дар он зоҳир мегардад, ки ин ниҳод маҷбур буд сиёсати модернизатсияи шуравиро дар муҳите амалӣ созад, ки бо сохтори мураккаби этникӣ, нуфузи бесобиқаи анъанаҳои мазҳабӣ ва иқтисодӣ қафомондаи аграрӣ тавсиф мешуд.

Таҳлили интиқодии фаъолияти Кумита имкон медиҳад, ки диалектикаи муносибатҳои давлат ва ҷомеаи суннатӣ мавриди омӯзиши амиқ қарор гирад. Дар ин замина, ошкор намудани моҳияти муқовимати иҷтимоӣ ба навовариҳои шуравӣ аҳамияти хос дорад. Ин муқовимат на танҳо дар шакли ошкоро, балки дар шакли пасипардагӣ ва «муқовимати хомӯш»-и сохторҳои патриархалӣ зуҳур мекард, ки раванди эмансипатсияро бо душвориҳои зиёд рӯбарӯ месохт.

Гузашта аз ин, таҳқиқи мазкур ба мо имкон медиҳад, ки зиддиятҳои дохилии худи раванди модернизатсияро ошкор намоем. Аз як тараф, давлат кӯшиши ҷалби занонро ба меҳнати истеҳсолӣ ва ҳаёти сиёсӣ дошт, аммо аз тарафи дигар, набудани заминаҳои моддӣ-техникӣ ва фишори идеологӣ боиси зуҳури формализм дар фаъолияти ниҳодҳои масъул мегардид. Омӯзиши ин зиддиятҳо, яъне бархӯрди шиорҳои инқилобӣ бо воқеияти рӯзгори зани тоҷик, барои фаҳмидани хусусиятҳои хоси «модернизатсияи шарқӣ» ва оқибатҳои иҷтимоии он дар Тоҷикистон заминаи мусоиди илмӣ фароҳам меорад.

Холисан, мубрамияти мавзуъ бо зарурати гузариш аз парадигмаҳои маҳдуди идеологӣ ба методологияи муосири таърихнигории илмӣ ва принсипи холисият (объективност) муайян карда мешавад. Дар тули даҳсолаҳо фаъолияти КБММЗ дар адабиёти таърихии давраи шуравӣ асосан аз диди «таърихи ҳизбӣ» ва ҳамчун намунаи зафари мутлақи сиёсати давлат дар Шарқ тасвир мешуд. Чунин муносибати якҷониба аксар вақт ҷанбаҳои мураккаб, зиддиятнок ва воқеии раванди эмансипатсияро дар соя мегузошт ва паҳлуҳои инсонии трансформатсияи иҷтимоиро ба инобат намегирифт.

Таҳқиқи мазкур кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки ин холигоҳи илмиро тавассути де-идеологизатсияи (аз идеология пок намудани) таърихи иҷтимоии занон пур намояд. Дар илми муосири таърихшиносии тоҷик имрӯз вазифаи калидӣ - бозбинӣ ва арзёбии воқеъбинонаи нақши ниҳодҳои давлатӣ дар дигаргунсозии сохтории ҷомеа гузошта шудааст. Дар ин росто, пажӯҳиши мазкур мавзуъро на танҳо ҳамчун таърихи як ниҳоди маъмурӣ, балки ҳамчун як бахши ҷудонопазири «таърихи гендерӣ» ва «таърихи иҷтимоӣ» баррасӣ мекунад.

Истифодаи усулҳои нави таҳлили интиқодии сарчашмаҳо ва ҷалби санадҳои бойгонie, ки қаблан аз диди танқидӣ камтар мавриди таваҷҷуҳ буданд, имкон медиҳад, ки аз тасвирҳои «қаҳрамонона» ва якҷониба парҳез намуда, симои воқеии зани тоҷики он даврон, мушкилоти рӯзмарраи ӯ ва таъсири аслии ислоҳоти давлатиро ба ҳаёти маишии ҷомеа ошкор созем. Ҳамин тариқ, ин пажӯҳиш дар заминаи таърихнигории муосири ватанӣ як қадами ҷиддӣ дар роҳи ташаккули диди нави илмӣ нисбат ба равандҳои модернизатсияи иҷтимоӣ дар Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Воқеан, аҳамияти амалӣ ва татбиқии пажӯҳиши мазкур дар он зоҳир мегардад, ки таҷрибаи таърихии фаъолияти КБММЗ дар шароити кунунии таҳкими давлатдории миллӣ ва татбиқи сиёсати давлатии гендерӣ сабақи беназир маҳсуб меёбад. Дар марҳалаи муосир, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон стратегияи фаъолгардонии нақши занонро ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки рушди ҷомеа пайгирона амалӣ месозад, омӯзиши механизмҳои таърихии ҷалби занон ба соҳаҳои гуногуни ҳаёт аҳамияти калони методӣ пайдо мекунад.

Таҳлили интиқодии фаъолияти Кумита дар солҳои 1928-1934 имкон медиҳад, ки моделҳои самараноки ҳамоҳангсозии манфиатҳои давлатӣ бо ниёзҳои воқеии иҷтимоии занон дар шароити ҷомеаи суннатӣ дуруст арзёбӣ карда шаванд. Ин таҷриба барои ҳалли муаммоҳои муосири гендерӣ, аз қабили баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии занон, тавсияи соҳибкорӣ миёни занони деҳот ва таъмини иштироки фаъоли онҳо дар равандҳои қабули қарорҳо заминаи назариявӣ-амалӣ фароҳам меорад.

Ғайр аз ин, хулосаҳои пажӯҳиш метавонанд зимни таҳияи барномаҳои давлатии марбут ба ҳифзи модару кӯдак, беҳтар кардани шароити меҳнати занон ва такмили инфрасохтори иҷтимоӣ мавриди истифода қарор гиранд. Бо дарназардошти принсипи ворисияти таърихӣ (историческая преемственность), натиҷаҳои диссертатсия барои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, Кумитаи кор бо занон ва оила ва ниҳодҳои ҷамъиятӣ ҷиҳати пешгирӣ аз монеаҳои

иҷтимоӣ-равонӣ ва рушди субъективияти занон дар ҷомеаи демократии Тоҷикистон ҳамчун дастури муҳим хизмат хоҳанд кард.

Ҳамин тариқ, пажӯҳиши мазкур на танҳо як таҳқиқи маъмурии фаъолияти як ниҳод, балки кӯшиши ҷомеи илмӣ-назариявӣ ҷиҳати ошкор намудани нақши стратегии КБММЗ дар раванди гузариши бунёдии ҷомеаи Тоҷикистон аз сохтори анъанавии патриархалӣ ба низоми муосири иҷтимоӣ маҳсуб меёбад. Муаллиф бо такя ба принсипи таърихият ва холисияти илмӣ, фаъолияти ин Кумитаро ҳамчун катализатори тағйиротҳои сохторӣ баррасӣ мекунад, ки дар натиҷаи он зани тоҷик аз мақоми «объекти таърих» ба «субъекти фаъоли иҷтимоӣ» табдил ёфт.

Мубрамияти махсуси ин қисмати кор дар он зоҳир мегардад, ки хулосаҳо на дар асоси қолабҳои куҳнаи идеологӣ, балки бо дарназардошти диди интиқодӣ ва ҷалби васеи сарчашмаҳои нави бойгонӣ сурат гирифтаанд. Бисёре аз ин санадҳо бори аввал ба гардиши илмӣ ворид карда шуда, имкон медиҳанд, ки зиддиятҳо, мушкилот ва комёбиҳои воқеии сиёсати давлат дар мавриди занон дар солҳои 1928-1934 бидуни ороишоти сиёсӣ арзёбӣ шаванд.

Дар ниҳоят, пажӯҳиши мазкур ҷавҳари таҳаввулоти иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистонро дар яке аз ҳассостарин марҳалаҳои таърихи ватанӣ инъикос намуда, заминаи заруриро барои дарки амиқи таҳаввулоти гендерии минбаъдаи кишвар фароҳам месозад.

**Дараҷаи омӯзиши масъала**. Таҳлили таърихнигории масъалаи фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ дар самти модернизатсияи ҳаёти занон нишон медиҳад, ки ин мавзуъ дар марҳалаҳои мухталиф мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор гирифтааст. Бо мақсади муайян намудани холигиҳҳои илмӣ ва асосноккунии навоварии пажӯҳиш, адабиёти мавҷударо метавон ба се гурӯҳи асосӣ тақсим кард:

1. Таърихнигории давраи шуравӣ (солҳои 30-юми-80-уми асри XX):

Дар ин марҳала таҳқиқи мавзуи занон асосан дар доираи идеологияи ҳукмрон ва консепсияи классикии «Ғалабаи сотсиализм дар Шарқ» сурат мегирифт. Таҳқиқоти ин давра бо фарогирии васеи маводи бойгонӣ ва

ташаккули заминаҳои аввалини илмии масъалаи занон дар Тоҷикистон фарқ мекунанд.

Саҳми калидиро дар ин самт доктори илмҳои таърих, профессор Р.А. Набиева гузоштааст. Дар рисолаи номзадӣ, докторӣ ва монографияи худ муаллиф раванди ҷалби занонро ба ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоӣ мавриди баррасии амиқ қарор додааст [109; 142; 143]. Р.А. Набиева дар таҳқиқоташ ҳаҷми азими санадҳоро аз бойгониҳои Маскав, Тошканд ва Душанбе ҷамъоварӣ намуда, ба гардиши илмӣ ворид кардааст. Хониши нави интиқодии ин санадҳо, ки олим истифода бурдааст, ба муҳаққиқони муосир имконият медиҳанд, хулосаҳои воқеъбинонатар ва аз идеология покшуда баroранд. Мавриди қайд аст, ки асарҳои Р.А. Набиева дар даврае таълиф шудаанд, ки илми таърихшиносӣ комилан тобеи парадигмаи марксистӣ-ленинӣ буд. Бинобар он, дар ин асарҳо таърихи озодсозии занон на ҳамчун як раванди мураккаби иҷтимоию антропологӣ, балки ҳамчун як ҷузъи «нақшаи бузурги ҳизбӣ» тасвир ёфтааст [111; 112]. Ин муносибат боиси он гаштааст, ки муаллиф паҳлуҳои зиддиятноки равандро (масалан, фишорҳои равонӣ, фоҷиаҳои инсонӣ ҳангоми маъракаи «Ҳуҷум» ва муқовимати оилавӣ) дар сояи «муваффақиятҳои ҳизбӣ» гузорад. Дар таҳқиқоти Р.А. Набиева Кумитаи беҳдошти меҳнат ва маишати занон (КБММЗ) на ҳамчун як ниҳоди мустақили дорои стратегия ва динамикаи дохилӣ, балки танҳо ҳамчун «абзори иҷроия»-и Ҳизбӣ Коммунист баррасӣ мешавад. Чунин нигоҳ имкон намедиҳад, ки мушкилоти хоси идоравӣ, нарасидани захираҳо, низоъҳои байнидавлатӣ ва номувофиқатии қарорҳои марказ ба воқеияти маҳаллии Тоҷикистон таҳлил карда шаванд. Таҳқиқоти муосир бояд КБММЗ-ро ҳамчун як субъект (фаъол)-и таърихӣ омӯзад, ки дар шароити ниҳоят вазнин бо ҷомеаи суннатӣ вориди муколама ва баъзан созиш мешуд.

Инак, асарҳои Р.А. Набиева, бо вуҷуди фарогирии васеи маводи бойгонӣ, дар доираи методологияи синфӣ ва консепсияи роҳбарии мутлақи ҳизбӣ маҳдуд мондаанд. Ин ҳолат тақозо мекунад, ки фаъолияти КБММЗ на танҳо ҳамчун натиҷаи дастурҳои ҳизбӣ, балки ҳамчун раванди мураккаби таҳаввули иҷтимоӣ

ва институсионалӣ, ки бо зиддиятҳои ҷиддии дохилӣ ва муқовиматҳои ҷомеаи суннатӣ тавсиф мешавад, аз нав пажӯҳиш карда шавад.

Рисолаи номзадии А.А. Сулаймонова барои омӯзиши мавзуи мо махсусан қобили таваҷҷуҳ аст, зеро дар он фаъолияти шуъбаҳои занони ташкилотҳои ҳизбии Тоҷикистон дар солҳои 1929-1933 баррасӣ мешавад [145]. Муаллиф фаъолияти шуъбаҳои занонро (женотделҳо) ҳамчун муҳаррики асосии идеологии он давр нишон додааст. Ин ба мо имкон медиҳад, ки робитаи зичи КБММЗ-ро бо сохторҳои ҳизбӣ дарк кунем.

Дар таҳқиқоти Сулаймонова КБММЗ бештар ҳамчун як ниҳоди «соягӣ» ё иҷрокунандаи иродаи ҳизб баррасӣ мешавад. Муаллиф диққати асосиро ба сафарбаркунии сиёсӣ равона кардааст, вале ҷанбаи давлатӣ-ҳуқуқии КБММЗ-ро, ки вазифаи он маҳз «беҳдошти маишат ва меҳнат» (яъне ҳалли мушкилоти амалии иҷтимоӣ, на танҳо сиёсӣ) буд, дар сояи фаъолияти ҳизбӣ гузоштааст.

Аз назари диссертант, ба муҳаққиқ Сулаймонова А.А. барои нишон додани фарқияти бунёдии ду ниҳод - шуъбаҳои занон ва КБММЗ зарур буд, ки ба ҷанбаҳои институтсионалӣ (мақоми давлатӣ) ва функсионалӣ (вазифаҳои амалӣ) таваҷҷуҳ намояд. Зеро, гарчанде ки ҳадафи ҳар ду «озодсозии занон» буд, воситаҳои расидан ба ин ҳадаф комилан фарқ мекарданд.

Дар бораи занони Русияи Шуравӣ ва ИҶШС манбаъҳои зиёде мавҷуданд, ки аз номи давлат, роҳбарони давлат ва шахсони вазифадор, ки бо ин ё он роҳ ба масъалаи занон алоқаманд буданд, бармеоянд. Ин қонунҳо, фармонҳо, қарорҳои ҳукумат ва ҳизбӣ Русияи Шуравӣ, ҶМШС Туркистон, ИҶШС [38; 149] ва ҶШС Тоҷикистон [35; 41; 42; 43; 44; 45; 46; 47; 48; 49; 50; 51; 52; 53; 54; 55; 73; 164] ба нутқу суханҳои роҳбарони давлат ва ҳизб [56; 97; 98; 175; 176; 204;] инчунин, корҳои интишоршуда буданд [92; 99; 107; 128].

Омӯзиши воқеии масъалаи занон дар Шуроҳо ҳанӯз аз давраи раванди барномавии Ҳокимиятӣ Шуравӣ дар ҳуҷҷатҳои қабулгардида [41; 44;] дар нутқу суханронӣ ва интишороти чунин пешвоёни сиёсии солҳи 20-ум ва 30-юми асри XX, амсоли В.И. Ленин [176], М.И. Калинин [88], А.М. Коллонтай [92; 93; 94; 95], Н.К. Крӯпская [99; 100; 101; 102; 103; 104; 105], К. Сеткина

[128; 129; 130; 131; 132; 133; 134; 135; 136; 137; 138; 139; 140], И. Арманд [60; 61] оғоз ёфт.

Масъалаи занон дар ИҶШС ҳанӯз дар рафти татбиқи сиёсати баробарҳуқуқии занон бо мардон мавзуи омӯзиши илмӣ гардид. Дар солҳои 20 – 70-уми асри XX асарҳое таълиф карда шуданд, ки дар онҳо масъалаҳои марбут ба шароити кор ва маишати занон мавриди баррасӣ қарор меёфтанд [62; 72; 89; 90; 91; 96].

Дар низоми идоракунии солҳои 20-30-юми асри XX тақсимоти кор миёни ин ду ниҳод дар асоси принсипи «идеология ва инфрасохтор» сурат гирифта буд. Шуъбаи занон ниҳоди идеологӣ ва сафарбаркунанда буда, ҳамчун сохтори дохилиҳизбӣ (КМ Ҳизбӣ Коммунист) фаъолият мекард ва вазифаи он бештар хусусияти сиёсӣ-инструменталӣ дошт: Тарғибу ташвиқ: Ташаккули шуури синфӣ, фаҳмондани сиёсати ҳизб ва ҷалби занон ба сафи ҳизбу комсомол. Мубориза бо «боқимондаҳо»: Маъракаҳои «Ҳуҷум», озод кардан аз никоб (фаранҷӣ) ва мубориза бар зидди таассуби динӣ. Назорати сиёсӣ: Шуъбаи занон нақши «дидбони идеологӣ»-ро дошт, ки раванди умумии эмансипатсияро аз нигоҳи сиёсӣ роҳбарӣ мекард. Усули кор: Маҷлисҳо, конференсияҳои занон, «гӯшаҳои сурх» ва тарғиботи даҳонӣ.

КБММЗ (Кумитаи беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварз) ниҳоди иҷтимоӣ-иқтисодӣ буда, бархилофи Шуъбаи занон, дар назди мақомоти олии давлатӣ (Раёсати КИМ - Комитети Иҷроияи Марказӣ) таъсис ёфта буд ва вазифаи он «модернизатсияи моддии ҳаёт» буд: Инфрасохтори маишӣ. Сохтмон ва муҷаҳҳазгардонии боғчаҳо (яслиҳо), ошхонаҳои ҷамъиятӣ, ҳаммомҳо ва ҷомашӯихонаҳо. Ҳадаф - озод кардани зан аз «асорати рӯзгор». Ҳифзи меҳнат: Назорати шароити кори занон дар корхонаҳо ва пахтазорҳо, таъмини занон бо либоси корӣ, муайян кардани вақти кор ва истироҳат (махсусан барои занони ҳомила). Касбиятбахшӣ: Ташкили курсҳои омӯзишӣ барои занони коргар ва деҳқон, то онҳо на танҳо «қувваи кории арзон» бошанд, балки мутахассиси соҳа гарданд. Заминаи моддӣ:

КБММЗ соҳиби буҷа ва маблағгузории давлатӣ буд, ки бояд барои беҳтар кардани вазъи воқеии зиндагии занон сарф мешуд.

**Ҷадвали 1. Таҳлили муқоисавӣ дар шакли ҷадвал:**

| Нишондиҳанда | Шуъбаи занон | КБММЗ (Кумитаи беҳдошт) |
|---|---|---|
| Мақом | Ниҳоди ҳизбӣ (КМ ҲК) | Ниҳоди давлатӣ (КИМ) |
| Самти асосӣ | Идеология, сиёсат, шуур | Иқтисод, маишат, меҳнат |
| Вазифа | «Чӣ бояд кард?» (Ташвиқот) | «Бо кадом восита?» (Инфрасохтор) |
| Объект | Афкор ва ақидаи занон | Шароити зист ва меҳнати занон |
| Натиҷаи кор | Миқдори аъзои ҳизб, варақаҳо | Миқдори боғчаҳо, ошхонаҳо, беморхонаҳо |

Диди интиқодӣ барои диссертатсия:

Бояд қайд кард, ки маҳз ҳамин тақсимоти вазифаҳо дар амал боиси мушкилот мешуд: Духӯрагӣ: Аксар вақт Шуъбаи занон ба корҳои хоҷагидорӣ даст мезад ва КБММЗ ба ҷойи сохтмон ба «коғазбозӣ» ва ташвиқот машғул мешуд. Нобаробарии захираҳо: Шуъбаи занон нуфузи сиёсӣ дошт, вале маблағ надошт. КБММЗ маблағ дошт, вале дар маҳалҳо бе дастгирии ҳизб (Шуъбаи занон) наметавонист нақшаҳои худро амалӣ кунад. Зиддияти функсионалӣ: Агар Шуъбаи занон занро ба «гирдиҳамоӣ» ва «маҷлис» сафарбар мекард, КБММЗ вазифадор буд, ки дар ин вақт кӯдаки он занро дар боғча нигоҳ дорад. Аммо бинобар набудани боғчаҳои воқеӣ сиёсати Шуъбаи занон занро зери фишори дучанд (кор + маҷлис + рӯзгор) мегузошт.

Инак, КБММЗ ҳамчун «дасти иқтисодии» озодсозии занон тарҳрезӣ шуда буд, то шиорҳои сиёсии Шуъбаи занонро ба воқеияти моддӣ табдил диҳад. Бе фаъолияти инфрасохтории КБММЗ озодсозии занон танҳо дар сатҳи шиор (декларатсия) боқӣ мемонд.

Таҳлили Сулаймонова А.А. нишон медиҳад, ки ин ду ниҳод аксар вақт вазифаҳои ҳамдигарро такрор мекарданд, ки ин боиси суст шудани самаранокии кор мегашт. Мавриди қайд аст, ки таърихнигории шуравӣ ба нишондиҳандаҳои миқдорӣ (миқдори занон дар колхозҳо, шумораи боғчаҳо ва ғайра) такя мекард, вале ҷанбаи сифатиро (то куҷо ин боғчаҳо воқеан кор

мекарданд ё занон дар колхозҳо чӣ гуна шароити вазнини меҳнат доштанд) сарфи назар менамуд.

Барои нишон додани он ки раванди озодсозии занон дар Тоҷикистон на як «ғалабаи босуръат», балки як муборизаи пурпечутоб ва пурзиддият буд, мо бояд ба умқи воқеияти иҷтимоии солҳои 1928-1934 назар андозем.

Дар зер таҳлили амиқи се омили асосӣ, ки «муваффақияти мутлақ»-ро зери суол мебаранд, пешниҳод мегардад:

1. Бухронҳои маишӣ: «Асорати дубораи зан». Дар ҳуҷҷатҳои КБММЗ бисёр вақт дар бораи ҷалби ҳазорон занон ба колхозҳо ва корхонаҳо сухан меравад, аммо заминаи маишии ин раванд ниҳоят заиф буд. Норасоии инфрасохтор: Бунёди боғчаҳо ва яслиҳо аксар вақт ҷанбаи декларативӣ (намоишӣ) дошт. Дар бисёр маҳалҳо яслиҳо танҳо дар рӯи коғаз мавҷуд буданд ё бинобар набудани ғизо ва шароити гигиенӣ занон аз супоридани кӯдакони худ худдорӣ мекарданд. Бори дучанд: Давлат занро ба кор ҷалб кард, вале ӯро аз вазифаҳои вазнини рӯзгор озод нанамуд. Зан маҷбур буд, ҳам дар саҳро ё корхона кор кунад ва ҳам тамоми корҳои хонаро анҷом диҳад. Ин боиси хастагии ҷисмонӣ ва руҳии занон мегашт, ки дар натиҷа «озодӣ» барояшон на ҳамчун неъмат, балки ҳамчун «ҷазои иловагӣ» намудор мешуд.

2. Муқовимати фарҳангии мардон: «Муҳофизати марзҳои суннатӣ». Муқовимати мардонро набояд танҳо ҳамчун «куҳнапарастӣ» фаҳмид. Ин як аксуламали амиқи иҷтимоӣ ба тағйири низоми арзишҳо буд. Масъалаи «Номус» ва ҳувият: Дар шуури ҷомеаи онвақта, баромадани зан аз доираи хонавода ҳамчун заиф шудани мавқеи мард ва аз даст додани назорати оилавӣ қабул мешуд. Мардон ба фаъолияти Кумита на ҳамчун кумак, балки ҳамчун таҳдид ба сохтори оила менигаристанд. Муқовимати хомӯш: Ба ғайр аз фишорҳои ҷисмонӣ, мардон аз усулҳои «муқовимати хомӯш» истифода мекарданд: манъ кардани занон аз рафтан ба клубҳо, туҳмат ва эҷоди фазои нафрат дар маҳаллаҳо нисбат ба занони фаъол. Ин омил боиси он мешуд, ки бисёр занони «озодшуда» пас аз муддати кӯтоҳ дубора ба ҳаёти пӯшида бармегаштанд.

3. Формализми масъулини Кумита: «Фарҳанги ҳисоботбозӣ». Яке аз монеаҳои калонтарин дар дохили худи низом буд. Масъулини Кумита ва фаъолони маҳаллӣ зери фишори нақшаҳои давлатӣ қарор доштанд. Нишондиҳандаҳои миқдорӣ ба ҷойи сифат: Барои масъулин муҳим буд, ки ҳарчи зудтар дар бораи «фоизи занони озодшуда» ба марказ ҳисобот диҳанд. Ин боиси он мешуд, ки занонро ба таври иҷборӣ ба ҷаласаҳо меоварданд ё дар рӯйхатҳои аъзогии клубҳо номҳои занонеро менавиштанд, ки аслан аз мавҷудияти он клуб хабар надоштанд. Бюрократикунонии озодсозии занон: КБММЗ ба ҷойи он ки воқеан мушкили зани деҳқонро ҳал кунад, аксар вақт ба баргузории «маъракаҳои кӯтоҳмуддат» ва ҷамъоварии протоколҳо машғул мешуд. Ин формализм (коғазбозӣ) боиси гум шудани боварии занон ба ин ниҳод мегашт, зеро онҳо дар симои кормандони Кумита на ҳомиёни худ, балки бюрократҳои навбатиро медиданд.

Инак, «муваффақияти» КБММЗ-ро бояд нисбӣ ва амбивалентнок (духӯра) арзёбӣ кард. Аз як тараф, заминаи институтсионалии озодии зан гузошта шуд. Аз тарафи дигар, ин раванд боиси буҳронҳои нави иҷтимоӣ ва равонӣ гардид, ки дар натиҷаи номуваффақиятии суръати модернизатсияи сиёсӣ ба воқеъияти маишӣ ва фарҳангии Тоҷикистон ба вуҷуд омада буданд.

Арзёбии ҷамъбастии адабиёти таърихии давраи шуравӣ доир ба масъалаи мавриди пажӯҳиш имкон медиҳад, ки хулосаҳои зерин бароварда шаванд: 1) дар ин марҳала таҳти роҳбарии муҳаққиқони барҷаста, аз ҷумла профессор Р.А. Набиева, заминаи устувори иттилоотӣ ва сарчашмавии масъалаи озодсозии занони Тоҷикистон гузошта шуд; 2) Хазинаи бузурги маводи бойгонӣ гирдоварӣ ва низомбандӣ гардид, ки то имрӯз арзиши баланди фактиро гум накардааст; 3) таҳқиқоти ин давра комилан дар доираи парадигмаи идеологии шуравӣ ва консепсияи «роҳбарии мутлақи ҳизбӣ» қарор доштанд. Ин ҳолат боиси он гардид, ки фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ, бахусус КБММЗ, на ҳамчун субъекти мустақили таҳаввули иҷтимоӣ, балки танҳо ҳамчун абзори иҷроияи қарорҳои ҳизбӣ баррасӣ шавад, ҷанбаҳои низомии он дар асарҳо ҳамчун омили мустақили таҳаввули иҷтимоӣ ва мураккабиҳои равонии гузариш аз суннат ба

модернизатсия камтар мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтаанд; 4) дар таърихнигории ин марҳала «диди муваффақияти мутлақ» ҳукмфармо буд. Зиддиятҳои амиқи дохилии раванди модернизатсия, муқовимати равонӣ-иҷтимоии ҷомеаи суннатӣ, бухронҳои маишӣ ва формализми (коғазбозии) ниҳодҳои масъул дар сояи нишондиҳандаҳои оморӣ ва шиорҳои сиёсӣ монда, мавриди таҳлили интиқодӣ қарор нагирифтаанд; 5) тамаркузи асосӣ ба нишондиҳандаҳои микдорӣ (омор) дода шуда, сифат ва самаранокии воқеии механизмҳои КБММЗ дар маҳалҳо дар сояи шиорҳои идеологӣ мондааст; 6) фаъолияти КБММЗ ҳамчун институти мустақили «муҳандисии иҷтимоӣ» ба таври алоҳида ҷудо карда нашудааст; 7) Муқовимати ҷомеаи суннатӣ ва зиддиятҳои дохилии раванди модернизатсия бештар ҳамчун «боқимондаҳои куҳнапарастӣ» арзёбӣ шуда, моҳияти амиқи иҷтимоӣ-психологии онҳо камтар таҳлил ёфтааст. Ҳамин тариқ, мавҷудияти холигиҳҳои илмӣ дар масъалаи таҳлили институтсионалии КБММЗ ва зарурати пок намудани таърихи иҷтимоии занон аз қолабҳои идеологӣ, пажӯҳиши нави ин мавзуъро дар заминаи методологияи муосири илмӣ тақозо менамояд.

2. Таърихнигории Тоҷикистон дар давраи соҳибистиқлолии кишвар (аз соли 1991 то имрӯз)

Дар ин марҳала таҳқиқотҳо аз қолабҳои синфӣ-идеологӣ озод шуда, ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоии занон таваҷҷуҳи бештар зоҳир гардид. Аммо, ҳатто дар ин давра низ фаъолияти КБММЗ (1928-1934) ҳамчун як институти махсуси «муҳандисии иҷтимоӣ», ки маҳз барои ҳалли зиддиятҳои байни давлати нав ва ҷомеаи суннатӣ таъсис ёфта буд, ба таври алоҳида ва муфассал пажӯҳиш нашудааст. Солҳои охир дар илми таърихнигорӣ тамоюли истифода аз методологияи «таърихи гендерӣ» ва «антропологияи таърихӣ-иҷтимоӣ» мушоҳида мешавад. Корҳои як зумра муҳаққиқон, ба монанди М.Ф. Зикриёева [82], О.Э. Раҳмонова [118], Г.Ҳ. Муҳаббатова [108], А.Н. Бодурбекова [65], З.А. Бобоева [64] ва дигарон дар бораи омили гендерӣ ва нақши занон дар таърихи муосир диди наверо ба вуҷуд овroutданд.

Дар таърихнигории давраи соҳибистиқлолӣ ҷойи марказиро таҳқиқоти бунёдии доктори илмҳои таърих, профессор М.Ф. Зикриёева ишғол мекунанд. Асарҳои ӯ, аз ҷумла «Таърихнигории масъалаи озодсозии занони Тоҷикистон» (1999) ва «Таърихнигории масъалаи занони Тоҷикистон» (2001), заминаи назариявиро барои бозбинии интиқодии таҷрибаи шуравӣ фароҳам овардaнд. М.Ф. Зикриёева дар мақолаҳои навтарини худ (соли 2025) мафҳуми «агентҳои таҳаввулоти гендерӣ»-ро ба гардиши илмӣ ворид намуд. Ӯ муассисаҳои фарҳангию маърифатиро на танҳо ҳамчун ҷойи фароғат, балки ҳамчун механизмҳои пуриқтидори шаклдиҳии фаъолнокии ҷамъиятии занон баррасӣ мекунад. Ин дидгоҳ барои пажӯҳиши мо ниҳоят муҳим аст, зеро имкон медиҳад, ки КБММЗ ҳамчун яке аз чунин «агентҳо» дар пайвастагии сиёсат ва маишат таҳлил карда шавад [81; 150; 151; 152; 153; 154; 155; 156; 157; 158; 159].

Дар корҳои муаллиф гузариш аз тасвири одии «иштироки занон дар сохтмони сотсиализм» ба таҳлили институтсионализатсияи масъалаи занон сурат гирифтааст. Таҳқиқоти ӯ доир ба «илми занона» ва «меҳнати занон дар адабиёти илмӣ» (2001, 2011, 2025) имкон медиҳанд, ки таҳаввули андешаи илмӣ - аз модели сафарбаркунии шуравӣ то амалияҳои муосири дарки субъективияти зан пайгирӣ карда шавад.

Саҳми муҳаққиқон Г.Х. Муҳаббатова ва О.Э. Раҳмонова дар дарки фаъолияти КБММЗ калидӣ мебошад. Пажӯҳиши Г.Х. Муҳаббатова (2004) ба саҳми занон дар дигаргунсозиҳои фарҳангӣ (1924-1941) бахшида шудааст. Муаллиф муҳити мураккаберо тасвир мекунад, ки дар он КБММЗ фаъолият мебурд ва нишон медиҳад, ки модернизатсия на ба таври осон, балки тавассути шикастани рамзҳои куҳнаи фарҳангӣ сурат гирифтааст.

Рисолаи О.Э. Раҳмонова (2012) барои кори мо аҳамияти бунёдӣ дорад, зеро дар он таҳаввули қонунгузорӣ дар бораи ҳуқуқ ва озодиҳои занон таҳлил мешавад. Ин имкон медиҳад, ки мо ҷанбаҳои ҳуқуқӣ (де-юре)-ро бо фаъолияти воқеии КБММЗ дар мавриди ҳифзи ин ҳуқуқҳо дар маишат (де-факто) муқоиса кунем.

Давраи муосири таърихнигориро инчунин таваҷҷуҳ ба «таърихи таърих» (рефлексияи илмӣ) тавсиф мекунад. Таҳқиқоти А.Н. Бодурбекова (2020) ба таҳлили осори профессор Р.А. Набиева бахшида шудааст. Ин асар барои диссертатсияи мо ҳамчун «пул» хизмат мекунад: он кумак мекунад, ки маводи фаровони фактологии дар давраи шуравӣ гирдовардашуда аз қабатҳои идеологӣ ҷудо карда шуда, воқеъбинона арзёбӣ гардад.

Пажӯҳиши З.А. Бобоева (2025) дар бораи саҳми занони донишманд дар омӯзиши таърихи Тоҷикистон тасаввуроти моро дар бораи он ки чӣ гуна занон худашон хотираи таърихии гузаштаи хешро тавлид мекарданд, васеъ менамояд.

Инак, таҳлили асарҳои зикршуда имкон медиҳад, ки хулосаҳои зерин бароварда шаванд:

1. Дар давраи муосир гузариши куллӣ аз «таърихи мубориза барои сотсиализм» ба «таърихи таҳаввули гендерӣ» ба амал омад. Таҳқиқоти М.Ф. Зикриёева исбот мекунанд, ки масъалаи занон на як паҳлуи иловагии инқилоб, балки ҷузъи марказии «муҳандисии иҷтимоӣ» дар Тоҷикистон буд.

2. Бо вуҷуди фарогирии мавзуъҳои марбут ба ҳуқуқ (О.Э. Раҳмонова) ва мақоми зан (Г.Х. Муҳаббатова), дар таърихнигории ватанӣ то ҳол асари мукаммали монографӣ ё диссертатсионӣ, ки маҳз механизмҳои институтсионалии КБММЗ-ро дар шароити хоси солҳои 1928-1934 ҳамчун омили таҳаввули сохторӣ таҳлил намояд, вуҷуд надорад.

3. Маҳз дар пайвастагии методологияи М.Ф. Зикриёева (таҳлили институтсионалӣ) ва маводи фактологии Р.А. Набиева (ки аз диди интиқодии А.Н. Бодурбекова гузаштааст) зарурати пажӯҳиши мо ба миён меояд.

Ҳамин тариқ, таърихнигории муосир заминаро барои таҳлили амиқи фаъолияти КБММЗ ҳамчун омили мустақили таҳаввули иҷтимоӣ омода намудааст. Диссертатсияи мазкур вазифадор аст, ки фаъолияти КБММЗ-ро аз диди нав бозбинӣ намуда, холигоҳи илмиро бо истифода аз сарчашмаҳои нави бойгонӣ, методологияи муосири илмӣ ва муносибати интиқодӣ пур намояд, ки мубрамияти таҳқиқоти мазкурро асоснок мекунад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуҳои илмӣ** – тадқиқоти воқеии диссертатсионӣ дар асоси корҳои ояндадори илмӣ – таҳқиқотии кафедраи таърихи халқи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» дар мавзуи «Омӯзиши масъалаҳои муҳими таърихи халқи тоҷик аз даврони қадим то замони муосир» барои солҳои 2023-2027 тасдиқ гардидааст (суратмаҷлис №1, аз 31.08.2023), ба амал баровarда шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** аз ошкор намудани нақши институтсионалӣ ва стратегии Кумитаи беҳдошти меҳнат ва маишати занон (КБММЗ) дар раванди трансформатсияи иҷтимоӣ, эмансипатсияи ҳуқуқӣ ва модернизатсияи моддию маишии ҳаёти занони Тоҷикистон дар марҳалаи гузариш (солҳои 1928-1934) иборат мебошад.

Барои расидан ба ин мақсад иҷрои **вазифаҳои** зерин пешбинӣ шудааст, дар асоси маълумоти нави бойгонӣ пайгирӣ намудани фаъолияти КБММЗ ва ташкилоти поёнии он дар ҷалби занон ба тарзи фаъоли ҳаёт ва ба ҳадди имкон баён кардани роҳу усулҳои ҷалбкунӣ мебошад:

– таҳлили заминаҳои институтсионалӣ ва ҳуқуқӣ: Муайян намудани зарурати таърихии таъсиси КБММЗ ва таҳлили сохтор, ваколатҳо ва ҷойгоҳи он дар низоми идоракунии давлатии ҶШС Тоҷикистон.

– пажӯҳиши механизмҳои трансформатсияи иқтисодӣ: Омӯзиши усулҳо ва воситаҳои ҷалби занон ба меҳнати истеҳсолӣ ва бахши кишоварзӣ, инчунин нақши Кумита дар касбиятбахшӣ (профессионализация) ва баланд бардоштани ҳаракати иҷтимоии занон.

– арзёбии модернизатсияи маишат ва инфрасохтори иҷтимоӣ: Таҳлили фаъолияти Кумита дар самти бунёди муассисаҳои томактабӣ (ислиҳо, боғчаҳо), ошхонаҳои ҷамъиятӣ ва дигар ниҳодҳои маишӣ ҳамчун омили асосии озод намудани зан аз «асорати рӯзгор».

– муайян намудани нақши маъракаҳои сиёсӣ дар ташаккули субъективият: Арзёбии таъсири ҷашнҳои идеологӣ (аз ҷумла 8-уми март) ва

маъракаҳои таблиғотӣ дар фаъолгардонии шуури ҷамъиятию сиёсии занони тоҷик.

– таҳлили интиқодии зиддиятҳо ва монеаҳои иҷтимоӣ: Ошкор намудани мушкилоти фаъолияти КБММЗ, аз ҷумла муқовимати ҷомеаи суннатӣ ба навовариҳо, бӯҳронҳои маишӣ ва зуҳури формализм дар кори ниҳодҳои масъул.

– ҷамъбасти таҷрибаи таърихӣ барои сиёсати муосири гендерӣ: Муайян кардани ворисияти таърихии равандҳои модернизатсия ва таҳияи тавсияҳо барои такмили стратегияҳои муосири иҷтимоию гендерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Вазифаҳои таҳқиқот** дар асоси маълумоти нави бойгонӣ пайгирӣ намудани фаъолияти КБММЗ ва ташкилоти поёнии он дар ҷалби занон ба тарзи фаъоли ҳаёт ва ба ҳадди имкон баён кардани роҳу усулҳои ҷалбкунӣ мебошад.

**Объекти таҳқиқот:** раванди трансформатсияи иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон ва динамикаи модернизатсияи ҳаёти занони тоҷик дар марҳалаи гузариши таърихӣ (солҳои 1928-1934) мебошад. Объект маҷмуи дигаргунсозиҳои сохториро дар низоми муносибатҳои гендерӣ, маишӣ ва иқтисодӣ фаро мегирад, ки дар натиҷаи татбиқи сиёсати давлатии эмансипатсияи занон ба вуҷуд омадаанд.

**Мавзуи (Предмети) таҳқиқот:** фаъолияти институтсионалии Кумитаи беҳдошти меҳнат ва маишати занон (КБММЗ) ҳамчун механизми махсуси давлатӣ ҷиҳати амалӣ намудани стратегияи модернизатсияи ҳаёти занон иборат аст. Ин бахш омӯзиши сохтор, вазифаҳо, усулҳои кор ва натиҷаҳои амалии Кумитаро дар самти беҳтар кардани шароити меҳнат, азнавсозии рӯзгор (инфрасохтори маишӣ) ва шаклдиҳии фаъолнокии иҷтимоию сиёсии занон дар бар мегирад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.**

Дар ин давра, КБММЗ кӯшиш мекард, ки вазъи занонро дар ҷомеа беҳтар кунад ва онҳоро ба ҳаёти иҷтимоӣ ва экономӣ ҷалб намояд.

Дар ин замон, Тоҷикистон дар марҳилаи таҳаввулоти иҷтимоӣ ва экономӣ қарор дошт, ва кумита нақши муҳимро дар ин раванд бози мекард. Онҳо кӯшиш

мекарданд, ки занонро аз зулм ва таъқиб озод кунанд, ва онҳоро ба ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсӣ ҷалб намоянд.

Ин кумита ҳамчун дар соҳаи таълим, барои ҳифзи ҳуқуқи занон фаъолият мекард. Онҳо кӯшиш мекарданд, ки занонро ба корҳои иҷтимоӣ ва экономӣ ҷалб кунанд, ва онҳоро ба ҳаёти мустақилона ва озодона қодир кунанд.

Ин мавзуъ барои омӯзиши таърихи Тоҷикистон ва нақши занон дар ҷомеа муҳим аст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** консепсияҳои муосири илми таърих, ҷомеашиносӣ ва пажӯҳишҳои гендерӣ ташкил медиҳанд, ки имкон медиҳанд, фаъолияти КБММЗ дар доираи равандҳои глобалии таҷдиди ҷомеа арзёбӣ шавад. Таҳқиқот ба назарияҳо ва равишҳои зерин такя мекунад:

1. Назарияи модернизатсияи иҷтимоӣ: Ин назария имкон медиҳад, ки фаъолияти КБММЗ ҳамчун ҷузъи стратегии модернизатсияи «суръатбахш» (ускоренная модернизация)-и Шарқ баррасӣ шавад. Дар ин замина, Кумита на танҳо ҳамчун як идора, балки ҳамчун институти гузариши ҷомеа аз низоми анъанавӣ-аграрӣ ба низоми муосири индустриалӣ таҳлил мегардад.

2. Консепсияи «Муҳандисии иҷтимоӣ»: Асоси назариявии пажӯҳишро инчунин дидгоҳе ташкил медиҳад, ки мувофиқи он давлат бо истифода аз ниҳодҳои махсус (ба монанди КБММЗ) кӯшиш мекард, сохтори иҷтимоии ҷомеаро ба таври нақшавӣ тағйир диҳад. Ин консепсия кумак мекунад, ки механизмҳои давлатии таҷдиди рӯзгор, аз байн бурдани қолабҳои патриархалӣ ва шаклдиҳии «Зани нави шуравӣ» мавриди таҳлили амиқ қарор гиранд.

3. Методологияи «Таърихи гендерӣ» ва «Субъективият»: Таҳқиқот ба назарияи трансформатсияи гендерӣ такя намуда, масъалаи озодсозии занонро на танҳо ҳамчун маъракаи сиёсӣ, балки ҳамчун раванди ташаккули субъективияти зан баррасӣ мекунад. Ин равиш имкон медиҳад, ки тағйирот дар шуури иҷтимоӣ, пайдоиши ниёзҳои нави фарҳангӣ ва кӯшиши занон барои ба даст овардани худмухтории иҷтимоӣ дар доираи фаъолияти КБММЗ омӯхта шавад.

4. Назарияи институтсионализм: Дар рисола КБММЗ аз диди назарияи институтсионалӣ ҳамчун ниҳоде таҳлил мешавад, ки дорои қоидаҳо, захираҳо ва стратегияи хос мебошад. Ин заминаи назариявӣ барои муайян кардани он муҳим аст, ки чӣ гуна ин ниҳод дар байни манфиатҳои марказ (Маскав/Тошканд) ва воқеияти маҳаллии Тоҷикистон мувозинат пайдо мекард.

Дар ин таҳқиқот аз равишҳои зерини консептуалӣ истифода шудааст: Дихотомияи «Шиор ва Воқеият»: Таҳлили назариявии фарқияти байни нақшаҳои идеологӣ ва имкониятҳои воқеии моддию маишии он давр. Равиши байнисоҳавӣ: Пайвастани илми таърих бо ҷомеашиносии оила ва иқтисодиёти меҳнат, ки имкон дод, фаъолияти Кумита ҳамаҷониба баррасӣ шавад. Нигоҳи интиқодӣ ба «Трансформатсия»: Назарияе, ки таҳаввулоти иҷтимоиро на ҳамчун як хатти мустақими муваффақиятҳо, балки ҳамчун раванди пурзиддият, бо назардошти муқовимати сохторҳои суннатӣ, таҳлил менамояд.

**Асоси методологии таҳқиқотро** маҷмуи принсипҳо ва усулҳои илмие ташкил медиҳанд, ки имкон медиҳанд, фаъолияти КБММЗ на ҳамчун як ҳодисаи ҷудогона, балки ҳамчун ҷузъи муҳимми равандҳои глобалии трансформатсияи иҷтимоӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирад. Таҳқиқот дар заминаи муносибати низомманд ва арзишӣ сурат гирифта, принсипҳои зеринро фаро мегирад:

1. Принсипҳои бунёдӣ: Принсипи таърихият: Имкон дод, ки фаъолияти КБММЗ дар контексти мушаххаси замонӣ ва маконӣ (Тоҷикистони солҳои 1928–1934) бо дарназардошти вазъи мураккаби сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии он давр баррасӣ карда шавад. Принсипи холисияти илмӣ: Тақозо намуд, ки воқеаҳои таърихӣ бидуни ороишоти идеологӣ ва бо дарназардошти на танҳо дастовардҳо, балки зиддиятҳо, нокомиҳо ва муқовиматҳои иҷтимоӣ таҳлил карда шаванд.

2. Муносибатҳои муосири илмӣ: Муносибати институтсионалӣ: КБММЗ-ро ҳамчун як ниҳоди мустақили давлатӣ бо стратегия, сохтор ва ваколатҳои хос баррасӣ мекунад. Ин равиш имкон медиҳад, ки фарқияти функсионалии Кумита аз сохторҳои ҳизбӣ (женотделҳо) муайян карда шавад. Методологияи таърихи

гендерӣ: Имкон дод, ки зани тоҷик на танҳо ҳамчун «объекти сиёсат», балки ҳамчун субъекти фаъоли таърих омӯхта шавад, ки дар раванди модернизатсия шуур ва мақоми иҷтимоии худро тағйир медиҳад. Консепсияи «муҳандисии иҷтимоӣ»: Фаъолияти Кумитаро ҳамчун кӯшиши нақшавии давлат барои таҷдиди сохтори ҷомеа ва тарзи ҳаёти суннатӣ таҳлил менамояд.

3. Усулҳои таҳқиқот: Усули таърихӣ-муқоисавӣ: Барои муайян кардани хусусиятҳои хоси фаъолияти Кумита дар минтақаҳои мухталифи Тоҷикистон ва муқоисаи он бо таҷрибаи дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна истифода шуд. Усули таърихӣ-типологӣ: Барои гурӯҳбандии самтҳои фаъолияти Кумита (иқтисодӣ, маишӣ, ҳуқуқӣ) ва муайян кардани моделҳои модернизатсияи ҳаёти занон хизмат намуд. Усули таҳлили интиқодии сарчашмаҳо: Ҷиҳати ошкор намудани фарқияти байни маълумотҳои омории расмӣ ва воқеияти рӯзгори занон дар маҳалҳо васеъ истифода гардид.

Бархилофи таҳқиқотҳои давраи шуравӣ, ки танҳо ба методологияи синфӣ такя мекарданд, дар ин рисола диди интиқодӣ бартарӣ дорад. Ин маънои онро дорад, ки фаъолияти КБММЗ на ҳамчун «иҷрои бекамбудии нақшаҳо», балки ҳамчун як раванди мураккаби таҳаввули иҷтимоӣ баррасӣ мешавад, ки дар он давлат, ниҳодҳои суннатӣ ва худи занон дар ҳолати муколама ва баъзан зиддияти шадид қарор доштанд.

**Сарчашмаи маълумотро** маҷмуи васеи санадҳои муътамади таърихӣ, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва маводи оморӣ ташкил медиҳанд, ки имкон доданд, фаъолияти КБММЗ дар пайвастагӣ бо равандҳои трансформатсияи иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон мавриди омӯзиши амиқ қарор гирад. Сарчашмаҳои истифодашударо метавон ба гурӯҳҳои зерин тақсим кард:

1. Сарчашмаҳои бойгонӣ: Асоси таҳқиқотро ҳуҷҷатҳои Бойгонии давлатии марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон (БДМ ҶТ) ташкил медиҳанд. Махсусан санадҳои фондҳои зерин аҳамияти калидӣ доштанд:

Фонди 10 (Кумитаи Иҷроияи Марказии ҶШС Тоҷикистон): Протоколҳо, қарорҳо ва ҳисоботҳои КБММЗ, ки дар назди Раёсати КИМ фаъолият мекард.

Фонди 12 (Шурои Комиссарони Халқи ҶШС Тоҷикистон): Ҳуҷҷатҳо оид ба маблағгузорӣ ва таъминоти моддии лоиҳаҳои иҷтимоии марбут ба занон.

Фонди 17 (Шурои Олии хоҷагии халқи ҶШС Тоҷикистон): Маводҳо дар бораи ҷалби занон ба саноат ва сохтмон. Ҳангоми кор бо ин фондҳо, усули «хониши интиқодӣ» истифода шуд, то фарқияти байни рақамҳои ҳисоботии «зафармандона» ва воқеияти вазнини маишии занон дар маҳалҳо ошкор карда шавад.

2. Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ: Ба ин гурӯҳ декретҳо ва қарорҳои Ҳокимияти Шуравӣ, Кодекси меҳнат ва қонунҳо дар бораи ҳуқуқи занон дохил мешаванд. Ин санадҳо имкон доданд, ки заминаи ҳуқуқии фаъолияти КБММЗ ва механизми татбиқи сиёсати давлатии гендерӣ дар шароити Тоҷикистон таҳлил карда шавад.

3. Маводи даврӣ ва матбуот: Рӯзнома ва маҷаллаҳои солҳои 1928-1934, аз ҷумла «Тоҷикистони сурх», «Коммунист Таджикистана», «Барои зани тоҷик» ва ғайра. Матбуоти даврӣ ҳамчун оинаи ташвиқоти идеологӣ хизмат карда, дар айни замон тавассути «мактубҳои занони деҳқон» мушкилоти воқеии рӯзгор ва муқовимати ҷомеаи суннатиро инъикос менамоянд.

4. Маводи оморӣ ва ҷамъбастӣ: Маҷмуаҳои оморӣ дар бораи ҳайати иҷтимоии занон, миқдори муассисаҳои томактабӣ ва нишондиҳандаҳои меҳнати занон дар соҳаи пахтакорӣ. Ин маводҳо барои гузаронидани таҳлили муқоисавии миқдорӣ ва сифатӣ заминаи мусоид фароҳам оварданд.

Инак, дар рисолаи мазкур ба сарчашмаҳо на танҳо ҳамчун иттилооти тайёр, балки ҳамчун «матнҳои идеологӣ» нигоҳ карда шудааст. Диди интиқодӣ имкон дод, ки: Ҳисоботҳои расмии КБММЗ бо маводи воқеии матбуот ва арзу шикоятҳои занон муқоиса карда шаванд. Сабабҳои номувофиқатии нақшаҳои давлатӣ ба имкониятҳои воқеии маишии Тоҷикистон дар охири солҳои 20-ум ошкор гардад. Нақши КБММЗ на танҳо дар сатҳи ҳуҷҷатҳо, балки дар сатҳи тағйири воқеии ҳаёти рӯзмарраи занони тоҷик арзёбӣ шавад. Ҳар як вараќи бойгонӣ ҳуҷҷатест, ки ба масъалаи муайян бахшида шудааст.

Мо бештар аз 500 маълумотро дар ихтиёри худ доштем. Аз ин миқдор мо танҳо аз 203-тои онҳо истифода бурдем ва ин маълумот қисми асосии матни диссертатсияро ташкил медиҳанд.

Дар диссертатсия мо аз фармону қарорҳои Ҳукумати ҶШС Тоҷикистон, ки дар онҳо дар бораи сиёсати давлат нисбати занон сухан меравад, ба таври васеъ истифода бурдем. Инҳо, Эъломия дар бораи озодкунии занон, ки онро Анҷумани якуми таъсисии умумитоҷикистонии Шуроҳо [181] қабул карда аст ва Қарордоди Анҷумани якуми таъсискунандаи ҲК(б) Тоҷикистон [48] оид ба масъалаи занон, ки аҳамияти ҳуқуқию қонунгузорӣ дошт, мебошанд.

Ҳамчунин, дар кор маводҳои Конференсияҳои Москва, Токио, Тошканд ва машваратҳо оид ба масъалаи занон ба таври васеъ истифода гардидаанд [138; 139; 141; 177; 184].

**Навгониҳои илмии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки дар ин рисола бори аввал дар таърихнигории ватанӣ фаъолияти Кумитаи беҳдошти меҳнат ва маишати занон (КБММЗ) дар солҳои 1928-1934 ҳамчун механизми махсуси институтсионалии давлат ҷиҳати таҳаввули иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон мавриди пажӯҳиши мустақил ва ҳамаҷониба қарор гирифтааст.

Ҷанбаҳои мушаххаси навоварии илмии пажӯҳиш инҳоянд:

1. Бозбинии мақоми институтсионалии КБММЗ: Бархилофи таҳқиқотҳои қаблӣ, ки ин Кумитаро танҳо ҳамчун замимаи шуъбаҳои занони ҳизбӣ (женотделҳо) медонистанд, дар рисола бори аввал фарқияти функсионалии КБММЗ ҳамчун ниҳоди давлатӣ, ки вазифаи он на танҳо ташвиқот, балки сохтмони инфрасохтори моддӣ-маишии эмансипатсия буд, собит карда шудааст.

2. Консептуализатсияи раванди модернизатсия: Раванди озодсозии занон на ҳамчун як силсилаи муваффақиятҳои идеологӣ, балки ҳамчун як раванди мураккаби «муҳандисии иҷтимоӣ» таҳлил шудааст. Дар ин замина, нақши Кумита дар гузариши зани тоҷик аз мақоми объекти суннатӣ ба субъекти фаъоли иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ошкор гардидааст.

3. Таҳлили интиқодии «Дихотомияи шиор ва воқеият»: Бо истифода аз усули «хониши интиқодии сарчашмаҳо», бори аввал номувофиқатии байни нақшаҳои давлатӣ ва имкониятҳои воқеии маишӣ (норасоии боғчаҳо, бухрони хӯрокворӣ) нишон дода шуда, сабабҳои пайдоиши формализм (коғазбозӣ) дар ҳисоботҳои давраи модернизатсияи суръатбахш муайян карда шудаанд.

4. Муайян намудани омилҳои муқовимати иҷтимоӣ: Дар рисола бори аввал муқовимати ҷомеаи суннатӣ ба фаъолияти Кумита на танҳо ҳамчун «куҳнапарастӣ», балки ҳамчун як аксуламали мураккаби фарҳангӣ ба тағйири низоми арзишҳои оилавӣ ва маишӣ мавриди таҳлили иҷтимоӣ-таърихӣ қарор гирифтааст.

5. Ворид намудани санадҳои нави бойгонӣ ба гардиши илмӣ: Маҷмуи васеи ҳуҷҷатҳои фондҳои 10, 12 ва 17-и БДМ ҶТ, ки қаблан мавриди таҳлили амиқ қарор нагирифта буданд, имкон доданд, ки паҳлуҳои номаълуми фаъолияти хоҷагидорӣ ва молиявии КБММЗ дар шароити Тоҷикистони солҳои 30-юм ошкор карда шаванд.

**Нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Консепсияи КБММЗ ҳамчун субъекти мустақили «муҳандисии иҷтимоӣ»: Исбот карда мешавад, ки КБММЗ дар солҳои 1928-1934 на танҳо як сохтори ёрирасони ҳизбӣ, балки механизми калидии давлатии «муҳандисии иҷтимоӣ» буд. Бархӯрди институтсионалӣ нишон медиҳад, ки ин ниҳод вазифаи мураккаби гузариши зани тоҷикро аз доираи маҳдуди суннатӣ ба фазои бози иҷтимоӣ-сиёсӣ ва иқтисодӣ тавассути абзорҳои идоравӣ ва молиявӣ амалӣ менамуд.

2. Афзалияти модернизатсияи моддӣ-маишӣ бар ташвиқоти идеологӣ: Муаллиф собит менамояд, ки КБММЗ ҳамчун «дасти иқтисодии» эмансипатсия тарҳрезӣ шуда буд. Бархӯрди функсионалии Кумита ба масъалаи занон - сохтмони боғчаҳо, ошхонаҳои ҷамъиятӣ ва беҳдошти шароити меҳнат - заминаи моддиро барои озодсозии воқеии занон фароҳам меоварда, ки ин амр аз фаъолияти сирф ташвиқотии шуъбаҳои занони ҳизбӣ (женотделҳо) ба куллӣ фарқ мекард.

3. Дихотомияи «Шиор ва Воқеият» ҳамчун омили бухронӣ: Дар асоси таҳлили интиқодии сарчашмаҳо нишон дода мешавад, ки дар фаъолияти Кумита зиддияти шадид байни нақшаҳои стратегии марказ ва имкониятҳои воқеии маҳаллӣ вуҷуд дошт. Формализми ҳисоботӣ (коғазбозӣ) ва таъсиси муассисаҳои «намоишӣ» натиҷаи номувофиқатии суръати модернизатсия ба заминаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии Тоҷикистон дар охири солҳои 20-ум буд.

4. Табиати муқовимати иҷтимоӣ ба трансформатсияи гендерӣ: Даъво карда мешавад, ки муқовимати ҷомеаи суннатӣ ба иқдомҳои КБММЗ на танҳо ифодаи «куҳнапарастӣ», балки аксуламали сохтории низоми патриархалӣ ба таҳдиди аз байн рафтани арзишҳои оилавию фарҳангӣ маҳсуб меёфт. Ин муқовимат боиси он гашт, ки Кумита дар бисёр мавридҳо ба усулҳои маъмурии фишор ё созишҳои муваққатӣ рӯ оварад. Таҷрибаи институтсионалии КБММЗ дар солҳои 1928-1934 ҳамчун заминаи таърихии сиёсати муосири гендерии Тоҷикистон арзёбӣ мегардад. Хулоса карда мешавад, ки дарсҳои таърихии ин марҳала - зарурати тавозун байни дигаргунсозиҳои сохторӣ ва хусусиятҳои менталитети миллӣ - барои татбиқи стратегияҳои имрӯзаи давлатӣ дар самти фаъолгардонии нақши занон аҳамияти методӣ доранд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки хулосаҳо, тавсияҳо ва маводи дар рисола гирдовардашуда метавонанд дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ ва илмӣ-таълимӣ мавриди истифода қарор гиранд:

1. Барои таҳия ва татбиқи сиёсати давлатии гендерӣ: Натиҷаҳои пажӯҳиш ҷиҳати такмили барномаҳои давлатӣ, аз ҷумла «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», истифода шуда метавонанд. Таҷрибаи таърихии КБММЗ дар самти бунёди инфрасохтори иҷтимоӣ (боғчаҳо, марказҳои маишӣ) барои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун намунаи таърихии ҳамоҳангсозии манфиатҳои давлат бо ниёзҳои воқеии занон хизмат мекунад.

2. Дар раванди таълим ва тарбия дар мактабҳои олӣ: Маводи диссертатсияро метавон дар таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ ва

баргузории лексияҳо аз фанҳои «Таърихи халқи тоҷик», «Таърихи иҷтимоии Тоҷикистон» ва «Гендершиносӣ» васеъ истифода бурд. Махсусан, дар курсҳои махсус доир ба таърихи ниҳодҳои давлатӣ ва модернизатсияи Шарқ, ин пажӯҳиш заминаи нави маълумотиро фароҳам меорад.

3. Барои фаъолияти ниҳодҳои ҷамъиятӣ ва созмонҳои занон: Таҳлили зиддиятҳо ва монеаҳои иҷтимоие, ки дар солҳои 1928-1934 КБММЗ бо онҳо рӯбарӯ шуда буд, барои созмонҳои ғайриҳукуматӣ (СҒҲ) ва фаъолони гендерӣ ҷиҳати пешгирӣ аз мушкилоти муосири иҷтимоӣ-равонӣ ва фарҳангӣ ҳангоми кор дар маҳалҳо (махсусан дар деҳот) аҳамияти методӣ дорад.

4. Дар соҳаи бойгонишиносӣ ва осорхонаҳо: Санадҳои нави бойгоние, ки дар ҷараёни таҳқиқот ба гардиши илмӣ ворид шудаанд, метавонанд дар ташкили намоишгоҳҳои таърихӣ, таҳияи феҳристҳои мавзуии архивӣ ва бойгониҳои электронии марбут ба таърихи занони Тоҷикистон истифода шаванд.

5. Барои пажӯҳишҳои ояндаи байнисоҳавӣ: Хулосаҳои назариявии кор дар бораи «муҳандисии иҷтимоӣ» ва «таҳаввулоти гендерӣ» метавонанд ҳамчун замина барои таҳқиқотҳои нав дар соҳаҳои таърихи иҷтимоӣ, сотсиология ва фарҳангшиносӣ хизмат кунанд.

**Дараҷаи этимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Диссертатсионӣ дақиқияти маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот ба таҳқиқи диссертатсионии мазкур асос ёфтааст. Инчунин, хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлилҳои илмӣ–назарявӣ ва таҷрибавӣ мутобиқ бо натиҷагириҳои таҳқиқот манзур карда шудаанд.

**Мувофиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Диссертатсия дар мавзуи «Кумитаи беҳдошти меҳнат ва маишати занон ҳамчун омили таҳаввулоти иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон (солҳои 1928-1934)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.1. Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) ҷавобгӯ мебошад ва самтҳои зерини пажӯҳишро фаро мегирад:

1. Омӯзиши таърихи ниҳодҳои давлатӣ ва сохторҳои иҷтимоӣ: Мувофиқи банди шиноснома, ки таҳқиқи таърихи ташаккул ва фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятиро талаб мекунад, дар рисола КБММЗ ҳамчун механизми махсуси институтсионалии назди Раёсати КИМ ҶШС Тоҷикистон мавриди баррасӣ ҳамаҷониба қарор гирифтааст.

2. Таърихи сиёсати иҷтимоии давлат: Рисола ба бандҳои шиноснома оид ба таҳлили таърихи сиёсати иҷтимоии давлат мувофиқат мекунад. Дар кор раванди татбиқи стратегияи давлатӣ ҷиҳати беҳтар намудани шароити меҳнат ва маишати занон, ки ҷузъи муҳимми модернизатсияи ҷомеаи Тоҷикистон дар солҳои 20-30-юми асри XX буд, таҳлил шудааст.

3. Таърихи гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва равандҳои демографӣ: Мувофиқи талаботи шиноснома оид ба омӯзиши таърихи табақаҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ, дар диссертатсия трансформатсияи мақоми иҷтимоии зани тоҷик, ҷалби ӯ ба истеҳсолот ва тағйири нақшҳои гендерӣ дар ҷомеаи суннатӣ таҳқиқ мегардад.

4. Таърихи фарҳанг ва ҳаёти рӯзмарра (история повседневности): Рисола ба бахши шиноснома оид ба таърихи маишат ва рӯзгори халқ мувофиқат мекунад. Пажӯҳиши мазкур раванди азнавсозии маишати занон, бунёди инфрасохтори иҷтимоӣ (боғчаҳо, ошхонаҳо) ва таъсири онҳоро ба тарзи ҳаёти анъанавии занони тоҷик баррасӣ менамояд.

**Саҳми шахсии довталаб** дар раванди омодасозӣ ва навиштани рисолаи диссертатсионӣ аз ҷанбаҳои зерин иборат мебошад:

1. Ҷустуҷӯ ва таҳлили мустақилонаи сарчашмаҳо: Муаллиф шахсан дар Бойгонии давлатии маркизии Ҷумҳурии Тоҷикистон (БДМ ҶТ) корҳои таҳқиқотиро анҷом дода, аз фондҳои 10, 12 ва 17 маҷмуи васеи санадҳои навро (протоколҳо, ҳисоботҳои молиявӣ ва нақшаҳои кории КБММЗ) ошкор ва ба гардиши илмӣ ворид намудааст. Довталаб ин санадҳоро бо маводи матбуоти даврӣ ва омори расмӣ мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор додааст.

2. Таҳияи консепсия ва заминаи назариявӣ: Аз ҷониби муаллиф бори аввал консепсияи КБММЗ ҳамчун «агенти мустақили трансформатсияи иҷтимоӣ» пешниҳод гардидааст. Довталаб мустақилона фарқияти

функсионалии ин ниҳодро аз шуъбаҳои занони ҳизбӣ (женотделҳо) муайян намуда, ҷанбаҳои институтсионалии фаъолияти онро асоснок кардааст.

3. Татбиқи диди интиқодӣ дар таърихнигорӣ: Довталаб таҳлили интиқодии адабиёти мавҷудаи давраи шуравӣ ва замони Истиқлолиятро анҷом дода, холигиҳҳои илмиро дар омӯзиши таърихи иҷтимоии занон муайян намудааст. Маҳз аз ҷониби муаллиф феномени «дихотомияи шиор ва воқеият» дар фаъолияти Кумита ҳамчун як муаммои илмӣ-таърихӣ кашф ва таҳлил шудааст.

4. Таҳияи хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ: Ҳамаи хулосаҳо ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда маҳсули таҳлили мустақилонаи довталаб мебошанд. Муаллиф шахсан робитаи ворисияти таърихии таҷрибаи модернизатсияи солҳои 1928-1934-ро бо стратегияҳои муосири гендерии Тоҷикистон муайян намуда, тавсияҳои амалиро барои мақомоти давлатӣ таҳия кардааст.

5. Таълифи матни рисола ва апробатсия: Довталаб матни пурраи рисола, аз ҷумла муқаддима, бобҳо, хулосаҳо ва рӯйхати адабиётро мустақилона таълиф намудааст. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф ва маърӯзаҳои ӯ дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ инъикос ёфтаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар брошюраҳо ва мақолаҳои диссертант инъикос гардидаанд. Инчунин дар маърузаҳои муаллиф дар конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ инъикос гардидааст. Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав баррасӣ ва барои дифоъ пешниҳод шудааст (протокол аз 15.04.2026 №6).

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии рисолаи диссертатсионӣ дар 7 интишороти муаллиф инъикос шудаанд, ки аз онҳо 4 мақолаи илмӣ (2 мақола дар алоҳидагӣ) дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3

мақола дар дигар нашрияҳо ва маводҳои конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба нашр расиданд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Рисола аз муқаддима, 3 боб ва 6 зербоб, хулоса ва адабиёт иборат мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз бахшҳои «Муқаддима», «Тавсифи умумии таҳқиқот», се боб бо зербобҳо, бахши «Хулосаҳо» бо зербобҳои «Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия» ва «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо», «Номгӯйи адабиёт» бо зербобҳои «Феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда» ва «Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ» иборат мебошад.

Рисола дар ҳаҷми 238 саҳифаи матни компютерӣ бо ёрии протсессори матнии Microsoft Word омода шудааст. Рӯйхати адабиёт 212 номгӯй ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ 7 номгӯйро дар бар мегиранд.

# БОБИ I. ФАЪОЛИЯТИ КУМИТАИ БЕҲДОШТИ МЕҲНАТ ВА МАИШАТИ ЗАНОН (КБММЗ)

## 1.1. Заминаҳои таърихӣ ва зарурати таъсиси КБММЗ дар низоми идоракунии давлатии Тоҷикистон

Дар солҳои сохтмони ҷомеаи сотсиалистӣ Ҳукумати Тоҷикистон тамоми донишу таҷрибаи хешро ба иҷрои пеш аз муҳлати он равона сохт. Он ба сифати ташаббускор (директиваи нақшаро таҳия ва пешниҳод намуд), ташкилотчӣ ва тасҳеҳгари корҳо баромад мекард. Инчунин, дар ҳамкори бо ташкилоти ҳизбӣ ва шуравӣ ва ҷамъиятӣ барои таъмини иҷрои воқеии вазифаҳои сохтмони сотсиализм садҳо чорабиниҳо барпо карда шуд.

Сохтмони воқеии асосҳо (пойгоҳ)-и сотсиализм аксаран ба рафти иҷрои вазифаҳои дурнамо ва ҷорӣ вобаста буд. Агар ба вазифаи дурнамо сохтмони сотсиализм мансуб бошад, пас ба вазифаи ҷорӣ иҷрои вазифаи панҷсолаи якум дохил мегардид. Аз ин рӯ, тамоми қувваи шуроҳо, ҳизб ва созмонҳои ҷамъиятӣ ба иҷрои ин вазифаҳо равона буданд. Ҳар як сохтори ҳокимият, созмонҳои ҷамъиятӣ ва ҷомеа, дар умум, дар ин раванд мақому таъиноти хешро доштанд. Сохторҳои ҳукуматӣ аз рӯйи вазифаи хизматӣ назар ба сохторҳои ҷамъиятӣ масъулияти бештареро ба душ доштанд, зеро ки онҳо идеологҳо ва татбиқгарони ғояҳои сотсиализм дар мамлакат ҳисоб меёфтанд. Қарз, вазифа, мансаб ва худи ҳаёт нишон медод, ки ҳаёти нав сотсиализм худ ба худ сохта намешавад, бинобар ин, онро тезтар сохтан лозим аст.

Ҳокимияти Шуравӣ ва Ҳукумати Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣи Тоҷикистон дар симои мақомоти қонунгузории худ КИМ Шуроҳо дар сохтмони ҷомеаи сотсиалистӣ на танҳо бо қонунгузории худ, балки бо бунёди ҳаракатҳо ва созмонҳо, амсоли ҳаракати партофтани фаранҷӣ, сиёсати аз зулму асорат озодшавии занон тавассути созмону ҳаракатҳои занона, ки яке аз онҳо Комиссияи Марказии беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварз (КБММЗ)-и назди КИМ ҶШС Тоҷикистон буда, вазифаи асосии он

маҳз ҷалби занон ба сохтмони ҷомеаи сотсиалистӣ ҳисоб меёфт, саҳми калон гузошт.

Бинобар фарсудашавии муҳри қолабӣ, дар варақаҳои характери ҳуқуқидошта, ки дар он маълумоти ҳуҷҷатҳои бароянда қайд мегардад, мо санаи мушаххаси ташкили КБММЗ-и назди КИМ Шурои ҶШС Тоҷикистонро муайян карда наметавонистем. Моҳи августи соли 1929 дар Низомномаи қабулгардида «Дар бораи Комиссияи беҳдошти меҳнат ва маишати занони меҳнаткаши назди КИМ Шурои ҶШС Тоҷикистон» [4, с.58] қайд гардидааст, ки «Бинобар паҳншавии корҳо оид ба мубориза барои аз зулму асорати воқеӣ озод кардани занони ҷумҳурӣ ба мақсади ба пеш бурдани масоили меҳнат ва маишат, инчунин, барои коркарди чорабиниҳои махсус оид ба мустаҳкамкунии ҳуқуқи занони меҳнаткаши ҷумҳурӣ дар назди КИМ-и ҷумҳурӣ Комиссияи Маркази оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати занони меҳнаткаш таъсис дода мешавад» [4, с.58].

Вазифаи асосии Комиссияи Маркази оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати занони меҳнаткаши ҷумҳурӣ расонидани кумак ба барпо кардани чорабиниҳои муассисаҳои давлатӣ ва созмонҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи беҳдошти меҳнат ва маишати занони миллатҳои маҳаллӣ дар соҳаҳои ҳуқуқ, маориф, тандурустӣ, мубориза бо бекори ва расонидани кумак ба ҷалби онҳо ба кооператсияҳои гуногун дар саноат ва хоҷагии қишлоқ буд.

Чӣ тавре ки аз матни ҳуҷҷат маълум мегардад, вазифаи асосии комиссияи мазкур аз «мураттабсозии нақшаҳои ҷамъбастии дурнамо ва ҳарсола аз рӯйи чорабиниҳои комиссариатҳои халқӣ ва муассисаҳое, ки ба беҳдошти меҳнат ва маишати занон нигаронида шудаанд» [123, с.58] иборат буд. Ин вазифа, дар ҳуҷҷат чунин дарҷ ёфтааст:

1. Иштирок дар мураттабсозии нақшаҳои давлатӣ ва муассисаҳо оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати занони меҳнаткаш.

2. Иштирок дар муносибгардонӣ ва таҳияи буҷа дар мақомоти Маркази дар Комиссияи буҷетии КИМ-и ҷумҳурӣ, ба сифати яке аз аъзоёни Комиссия.

3. Шиносой ба фаъолияти муассиса ва корхонаҳои давлатӣ ва корхонаҳо нисбат ба иҷрои қонунгузории давлатӣ оид ба беҳдошти меҳнат, маишат (қарорҳои анҷуманҳо, шуроҳо, иҷлосияҳои КИМ ва амсоли инҳо) ва пешниҳоду хулосаҳои худ.

4. Иштирок дар таҳияи қонунҳо, ташаббусҳои қонунгузорӣ оид ба масъалаҳои асосии беҳдошти меҳнат ва маишати занон, воридсозии лоиҳаҳо, иловаҳо ва тағйирот ба қонунҳои мавҷуда, таҳияи лоиҳаи нав ва монанди инҳо.

5. Расонидани кумак барои иҷрои бомуваффақияти чорабиниҳои нақшавӣ ва ғайринақшавии созмонҳои давлатӣ, кооперативӣ ва ҷамъиятӣ, ки ба беҳдошти меҳнат ва маишати занон равона карда шудаанд.

А) чорабиниҳо оид ба мубориза бо бекории занон;

Б) тавсияи шабакаҳо ва беҳдошти гузориши корҳо дар муассисаҳои томактабӣ ва муҳофизати модару кӯдак;

6. Тавсияи шабакаҳо ва беҳдошти гузориши кор дар муассисаҳое, ки ба баланд бардоштани сатҳи маданӣи занон мусоидат менамоянд;

А) байни занони меҳнаткаш паҳн кардани маълумот оид ба беҳдошти ҳаёт;

Б) ироаи кумакҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ ба занони коргар;

В) «мусоидат ва иҷрои чорабиниҳо оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати занони маҳаллӣ» [4, с.58].

7. «Комиссия соҳиби корманди доимӣ, котиби масъули Комиссия ва инстрӯктори доимии ҳуқуқӣ мебошад, инчунин, дар сурати зарурат аз дастгоҳи КИМ Шуроҳо истифода мебарад» [4, с.5].

Нисбат ба воситаҳои маблағҳои Комиссия дар Низомнома гуфта шудааст: «Маблағҳои комиссияро маблағҳо аз буҷети давлатӣ, фондҳои захиравӣ ва субвенсионӣ пуркунанда, инчунин, хайрияҳои ихтиёрӣ ташкил медиҳанд» [4, с.7].

Маблағҳои Комиссия дар суратҳисоби ҷории он дар бонки давлатӣ нигоҳ дошта мешавад, баҳисобгирии онҳо бошад, тавассути шуъбаи молияи Комитети

Иҷроияи Марказии Шуроҳои Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣи Тоҷикистон ба тартиби умум ба роҳ монда шудааст.

Яъне, ташкили КБММЗ таъйиноти серпаҳлу дошт: Ҳисоботи Ҳукумат ба КИМ-и Шуроҳо, КМ ҲК (б) ва ШКХ дар бораи фаъолияти худ, ташкили худи КБММЗ -и назди КИМ ҶШС Тоҷикистон дар бораи фаъолияти худ аз рӯйи вазифаи мушаххас дар назди ҷомеа» [4, с.6].

Чи тавре ки аз Низомномаи КБММЗ бармеояд, ин созмон ба мақсади ҷалби самараноки қувваи занон дар бунёди тарҳи сотсиалистӣ ҳаёти ҷомеа, дар маҷмуъ ва занон, аз ҷумла, таъсис дода шудааст. Тибқи Низомномаи КБММЗ тамоми соҳаҳои ҳаёти занони солҳои 30-юми асри XX ба вазифаҳои он дохил мегардиданд.

Яке аз вазифаҳои асосии КБММЗ-и назди Раёсати КИМ Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон чунин муайян карда шуда буд: ҷалби занон чун созандагони фаъоли ҷомеаи сотсиалистӣ тавассути меҳнат, истироҳат ва созмонҳои ҷамъиятӣ.

Бо ин мақсад, моҳи августи соли 1929 дар назди КИМ Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон Комиссия оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварз (КБММЗ) таъсис дода шуд. Дар маводи бойгонии КИМ ҶМШС Тоҷикистон ва ҶШС Тоҷикистон (фонди 11), ки дар он маводи солҳои 1929-1932 ҷамъоварӣ гардидаанд, то моҳи октябри соли 1929 дар тамоми ҳуҷҷатҳо дар бораи Комиссия оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварз сухан меравад. Дар яке аз ҳуҷҷатҳо чунин омадааст: Таъсиси Комиссия оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварз дар ҳайати 17 нафар:

1. Раис - Н. Махсум;

2. Муовини раис – Абдушукурова;

Аъзоёни Раёсати КБММЗ:

3. Котиби масъули КБММЗ – Бубок;

4. Намояндаи Комиссариати халқии тандурустӣ – Шамсуддинова;

5. Намояндаи Комиссариати халқии маориф – Нисор Муҳаммадов;

Аъзоёни Иҷлосия:

1. Раёсати КБММЗ дар ҳайати пурра;
2. Котиби масъули КБММЗ;
3. Комиссариати халқии маориф;
4. Иттиҳоди саноати халқӣ;
5. Иттифоқи касаба;
6. Матлубот;
7. Комиссариати халқии меҳнат;
8. Бюрои ташкилӣ;
9. Нақшаи давлатӣ;
10. БСНХ;
11. Маркази хоҷагии коллективӣ;
12. Иттифоқи камбағалон;
13. Созмонҳои поёнии КБММЗ [5, с.112].

Саҳифаҳои бойгонии КБММЗ-и назди КИМ Шуроҳои ҶШС Тоҷикистонро варақ зада, мо ба хулосае омадем, ки тамоми фаъолияти Ҳукумати ИҶШС ва Ҳукуматҳои ҷумҳуриҳои ИҶШС ва тамоми созмонҳо (давлатӣ ва ҷамъиятӣ) дар дохили ҳар як хоҷагӣ, созмон, ноҳия, вилоят, ҷумҳурӣ ва мамлакат, дар маҷмуъ, чунон ба ҳамдигар алоқаманд буданд, ки солҳои 30-юми асри XX фаъолияти ягон созмон худ ба худ вуҷуд дошта наметавонист. Ҳамаи ин амалҳо ба вазифаи асосии ҷамъия - сохтмони ҷамъияти сотсиалистӣ тобеъ буд.

Дар асоси Низомнома Комиссия оид ба беҳдошти шароити меҳнат ва маишати занони меҳнаткаш дар назди ҷамоатҳо, шуроҳои минтақавӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ бояд таъсис дода мешуд. Раванди ташаккули Комиссия оид ба беҳдошти шароити меҳнат ва маишати занони меҳнаткаши назди Раёсати КИМ Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон аз боло оғоз гардид. Баъдан, ин раванд дар назди комитетҳои иҷроияи вилоятҳо, минтақаҳо ва ҷамоатҳо идома ёфт.

Аз рӯйи маводи таҳқиқоти мо, ташаккули КБММЗ-и назди Раёсати КИМ Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон аз нимаи дуюми соли 1929 то январи соли 1930

ҷараён гирифт. Ин бо маълумоти маводи бойгонӣ, ки онҳоро аз фондҳои 11, 13 ва 30-юми идораи Сарраёсати бойгонии (ИСБ) Ҷумҳурии Тоҷикистон дарёфт кардем, собит мегардад.

Чӣ тавре ки аз пайнавишт маълум аст, аввалин маротиба Комиссия оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати занони меҳнаткаш ҳанӯз баҳори соли 1927 дар рафти ҳаракати оммавии занон оид ба партофтани фаранҷӣ зикр мегардад [5, с.112].

КБММЗ-ҳои минтақавӣ (округӣ) дар Тоҷикистон аз охири моҳи августи соли 1930 оғоз шуд ва тирамоҳи соли 1931 ба анҷом расид. Тақрибан дар ин давра комиссияҳои ҷамоатии КБММЗКДЗ таъсис дода шуданд [5, с.112].

Дар диссертатсия ба маводи ошкоршуда такя карда, мо таърихи ташаккул ва фаъолияти ин комиссияву комитетҳоро пайгирӣ намудем.

КБММЗ -ҳои Тоҷикистони Шимолӣ, ки то сентябри соли 1929 дар ҳайати ҶШС Ӯзбекистон қарор дошт, ҳанӯз соли 1925 таъсис ёфта буд, аммо он на чун кумита, балки КБММЗ-ҳо дар низоми идоракунии меҳнаткашон дар маҷмуъ буд. Дар фондҳои истифодабурдаи мо маводе дар бораи фаъолияти КБММЗ-и округи Хуҷанди Ӯзбекистон ёфт нашуд. Маълумот дар бораи КБММЗ-ҳои ҶШС Тоҷикистон то баҳори соли 1929 вуҷуд надошт.

Аз маводи бойгонии ҷамъоварии мо бармеояд, ки дар давоми моҳи августи соли 1929 то миёнаи соли 1930 КБММЗ-ҳои минтақави (округи)-и Тоҷикистон ташаккул меёфт. Аз тобистони соли 1930 то баҳори соли 1931 КБММЗ-ҳои минтақавӣ (округӣ) ба КБММЗ-ҳои ноҳиявӣ табдил ёфтанд.

Дар Тоҷикистон КБММЗ-ҳо баислоҳот дучор гардида, ду марҳила (аз Комиссия то Комитет )-ро аз сар гузарониданд.

Барои доштани тасаввуроти амиқ дар бораи Комиссия ва Комитет, пеш аз ҳама, бо нақшаҳои кории онҳо бояд шинос шуд. Мутаассифона, дар фондҳои 11, 13 ва 30, ки дар онҳо маводи КБММЗ ҷамъоварӣ ва нигоҳ дошта мешаванд, мо ягон нақшаи солонаи КБММЗ-и назди Раёсати КИМ Шуроҳои ҷумҳуриро дарёфт накардем. Аммо ба мо муяссар гардид, ки як нақшаи кориро оид ба

барпо кардани иди 8-уми марти соли 1931, ки чунин ном дорад, дастрас намоем;

Нақшаи барпо кардани 8-уми марти соли 1931 оид ба ҳифзи модару кӯдак [5, с.33].

Муҳофизати модар ва кӯдак созмони ҷамъиятиест, ки аз тарафи Комиссариати халқии тандурустӣ бо мақсади хизматрасониҳои занон зимни ҳомиладорӣ ва дар давраи маконидани кӯдакон ташкил карда шудааст:

1. Аз 25 январ то 10 феврали соли 1931 азназаргузаронии муассисаҳои занон ва кӯдакон бо ҳайати миллии боғчаи кӯдакона ва сифати гузориш (ҳолати биноҳо, таҷҳизот, ғизо, тахассус ва муносибати кормандони хизматрасониҳо, назорати тиббӣ ва монанди инҳо) барпо карда мешавад.

2. То 8-уми март барпо кардани чорабиниҳое, ки аз азназаргузаронӣ оид ба бартарафсозии норасоиҳои ҷойдошта бармеоянд.

7-уми март ҷаласаи тантанавӣ бо ҷамъбасти натиҷаҳои азназаргузаронӣ ва чорабиниҳои фавқуззикр гузаронида мешавад.

3. Машваратхонаҳои занону кӯдакон 8-уми март озмуни кӯдаки беҳтаринро бо тақсими мукофот доир мекунад. Аз фонд 5000 рубл (КХ Тандурустӣ – 1000 рубл, боқимонда – 4000 рубл) ҷудо кунанд.

4. Дар ноҳияҳое, ки машваратхонаҳои боғчагӣ кушода нашудаанд, онҳоро то 8-уми март кушоянд ва маблағро ба буҷети ноҳия барои соли 1931 ворид созанд.

5. Дар колхозҳо аз рӯйи буҷети Тоҷикматлубот боғчаҳо ташкил карда шавад.

6. Аз 15 01 то 10 02 якҷоя бо шуъбаи занони КИ санҷиши бригадавӣ ва ҷудокунии маблағҳо барои боғча гузаронида шавад. То 8-уми март натиҷаи санҷиши гузаронидашуда ҷамъбаст карда шавад.

7. Дар тамоми клубҳои занон то 8-уми март муҳофизати занону кӯдакон таъсис карда шавад.

8. То 8-уми март дар ҷаласаҳои кӯдакон оид ба масъалаҳои муҳофизати занону кӯдакон суҳбатҳо гузаронида шавад.

9. Якҷоя бо шуъбаи занони КМ дар ҳаёт татбиқи қарори ШКХ дар бораи аз тамоми намудҳои кооператсия ва Колхозбонк ҷудо кардани маблағ барои муҳофизати занону кӯдакон.

10. Санҷиши иҷрои декрет дар бораи ба шавҳар надодани духтарони ноболиғ ва методҳои ташкили назорати ҷамъиятӣ [6, с.33].

Ҳамчунин маълум аст, ки КБММЗ-ҳо дар асоси нақшаҳои кории тасдиқшуда фаъолият доштанд. Ба мо муяссар гардид, ки нақшаи кории КБММЗ-и шаҳри Кӯлобро барои соли 1931, ки 19.12.1930 тасдиқ гардидааст, дастрас намоем.

Дар ҳуҷҷат чунин оварда шудааст:

«19 декабри соли 1930 ҷаласаи Комиссияи Беҳдошти Маишати Меҳнаткашони шаҳри Кӯлоб, ки дар он масъалаҳои ҳисоботи котиби КБММЗ–и шаҳрӣ, намояндаи саноати маҳаллӣ, маҳви бесаводӣ ва тасдиқи нақшаи кории КБММЗ барои соли 1931 муҳокима шуданд, баргузор гардид.

Дар ҳисобот дар бораи кори артели дӯзандагии шаҳри Кӯлоб, ки ба саноати маҳаллӣ мансуб буд, сухан меравад. Маълум мешавад, ки дар ин артел намояндагони миллатҳои маҳаллӣ (тоҷикону узбекон) кор намекарданд.

Пешниҳод гардид, ки намояндагони миллатҳои маҳаллӣ ба ин артел ҷалб карда шаванд. Ҳатто масъалаи ҷалби занони маҳаллӣ на танҳо ба артел, балки ба мактаби маҳви бесаводӣ низ баррасӣ гардид.

Масъалаи мушкилоти ҷалби занони шавҳардор ба артел ва мактабҳои маҳви бесаводӣ, ки бо шавҳарони онҳо алоқамананд, дар ҳуҷҷат қайд карда шудааст. Дар аксари мавридҳо шавҳарон ба занони худ барои рафтан ба кор, таҳсил ва муоширати дигар иҷозат намедоданд» [6, с.45-46].

Чи тавре ки маълум аст, тамоми КБММЗ-ҳо (аз Маркази то ноҳиявӣ) дар асоси нақшаи муайяни кори, ки дар ноҳия, минтақа (округ), ҷумҳурӣ ва ИШ тасдиқ мешуд, кор мекарданд.

Мо нақшаи кории Комиссия оид ба беҳдошти маишати занони меҳнаткаши ноҳияи Кӯлобро барои се моҳи соли 1930, ки ба он чорабиниҳои зерин дохил карда шудаанд, дастрас намудем:

1. Баҳисобгирии меҳнаткашзанон, хизматчиён ва хонандагони ноҳия;

2. Ҷалби занони меҳнаткаш ба кори КБММЗ;

3. Ташкили фаъолон дар атрофи КБММЗ ва тавассути онҳо бурдани кор байни занони кишоварз ва занони хонашин;

4. Якҷоя бо бахши занони комитети ҳизбии ноҳия барпо кардани ҷаласаҳои умумии занони аврӯпоӣ ва маҳаллӣ на камтар аз 2 маротиба дар 1 сол;

5. Муҳокимаи як қатор масъалаҳо оид ба беҳдошти маишати занони меҳнаткаш дар ин ҷаласаҳо;

6. Ҷалби занон ба ҷамъоварии пахта, кишти тирамоҳӣ, татбиқи нақшаи «Панҷсола дар 4 сол» ва ғайра;

7. Баррасии тамоми масъалаҳои ҷории сиёсӣ дар ҷаласаҳои гузаронидашуда;

8. Ҷалби занон дар атрофи дастгоҳи давлатӣ бо роҳи вобастакунии намояндагон ба муассисаву корхонаҳо;

9. Баланд бардоштани сатҳи фаъолияти клуби занон: дар назди клуб ташкили курси маҳви бесаводӣ барои занони хизматчӣ ва хонашин, инчунин, маҳфилҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра;

10. Ташкили «Салиби сурх», маҳфили ёрии аввалин бо занони маҳаллӣ;

11. Дар назди клуби занон ташкили рӯзномаи деворӣ ба забони маҳаллӣ моҳе як маротиба;

12. Дар назди клуби занон ташкили китобхона ва таъмини он бо адабиёт оид ба масъалаҳои КБММЗ, муҳофизати модару кӯдак ва қонунҳои Шуравӣ;

13. Фаъолгардонии аҳолии маҳаллӣ бо мақсади ҷалби кӯдакон ба машваратхонаҳо, боғчаҳои кӯдакона, боғчаҳои кӯдакон ва мактаб;

14. Якҷоя бо шуъбаи тандурустӣ ва шуъбаи маориф ба қайд гирифтани тамоми боғчаҳо, боғчаҳои кӯдакон ва машваратхонаҳо дар тамоми ноҳияҳо, минтақаҳо (округҳо), кушодани курсҳои ҳамшираи шафқат.

Дар нақша амалан тамоми самтҳои эҳтимолии фаъолият ва ҳаёти занони солҳои сиюми асри XX ба қайд гирифта шудаанд.

Чӣ тавре аз мазмуни ҳуҷҷатҳо ва вазифаҳои КБММЗ бармеояд, кори КБММЗ-ҳои маҳаллӣ тавассути чунин институтҳо, мисли ҳисобот (моҳона, семоҳа, шашмоҳа, солона), сафарҳои хизматӣ, инспексиягузаронӣ ва ҳатто ревизияҳо зери назорат гирифта мешуд. Нақшаи кори КБММЗ-и назди Раёсати КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон оид ба сафарҳои хизматӣ бо ишора ба муҳлати онҳо ва маблағи сафарҳои хизматӣ ба мо дастрас гардид. [6, с.70].

Нақшаи Сафарҳои хизматии кормандони КБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон барои соли 1932.

1. Муовини раиси КБММЗ - 375 рубл.

2. Инструкторӣ 1-ум – 280 рубл.

3. Инструкторӣ 2- юм – 280 рубл.

Сафарҳои хизматӣ ба тамоми ноҳияҳо соле 2 маротиба.

Сафарҳои хизматӣ:

I. Ба ноҳияҳои ҷанубӣ: Лақай-Тоҷик, Саройкамар, Арал, Қӯрғонтеппа, Кӯлоб, Кангурт, Қизилмазор, Муъминобод, Қубодиён, Ҷиликул, Балҷувон, Ховалинг, Шуробод, Фархор, Шаҳринав. Сафарҳои хизматӣ ба 15 ноҳия ва ба муҳлати 60 рӯз.

II. Ба ноҳияҳои шимолӣ: Хуҷанд, Нов, Исфара, Конибодом, Ашт, Ӯротеппа, Шаҳристон, Мастчоҳ, Панҷакент, Зафаробод. Сафарҳои хизматӣ ба муҳлати 50 рӯз.

III. Ба ноҳияҳои шарқӣ: Файзобод, Янгибозор, Обигарм, Ғарм, Ҳоит, Ҷиргатол, Тавилдара, Қалаихумб сафари хизматӣ ба муҳлати 60 рӯз.

IV. ВАБК. Сафари хизматӣ ба муҳлати 90 рӯз ва соле як маротиба [7, с.35].

Чӣ тавре ки аз ҳуҷҷатҳо маълум мегардад, фаъолияти КБММЗ аз мадди назари созмонҳои ҳизбии тамоми сатҳҳо (минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ) дур намонд, чунки дар назди КМ ҲК Тоҷикистон ва созмонҳои минтақавии ҳизб шуъбаҳо оид ба масъалаҳои занон, ки бо масоили аз зулму асорат озод кардани занон ва бо масъалаҳои ба занон алоқаманд шуғл меварзиданд, мавҷуд буданд.

Созмонҳои дигар низ мисли Муҳофизати модару кӯдак дар назди Комиссариати халқии тандурустӣ, ҳаракати мушовирзанон дар назди Шуроҳо,

маъракаҳои азнавинтихобкунӣ, ки дар солҳои 30-юм хеле васеъ паҳн гардида буданд, арзи вуҷуд доштанд.

Дар яке аз барқияҳо ба КБММЗ-и назди Раёсати КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон шуъбаи занони КМ Тоҷикистон дар бораи муоинаи кори мушовирзанони КБММЗ назди КИМ-и Шуроҳо тавсия дод. Ба ин барқия аз КБММЗ ба ВАБК ҷавоб омад: Барқияи Шумо дар бораи муоинаи кори мушовирзанон ва даъвати конференсия гирифта шуд.

Раёсати Комиҷроияи вилоят дар раванди фаъолияти минбаъдаи худ кори мушовирзанонро мушоҳида намуд. Котиби КБММЗ-и ВАБК Ларина барои азнавинтихобкунии мушовирзанон шахсан ба яке аз ноҳияҳо рафт [6, с.58-60]. Ин ноҳия ноҳияи Ишкошим буд [6, с.54].

Ҳамчунин, аз Хоруғ ба номи КБММЗ-и назди КИМ Шурои ҶШС Тоҷикистон ва шуъбаи занони КМ ҲК Тоҷикистон барқия омад: «Қарори КБММЗ ба тасдиқи Раёсати комиҷроияи вилоят дар бораи афзоиши минбаъдаи муассисаҳои маданӣ ва маишӣ, зарурати кушодани боғчаҳо барои кӯдакони то 5-сола барои 20 нафар дар ду ноҳияи дурдасти вилоят» [6, с.60].

Ҳокимияти Шуравӣ дар ҷодаи ҷалби занон ба тарзи фаъоли ҳаёт аз тамоми роҳу методҳои кор бо занон истифода бурд. Аз ҷумла, маъракаи интихобот, ки дар он иштироки занон мунтазам меафзуд.

Дар бораи вазъи кори КБММЗ -и назди КИМ ҶШС Тоҷикистон муовини раиси он Шамсуддинова У. ба КИМ гузориш дод, ки дар интихоботи солҳои 1930/31дар қиёс бо интихоботи соли 1928/29 иштироки занон аз 22,5 то 41,1% афзуд. Аз 4292 нафари аз шумораи умумии дар шуроҳо интихобшуда 948 нафар (21%)-ро занон ташкил доданд.

Маҳсулнокии меҳнати занон бошад аз омилҳои зерин вобаста буд: шароити меҳнат, мавҷудияти муассисаҳои кӯдакона, таъмини иҷтимоӣ ва монанди инҳо.

КМКБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон бо тамоми КБММЗ-ҳои Осиёи Миёна ва Иттиҳоди Шуравӣ алоқаи зич дошт. Амалан,

созмони ягонаи Иттиҳод бо роҳбарияти мутамарказонидашудаи сохторӣ, вазифавӣ, молиявӣ ва сиёсӣ вуҷуд дошт.

Бинобар васеъшавии соҳаи корҳои КБММЗ КИМ-и ИҶШС 23 декабри соли 1929 дар бораи ба комиҷроияи округҳо дохил намудани штатҳои кормандони КБММЗ қарор қабул кард. Чунин қарорро 23 январи соли 1930 КБММЗ-и Шурои ҶШС Тоҷикистон низ қабул кард. Ҳамчунин, КМ КБММЗ ба унвони КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон мактуб ирсол намуд, ки дар он гуфта мешавад: «бинобар васеъшавии кор, КБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон аз комиҷроияи округҳо хоҳиш менамояд, ки штатҳои кормандони КБММЗ ба штат дохил карда шавад» [5, с.52].

Бинобар ин, КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон ба комиҷроияи округҳо рӯ оварда, дар бораи ба штат (вазифаи бо маош) дохил кардани котиби масъул аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ пешниҳод намуд.

Аз ибтидо фаъолияти КБММЗ-ҳо мутамарказонида ва амалӣ буд. Тамоми КБММЗ-ҳо аз поён то боло ҳисобот медоданд. Ҳар яке аз онҳо оид ба баъзе масъалаҳо ҳар моҳ, оид ба масъалаҳои дигар семоҳа ё соле 2 ё 1 маротиба ҳисобот медоданд. Инро Низомномаи КБММЗ-ҳо талаб мекард.

Дар нимаи 2-юми декабри соли 1930 КБММЗ-и назди Раёсати КИМ-и Шуроҳои ИҶШС Тоҷикистон чунин ҳисоботро пешниҳод кард. Аз ин рӯ, нисбат ба ин масъала 26 декабри соли 1930 Комиссияи Раёсати КММ-и ИҶШС оид ба беҳдошти меҳнату маишати занон ба унвони Комитет оид ба беҳдошти меҳнату маишати коргарон ва коргарзанони назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС чунин мактуб ирсол намуд: «Комитет хабар медиҳад, ки то моҳи январи соли 1931 ҳисоботи фаврӣ, оид ба санҷиши татбиқи чорабиниҳои ҷалби занони меҳнаткаш ба сохтмони сотсиалистӣ ва тибқи қарордоди Раёсати КИМ-и ИҶШС ба рӯзи байналмилалии коммунистии занон 8-уми март пешниҳод карда шавад» [5, с.19].

Ин алоқа дар мукотибаи расмии байни КМ КБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон ва КБММЗ-ҳои Иттиҳоди Экологии Осиёи Миёна ва КИМ-и Шуроҳои ИҶШС пайгирӣ карда мешавад.

Дар яке аз чунин мактубҳо мехонем: «Иттиҳоди Экологии КБММЗ-и Осиёи Миёна. Аз КМКБММЗ КИМ ИҶШС хабар омадааст, ки Маҷлиси умумииттифоқии кормандони клубҳо 7/3 (соли 1930- Ф.Р.) дар шаҳри Боку баргузор мегардад. КМ КБММЗ мехоҳад донад, ки иҷлосияи пешакии назди КБММЗ-и Осиёи Миёна даъват карда мешавад ё не, кадом рӯз воқеан маҷлиси умумииттифоқии кормандони клубҳо баргузор мегардад ва аз Тоҷикистон чанд нафар бояд иштирок кунад» [5, с.68].

Дар фондҳои 11 ва 13-и Бойгонии Марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавоби ин мактубро наёфтем. Аммо кормандони клубҳои ҷумҳурӣ дар маҷлиси Боку ширкат варзиданд. Дар ин бора дар дархости зерини КБММЗ-и Тоҷикистон ба унвонии КБММЗ-и Осиёи Миёна гуфта шудааст:

Дар вақти маҷлис ба намояндагони Тоҷикистон гӯшаи ОСО АВИАХИМ, ки бо воситаи почта равона гардидааст, туҳфа карда шуда буд. Гӯшаро ҷамъияти «Динамо» гирифтааст [130, с.49]. КБММЗ интиқоли онро ба клуби занони шаҳри Душанбе талаб мекунад. Бинобар ин, КБММЗ ба мазмуни зерин ба интиқолдиҳанда барқия мефиристад: «Тифлис ОСО АВИАХИМ Рафиқи Хечулян. Тибқи қарори ҷаласаи кормандони клубҳо дар шаҳри Боку моҳи март ба намояндагони ҶШС Тоҷикистон гӯшаи ОСО АВИАХИМ эҳдо карда шуд. Аммо ин ҳадяро то ҳол нагирифтаем. Аз рӯйи маълумоти мавҷуда борро созмони маҳаллии ҷамъияти «Динамо» гирифтааст. Аммо ин ҷамъият ин гӯшаро ба мо намедиҳад. Гӯшаро дар яке аз клубҳои занон ташкил карданием ва аъзоёни клуб низ аз ин бохабаранд, аммо нагирифтани таҷҳизот ташкили гӯшаро ба таъхир меандозад. Аз Шумо эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки вақти интиқоли таҷҳизоти гӯшаро санҷида, ба суроғаи мо нусхаи феҳристи молҳои равонкардашударо фиристед [8, с.49]. Ин ҳуҷҷат иштироки кормандони клубҳои Тоҷикистонро дар маҷлиси Боку собит менамояд [8, с.49].

Бинобар гузариши нави маъмурӣ ба тақсимоти ноҳиявии ҷумҳурӣ зарурати азнавташкилкунии сохтори КБММЗ ба вуҷуд омад ва барои он лоиҳаҳои махсус дар бораи бекоркунии КБММЗ-ҳо таҳия гардиданд.

Мо лоиҳаи зеринро дар бораи бекоркунии КБММЗ-и округи Хуҷанд дастрас намудем:

1. КБММЗ-и округ бекор карда шавад, ба комиҷроияи ноҳияҳо пешниҳод гардад, ки фавран КБММЗ-ҳоро тавре ба расмият дароранд, то ин ки онҳо аз оғози соли буҷетӣ (1 октябр) ба кор дароянд. Барои фаъолияти КБММЗ-ҳои ноҳияҳо инҳо гузаронида шавад:

А) бо рушди иқтисодӣ дар ноҳияҳо, нақшаи сохтани фабрикаҳо, заводҳо, таъсиси колхозҳо ва совхозҳо таҳия кардани чорабиниҳои маишӣ (беҳдошти шароити ҳаёт, ташкили ошхонаҳо, муассисаҳои кӯдакона, боғчаҳо, боғчаи кӯдакон ва ғайраҳо) бо такя ба иқтидори ин корхонаҳо;

Б) дар тамоми ноҳияҳои пахтакор КБММЗ-ҳо фавран тамоми чорабиниҳои бо ҷамъоварии пахта алоқамандро гузаронида, ба занон дар озодшавӣ аз кори барзиёди хонаводагӣ, хӯрокпазӣ, нигоҳубини кӯдакон, ташкили боғчаҳо, ошхонаҳои умумӣ ва ғайра кумак расонанд ва барои баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат дар ғунучини пахта шароити мусоид фароҳам оранд. Ба колхозҳо ва шуъбаҳои занон, ба заноне, ки аз рӯйи кироя кор мекунанд, бояд диққати махсус дод;

В) якҷоя бо комиссияи кӯдакон, ташкилоти иттифоқи касаба, кооперативҳо тамоми масъалаҳоеро, ки барои таъминоти коргарону деҳқонон бо озуқаворӣ, сарӯлибос, молҳои саноатӣ ва хусусан бо ғизои кӯдакон алоқаманданд, таҳия намоянд;

Г) зимни бастани шартномаҳои коллективӣ тартиб додани сметаҳо аз тарафи ташкилоти хоҷагидор, кооперативҳо, иттифоқи касаба, ҷудо кардани маблағ ба беҳдошти маишати коргарон, баланд бардоштани ихтисоси онҳо ва ташкили муассисаҳои кӯдакона, ба хароҷоти маблағҳои аз рӯйи таъйинот барои солҳои 1930-1931 пешбинишуда аз буҷети маҳаллӣ ва давлатӣ комиҷроияи ноҳияҳо бояд диққати махсус диҳанд;

Ғ) даст кашидан аз ёрии инфиродӣ, ки натиҷаи хуб намедиҳад, барои мубориза бо бекорӣ, ин бо кор таъмин намудани занони ниёзманд тибқи

Биржаи меҳнат, ташкили утоқи алоҳида барои бекорон, додани хӯрокҳои ройгон дар ошхонаҳои кооперативӣ дар давраи бекорӣ ва монанди инҳо;

Д) якҷоя бо иттифоқи саноатчиёни маҳаллии ноҳияҳо артелҳои мавҷудаи занонаро санҷида, вазъи онҳоро бо роҳи таъмин бо ашёи хом, фурӯши маҳсулот ва васеъсозии онҳо бо такя ба имкониятҳои воқеӣ ва талаботи ин ё он истеҳсолоти табиӣ беҳтар кардан лозим аст;

Е) дар назди мақомотҳои судӣ гузоштани масъала дар бораи санҷиш ва тафтиши тамоми парвандаҳое, ки дар истеҳсолоти судӣ қарор доранд ва бо таҳқири занон, тақсимоти молу мулк, алимент ва ғ. алоқаманданд;

Ж) додани диққати ҷиддӣ ба ёрии тиббӣ ба оммаи коргарону деҳқонон, хусусан дар колхозҳо васеъсозии муассисаҳои табобатӣ, боғчаҳо, машваратхонаҳои занону кӯдакон;

З) якҷоя бо шуъбаҳои колхозҳо таҳияи як қатор чорабиниҳо, ки ба ташкили артелҳои шахсӣ, кор дар соҳаи кишоварзӣ, баробаркунии музди меҳнати занон бо мардон дар кори умумӣ, ташкили мактаби маҳви бесаводӣ барои бартарафсозии бесаводӣ байни занон, ҷалби идоракунии колхозӣ, ки онро занон низ иҷро карда метавонанд;

И) диққати асосиро ба кори аъзоёни шуро аз занон, ки ба кори амалии Шуроҳо, хусусан зимни барпо кардани интихоботи такрорӣ ва интихобот ба Шуроҳо, коркарди меваҳо, андози кишоварзӣ бояд дод [6, с.74].

Аз 4-уми марти соли 1930 Раёсати комитети иҷроияи округи Истаравшан (Ӯротеппа) масъалаи комиссияро оид ба беҳдошти маишати занони меҳнаткаш ва маблағ барои додани воҳиди музди меҳнати комиссия баррасӣ намуд.

Аз қарори ҷаласа бармеояд, ки то моҳи марти соли 1930 комиссия оид ба беҳдошти маишати занон вуҷуд надошт. Мехонем: «Комиссия оид ба беҳдошти маишати меҳнаткашзанон баъд аз рӯхсатии меҳнатӣ ташкил карда шавад. Воҳиди пардохтшаванда танҳо раис мебошад. Инчунин, комиҷроия хоҳиш менамояд, ки барои пардохти маблағ барои комиссия аз буҷети давлатӣ барои беҳдошти маишат дар соли 1931 200 рубл ҷудо карда шавад [6, с.1].

Қарори мушобеҳро Комитетҳои иҷроияи Қӯрғонтеппа, Ӯротеппа, Панҷакент, Хуҷанд, Кӯлоб, Ғарм, Ҳисор қабул кардаанд» [6, с.1,3,75].

Дар яке аз ҳуҷҷатҳо ба КМКБММЗ-и ҶШС Тоҷикистон ирсолшуда зери унвони «Мактуби рафиқона», ки санаи интиқолу қабули онро хонда натавонистем, навишта шудааст: КБММЗ-и Хуҷанд пайнавишти ҷаласаи охирро ба Шумо пешниҳод менамояд ва хоҳиш мекунад, ки масъалаи хизматрсониҳои ноҳияҳои округи моро бинобар маҳви КБММЗ аз 1-уми декабри соли 1930 ҳар чи тезтар ҳал намояд.

Дар округи мо 8 ноҳия ва шаҳри Хуҷанд қарор дорад. Нисбат ба кормандон ҳамагӣ се ноҳия пурра нест: Хуҷанд, Исфара ва Шаҳристон. Дар ноҳияҳои боқимонда кормандон ба қайд гирифта шудаанд. Нисбат ба Ӯротеппа бозхонд ба кор дар соҳаи шуъбаи занон дар Сталинобод қарор дорад [6, с.30].

Аз маълумоти маводи бойгонӣ бармеояд, ки таъминоти кадрии КБММЗ-и ноҳия бо роҳи интиқол ё гузариш аз як ноҳия ё ташкилот ба дигар яке аз мушкилоти ташкилот мебошад. Бинобар ин КБММЗ-и Ӯротеппа хабар дод, ки «Аз тарафи худ аз кор озодкунии корманди КБММЗ мувофиқи мақсад нест, аз ин рӯ ба маълумоти Шумо мерасонем ва иҷозати шуморо мегирем» [6, с. 30].

Рафиқ Раҳматҷонова, ки дар округ кор мекунад, мувофиқи пайнавишти қарор ба ноҳияи Ашт меравад.

Дар ноҳияҳои боқимонда дар давраи барпо кардани иҷлосияи комиҷроияи округ бо раисони комиҷроияи ноҳияҳо созишномаҳо дар хусуси он, ки онҳо аз санаи якуми ҳамин моҳ кормандонро интихоб мекунанд, ҷой дорад [6, с.30].

Тибқи иҷлосияи мазкур кормандони КБММЗ-и назди комитетҳои иҷроияи округ бинобар рафтани кормандони округ ба ноҳияҳо гузаронида намешаванд [6, с.30].

Чӣ тавре аз маълумоти маводи бойгонӣ бармеояд, тамоми ташкилоти поёнии КБММЗ-ҳо на танҳо зерҳисоботӣ буданд, балки ҳар моҳ, ҳар се моҳ ва солона ҳисоботи хаттӣ медоданд. Аз Хуҷанд хабар доданд, ки «Нисбат ба тартиб додани ҳисоботи умумӣ барои соли сипаришуда, ки зимни бекоркунӣ зарур буд, ба қароре омаданд, ки онро набояд мураттаб сохт. Тамоми кори соли

ҷорӣ танҳо бо додани кумакҳои инфиродӣ ва зуд ивазшавии котибон маҳдуд мегардид. Интихоби ягон мавод имкон надорад» [6, с.25].

«Маблағҳои пулии харҷшудаи КБММЗ-ро аз муҳосибот гиред. Маблағи пулӣ ба андозаи 750 рубл гирифташуда ба маҳалҳо равон карда мешаванд, маблағҳои боқимондаи КБММЗ ба боғчаҳои кӯдакон дода шудаанд: САНТО- 250 рубл, ба боғчаҳои колхозӣ- 500 рубл» [6, с.30-77].

Котиби масъули КБММЗ-и назди КИМ ҶШС Тоҷикистон ба Комиссия оид ба беҳгардонии меҳнат ва маишати занони назди КИМ ИҶШС хабар дод: Ба №396/122 хабар медиҳем, ки алоқаи хуб ва маводи зарурӣ мавҷуд нест. Комиссияи назди КИМ ҶШС Тоҷикистон хабар медиҳад, ки сабаби ин падида ва таъхири барасмиятдарории комиссия, ки тавассути Раёсати КИМ 27/1-с. 30 расмият гирифтааст.

Барои ин корҳо соли 1931 ба маблағи 232750 рубл пул ҷудо карда шуд ва он барои ташкили клубҳо (175000) дар ноҳияҳои Ашт, Хуҷанд, Сталинобод ва Кӯлоб, барои хизматрасониҳои фарҳангӣ ва маишӣ дар Хоруғ (курсҳои занона), ташкили боғчаҳои мавсимӣ, барпо кардани 8-уми март, барои ташкили интихобот ва нигоҳдории дастгоҳ харҷ гардид [3, с.8].

Аз маърӯзаи КБММЗ маълум мегардад, ки дар ҷумҳурӣ охири соли 1931 44 боғчаи доимӣ ва 260 боғчаи мавсимӣ бо миқдори умумии 6861 нафар кӯдак, 26 машваратхонаи занону кӯдакон, ду хонаи пиронсолон, 6520 майдонча барои кӯдакон ва ғ. амал мекард.

Аз рӯйи маълумоти ҷойдошта, дар ин давра дар ҷумҳурӣ 14 клуби занон ва 8 гӯшаи сурхи занон вуҷуд дошт.

Клуби занона дар шаҳри Ӯротеппа (Истаравшан).

Аввалин сохтмони клуби махсус барои занон соли 1929 дар Ӯротеппа (Истаравшан) оғоз гардида, январи соли 1930 ба фаъолият оғоз намуд. Оид ба ин воқеа рӯзномаи «Советский Таджикистан» 20 январи соли 1930 чунин хабарро чоп намуд:

«16 январ дар шаҳри Ӯротеппа маросими ботантана кушода шудани клуби занонаи ба номи 12-солагии Октябр барпо гардид. Дар кушодашавии он

250 нафар занони маҳаллӣ иштирок намуданд. Намояндагони ҳамаи ташкилотҳо аз нуқтаҳои табрикотӣ дидан карданд ва ба хонандагони мактаби духтаронаи туркманӣ дар чорякҳо ба клуб байрақ тақдим карданд.

Ифтитоҳи маҳфил бо намоишҳои бадеӣ бо забонҳои аврӯпоӣ ва тоҷикӣ ва таомҳо барои занон анҷом ёфт. Рисолати клуби занон аъло аст, шояд дар Тоҷикистон аз ҷиҳати ҳаҷм ягона клуб бошад. Ба клуби занон 8 хона, ғайр аз ин, зали маҷлис барои 250 нафар, мактаби саводнокӣ барои 30 нафар, машваратчигии занона ва кӯдакона барои 30 нафар, ду кабинет, як хона барои зани деҳқон, клуби пионерӣ ҷудо карда шудааст.

Дар маҷлиси ботантана занону коргарзанони деҳқон қарор қабул карданд, ки ба КМ ҲК(б) Тоҷикистон ва Бюрои Осиёи Миёнаи КМ ҲК(б) саломи табрикӣ фиристанд. Деҳқонон ва коргарзанон умедворанд, ки дар зери роҳбарии ҳизб ба воситаи хонаи маданият - клуби занон ба озодии комил ноил мегарданд» [3, с.12].

Аз маводи сершумори бойгонӣ маълум мегардад, ки коргарон ва коргарзанони (хусусан котибон) КБММЗ ба вазифаҳои хеш муносибати ҷиддӣ доштанд. Дар ин маврид як гузоришномаи КБММЗ-и комитети иҷроияи вилоят шаҳодат медиҳад: «Мушкилоти хеле калонро дар кори занони вилоят бояд қайд кард»:

1. Дур бурдани ноҳияҳо аз маркази вилоят (Мурғоб, Ванҷ, Ишкошим, Бартанг);

2. Мушкилоти роҳҳо дар фаслҳои алоҳидаи сол;

3. Набудани фарогирии тамоми корҳои роҳбарӣ аз тарафи як корманд (котиби масъули КБММЗ);

4. Набудани имконияти мустаҳкамкунии воқеии кори занон, ғайр аз Хоруғ, дар вилоят (набудани шабакаҳои муассисаҳои фарҳангӣ – табобатӣ ва мактабҳои занона бинобар набудани занони босавод дар байни омӯзгорон). Ҳамаи ин кори минбаъдаро ба кори шиддатнок, ба муттамарказонии минбаъдаи нақшаи тамоми муассисаву ташкилоти манфиатдор дар доираи кори занон, интиқоли тамоми кори хизматрасониҳои ноҳияҳо вобаста мекунад. Дар акси

ҳол, мустаҳкамкунии кори занон дар маҳал ва зиёдшавии кадрҳои занонаи ҷамъиятчӣ дар охири соли ҳисоботӣ рӯй намедиҳад.

Зимни мавҷудияти тасдиқи смета мо ба ташкили курсҳои коргарзанон ва ризоият оид ба масъалаи мазкур мо ҳайати занони фаъолро тартиб дода метавонем, дар раванди амалисозии чорабиниҳо барои кор дар ноҳияҳои дурдаст 4-5 инструктори КБММЗ-ро тайёр мекунем. Ба такя ба гуфтаҳои боло бо дарназардошти масъалаи гузошташудаи ҳизб дар бораи кори оммавӣ байни занон ва ба пешбарии онҳо гузоштани масъалаи бо маош таъмин кардани инструкторони КБММЗ-ро (бо дарназардошти ноҳиясозӣ дар соли оянда) вобаста ба мушкилоти дар ноҳияҳо ҷойдошта зарур мешуморем. Дар акси ҳол гузориши пурра ба тағйири сохтори кори оммавии занона ва иҷрои супоришоти ҳизб оид ба масъалаи мазкур мушкил мегардад [9, с.71-72].

Бо ин гузориш комиҷроия ва КБММЗ-и ВАБК хоҳиш менамоянд, ки миқдор ва маоши инстрӯкторҳоро ба тариқи зайл тасдиқ кунад: Инструктор дар Мурғоб 1 нафар бо маоши 100 рубл, дар Ишкошим 2 нафар бо маоши 60 рубл ва дар Бартанг 1 нафар бо маоши 60 рубл (аз моҳи феврали соли 1931) [9, с.72].

Моҳи марти соли 1930 ҷаласаи дуюми умумииттифоқии Комиссия оид ба беҳдошти шароити меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварз баргузор гардид. Дар он масъалаҳои беҳдошти меҳнат ва маишати занон мавриди муҳокима қарор гирифт. Дар баробари ин, ҷаласа масъалаи ташкилиро низ дида баромад: Комиссия оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварз ба Комитет табдил ёфт ва пешниҳод намуд, ки тамоми Комиссияҳои ҷумҳурӣ ба Комитетҳо табдил дода шаванд.

Ин масъала дар Раёсати КИМ–и шуроҳои ҶШС Тоҷикистон низ баррасӣ гардид. Барои омӯзиши масъалаи мазкур комиссия ташкил карда шуд ва он ба КИМ 30 июни соли 1930 натиҷаҳои омӯзиши худро пешниҳод намуд. Раёсати КИМ-и Шуроҳо дар асоси гуфтаҳои раиси Комиссия ва пешниҳодоти КБММЗ-и назди Раёсати КИМ ИҶШС қарорҳои зерин баровард:

- Комиссия оид ба беҳдошти маишати коргарзанони назди КИМ ИҶШС Тоҷикистон дар асоси қарори КИМ ИҶШС аз 23.05.1930 ба Комитет оид ба

беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварз табдил дода шавад.

- Раиси КБММЗ назди КИМ ИҶШС Тоҷикистон рафиқ Махсум ва котиби масъул рафиқ Бубок тасдиқ карда шавад.

- Қарор дар бораи азнавташкилкунии Комиссия оид ба беҳдошти маишати коргарзанон ва занони кишоварз дар таҳрири зерин қабул карда шавад [9, с.66].

(Аз 11.3.11.1 барқарор к.ш.)

Чӣ тавре ки аз маълумоти маводи бойгонӣ бармеояд, то оғози соли 1930 фаъолият дар КБММЗ-и округ кори ҷамъиятӣ ҳисоб меёфт. Аз ин рӯ, дар аксари округҳои кӯҳӣ кор дар самти беҳдошти маишати меҳнаткашзанон худ ба худ ҷараён мегирифт. Вақте ки Комиссияҳои занон оид ба беҳдошти маишати меҳнаткашзанон ташкил карда мешуд, бинобар дур будани баъзе субектҳои КБММЗ кор дар марҳилаи сифрӣ қарор дошт. Ин бештар ба КБММЗ ВАБК дахл дошт.

«Дар кори баъдинаи худ КМКБММЗ тамоми маводро сари вақт равона хоҳад сохт»- омадааст дар ҳуҷҷат [9, с.67].

Аз тарафи худ хоҳиш менамоем, ки тамоми маводди заруриеро, ки ба кори КБММЗ дахл дорад, ба суроғаи Комиссия равона созед [10, с.65-67]. Таҳлили заминаҳои таърихӣ ва зарурати ниҳодии таъсиси Кумитаи беҳдошти меҳнат ва маишати занон (КБММЗ) дар Тоҷикистон имкон медиҳад, ки хулосаҳои зерини илмӣ-назариявӣ бароварда шаванд:

Аввалан, таъсиси КБММЗ дар соли 1928 на танҳо ҳамчун як тадбири маъмурии навбатӣ, балки ҳамчун посухи стратегӣ ва огоҳонаи давлат ба талаботи буҳронии замон ва зарурати гузариши куллии ҷомеаи Тоҷикистон аз сохтори анъанавӣ-патриархалӣ ба низоми муосири иҷтимоӣ маҳсуб меёфт. Дар ин марҳалаи ҳассоси давлатсозӣ Ҳокимияти Шуравӣ ба хулосаи қатъӣ омад, ки бидуни фаъолгардонии захираҳои бузурги инсонӣ, яъне ҷалби занон ба равандҳои истеҳсолӣ ва ниҳодҳои сиёсӣ, амалӣ намудани нақшаҳои азими стратегӣ - саноатикунонии босуръат ва коллективизатсияи комил дар шароити

Тоҷикистон имконнопазир аст. Зан, ки то ин замон дар доираи маҳдуди хонаводагӣ қарор дошт, бояд ба як «воҳиди фаъоли иқтисодӣ» ва «субъекти сиёсӣ» табдил мееёфт. Аз ин рӯ, КБММЗ на танҳо ҳамчун як ниҳоди ҳимоякунанда, балки ҳамчун институти марказии «муҳандисии иҷтимоӣ» тарҳрезӣ гардид. Вазифаи ин ниҳод аз таҷдиди нақшавӣ ва мақсадноки муносибатҳои гендерӣ иборат буд, ки ҳадафи ниҳоии он шикастани сохторҳои куҳнаи иҷтимоӣ ва аз байн бурдани монеаҳои патриархалӣ маҳсуб мееёфт. КБММЗ вазифадор буд, ки зани тоҷикро на танҳо аз нигоҳи ҳуқуқӣ «озод» намояд, балки ӯро ба низоми нави идоракунии давлатӣ ва меҳнати ҷамъиятӣ ворид созад. Ин раванд маънои онро дошт, ки давлат бори аввал мустақиман ба фазои пӯшидаи маишат ва оила дахолат карда, КБММЗ-ро ҳамчун фишанги асосии дигаргунсозиҳои сохторӣ истифода бурд.

Сониян, зарурати бунёдии таъсиси КБММЗ дар тафовути функсионалӣ ва иерархивии (зинабахшии) он аз шуъбаҳои занони ҳизбӣ (женотделҳо) зоҳир мегардад, ки ин амр гувоҳи гузариши давлат аз «озодкунии декларативӣ» ба «озодкунии институтсионалӣ» мебошад. Дар ҳоле ки шуъбаҳои занон ҳамчун сохторҳои ҳизбӣ асосан ба тарғибу ташвиқ, сафарбаркунии сиёсӣ ва маъракаҳои идеологӣ (масалан, маъракаи «Ҳуҷум») тамаркуз мекарданд, КБММЗ ҳамчун «абзори мустақими иҷроияи давлатӣ» дар назди мақомоти олии ҳокимият (КИМ) таъсис ёфт. Ин тағйироти институтсионалӣ нишон медиҳад, ки Ҳокимияти Шуравӣ нокифоя будани танҳо таблиғоти сиёсиро дарк намуда, ба ташкили ниҳоде ниёз пайдо кард, ки дорои ваколатҳои маъмурӣ ва захираҳои мушаххаси молиявӣ (буҷавӣ) бошад. КБММЗ вазифадор буд, ки шиорҳои сиёсиро ба воқеияти моддӣ табдил диҳад: сохтмони шабакаи васеи муассисаҳои томактабӣ (яслиҳо ва боғчаҳо), ошхонаҳои ҷамъиятӣ ва ҷомашӯихонаҳо маҳз тавассути ин Кумита сурат мегирифт. Инак, таъсиси КБММЗ раванди озодсозии занро аз доираи «ташвиқоти ҳизбӣ» бароварда, ба як қисмати таркибии сиёсати иҷтимоии давлат ва идоракунии хоҷагидорӣ табдил дод. Ин ниҳод заминаи моддию инфрасохториро фароҳам меоварد, ки

бе он озодкунии воқеии зани тоҷик дар шароити мураккаби иҷтимоию иқтисодии солҳои 30-юм ғайриимкон буд.

Холисан, аз диди интиқодии илмӣ, зарурати ниҳодии таъсиси КБММЗ бо прагматизми иқтисодии давлат ва эҳтиёҷоти шадиди он ба «қувваи кории нав» дар раванди модернизатсияи суръатбахш алоқамандии зич дошт. Ҳокимияти Шуравӣ озодсозии занонро на танҳо ҳамчун ҳадафи гуманитарӣ, балки ҳамчун василаи стратегӣ барои табдил додани зан аз як «узви вобастаи оила» ба «субъекти мустақили иқтисодӣ» баррасӣ мекард. Ин раванд, ки мо онро трансформатсияи иҷтимоии мақсаднок меномем, тақозо менамуд, ки КБММЗ ҳамчун ниҳоди танзимкунанда вориди амал шавад ва бори вазнини рӯзгорро аз души занон сабук намуда, онҳоро барои корхонаҳои навбунёди саноатӣ ва хоҷагиҳои пахтакор омода созад. Дар ин замина, фаъолияти КБММЗ дар самти беҳтар кардани маишат (сохтмони ошхонаҳо ва ясліҳо) ва ҳифзи меҳнат як ҳадафи мушаххаси иқтисодиро пайгирӣ менамуд: ҳадди аксар коҳиш додани вақти сарфи зан дар хона ва ҳадди аксар афзоиш додани вақти иштироки ӯ дар меҳнати ҷамъиятӣ. Ҳамин тариқ, Кумита на танҳо «беҳдошти маишат»-ро таъмин мекард, балки дар асл модели нави зиндагии ҷамъиятиро шакл медод, ки дар он зан ҳамчун қувваи кории фаъол ва соҳибкасб ҷузъи ҷудоинопазири иқтисодиёти давлатӣ гардид. Ин муносибат имкон дод, ки потенсиали иҷтимоии занони тоҷик дар самти иҷрои нақшаҳои панҷсолаҳои аввали кишвар самаранок сафарбар карда шавад.

Воқеан, зарурати таърихии таъсиси КБММЗ дар Тоҷикистон бо хусусиятҳои хоси минтақавӣ - сатҳи баланди таассуби динӣ, сохтори мураккаби қабилавию авлодӣ ва низоми пӯшидаи зиндагии суннатӣ - алоқамандии ногусастанӣ дошт. Дар шароити муқовимати шадиди ҷомеаи патриархалӣ ба ислоҳоти радикалӣ КБММЗ нақши стратегии «миёнарав» (буфер) ва «пули иҷтимоӣ»-ро миёни давлати модернизатор ва ҷомеаи муҳофизакор иҷро мекард. Бархӯрди интиқодӣ нишон медиҳад, ки давлат тавассути ин ниҳод кӯшиш менамуд, ки на бо усулҳои хушки сиёсӣ, балки бо роҳи «нармтар» ва «маишӣ» вориди фазои пӯшидаи оилаи тоҷик гардад. Маҳз тавассути тамаркуз ба

масъалаҳои ҳаётан муҳимми рӯзгор - ҳифзи модару кӯдак, беҳдошти саломатӣ ва ташкили яслиҳо - КБММЗ тавонист эътимоди нисбии табақаҳои суннатиро ба даст орад ва раванди модернизатсияро аз дохил «хонагӣ» (домашний) намояд. Ин ниҳод на ҳамчун ниҳоди ҷазодиҳанда, балки ҳамчун ниҳоди «кумакрасон» муаррифӣ мешуд, ки ин амр имкон дод, монеаҳои психологии ҷомеаро дар роҳи қабули нақшҳои нави зан тадриҷан коҳиш диҳад. Зарурати таъсиси КБММЗ дар Тоҷикистон дар эҷоди як механизми ҳамоҳангсози иҷтимоӣ ифода меёфт, ки бидуни он ворид намудани зани тоҷик ба фазои муосири ҷамъиятӣ боиси низоъҳои боз ҳам шадидтари иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мегардид.

Ҳамин тариқ, таъсиси КБММЗ дар низоми идоракунии давлатии Тоҷикистон натиҷаи дарки воқеии он буд, ки модернизатсияи ҷомеа бидуни эҷоди инфрасохтори иҷтимоӣ ва беҳтар кардани шароити воқеии зиндагии занон имконнопазир аст. Ин ниҳод ҳамчун омили калидии таҳаввулоти иҷтимоӣ, заминаро барои шаклгирии мақоми нави зани тоҷик дар сохтори давлатдории миллӣ муҳайё намуд. Ба хулосае омадан мумкин аст, ки сиёсати сохтмони ҷамъияти сотсиалистӣ бе ҷалби васеъ ва оммавии меҳнати занон имкон надошт. Меҳнати фаъоли занон бошад бе фароҳам овардани шароити мусоид номумкин буд. Дар ин ҷо бе муносибати махсус ба масъалаи занон ҷалби онҳо ба кори муфиди иҷтимоӣ амалан имконнопазир буд. Бинобар ин ҷамъиятҳои гуногуни занон дар истеҳсолот, маишат ва ҳаёти ҷамъиятӣ ташкил карда мешуданд ва яке аз онҳо Комиссия ва Комитет оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварз (КБММЗК)-и назди КИМ-и ҶШС Тоҷикистон бо сохтори ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, округӣ, ноҳиявӣ буд ва он аз тирамоҳи соли 1929 то нимаи аввали соли 1930 ҷараён гирифт. Онҳо КБММЗ-и вилояти Тоҷикистон дар ҳайати ҶШС Ӯзбекистон ва КБММЗ -ҳои округии Хуҷанд, Ҳисор, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа, Ғарм ва ВМКБ-и ҶШС Тоҷикистон буданд ва воситаҳои асосии ба истеҳсолот ва идоракунӣ ҷалб намудани занҳо ин зери назорат гирифтани синну соли ба шавҳар додани духтарон, ба мактаб ҷалб намудани духтарон, кушодани кооператсияҳои занона, кушодани

муассисаҳои кӯдакона (яслӣ, боғчаи кӯдакона, майдончаҳои кӯдакон) будааст. Ва, чӣ тавре аз матн мебарояд, чунин муассисаҳо асосан дар вақти маъракаҳои кишту ҷамъоварӣ таъсис дода мешуданд.

## 1.2. Сохтор, асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва самтҳои стратегии фаъолияти Кумита

Ба масъалаи беҳдошти меҳнат ва маишати меҳнаткашон диққати махсус дода мешуд, зеро ки мақомоти ҳизбӣ ва хоҷагидорӣ онро чун масъалаи сиёсӣ баррасӣ мекарданд. КИМ ва ШКХ-и ҶШС Тоҷикистон моҳи марти соли 1932 масъалаи беҳдошти шароити меҳнат ва маишати меҳнаткашонро муҳокима карда, ба хулосае омад, ки масъалаи беҳгардонӣ, ғайр аз масъалаи ҳуқуқӣ боз бо масъалаи молиявӣ алоқаманд аст. Бинобар ин фонди махсус ташкил карда шуд. КИМ ва ШКХ масъалаи «Дар бораи таъсис додани фонд барои кумак ба сохтмон ва таҷҳизонидани муассисаҳои фарҳангӣ ва маишӣ дар колхозҳои калон»-ро дида баромада, қарор қабул кард: Низомнома дар бораи фонди кумак ба сохтмон ва таҷҳизонидани муассисаҳои фарҳангӣ ва маишӣ дар колхозҳои калон тасдиқ карда шавад, ки дар он омадааст:

1. Бо мақсади бунёди базаи моддӣ барои густариши корҳои маданӣ ва маишӣ дар колхозҳои калон дар назди Бонки давлатии ҶШС Тоҷикистон фонди кумак ба сохтмон ва таҷҳизонидани муассисаҳои маданӣ ва маишӣ дар колхозҳои калон таъсис дода мешавад.

Фонди марказии назди Бонки давлатии ҶШС Тоҷикистон аз инҳо ташкил карда мешавад:

А. Маблағҳои ҳарсола аз буҷети маҳаллӣ ҷамъшуда;

Б. Маблағҳо аз фоидаи тоза ба андозаи 5% аз тамоми ташкилоти системаи кооператсияи истеъмолӣ ва саноатӣ;

В. «Аз маблағҳои махсуси Бонки давлатии ҶШС Тоҷикистон, аз фоидаи амалиёти хоҷагии қишлоқ, қарзҳои истеҳсолӣ» [11. с,11].

Дар низомнома роҳҳои ҷалби ин фонд нишон дода шудааст:

2. «Маблағҳои фонд ба колхозҳои калон барои сохтмону таҷҳизонидани муассисаҳои зерин дода мешавад: боғчаҳои кӯдакона, майдончаи кӯдакон, ошхонаҳои ҷамъиятӣ ва ҳамоммҳо, бунгоҳҳои тиббӣ, клубу китобхонаҳо ва ғайра, яъне ба беҳдошти шароити меҳнату маишати аҳолӣ» [11, с.11-12].

Моҳи майи соли 1932 Раёсати КИМ-и ҶШС Тоҷикистон дар бораи сохтмони клуби занон дар Сталинобод қарор қабул кард. Дар ҳуҷҷатҳои мавҷуда раванди сохтмони онро пайгирӣ кардан мумкин аст. Аз ҷумла, дар ҳуҷҷате чунин омадааст: Бинобар набудани кормандони КБММЗ масъалаи сохтмони клуб дар соли 1931 ҳалнашуда боқӣ мемонад. Аз ин рӯ, аз буҷети соли 1931 барои сохтмони клуби марказии занон 100000 ҳазор рубл ҷудо ва тасдиқ карда шудааст, аммо дар хусуси мувофиқи мақсад будани сохтмони ин клуб шуъбаҳо ва номаҳдудҳо ҷой дорад. Дар ин бора, аз ҷумла рафиқ Махсум (Нусратулло Махсум) гуфтааст: Бо мақсади зуд ҳал кардани ин масъалаҳо, чун мавсимӣ сохтмон наздик омадааст, хоҳиш дорам, ки ин масъала дар рӯзҳои наздиктарин ҳал гардад, то ин ки ин маблағҳо истифоданашуда намонад [8, с.143].

Раёсати КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон 12 майи соли 1931 ба КБММЗ чунин ахбор дод:

Дар бораи муайян намудани ҷойи сохтмони Клуби марказии занон

Қарор қабул карданд:

1. Сохтмони Клуби марказии занон дар маркази шаҳри Сталинобод ҳатмӣ ҳисобида шавад.

2. Ба Шурои шаҳрии Сталинобод барои ҷудо кардани қитъаи мувофиқи замин барои сохтмон пешниҳод гардад [12, с.44].

3. Моҳи ноябри соли 1931 КИМ-и ҶШС Тоҷикистон масъалаи аз фонди КМКБММЗ ҷудо кардани 300000 рубл ба сохтмони клуби занон дар ноҳияи Ашт ва равон намудани маблағи боқимонда ба сохтмони клуби занон дар Сталинободро мавриди баррасӣ қарор дод [8, с.134].

Чӣ тавре аз ҳуҷҷатҳои бойгонӣ бармеояд, лоиҳаи муассисаҳои фарҳангӣ, аз ҷумла клубҳои Душанбе ва Кӯлоб ба зиммаи муассисаи «Лоиҳакашии

давлатии Тоҷикистон» гузошта шуд. Ин муассиса ба дархости КБММЗ ҷавоб медиҳад: Ба муовини раиси КБММЗ-и назди КИМ рафиқ Шамсудинова.

1. Лоиҳакаши давлатӣ ба маълумоти Шумо мерасонад, ки лоиҳа доир ба сохтмони КБММЗ бо тамоми иловаҳое, ки аз ҷониби рафиқ Закашаев ворид гардидааст, мувофиқи мактуб аз 9 декабри соли 1931 (соати 2-и рӯз) пешниҳод карда шудааст [8, с.38]. 6 июли соли 1932 аз Бонки тиҷоратии Тоҷикистон хабар омад, ки ба ҳисоби сметаи КБММЗ барои сохтмони клубҳои занони ноҳияҳои Нов, Арал, Ҷиликӯл ва Қубодиён 200000 ҳазор рубл ҷудо карда шудааст. Яъне, Ҳукумат, дар маҷмуъ КИМ-и Шуроҳо ва шуъбаи КБММЗ-и он дар сохтмони клубҳои занон ширкат меварзиданд. Азбаски рафти сохтмон ба мавзуи мо дахл надорад, мо танҳо вазифаҳои КБММЗ-ро дар сохтмони клубҳои занон қайд намудем [13, с.168]. Ба фаъолияти КБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон функсияи сохтмони объектҳои маданӣ ва равшаннамоӣ дохил мешуд. Ҳукумати ҷумҳурӣ соли 1930 барои сохтмони клубҳои занон ба суратҳисоби КБММЗ пул гузаронд ва ҳамзамон, қайд кард, ки пул бояд аз рӯйи таъинот харҷ гардад.

КБММЗ расман ба сохтмони давлатӣ муроҷиат кард, то ин ки он клуби занонро ба лоиҳа гирифта, дар шаҳри Душанбе созад. Лоиҳа дар мақомотҳои гуногун тавсия карда шуд. Сохтмони давлатӣ чун иҷрокунанда ва КБММЗ чун фармоишгар бояд зери шартнома имзо мекарданд. Сохтмони давлатии Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон ҳуҷҷатро дар бораи ваколатдорӣ дар имзо намудани шартнома талаб кард. Аз ин рӯ, КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон ба У. Шамсуддинова маълумотномаи зеринро медиҳад:

«Рафиқ Шамсуддинова У. воқеан муовини раис ва котиби масъули КБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон мебошад. Ӯ ба бастани шартномаи сохтмони клуби ҷумҳуриявии занон ҳуқуқ дорад.

Раиси КИМ ҶШС Тоҷикистон Н. Махсум» [8, с.85].

Чӣ тавре маълум аст, дар охири солҳои 20-уми асри XX ҳанӯз ягон клуби занон набуд. Бинобар фаъолона ҷалб гардидани занон ба ҳаёти ҷамъиятӣ ва барои боз ҳам фаъолтар гардидани занон дар баробари клубҳои мардон, ки ба

он баъзан занон низ ташриф меоварданд, кушодани клубҳои сирф барои занонро ба ҳисоб гирифтанд. Дар асоси ин ҳуҷҷатҳо дар тамоми округҳои Тоҷикистон клубҳои занонро ташкил мекарданд, вазифаи ин клубҳо ба вазифаи клубҳои ҷамъиятӣ мушобеҳ буданд. Дар назди онҳо маҳфилҳои гуногун барои фаъолгардонии ҳаёти занон, аз ҷумла мактабҳои маҳви бесаводӣ барои занон ташкил карда мешуд. 6. 12. 1930 аз Кӯлоб ба номи котиби КБММЗ-и назди КИМ ҶШС Тоҷикистон Бубок барқия расид:

«Сталинобод, КИМ Бубок дар назди клуби занон мактаби маҳви бесаводии занон кушода шуд, муаллима надорем. Аз ин рӯ, хоҳиш менамоям, ки як муаллимаро фиристед. Маъмурияти КБММЗ.

КИ Н.Исломов.

КБТ Тохташева 6. 12. 1930 с, ш. Кӯлоб» [8, с. 85].

Дар воқеъ, дар Кӯлоб ягон бино барои клуби занон дар назди КБММЗ ҳанӯз набуд, аммо клуби занон дар назди Кумитаи иҷроияи шаҳр мавҷуд буд. Чунин ҳолат дар маркази дигар ноҳияҳову шаҳрҳо буд. Масалан, дар шаҳри Сталинобод [8, с.40].

Шуъбаи занони ҲК(б) Тоҷикистон дар мактуби худ ба Раиси Комиссияи Маркази оид ба беҳдошти маишии занони меҳнаткаш хабар медиҳад: «Шуъбаи занони КМ хоҳиш менамояд, ки масъалаи ҷалби як қисми маблағи ба сохтмони клуби занон барои хариди таҷҳизоти клуб (мизу курсиҳо, палосҳо ва ғ), ки муваққатан дар клуби занони Сталинобод дар назди «Хонаи деҳқонон» ҷойгир карда мешаванд, баъдан ба клуби аз нав сохташудаи занон мегузаранд, гузошта шавад» [8, с.40].

КБММЗ-и назди КИМ Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон дар ҷаласаҳои худ на танҳо масъалаҳои дохилии худ, балки фаъолияти КБММЗ-ҳои вазорату муассисаҳои алоҳидаро низ мавриди муҳокима қарор медод. Чунончи дар санаи 13. 01. 1932 Раёсати КМКБММЗ масъалаи омодагӣ ба мавсими кирмакпарварии соли 1932 ва тайёркунии кадрҳоро оид ба пиллапарварӣ дар Тресті пилла ва маркази колхозии ҷумҳурӣ баррасӣ намуд.

Маърӯзаи намояндаи Трести пилла Умароваро шунида, қарор қабул карданд:

1. Муваффақиятҳои калонро дар самти тайёркунии пилла дар қиёс бо солҳои 1930-1931 бояд қайд кард. Ҳамзамон, гузориши Трести пилларо дар ин хусус бояд қайд намуд:

а) моҳи декабри соли 1931 тайёркунии пилла аз рӯйи чорабиниҳои агротехникӣ, тавре ки то оғози мавсим дар маҳаллаҳо омода бошанд, баррасӣ гардид;

б) нақшаи фурӯши кирмак ба ҳар як колхоз ва хоҷагии меҳнатӣ аз ҳисоби 55000 қуттӣ ва тайёр кардани 1320 тонна пилла расонида шуд;

в) мавсими пиллапарварӣ аз 1-уми феврали соли 1932 оғоз меёбад ва баробари он шартнома баста мешавад ва ба ин Трести пиллаи Тоҷикистон омода мегардад;

г) аз тарафи Трести пиллаи Тоҷикистон 8 ноҳия, 15 базаи оперативӣ ва дар ноҳияҳои боқимондаи каммаҳсулот хизматрасониҳои инструкторҳо ва дуконҳои қабул ба роҳ монда шудааст.

Чорабиниҳои агротехникии зерин оғоз меёбад:

1) Ташкили инкубаторҳо – 94 то, ба маблағи 94000 рубл;

2) Пиллаконференсияҳо – 32, ба маблағи 24000 рубл;

3) Суҳбати дуҳафтаина – 221, ба маблағи 22000 рубл;

4) Хӯронидани намоишӣ – 86, ба маблағи 4300 рубл.

5) Дизинфексияи кирмакпарварон – 2100 хоҷагӣ, 1500 рубл;

6) Ташкили гӯшаҳои пиллапарварӣ -31гӯша, ба маблағи 61400 рубл;

7) Мубориза бо зараррасонҳо - 3900 хоҷагӣ, 18450 рубл;

8) Мукофотдиҳӣ ба кирмакпарварон - 336 хоҷагӣ, 16800 рубл;

9) Мукофотдиҳӣ ба кормандон 133 - нафар -13300 рубл;

10) Ташкили курсҳои пиллапарварӣ: дар Сталинобод барои 10 нафар, дар Хуҷанд барои 40 нафар, дар Ғарм барои 20 нафар ва дар Қалъаи Хумб барои 10 нафар;

11) Таҷҳизоти пиллапарварон дар колхозҳо (161 колхоз) ба маблағи 80500 рубл;

12) Тақсимоти ройгони асбобҳои хурд ба кирмакпарварон ба маблағи 32000 рубл;

2. Муносибати воҳиди Марказӣ, колхозӣ пахтакор, инчунин Тресги пилла нисбат ба ниҳолшинонӣ дар соли 1931 ва набудани назорати зарурӣ аз болои навниҳолон, ки боиси нобудшавии онҳо гашта ва он дар захираи хӯрокии соли 1932 таъсир гузоштааст, нораво дониста шавад;

3. Муносибати ғайриқаноатбахши Тресги пилла ва хусусан, Кумитаи замину ҷангалро оид ба масъалаи омодасозии кадрҳои занона, вазъи муташанниҷи курсҳои кирмакпарварон ва заводи тухми кирмаки шаҳри Сталинобод, ки нисбат ба он Тресги пилла, Комиссариати халқии меҳнат ва Иттиҳоди ҷангалпарварон ягон чораи қатъӣ наандешиданд, бояд қайд кард;

4. Ба Тресги пилла, Иттиҳоди ҷангалпарварон пешниҳод карда шавад, ки фавран ба беҳдошти вазъи курсҳо шурӯъ намоянд ва барои ҷалби хонандагон ба муассисаҳои таълимии Тресги пилла корҳои фаҳмондадиҳии оммавӣ баранд;

5. Ба Тресги пилла, Комиссариати халқии тандурустӣ, маркази колхозӣ, Комиссиариати халқии маориф, Комиссариати халқии замин ташкил намудани боғчаҳои кӯдакона, майдончаҳои кӯдакон, ошхона дар ҷойи парвариши кирмҳо пешниҳод карда шавад;

6. Аз КИМ хоҳиш карда шавад, ки ба муассисаҳои фавқуззикр фармон диҳад, то ин ки онҳо барои маблағгузории тамоми чорабиниҳо оид ба хизматрасонии маданӣ-маишӣ дар мавсими парвариши кирмак ва мавсимӣ кишту кор пул ҷудо кунанд;

7. Ба тамоми КБММЗ-ҳои ноҳияҳо пешниҳод карда шавад, ки иҷрои 100% ва барзиёди нақшаи маъракаи парвариши кирмакро бо ҷалби тамоми занҳои фаъол, аъзоёни ҷамоатҳо дар барпо кардани корҳои фаҳмондадиҳии оммавӣ оид ба масъалаи кирмакпарварӣ таъмин намоянд;

8. Ба тамоми КБММЗ-ҳои ноҳияҳо ва иттиҳоди колхози ноҳияҳо пешниҳод карда шавад, ки ба масъалаи барпо кардани корҳои фаҳмондадиҳӣ

дар бораи амалиёти ҳимояи модару кӯдак, майдончаҳои кӯдакон, боғчаҳои кӯдакон, инчунин таъмини онҳо аз тарафи иттиҳоди колхозии ноҳияҳо бо маҳсулоти ширӣ, сабзавот, биноҳо ва бо таъмини хизматрасонии занони кишоварз машғул шаванд;

9. Ба шуъбаи ҳимояи модару кӯдак, Комиссариати халқии тандурустӣ ва Комиссариати халқии маориф пешниҳод гардид, ки ба тамоми шуъбаҳои тандурустӣ ва маорифи ноҳияҳо дар бораи хизматрасонии боғчаҳои кӯдакон ва майдончаҳои кӯдакон дар мавсими кишту кор амр диҳанд;

10. Ба Комиссариати халқии маориф супориш дода шавад, ки ба ҳайати муаллимони маҳал барои дар барномаи таълимии МТМУ ҷорӣ намудани дарсҳои кирмакпарварӣ, хусусан оид ба маҳви бесаводии занон, инчунин парвариши кирмакҳо дар МТМУ мурочиатнома нависад;

11. Ба маркази колхоз оид ба барпо кардани корҳои фаҳмондадиҳии оммавӣ дар колхозҳо зимни мавсими кирмакпарварӣ супориш дода шавад;

12. Парвариши кирмакҳо дар соли 1932 таъмин карда шавад;

13. Аз шуъбаи занони КМ хоҳиш карда шавад, ки якчанд зани фаъолро дар мавсимӣ кирмакпарварӣ барои рӯхсатӣ ба ноҳияҳо сафарбар намояд [14, с.42].

Аз рӯйи тамоми самтҳои номбаршуда, Тоҷикматлубот нақшаи кори дошт. Аз ҷумла, дар ҳуҷҷате чунин мехонем: «сексияи мадании Тоҷикматлубот нақшаи ташкили чорабиниҳои маданӣ ва маиширо оид ба хизматрасониҳои занон 8-уми марти соли 1931 ҳамроҳӣ мекунад» [15, с.13].

Чӣ тавре маълум аст, Раёсати КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон қарор қабул кард, ки 8-уми марти соли 1931-ро махсус таҷлил кунад ва бо ин роҳ иштироки занонро дар истеҳсолот фаъол созад. Эълон карда шуд, ки «Эстафетаи 8-уми март» гузаронида шавад. Чӣ тавре аз маводи бойгонӣ маълум мегардад, «Тоҷикматлубот» дар ин эстафета иштирок карда буд.

Маводи бойгонӣ нишон медиҳад, ки «Эстафетаи ба номи 8-уми март» ба ҳодисаи дигар-кишти баҳории соли 1931 рост омад. Бо муваффақият барпо кардани он аз дараҷаи иштироки занон дар ин эстафета ва бисёр ҷиҳат ба

хизматрасонии маишии онҳо (боғчаҳо, боғчаҳои кӯдакон, майдончаҳои кӯдакон) вобастагӣ дошт.

Ба соҳаи фаъолияти КБММЗ масъалаи ҳимояи модару кӯдак низ дохил мешуд ва яке аз самтҳои чорабиниҳо ҷалби занон ба истеҳсолот буд.

Дар шароити Тоҷикистон кори ҳимояи модару кӯдак дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX як қатор хусусиятҳои худро дошт, ки бо масъалаҳои маишӣ алоқаманд буданд. Сохтмони вусъатёфтаи сотсиалистӣ барои беҳдошти ҳаёту меҳнат ва маишати занон дар назди муассисаҳо масъалаҳои калонро оид ба тарбияи иҷтимоии кӯдакон ва мубориза барои солимгардонии оила гузошт. Ба ҳар ҳол, ҳаёту вазифаҳои сохтмони тамоми сохторҳои бо масоили занон алоқаманд ба як вазифа – тарбияи оилаи солими коммунистӣ ва дар оянда табдили муассисаҳои кӯдакона ба ячейкаи ибтидоии тамоми низоми тарбияи иҷтимоии ҷомеа равона шуда буд.

Аз гузориши ташкилоти ҳимояи модару кӯдаки назди Комиссариати халқии тандурустӣ аз 9.01.1932 оид ба хизматрасонии маданӣ-маишӣ ба коргарзанону занони кишоварзи ҶШС Тоҷикистон аён мегардад, ташкилот занону кӯдаконро аз синни ширхорагӣ то 16-сола фаро мегирад. Ҳамчунин, яқин мегардад, ки ин ташкилот муассисаи пешгирикунандаи занони маҳаллӣ аз таъсирӯ хизматрасониҳои табибон – дояҳо буд. Аз ин рӯ, амбулаторияҳои занона ва бунгоҳҳои акушерӣ сохта мешуданд [16, с. 18-31].

Чӣ тавре маълум аст, роҳҳои беҳгардонии шароити меҳнат ва маишати меҳнаткашон, дар умум ва хусусан, занон хеле зиёданд. Яке аз онҳо дар солҳои 30-юми асри XX ҳимояи модару кӯдак, ки дар назди Комиссариати халқии тандурустӣ ташкил карда шуда буд, мебошад. Дар воқеъ, ин сохтор дар давраи сиёсати ҷалби занон ба сохтмони ҷомеаи сотсиалистӣ нақши калон бозид.

Дар шароити Тоҷикистон корҳо доир ба ҳимояи модару кӯдак ва наврас дар солҳои 20-30-юми асри XX як қатор хусусиятҳое дошт, ки бо лаҳзаҳои маишӣ алоқаманд буданд. Сохтмони вусъатёфтаи сотсиалистӣ дар назди муассисаҳои ҳимояи модару кӯдак оид ба тарбияи иҷтимоии кӯдакон ва солимгардонии оила вазифаҳои калон мегузошт ва водор месохт, ки тамоми

занҷираҳои чунин муассисаҳоро ба як низом даровардa, онҳоро ба як вазифа тарбияи оилаи солими коммунистӣ тобеъ карда, муассисаҳои кӯдакона (боғчаҳои кӯдакон, мактабҳо, машваратхонаҳои кӯдакон, машваратхонаҳои занон, амбулаторияи занон)-ро ба ячейкаи ибтидоии тамоми низоми тарбияи иҷтимоӣ ва солимгардонии оила табдил медод.

Муассисаҳои ҳимояи модару кӯдакон ва наврасон тамоми масъалаҳоеро фаро мегирифтанд, ки бо кори занон, кӯдакони ширхора ва кӯдакони то 16-сола алоқаманд буданд. Методҳои кор дар муассисаҳои ҳимояи модару кӯдак чунин буданд, ки моҳияти корашон пешгирикунӣ ҳисоб меёфт. Масъалаҳои машварати ҳамешагӣ, корҳои беҳдоштӣ-равшаннамоӣ, солимгардонӣ на танҳо байни муроҷиаткунандагон, балки дар хона низ гузошта шуд. Ғайр аз муассисаҳои пешгирикунанда барои хизматрасонии занон Комиссариати халқии тандурустӣ, амбулаторияҳои алоҳидаи занона ва бунгоҳҳои акушериро кушод, зеро ки занони маҳаллӣ ба амбулаторияҳои умумӣ намерафтанд ва аз хизматрасониҳои занони калонсоли деҳа (момодояҳои халқии маълумоти илмии тиббӣ надошта) истифода мебурданд.

Дар тамоми корҳои ҳимояи модару кӯдак мушкилот зиёд буд ва сабабҳои зерин доштанд: норасоии кормандони ҳимояи модару кӯдак аз ҳисоби занони маҳаллӣ, хоссагиҳои миллӣ ва ғайра.

Сарфи назар аз вазифаҳои пешгирикунандаи худ ташкилоти ҳимояи модару кӯдак бо монеаҳои калон дучор мегардид: норасоии мутахассисон аз ҳисоби аҳолии маҳаллӣ, набудани бинои лозимӣ барои доир кардани чорабиниҳо, ёрии моддӣ аз тарафи созмонҳои ҷамъиятӣ, буридани буҷети тамоми муассисаҳо.

Аз маводҳои бойгонӣ, ки ба даст расид, маълум мегардад, ки чунин норасоиҳо дар ноҳияҳои Арал, Ӯротеппа, Нов, Қизилмазор вомехӯрданд. Аз тамоми маводди фавқуззикр аён мегардад, ки роҳбарияти ташкилотҳо хусусиятҳои хоси Тоҷикистонро нафаҳмидаанд: «соҳаи кор дар шароити Тоҷикистон аҳаммияти калони сиёсиро касб менамояд ва яке аз чорабиниҳои асосии ҷалби занон ба тарбияи насли солим мебошад» [16, с.31].

Хусусан, кор оид ба ташкили боғчаҳои мавсимӣ зимни мавсимӣ пахтачинӣ номусоид ҷараён мегирифт. Дар ҳуҷҷат оид ба масъалаҳои таъмин набудани боғчаҳо, боғчаҳову майдончаҳои кӯдакон бо маҳсулоти хӯрокворӣ, ки ин корро бояд ташкилоту муассисаҳои Иттиҳодияҳои пахта ва маркази колхозӣи савдои давлатии Тоҷикистон, Тоҷикматлубот мекарданд, сухан меравад. Дар натиҷа, дар ноҳияҳои Сталинобод, Шаҳринав, Янгибозор, Арал боғчаҳо барҳам хӯрданд. Соли 1932, сарфи назар аз он ки кушодашавии боғчаҳо дар хоҷагиҳои пахтакор тамоюл ба афзоиш дошт, дар баъзе ноҳияҳо ташкили боғчаҳо ба мушкилоти калон дучор гардид ва ҳолатҳое буданд, ки зери фишори бойҳо колхозчиён кӯдаконашонро ба боғча намебурданд ва боғчаҳоро мебастанд. Зеро ки бойҳои маҳаллӣ овоза карда буданд, ки кӯдаконро ба Москва бурда, ба дасти рӯсҳо месупоранд ва дар боғчаҳо барои кӯдакон аз гӯшти хук хӯрок мепазанд. Дар баъзе ҷойҳо вақте ки кормандони боғчаҳо барои тарғиботи боғчаҳо меомаданд, ба рӯйи онҳо туф мекарданд. Ба алайҳи ҳамаи ин дасисаҳои бойҳо ташкилоти дахлдори ноҳиявӣ ҷавоби қонеъ намедоданд. Аз сабаби сари вақт нагузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ мардум ба ташкил кардани боғчаҳо диққат намедоданд. Ҳамаи ин амалҳо дар кори боғчаҳо таъсир мегузоштанд. Аз ин рӯ, дар баъзе ҷойҳо боғчаҳо нопурра буданд. Ҳамзамон, сарфи назар аз мушкилоту норасоиҳо дар кори боғчаҳои мавсимӣ, ҳангоми ғунучини пахта дар ҷумҳурӣ 285 боғча вуҷуд дошт ва то 3 ҳазор кӯдакро дар бар мегирифтанд. Ба ин масъала танҳо Иттиҳод ва Комитети пахта бояд машғул мешуданд. Иттиҳоди пахта арз намуд, ки қарор баровардa наметавонад, чунки пул надорад. Намояндаи маркази колхозӣ дар бораи ташкили боғчаҳои мавсимӣ чунин изҳор намуд: «Ташкили боғчаҳо бояд масъалаи асосии кори мо оид ба ҷалби меҳнати занон ба колхоз бошад, чунки бе ин чорабини занон аз корӯ бори хона, аз тарбияи кӯдакон озод намешаванд, нақшаи озуқаворӣи кишоварзӣ иҷро намегардад. Як қатор ходимони ҳизбӣю Шуравӣ ва ҷамъиятӣ фикрӯ ақидаи хешро баён карданд. Мо ба ин масъала аз нуқтаи назари хоҷагидорӣ рафтор мекунем, то ин ки ягон чиз беҳуда сарф нашавад» [8, с.12].

Аз қарори машварати мазкур фаҳмидан мумин аст, ки шароити меҳнат бе муассисаи кӯдакона дар колхозҳо хеле мушкил аст. Дар баробари ин, машварат оид ба ташкили муассисаҳои мавсимӣи кӯдакон қайд мекунад, ки дар қишлоқҳо мушкилот зиёданд ва онҳо бояд ҳалли худро ёбанд. Аз ҷумла, гуфта мешавад: «Ба мақсади сарфаи маблағ ва фарогирии бештари кӯдакон дар колхозу савхозҳо ташкил кардани муассисаҳои кӯдаконаи навъи муштарак, синну соли боғчагӣ ва томактабӣ зарур ҳисобида мешавад». Набудани кормандони томактабӣ ва боғчагӣ кори муассисаҳои кӯдаконро суст ва боварии занони кишоварзро ба онҳо кам мекард. Аз ин рӯ, машварат қарор карда буд, ки ба Комиссариати халқии тандурустӣ ва ба Комиссариати халқии маориф супориш дода шавад, ки барои 200 нафар курсҳои якмоҳа барои омодасозии коргарзанони муассисаҳои томактабӣ ва боғчаҳо ташкил намоянд. Ин коргарзанонро аз ҳисоби занони кишоварз, батраказанон ва камбағалзанони он қишлоқҳо бояд пурра кард, ки дар он ҷо боғчаҳо ба роҳ монда мешаванд [8, с.12].

Дар қарор қайд карда мешавад, ки дар ташкил кардани боғчаҳо ҳама бояд ширкат варзанд. Комиссариатҳои халқи ва Иттифоқҳо аз ҳисоби аҳли ҷамоатчигӣ ташкили боғчаҳоро бояд ба шефӣ гиранд [8, с.12]. Ҳатто онро ба ҳисоб гирифтанд, ки Комитети пахтаи Тоҷикистон ва Иттифоқи бофандагон ин иқдомро аз назари молиявӣ дастгирӣ намоянд. Машварат пешниҳод намуд, ки ин пул барои сохтмон харҷ карда шавад.

Чӣ тавре аз таърих маълум аст, тоҷикон мардумони кори буда, бештар ба корҳои кишоварзӣ ва ҳунармандӣ машғул мешуданд ва дар ин самтҳо хеле чирадастанд. Баъд аз ҷалби занон ба меҳнати муфиди ҷамъиятӣ, дар маҷмуъ, дар ҳаёти занон тағйироти куллӣ ба вуҷуд омаданд. Ин эълони баробарҳуқуқии занон бо мардон сиёсати озодкунӣ ва аз ҳама назаррас ҷалби занон ба кори ҷамъиятӣ буд, ки онро давлати ИҶШС роҳандозӣ мекард. Яке аз шаклҳои он ташкили артелҳои занона дар деҳот ба ҳисоб мерафт.

Чӣ тавре аз артели шуъбаи кирмакпарварии ноҳияи Янгибозор (ҳоло Ваҳдат) маълум мегардад, барои афзоиши истеҳсоли абрешим дар рӯзҳои

аввали моҳи феврали соли 1930 курси 2-ҳафтаина оид ба абрешим доир карда шуд. Дар рафти он 774 кирмакпарвар аз 9 ҷамоати ноҳияи Янгибозор (Искигузар, Ҷарбошӣ, Яккабед, Кофарниҳон, Чуянгарон, Тутбулоқ, Файзобод, Ҳоҷимурод, Дубеда) ширкат варзиданд. Дар як вақт маҷлиси занон низ бо иштироки 54 зан гузаронида шуд [6, с. 81].

Дар рафти маҷлис маълум гардид, ки деҳқонони Янгибозор ба нигоҳубини 3345 қуттии тухми кирмак розигӣ доданд. Бо мақсади баррасӣи мушаххаси ин масъала анҷуман оид ба ташкили кооператсияи кирмакпарварӣ доир карда шуд. Ҳамин тариқ, моҳи январи соли 1930 дар Янгибозор ва Обигарм кооператсияҳои кирмакпарварӣ ташкил карда шуданд.

Маҳз ин ҳолат боиси банақшагирии ҷалби фаъолтари занон ба воқеияти нави соли 1931 гардид. Дар он қайд карда шуд, ки иҷрои бомуваффақияти супоришҳои аз тарафи ҳизб барои соли 1931 гузошташуда ва баланд бардоштани ҳосилнокии пахта ба 30% дар соли сеюми панҷсолаи пахта ИҶШС-ро аз вобаста будан аз пахта озод мекунад ва дар ҷодаи мустаҳкамкунию рушди минбаъдаи на танҳо сохтмони сотсиализм, балки васеъсозии майдонҳои кишт ва баланд бардоштани ҳосилнокӣ нақши калон мебозад.

Зимни доир кардани ин кор бояд ба хотир гирифт, ки иҷрои бомуваффақияти масъалаҳо танҳо дар ҳолати сафарбаркунии васеи қувваи тамоми деҳқонони меҳнаткаш – колхозчиён, батракҳо, камбағалон ва миёнаҳолон имкон дошт.

Бо такя ба вазифаҳои дар назди меҳнаткашони деҳот гузошташуда КБММЗ нақшаи чорабиниҳоро оид ба фаъолгардонии занони деҳот пешниҳод намуд. Аз ҷумла, оид ба ҷалби занони кишоварз ба колхозҳо пешниҳод гардид, ки дар давраи кишти баҳорӣ, мувофиқи қарори машварати кормандони КБММЗ, ба роҳ мондани маъракаи васеъ оид ба ҷалби занон (аъзоёни оила) ба колхоз зарур аст.

КБММЗ чунин меҳисобид, ки кори ҷалби занонро ба колхоз бо шуъбаҳои занона ва марказҳои колхозӣ бояд алоқаманд кард. Нақшаи мушаххаси ин маъракаро бояд таҳия карда, ҷалби тамоми фаъолони қишлоқро ба ин кор, яъне

намояндагон, машваратчизанон, занони кишоварз, камбағалзанон, батраканон ба мадди аввал гузошта, барои онҳо конференсияҳои ноҳиявӣ ва қишлоқӣ оид ба масъалаҳои кишти баҳорӣ ва сохтмони колхозӣ бояд даъват мегардиданд.

Зимни ташкили меҳнати занон КБММЗ барпо кардани корҳои зиёди фаҳмондадиҳиро дар маҷлисҳо ва ҷамъомадҳои оммавии занон дар тамоми совхозу колхозҳо ва деҳот дар бораи вазифаҳои кишти баҳорӣ дар соли 3 – юми ҳалкунандаи панҷсолаи пахта пешниҳод кард. Иҷрои он ба озодии ИҶШС аз вобастагии пахта ва аҳаммияти ҷалби меҳнати занон дар кишти баҳорӣ оварда мерасонад [6, с.81].

Ҳамчунин пешниҳод гардид, ки дар маҷлисҳои ноҳиявӣ, деҳотӣ, совхозӣ ва колхозӣи фаъолзанон, коргарзанон, машваратчизанон, намояндаи камбағалзанон, батракзанон ва занони миёнаҳол нақшаҳои кишти баҳорӣ ва кирмакпарварӣ муҳокима карда шавад. Шартномаҳои СТМ бо колхозҳо ва коллективҳои истеҳсолии кишоварзӣ, нақшаҳои кории колхозҳо ва савхозҳо таҳия ва баррасӣ карда шавад.

Бояд ба он муваффақ шуд, ки ҳар як коргар ва коргарзани совхоз, ҳар як колхозчӣ - колхозчизани колхоз иҷрои нақшаро донад, на танҳо донад, балки дар иҷрои он фаъолона иштирок кунад.

Дар рафти таҳияи нақшаҳои истеҳсолии кишти баҳорӣ ташкили бригадаҳои зарбдори занон бо роҳбарии фаъолзанон барои бароҳмонии меҳнати занон оид ба кирмакпарварӣ, пахтакори, тоза кардани тухмиҳо, кишт, хишовакунӣ, боғдорӣ, мурғпарварӣ, хоҷагиҳои ширӣ-молӣ, ки дар назди худ вазифаи мушаххасро оид ба барпо кардани кишти баҳорӣ мегузоштанд, зарур буд. Масалан, тоза кардани ҳамин қадар тухмӣ, ҳамин қадар кишт, ҳамин қадар хишова, ҳамин қадар занонро ташкил карданд, ки ба бригадаҳои зарбдор шомил намудани ҳамин қадар занон кифоя мекард.

Бригадаҳои зарбдори занон, машваратҳои намояндагӣ ва занони фаъол бояд ташаббускорони ташкили ҳашарҳои ҷамъиятӣ, коргарони аввалин ва ғайра бошанд.

Масъалаҳои ташкили занони фаъол барои иштирок дар машваратҳои истеҳсолии камбағалзанон дар колхоз ё коргарзанони истеҳсолӣ ба нақша ва чорабиниҳои КБММЗ дохил карда шуданд. Пешбарии занони фаъол ба кори роҳбарии низоми колхозӣ – кооперативӣ (раисон, ҷонишинон, аъзоёни раёсат ва ҳоказо), инчунин равона кардан ба курсҳои ноҳиявии бригадирҳо, раисони колхозҳо, ташкили маҳфилҳо барои коркарди абрешимӣ ва ҳаракати колхозӣ зарур буд [6, с. 82].

Ҳамзамон, масъалаи ҷалби таҷрибаи ташкили экскурсияҳои занони кишоварз ба совхозу колхозҳо ва (Мактаби ташкилкардаи Советӣ) МТС-ҳои намунавӣ, суҳбатҳо бо агрономҳо оид ба масъалаҳои махсус, аз қабили чӣ тавр бояд ба кишти баҳорӣ омода гардид, маҳорати истифода аз асбобу лавозимоти соҳаи кишоварзӣ, ташкили навбатдории ҳаррӯзаи фаъолзанони коммунист, комсомол, муаллимаҳо, духтурону агрономҳо, гирифтани маълумот оид ба тамоми масоили сохтмони колхозӣ ва ғ. пешбинӣ карда шуд [6, с. 81].

Бо мақсади таъмини ташкили кори пурсамари занон инструкторон, ваколатдорон ва ташкилоти марбутаро зарур буд, ки бештар фаъолзанонро сафарбар кунанд. Илова бар ин, дар маҳаллаҳо таҷрибаи иштироки занонро дар ҷамъоварии пахта, аз байни занҳо ҷудо кардани фаъолҳо ва пешбарии онҳо ба корҳои роҳбарикунӣ ва ташкилотчигӣ дар бригадаҳо дар давраи кишти баҳорӣ ба инобат гирифта шавад.

Пешниҳод гардида буд, ки тамоми кор оид ба ташкили меҳнати занон дар кишти баҳорӣ тавассути усули мусобиқаи байни маҷлисҳои намояндагӣ, машваратчизанон, фаъолзанон, байни бригадаҳо, фаъолзанони алоҳида гузаронида мешуд. Дар рафти ин мусобиқаҳо кумак ба гурӯҳҳои қафомонда, мукофотонидани иштирокчиёни фаъол, нишон додани ҳар як дастоварду норасоиҳо дар матбуот: газетаҳои деворӣ, рӯзномаҳои ноҳиявӣ ва ҷумҳуриявӣ ва бо инъикос намудани иштироки занон ҳатмӣ ҳисоб меёфт [28, с.37]. Ҳамаи корҳо ба нақшаи КБММЗ оид ба масъалаҳои ташкили хизматрасониҳои маишӣ дохил буданд. Баробари ин, қайд гардида буд, ки:

1. Яқин аст, ки агар кишти баҳорӣ, хизматрасонии маишӣ, хӯроки ҷамъиятӣ, муассисаҳои кӯдакона дар совхозу колхозҳо, қишлоқҳо дуруст ташкил карда нашавад, ягон нақша оид ба ташкили меҳнати занон иҷро намегардад. Аз ин рӯ, пешниҳод шуда буд, ки якҷоя бо кооператсияи истеъмолӣ, вазъияти мувофиқро дар доираи хизматрасонии хӯроки ҷамъиятӣ, хусусан зимни корҳои саҳроӣ, таҷрибаи шабакаи сайёри хӯроки ҷамъиятӣ, ташкили ошхонаҳои сайёри саҳроӣ, таъмини ин шабака бо ташкилотчиёни таҷрибадор, ки шароити маҳалро медонанд, кори мувофиқи омодасозиро гузаронида, нақшаи мушаххаси таъминкунии хӯроки ҷамъиятӣ дар мавсимӣ кишти баҳорӣ таҳия карда шавад.

Муассисаҳои маишӣ дар ҷойи корҳои саҳроӣ қарор мегирифтанд. Шаклҳои сайёри кори муассисаҳои кӯдакон бояд бештар корбарӣ гарданд. Тамоми маҷмуи хизматрсониҳои маиширо ба саҳро равона сохта, ба ин мақсад, аз каппа, чайла, хайма ва амсоли инҳо бояд истифода бурд.

КМ КБММЗК дар совхозҳо, колхозҳо ва деҳот барои вусъати фаъолияти муассисаҳои маишӣ ташкили бригадаҳою артелҳои маишӣ, додани вазифаи мушаххас, барпо кардани машваратҳои мунтазам бо онҳо барои табодули таҷриба ва вазифаҳои нав аз рӯйи масоили хизматрасониҳои маишӣ лозим аст. Ҳангоми бо ташаббуси модарон пайдошавии муассисаҳои худфаъолияти кӯдакон, расонидани кумаки ҳаматарафа, ба шабакаи умумӣ ворид сохтани онҳо ва таъминкунӣ бо маҳсулоти хӯрокворӣ ҳатмӣ мебошад. Бо дарназардошти он ки зимни бароҳмонии корҳо оид ба хизматрасониҳои маишӣ масъалаи кадрҳо тезутунд мегардад, ҷалби кормандони таҷрибадори шаҳрӣ, инчунин таълимгирандагони техникумҳои тиббӣ ва педагогӣ, ба роҳ монда шавад.

Ҳамчунин, таъмини муассисаҳои кӯдакон бо маҳсулоти хӯрокворӣ, муваффақ шудани мақомоти ноҳиявии кооператсияҳои истеъмолӣ ба қарордодҳои мувофиқ ва равонасозии саривақтии онҳо ба маҳалҳо асоси муваффақияти кор буд. Ин маъракаҳо, инчунин, барои мустаҳкамкунии базаи корҳои маишӣ ва ба вусъати пахтакори ва кирмакпарварӣ истифода бурда шуд.

Натиҷаи онҳо ба хизматрасониҳои маишии колхозу совхозҳо, қишлоқҳо равона гардида буд. Барои таъмини молиявии ин дастнигариҳо лозим дониста шуда буд, ки аз ҳар як гектари кишти ин сол ҷудо кардани якчанд килограмм барои фонди мустаҳкамкунии қитъаҳои зарбдори маишӣ зарур буд. КМ КБММЗ ба он андеша буд, ки клубҳои занон, гӯшаҳои сурх бояд ташкилотчиёну роҳбарони тамоми хизматрасониҳои маишӣ гарданд.

Як намуди фаъолияти КБММЗ бо маҷлисҳои намояндагӣ буд, ки бо инҳо КМ КБММЗ чунин мавқеъ дошт: маҷлисҳои намояндагии занони кишоварз бояд батракзанон, занони камбағалу миёнаҳолро ба мубориза алайҳи бойҳо, кулакҳо муллоҳо, эшонҳо, ки аз қафомондагии оммаи занҳо истифода мебурданду ба оммаи боқимонда муташаккилона таъсир мерасониданд, водор мекарданд. Чунки ин маҷлисҳои намояндагӣ ба ҳаракати оммаи батракону камбағалон ва миёнаҳолон барои ташкили шаклҳои гуногуни коллективии заминдорӣ ва хизматрасонии маишӣ ва ташкили меҳнати занон дар истеҳсолоти кишоварзӣ даъват мекарданд [29, с.71].

Зимни ҳалли ин масъалаҳо КМ КБММЗ ба масъалаҳои ташкили диққати махсус медод. Дар нақшаи чорабиниҳо қайд мегардад: «Ба мисли кори таъби дил барпо кардани ин маърака барасмиятдарории ташкилиро талаб мекунад, ки ба унсурҳои он, дар навбати аввал, инҳо мансубанд:

а) нақшаи кор; б) баҳисобгирии кор; в) баҳисобгирии қувваю воситаҳо; г) баҳисобгирии таҷрибаи маъракаҳои пешина [29, с.71]. Аз ҷумла, оид ба нақшаи кор гуфта мешавад: «Нақша он вақт хуб аст, ки он чорабиниҳои ҳамаи ташкилоти дар барпо кардани маърака иштироккунандаро муттаҳид созад, вақте он бо нишондодҳои рақамӣ, муҳлати иҷро ба таври мушаххас асоснок карда шудааст ва он то оғози маърака тартиб дода шуда, таблиғоти, вусъат додани хизматрасониҳои маишӣ ба роҳ монда шудааст [29, с.71]. Яъне, мураттабсозии нақша аз рӯйи нишондодҳои мушаххас зарур аст. Масалан ин ё он чорабинӣ кай, ба кадом муҳлат, дар кадом қишлоқ, ҷамоат, совхоз, колхоз ва монанди инҳо ташкил карда мешавад, кӣ хизмат мерасонад, кӣ барои ин ё он

чорабинӣ ҷавобгӯст (Комиҷроияи ноҳия, шуъбаи тандурустӣ, шуъбаи маорифи ноҳия, колхоз ва монанди инҳо) [29, с.71].

Дар барпо кардани маърака ва корҳои амалӣ ба ҳисоб гирифтани корҳое, ки дар нақшаи чорабиниҳои КМ КБММЗКЗ оварда шудааст, муҳим мебошад: баҳисобгирии корӯ иттилоот муҳиму зарур аст. Набудани баҳисобгирии пурраи корҳои асосӣ оид ба хизматрасониҳои маишӣ ва ташкили меҳнати занон, ки бо он муборизаи қатъиро бояд эълон кард, дида мешавад. Комитетҳои КБММЗКЗ бо ҷалби ташкилоти марбута бо ин масъалаҳо бояд шуғл варзанд, зеро бе ин ягон нақшаи кори маъно надорад.

Барои баҳисобгирӣ низоми маълумоти декадави (10-рӯза)-ро бо бақайдгирии умумӣ дар ноҳияҳо бояд ба роҳ монд. Маълумот лаҳзаҳои асосии маъракаро бояд дар бар гирад ва ба саволҳои зерин ҷавоб диҳад:

1. Чӣ гуна чорабиниҳо дар даҳрӯзаи навбатӣ оид ба ташкили меҳнати занон дар колхозҳо, артелҳои кишоварзӣ, дар кадом соҳаи кишоварзӣ ва пахтакори, кирмакпарварӣ, хоҷагиҳои ширӣ, парандапарварӣ ва монанди инҳо гузаронида шуданд?

2. Дар доираи ҷалби занон ба колхозҳо кадом корҳо ба сомон расонида шудаасту дар ин даҳрӯза чанд нафар зан аъзои колхоз шудаанд?

3. Дар соҳаи хизматрасонии маишӣ дар ноҳия чи кор карда шудаасту чи қадар шабакаи корхонаҳои маишӣ аз ҳисоби умумии кӯдакон сохта шудааст?

4. Дар вусъати муассисаҳои маишӣ худфаъолиятии омма ҷой дорад ё не? ва ҳ.к.[30, с.71].

Яқин аст, ки КБММЗ-ҳо чун ташкилоти ҷамъиятӣ фаъолияти худро тибқи вазифаи асосии ҷомеа дар умум ба роҳ мемонданд. КБММЗ-ҳо дар Тоҷикистон зимни қабули декрет дар бораи озодкунии занон яке аз Марказҳои амалисозии сиёсати давлат ҳисоб меёфт. Дар назди КБММЗ-ҳо артелҳои занона ташкил карда шуда буданд ва онҳоро баъзан КБММЗ занони коргар меномиданд. Аз соли 1930 тамоми фаъолияти КБММЗ ба масъалаи озодкунии занон алоқаманд буд.

Аз ин рӯ, муовини раиси КБММЗ-и назди КИМ-и ҶШС Тоҷикистон Шамсуддинова дар ҷаласаи намояндагони съезди IV Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон гуфтааст: Ташкилоти хоҷагидорӣ ва ҷамъиятии мо то ҳол (майи с.1931) иҷрои қарорҳои мақомотҳои ҳизбӣ ва Шуравиро дар масъалаи корҳо оид ба озодкунии занон лозим намедонанд, қарори Раёсати КИМ оид ба ташкили боғчаҳои мавсимӣ дар вақти ғунучини пахтаи соли 1930 аз тарафи ташкилоти зиёде иҷро нашуданд. Масалан, Иттиҳодияи пахта-Пахтасоюз ба масъалаи додани маблағ то моҳи ноябр, вақте ки занон дар давраи сардии ҳаво пахта намечинанд, дучор гардид. Маркази колхозӣ-Колхозсентр пул ҷудо намекард ва дар ғунучини пахта ширкат наварзид. Иттиҳодияи пахта дар ҷаласаи раёсати хеш ҳатто қарори Раёсати КИМ-ро аз нав дида баромад. Ҳамаи ин шаклҳои бюрократии кор ба ғунучини саривақтии пахта таъсир расонидаанд. Чунин ҳолат набояд ҷой дошта бошад ва бюрократизмро, ки кори озодкунии занон, ҷалби онҳоро ба сохтмони сотсиалистии қишлоқ ба таъхир меандозад, бояд аз байн бурд [30, с.71].

Чӣ тавре маълум аст, ҳанӯз дар охири солҳои 20-ум асри XX дар ИҶШС анъанаи эълон кардани маъракаҳо барои иҷрои корҳои муайян дар истеҳсолот ба вуҷуд омада буд.

Сараввал ин дар давраи кишт ва баъдан дар давраи коркард ва ҷамъоварӣ низ гузаронида шуд. Дар рафти доир кардани ин маъракаҳо содагии иштироки занон қайд гардид, ки сабабҳои бисёр дошт. Аммо набудани боғчаҳо ва муассисаҳои кӯдакона ба унвони омили асосӣ ҳисоб меёфт. Аз маводи бойгонӣ аён мегардад, ки бо масъалаи ташкили боғчаҳо Комиссариати халқии тандурустӣ машғул буд. Бо сабаби он, ки имкониятҳои ин вазорат маҳдуд буданд, КБММЗ ба вазоратҳои дигар дар бораи ҷудо кардани маблағ барои кушодани муассисаҳои кӯдакона муроҷиат намуд. Дар асоси шартномаҳои коллективӣ вазоратҳо ва иттифоқҳои касаба барои эҳтиёҷоти маишати меҳнаткашон аз 1 то 4% маблағ ҷудо мекарданд. Аммо ин маблағҳо фоизи хеле ками хароҷотҳоро мепӯшонанду халос. Аз ин рӯ КБММЗ аз ташаббуси муассисаҳои давлатӣ оид ба дастгирии беҳдошти мақсадноки маишати

меҳнакашон барои кушодани боғчаҳои мавсимӣ ва муассисаҳои кӯдакона дар давраҳои кишт, чобуққунӣ, хушовакунӣ, ҷамъоварии ҳосил истифода мебурд. Барои донистани муносибати вазорату идораҳо ба чунин маъракаҳо ба чунин ҳуҷҷатҳо такя кардан кофист. Аз ҷумла, ба протоколи Машварати назди КИМ-и ҶШС Тоҷикистон бо намояндагони Комиссариатҳои халқӣ, ташкилоти ҷамъиятӣ ва хоҷагидорӣ аз 14.05.1931, ки дар он масъалаи ташкили боғчаҳо дар давраи ғунучини пахта муҳокима гардидааст.

Намояндаи Комиссариати халқии тандурустӣ Бубок дар маърӯзааш ба тамоми Комиссариатҳои халқӣ, ки ба кори занон сару кор доранд, дар давраи мавсим бо мақсади истифодаи самараноктари меҳнати занон кушодани боғчаҳои мавсимиро тавсия дод.

Ба ин пешниҳод иштирокчиёни машварат чунин ҷавоб доданд: Намояндаи таъминоти давлатии Тоҷикистон қайд кард, ки КХТ бояд нишон диҳад, ки дар кадом қишлоқҳо ва ноҳияҳо шабакаи боғчаҳоро кушодан мумкин аст. Таъминоти давлатии Тоҷикистон ба Тоҷиксавдо ва Тоҷикматлубот дар асоси дархостҳои КХТ таъмин кардани боғчаҳоро бо тамоми чизҳои зарурӣ амр медиҳад. Аз тарафи худ иштироки тамоми ташкилоту муассисаҳои манфиатдорро дар ташкили боғчаҳо зарур меҳисобад. Ӯ ташаббусҳоро дастгирӣ мекунад [30, с.65].

Намояндаи Комиссияи пахта дар баромади худ арз кард: «Барои боғчаҳо маблағ надоранд ва 1% / 4%-и аз музди меҳнати худ ҷудо мекунанд ва дигар ягон танга дода наметавонанд»[30, с.68]. Баъдан чунин пешниҳод намуд: «Дар назди заводҳои пахта боғчаҳо кушода шаванд ва деҳқонон кӯдакони худро ба он ҷо биёранд. Иттифоқҳои касаба тавассути аҳли ҷамъиятчигӣ дар қишлоқҳои башефигирифтаи худ боғчаҳо кушоянд. Ӯ чун намояндаи Комитети пахта арз менамояд, ки Комитети пахта дигар маблағ надорад» [30, с.70]. Намояндаи Тоҷикматлубот низ гузориш дод. Ӯ пешниҳод кард, ки ба кушодани боғчаҳо Иттиҳоди пахта ва Комитети пахта шуғл варзанд, зеро ки онҳо аз ҳама бештар ба ҷамъоварии пахта манфиатдоранд. Намояндаи Иттиҳоди пахта арз кард, ки

онҳо барои кушодани боғчаҳо маблағ надоранд ва чӣ гуна қарор баророанд ҳам, Иттиҳоди пахта пул намедиҳад [30, с.70].

Намояндаи Маркази колхозӣ таъкид намуд: «Ташкили боғчаҳо масъалаи асосии тамоми кори мо оид ба ҷалби меҳнати занон ба колхоз бояд бошад ва бо ин чорабинӣ занон аз кору бори рӯзғор, тарбияи кӯдакон озод намешаванд ва нақшаи истеҳсолии кишоварзӣ иҷро намегардад» [30, с.75]. Ин масъала дар як қатор иҷлосияҳои ҳизбӣ, Шуравӣ, ҷамъиятӣ мавриди муҳокима қарор дода шуд. Мо ба ин масъала аз нуқтаи назари хоҷагидорӣ бояд рӯ орем, то ин ки ягон тин беҳуда сарф нашавад. Оид ба дарёфти маблағ барои ташкили боғчаҳо намояндаи Комиссариати халқии тандурустӣ (КХТ) рафиқ. Бубок пешниҳоди хуб кард: аз ҳисоби аз ноҳияҳои кӯҳӣ овардани қувваи кори. Маркази колхозӣ аз тарафи худ ин пешниҳодро қабул донист ва дар баъзе колхозҳо ташкили фаъолияти боғчаҳоро ба худхизматрасонӣ ва худтаъминкунӣ бо маҳсулот имконпазир шуморид ва арз кард, ки тамоми ташкилоти ба кироян қувваи кори алоқаманд маблағҳои худро ба ташкили боғчаҳои мавсимӣ равона сохта, дар тамоми намудҳои соҳаи кишоварзӣ аз меҳнати занон истифода баранд.

Яке аз методҳои ҷалби занон ба меҳнат (фаъолият)-и муфиди ҷамъиятӣ маҷлисҳои занон буданд, ки аз соли 1928 дар колхозҳо, совхозҳо, заводҳо, фабрикаҳо ва ташкилотҳо мунтазам гузаронида мешуданд. Дар воқеъ, маҷлисҳои занон интиқолдиҳандаи ғояҳои ҳокимияти Шуравӣ буданд. Ҳамчунин, машваратҳои минтақавӣ, вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ, осиёимиёнагӣ, умумииттифоқии занони меҳнаткаш гузаронида мешуданд. Шуъбаи занони КМ ҲК(б)-и Тоҷикистон қарор қабул кард, ки дар моҳи март ва апрели соли 1932 машварати ҷумҳуриявии занони коргарро гузаронанд. Бинобар ин КМ ҲК(б)-и Тоҷикистон бо мактуби расми ба тамоми комитетҳои ҳизбии ноҳияҳо муроҷиат намуд. Дар он гуфта мешуд, ки аз нав интихобкунии маҷлисҳои намояндагии занон дар шаҳру қишлоқҳо то 1.03.1932 бояд ба охир мерасид [30, с.54].

Маъракаи азнавинтихобкунии маҷлисҳои намояндагӣ маъракаи оммавии сиёсӣ буд ва ба он тамоми сохторҳои аҳли ҷамоатчигии ҳизбӣ, комсомолӣ, Шуравӣ ва иттифоқҳои касаба оид ба масъалаҳои кор байни занон сафарбар

гардиданд. Ин масъала дар конференсияи XVII ҳизбӣ мавриди муҳокима қарор гирифт ва дар он нақши занон оид ба иҷрои нақшаи соли охири панҷсолааш якуми хоҷагии халқ махсус қайд карда шуд. Аз ҷумла, қайд гардид, ки маҷлисҳои намояндагии коргарзанон дар корхонаҳо ва ҳизбу иттифоқҳои касаба дар кори ташкилии кадрҳои коргарзанони маҳаллӣ, дар кори ташкили коргарзанон дар атрофи мубориза барои нақшаи молиявии саноатӣ, барои ҳисобкунии хоҷагидорӣ, барои баланд бардоштани меъёрҳои коркард ва сифати маҳсулот, яъне барои дар таҷриба амалӣ гардонидани шиори «Рӯ овардан ба истеҳсолот» бояд кумак мерасониданд [30, с.73].

Дар мурочиатнома ба таври махсус дар бораи занони деҳот гуфта шудааст: «Маҷлисҳои намояндагии занони кишоварз ба мустаҳкамкунии ташкилӣ ва хоҷагидории колхозҳо, барасмиятдарории қонунии аъзогии занони кишоварз, ба азхудкунии техникаи истеҳсолоти колхозӣ, ба иҷрои 100%-и нақшаи кишти баҳорӣ (1932) бояд ёрӣ диҳанд» [30, с.73].

Аз инҳо вазифаҳои зерин бармеояд:

1. Маҷлисҳои намояндагии занон бояд ба роҳбарии ҳаррӯзаи ҳизбӣ пурра таъмин бошанд. Маҷлисҳои намояндагиро танҳо дар назди ташкилотҳо ва зеркомитетҳои ноҳия бо масъулияти шахсии аъзоёни бюро барои ба роҳ мондани кори маҷлисҳои намояндагӣ ташкил кардан мумкин аст.

2. Маҷлисҳои намояндагӣ дар корхонаҳо ташкил мегардиданд ва аз рӯйи принсипи истеҳсолӣ (аз рӯйи сехҳо дар асоси кори худ, омӯзиши амалии истеҳсолоти мазкур) кор мекарданд. Дар колхозҳо аз рӯйи принсипи минтақавӣ ташкил мешуд: занони кишоварзи як КБММЗ ё якчанд колхоз ё батраказанон, занони камбағалу миёнаҳоли якчанд деҳа муттаҳид мешуданд.

Меъёрҳои интихоби намояндагон чунин буданд:

як нафар аз байни 3-5-10 коргарзан;

як нафар аз байни 20 колхозчизан;

як нафар аз байни 10 коргарзани совхоз;

як нафар аз байни 10 косибзан;

як нафар аз байни 25 занони коргар;

як нафар аз байни 30 косибзан;

як нафар аз байни 50-100 хонашини хизматчӣ;

Занони аъзоёни ҳизб, комсомолзанон ва фаъолзанон дар маҷлисҳои намояндагӣ интихоб намегардиданд, аммо ба кори маҷлисҳои намояндагӣ ҷалб мешуданд.

Чӣ тавре ки маълум аст, аз солҳои 1930 дар назди Раёсати КИМ ҶШС Тоҷикистон Комитет оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварз (КБММЗ) бо мақсади кор дар байни занон таъсис ёфт. Комитет аз тамоми чорабиниҳое, ки дар мамлакат барои ҷалби оммавии занон дар ҳаёти ҷамъиятӣ - хоҷагидорӣ ва маданӣ гузаронида мешуданд, истифода мебурд. Яке аз онҳо азнавинтихобкунӣ ба шуроҳо буд. Дар яке аз ҳуҷҷатҳое, ки аз тарафи КИМ ҶШС Тоҷикистон ва КМКБММЗ-и назди КИМ Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон ба имзо расонида шуда, санаи рӯз надорад ва ба унвони комиҷроияи ноҳияҳо равона гардидааст гуфта мешавад:

Фаврӣ ва Комиҷроияи ноҳияҳо, КБММЗ.

Бинобар маъракаи қарибулвуқуи азнавинтихобкунии Шуроҳои КБММЗ масъалаи доир кардани конференсияи машваратчизанонро гузоронад. Дар маҳалҳо дар хусуси барпо кардани он дастур ва барои даъвати конференсия маблағ ҷудо карда шуд [6, с.73].

КБММЗ қайд кардааст: «Ҳоло муттаҳидсозии батракзанон, занони камбағалу миёнаҳол вазифаи муҳимтарини кори оммавии сиёсии мо мебошад. Ин кор дар давраи тезутундшавии муборизаи синфӣ дар деҳот, вақте ки батракҳо, камбағалон ва миёнаҳолон фаъол гардида аз тарафи кулакҳо ба муқобилият дучор мешаванд, аҳаммияти хосса касб мекунад» [6, с.75].

Дар ин маъракаи пешазинтихоботӣ ва интихоботӣ Шуроҳо тамоми чораҳо андешида шуданд, то занони коргар симои душмани синфиро шинохта гиранд. «Дар интихобот тамоми тадбирҳоро андешидан лозим аст, ки иштироки занон дар кори Шуроҳо ва вазифаҳои роҳбарикунанда таъмин карда шавад» [6, с.73].

Ҳамзамон, КБММЗ чунин тавсия дод: «Комиҷроияи ноҳияҳо ва КБММЗ ба ин масъала бояд диққати ҷиддӣ диҳанд. Дар давраи маъракаи интихобот барпо кардани маҷлисҳои алоҳидаи занон зарур аст. Дар вақти маъракаи азнавинтихобкунӣ ироаи маърӯзаҳо аз тарафи аъзоёни ҷамоати деҳот, маърӯзаҳои КМИ-и занон дар бораи кори амалии онҳо дар шуроҳо, корбурди маҷлисҳои намояндагии занон, гурӯҳҳои камбағалони деҳоту шаҳрҳо ва барпо кардани маҷлисҳои интихоботи умумӣ (мардон ва занон) зарур аст» [6, с.73].

Бо мақсади таъмини бештари ҷалби занон ба маҷлисҳои пешазинтихоботӣ ва интихоботӣ КБММЗ бо қарори худ ба Комиссариатҳои халқии тандурустиву маориф Тоҷикматлубот супориш дод, ки корро оид ба хизматрасониҳои маишӣ (боғчаҳои кӯдакон, хонаҳои кӯдакон, ошхонаҳо) ба занони меҳнаткаш вусъат диҳанд. Барои парасторӣ аз кӯдакон дар вақти рафтани модарон ба маҷлисҳои ҳисботӣ ва интихоботӣ, инчунин муассисаҳои маишӣ дар давраи маъракаи пешазинтихоботии КБММЗ, Комиссариатҳои халқии тандурустӣ ва маориф, Тоҷикматлубот ба таври фаврӣ маблағҳои махсусро ҷудо карда, ба ноҳияҳо равон карданд. КБММЗ бо мактуби расмӣ аз ноҳияҳо хоҳиш кард, ки «дар ҷойҳо ташкили саривақтии чорабиниҳои фавқуззикр ва хароҷоти маблағҳо аз рӯйи таъинот пайгирӣ карда шавад» [6, с.73].

Тамоми лаҳзаҳои маъракаи пешазинтихоботӣ ва интихоботӣ, баҳисобгирии занони ба ҷамоати деҳот интихобшуда ва ҷамъоварии маълумотҳо, ҳисоботҳои роҳбарони шуроҳои деҳот ва аъзоёни КИМ аз ҳисоби занон, протоколҳои маҷлисҳои умумии занон ва баромади фаъолонро дар матбуот дарҷ кардан зарур аст.

Чӣ тавре маълум аст, ҷомеаи шуравии сотсиалистӣ ва роҳбарияти сиёсӣ дилхоҳ чорабиниҳоро чун минбари татбиқи сиёсати худ истифода мебурд. Маъракаҳои азнавинтихобкунӣ на танҳо аз зумраи чунин чорабиниҳо, балки ҳисобот оид ба корҳои иҷрошуда буданд.

Дар ҳисоботи худ оид ба маъракаи азнавинтихобкунӣ солҳои 1930 - 1931 ба шуроҳо муовини КБММЗ Шамсуддинова хабар дод: «Дар солҳои 1930 - 1932

комиссияи интихоботӣ дар қиёс бо солҳои 1928 - 1929 иштироки бештари занонро дар интихобот нишон дод». Чунончи, аз микдори умумии дар интихобот иштироккунандагон аз 42,9% то 63,6% ва иштироки занон аз 22,5% то 41% афзуд. Агар ба ҳайати 165 шурои ҷамоатҳо 4292 нафар интихоб шуда бошад, пас аз онҳо занон 943 нафар, яъне 22,5%-ро ба ҷойи 14,7% ташкил дод [3, с.8].

Бо мақсади фаъолгардонии иштироки тамоми ҷомеа дар кори сохтмони сотсиалистӣ Ҳокимияти Шуравӣ аз тамоми имкониятҳои ташкилоти ҷамъиятӣ ва давлатӣ истифода мебурд. Интихобот дар тамоми сохторҳои ҳокимияти давлатӣ ҳанӯз аз нимаи дуюми солҳои 20-уми асри ХХ чорабиниҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ ва маъракаҳои умумихалқӣ гардида буданд. Аз ин рӯ Ҳокимияти Шуравӣ интихоботро ба сифати яке аз фишангҳои таъсиррасонии сиёсии ҷомеа истифода менамуд.

Яке аз намудҳои интихобот интихоботи маҷлисҳои намояндагӣ буданд, ки доимӣ гардида буданд. Ба фаъолияти маҷлисҳои намояндагии мақомотҳои ҳизбии тамоми сатҳҳо комиҷроияи ноҳияҳо ва вилоятҳо, КМ ҲК(б), бюрои Осиёимиёнагии КМ ҲК(б) роҳбарӣ мекарданд. Оид ба маҷлисҳои намояндагӣ дар адабиёти нашршуда ягон хел маълумот нест. Дар ин бора аввалин маротиба дар тадқиқоти мо сухан меравад. Дар маводди фондҳои КИМ ҶШС Тоҷикистон ва ШКХ маълумот оид ба ин масъала кофист. Чӣ тавре ки маълум аст, дар оғози солҳои 1932 маъракаи азнавинтихобкунӣ ба маҷлисҳои намояндагӣ баргузор гардид. Оид ба ин масъала КМ ҲК(б)-и Тоҷикистон ба тамоми комитетҳои ҳизбии ноҳияҳо бо мактуб дар бораи маҷлисҳои азнавинтихобкунии намояндагон муроҷиат кард: «Азнавинтихобкунии намояндаҳои даъвати солҳои 1932 қарори Бюрои осиёимиёнагии КМ ҲКУ(б) моҳи январ дар шаҳрҳо ва моҳи феврал дар деҳот бояд гузаронида мешуд» [6, с. 8].

Вазъияти нав, шароити нави кор аз ташкилоти ҳизбӣ, Шуравӣ, ҷамъиятӣ ва хоҷагидорӣ, азнавсозӣ ва баланд бардоштани нақши маҷлисҳои намояндагиро то сатҳи вазифаҳои нави кор дар тамоми қитъаҳои сохтмони сотсиалистӣ талаб мекард.

Дар раванди кори маҷлисҳои намояндагӣ дар солҳои 1930-1931 аз тарафи як қатор ташкилоти ҳизбӣ арзёбии нодурусти маънои сиёсии маҷлиси намояндагӣ чун шакли асосии кори оммавӣ байни занон сустшавии роҳбарияти ҳизбӣ мушоҳида гардид ва дар натиҷа, маҷлисҳои намояндагӣ коҳиш ёфт. Шаклҳои нави корӣ-маҷлисҳои намояндагӣ, равонасозии онҳо ба ба истеҳсолот, ба сех, ба бригада, нақшаҳои молиявии саноатӣ, ба мустаҳкамкунии ташкилӣ ва хоҷагидории колхозҳо ва монанди инҳо масъалаҳои ҳаррӯзаи кори маҷлисҳои намояндагӣ нагардиданд. Теъдоди хеле зиёди намояндагони коргарзанону кормандони совхозҳо ба кори фаъол дар ташкилоти Шуравӣ, хоҷагидорӣ ва кооперативӣ ҷалб карда нашуданд.

Хатоҳои соли 1931-ро ба ҳисоб гирифта, шуъбаҳои тарғиботии КМ ҲК(б) Тоҷикистон диққати тамоми ташкилоти ҳизбӣ, комсомолӣ, Шуравӣ, хоҷагидорӣ ва ҷамъиятиро дар атрофи вазифаҳои маҷлисҳои намояндагӣ сафарбар намуд. Вазифаҳои асосии маъракаи азнавинтихобкунӣ дар он буд, ки оммаи васеи занони меҳнаткаши Осиёи Миёнаро ба иҷрои қарорҳои иҷлосияҳои июнӣ ва октябрии КМ ҲКУ(б) равона созад.

«Тамоми намудҳои кори оммавӣ ва клубҳо, гӯшаҳои сурх, чойхонаҳои сурх,-гуфта шудааст дар муроҷиатнома,-барои сафарбаркунии аҳли ҷамоатчигӣ дар атрофи вазифаҳои маъракаи азнавинтихобкунӣ бояд мутобиқ гардонида шавад. Ташкили боғчаҳову хонаҳои муваққатии кӯдакон барои таъмини иштироки васеи занон дар маъракаи азнавинтихобкунӣ зарур аст. Ёрии ҳаматарафаи ташкилоти шефӣ ба деҳоту аулҳо дар бомуваффақият барпо кардани маърака, равона сохтани бригадаҳои махсуси коргарзанон ба қишлоқҳо ва аулҳо ҳатмӣ мебошад» [6, с.8].

Матбуот, тамоми рӯзноманигорон ба маъракаи интихоботӣ рӯ оварда, шарҳу тавсифи васеи кори маҷлисҳои намояндагӣ, намояндагони алоҳида, кори омодасозӣ ва рафти азнавинтихобкуниро ташкил намуданд [167].

Маъракаи азнавинтихобкунӣ дар деҳот,-гуфта шудааст дар як ҳуҷҷат,-ба маъракаи тайёрӣ ба кишти баҳорӣ рост омад. Бинобар ин чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани ҳосилнокӣ, оид ба ҷалби занон ба маҳфилҳои роҳпаймоии

агротехникӣ вазифаҳои аввалиндарачаи маъракаи азнавинтихобкунӣ буданд [167].

Азнавинтихобкунии намояндагон ба ҷалби васеи оммаи занон ба тамоми раванди корҳои кишоварзӣ, кишти баҳорӣ, кирмакпарварӣ, барасмиятдарории қонунии занон, аъзоёни колхоз ва хизматрасонии маишӣ, вусъати мусобиқаҳо ва ғайра бояд мусоидат намоянд. Аз ин рӯ, дар мурочиатнома гуфта шудааст: «Дар шаҳрҳои куҳна азнавинтихобкунии намояндагон ба ҷалби кадрҳои нави коргарзанони маҳаллӣ ба истеҳсолот ва ба фаъолнокии бештари занони меҳнаткаш дар мубориза бо боқимондаҳои хурофоти маишӣ оид ба бартарафсозии гӯшанишинӣ, фаранҷӣ, қалин ва монанди инҳо бояд кумак расонанд» [167].

Кори шефии ячейкаҳои истеҳсолии ҳизбиро аз болои маҳаллаҳо бояд ҷоннок кард.

Шуъбаҳои тарғиботи КМ ҲК ва кумитаҳои вилоятии ҳизбро лозим аст, ки ба ташкил ва роҳандозии шабакаҳои маҷлисҳои намояндагӣ бо дарназардошти таъмини мунтазами роҳбарони ҳизбӣ ва бозсозии кори онҳо, яъне рӯ овардан ба истеҳсолот, таваҷҷуҳи махсус зоҳир намоянд [8, с.173].

Барои ин дар охири декабр ва нимаи аввали моҳи январ муқаррар намудани шабакаи мустаҳками нуқтаҳои намояндагиро тавре муқаррар намудан зарур аст, ки маҷлисҳои намояндагӣ дар истеҳсолот: дар назди сеххо дар қишлоқҳо, дар назди комитетҳои ҳизбӣ ва ячейкаҳои такягоҳии ҳизбӣ дар совхозҳо, колхозҳои калон ва (Мактаби ташкилкардаи Советӣ) МТС ташкил карда шаванд. Дар назар аст, ки дар ин ҷойҳо маҷлисҳои намояндагӣ ташкил карда шуда, ячейкаҳои ташкилоти роҳбари маҷлиси намояндаҳо ҷудо карда шуда, барои онҳо курсҳои машваратии 3-5-рӯза доир карда шавад ва то санаи 15.01.1931 шабакаи нуқтаи маҷлисҳои намояндагонро ба Бюрои осиёимиёнагии КМ ҲКУ(б) пешниҳод намоянд [8, с.173].

Шуъбаҳои тарғиботи оммавии КМ ва комитетҳои ҳизбии вилоятҳоро ба гузаронидани маъракаи азнавинтихобкунии намояндагони деҳот, интихоб

намудани вакилон аз ҳисоби фаъолзанони коммунист ва барои гузаронидани курсҳои машваратӣ дар Марказҳои ҷумҳуриявӣ ёрӣ зарур буд.

Азнавинтихобкунии намояндагони корхонаҳои калони саноатӣ дар маҳаллаҳои коргарӣ зери роҳбарии ячейкаи ҳизбии корхона гузаронида мешуд [8, с.173].

Азнавинтихобкунии косибон дар артелҳо зери роҳбарии ячейкаи ҳизбии иттифоқи саноатӣ гузаронида мешуд.

Таҳлили ҳамаҷонибаи сохтори ташкилӣ, заминаҳои ҳуқуқӣ ва самтҳои стратегии фаъолияти Кумитаи беҳдошти меҳнат ва маишати занон (КБММЗ) имкон медиҳад, ки ҷанбаҳои институтсионалии ин ниҳод дар доираи ислоҳоти шуравии солҳои 1928–1934 чунин ҷамъбаст карда шаванд:

Аввалан, сохтори КБММЗ ҳамчун модели мутамаркази идоракунии «амудӣ» (вертикалӣ) ва низоми сахти иерархивие тарҳрезӣ шуда буд, ки мақоми баланди давлатӣ ва нуфузи сиёсии онро дар сохтори ҳокимият таъмин менамуд. Қарор гирифтани Кумита бевосита дар назди Раёсати Кумитаи Иҷроияи Марказии (КИМ) ҶШС Тоҷикистон - олитарин мақоми қонунгузор ва иҷроияи он давр, ба ин ниҳод ваколатҳои фаросоҳавӣ ва фишангҳои пуриқтидори идоравӣ мебахшид. Ин ҷойгоҳи институтсионалӣ маънои онро дошт, ки қарорҳои Кумита дорои қувваи ҳатмии давлатӣ буда, иҷрои онҳо барои тамоми ниҳодҳои поёнӣ ва маҳаллӣ амри воҷиб маҳсуб меёфт. Ин сохтори мукаммал имкон медод, ки Кумита аз доираи маҳдуди тавсияву маслиҳатҳо баромада, ба як «маркази назорат ва ҳамоҳангсозии байнисоҳавӣ» табдил ёбад. Он мустақиман аз болои фаъолияти комиссариатҳои халқии маориф, тандурустӣ, кишоварзӣ ва таъминоти иҷтимоӣ дар масъалаҳои марбут ба занон назорати давлатӣ мебурд. Чунин тарзи идоракунӣ барои он зарур буд, ки захираҳои парокандаи давлатӣ дар як нуқта мутамарказ карда шаванд: масалан, агар Комиссариати маориф вазифадор буд, ки мактабҳои занона кушояд, КБММЗ иҷрои ин нақша, назорат ва маблағгузории онро аз нигоҳи стратегӣ асоснок мекард. Инак, КБММЗ дар низоми сиёсии солҳои 1928–1934 на ҳамчун ташкилоти ҷамъиятии ихтиёрӣ ё ниҳоди хайриявӣ, балки ҳамчун

«ҷузъи ҷудоинопазири стратегияи идоракунии Марказӣ» ва фишанги асосии «муҳандисии иҷтимоӣ» амал мекард. Ҳадафи ниҳоии ин сохтор сафарбар намудани тамоми имкониятҳои низоми давлатдорӣ барои расидан ба трансформатсияи куллии гендерӣ буд. Аз диди интиқодӣ, ин модели «амудӣ» нишондиҳандаи он аст, ки давлат барои шикастани сохторҳои суннатӣ ба ниҳоде ниёз дошт, ки дорои иқтидори мутлақи маъмурӣ бошад ва тавонад иродаи сиёсии марказро дар муҳити мураккаби иҷтимоии Тоҷикистон бечунучаро татбиқ намояд.

Сониян, заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти Кумита ҳамчун «технологияи легитимизатсияи» нақшҳои нави иҷтимоии зани тоҷик хизмат мекарданд, ки ҳадафи онҳо комилан дигаргун сохтани низоми арзишҳо ва шуури ҳуқуқии ҷомеа буд. Силсилаи декретҳо ва қарорҳои Кумитаи Иҷроияи Маркази (КИМ) ва Шурои Комиссарони Халқи ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1928–1934), ки ваколатҳои КБММЗ-ро муайян менамуданд, ҷараёни озодсозиро аз доираи маҳдуди анъанаҳои маҳаллӣ ва меъёрҳои шариат берун оварда, ба доираи ҳуқуқии давлатӣ ворид карданд. Ин раванд маънои онро дошт, ки давлат бо истифода аз иқтидори қонунгузорӣ мақоми иҷтимоии занро аз нав таъриф намуда, ба он эътибори расмии сиёсӣ бахшид. Аз диди интиқодӣ, ин маҷмуи қонунгузорӣ на танҳо воситаи ҳифзи ҳуқуқ, балки механизми «интервенсияи ҳуқуқии давлат» ба фазои то ин замон «сакралӣ» ва пӯшидаи шахсӣ ва оилавии зани тоҷик маҳсуб меёфт. Давлат тавассути ваколатҳои КБММЗ бори аввал «девори маҳрам»-ро рахна карда, ҳуқуқи занро ба меҳнати ҷамъиятӣ, таҳсил ва иштирок дар ҳаёти иҷтимоӣ аз нигоҳи қонун ҳатмӣ ва афзалиятнок эълон намуд. Ин амр боиси он гардид, ки зан аз мақоми «тобеияти оилавӣ» ба мақоми «шаҳрвандии давлатӣ» гузарад, ки дар он ҳимояи манфиатҳои ӯ на ба иродаи сарвари оила (падар ё шавҳар), балки ба иродаи қонун ва ниҳодҳои назоратӣ, мисли КБММЗ, вобаста гардид. Инак, заминаҳои ҳуқуқӣ ба Кумита имкон медоданд, ки ҳамчун «арбитри иҷтимоӣ» баромад намуда, зиддиятҳои байни қонунгузории нави шуравӣ ва урфу одатҳои куҳнаро ба нафъи модернизатсияи гендерӣ ҳал намояд. КБММЗ дар ин замина на танҳо иҷрокунандаи қонун,

балки тарҳрезӣ (конструктори) воқеияти нави ҳуқуқие буд, ки дар он фаъолнокии зан ҷузъи ҷудоинопазири суботи сиёсӣ ва рушди иқтисодии ҷумҳурӣ эътироф мешуд.

Холисан, афзалияти стратегӣ ва бартарии институтсионалии КБММЗ дар «монетизатсия ва захирабандии» раванди эмансипатсия ифода меёфт, ки ин амр заминаи воқеиро барои гузариш аз шиорҳои сиёсӣ ба дигаргунсозиҳои моддӣ фароҳам овард. Бархӯрди муосири илмӣ собит менамояд, ки фарқияти бунёдии Кумита аз дигар сохторҳои «занона» (ба монанди женотделҳо) дар мавҷудияти заминаи мустақили молиявӣ ва фондҳои махсуси мақсаднок (ба монанди «Фонди беҳдошти маишат») зоҳир мегашт. Ин мухторияти молиявӣ ба Кумита имкон медод, ки на танҳо ба таблиғоти мафкуравӣ иктифо кунад, балки ҳамчун як ниҳоди «иқтисодӣ» дар сохтмони воқеии инфрасохтори иҷтимоӣ - ясliҳо, боғчаҳо, ошхонаҳои ҷамъиятӣ ва коргоҳҳои дӯзандагӣ мустақиман саҳм гузорад. Дар ин замина, КБММЗ ҳамчун «оператори асосии молиявии давлат» дар самти модернизатсияи гендерӣ баромад мекард. Давлат масъалаи озодсозии занро ба як бахши ҷудоинопазири иқтисодиёти нақшавӣ табдил дода, Кумитаро вазифадор намуд, ки маблағҳои ҷудошударо барои «инқилоби маишӣ» сарф намояд. Аз диди интиқодӣ, ин раванд нишондиҳандаи он аст, ки Ҳокимияти Шуравӣ стратегияи «харидории эътимоди иҷтимоӣ»-и занонро пеш гирифта буд: давлат тавассути сармоягузорӣ ба ниёзҳои аввалияи маишӣ занонро ҳавасманд мекард, ки аз доираи анъанавии оила баромада, ба қувваи кории фаъол дар соҳаҳои пахтакорӣ ва саноат табдил ёбанд. Инак, ваколатҳои молиявии Кумита фишанги асосие буданд, ки трансформатсияи гендериро аз як идеяи назариявӣ ба як раванди бебозгашти моддӣ- таърихӣ табдил доданд.

Воқеан, аз нигоҳи методӣ ва функсионалӣ, ваколатҳои КБММЗ дорои хусусияти хоси «назоратӣ-иҷроия» буданд, вале дар амалияи идорӣ бо зиддиятҳои амиқи бюрократӣ ва норасоии захираҳои кадрӣ рӯбарӯ мешуданд. Сарчашмаҳои таърихӣ собит менамоянд, ки Кумита дар низоми идоракунӣ нақши «нозири олии иҷтимоӣ»-ро мебозид, ки вазифадор буд, воқеияти меҳнат ва маишати занонро дар корхонаҳо ва хоҷагиҳои пахтакор тафтиш намуда,

иҷрои ҳатмии қонунгузории гендериро аз ҷониби маъмуриятҳо талаб кунад. Ин ваколатҳо ба Кумита ҳуқуқ медоданд, ки дар сурати поймол шудани ҳуқуқи занон масъулини идораҳоро ба ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ кашад. Аммо диди интиқодӣ ошкор менамояд, ки дар солҳои 1928–1934 фосилаи ҷиддӣ байни «стратегияҳои олии давлатӣ» ва «имкониятҳои воқеии иҷроия» дар маҳалҳо ба вуҷуд омад. Ин вазъият боиси пайдоиши феномени «формализми идоравӣ» (коғазбозӣ) гардид, ки дар он ҳисоботҳои расмӣ аксаран ҷанбаҳои мусбати корро нишон дода, мушкилоти воқеии занон, ба монанди норасоии шадиди мутахассисони соҳибтаҷриба, буҳрони таъминоти маишӣ ва муқовимати ниҳонии идораҳои маҳаллиро рӯпӯш мекарданд. Инак, ваколатҳои назоратии Кумита, сарфи назар аз иқтидори баланди ҳуқуқӣ, дар шароити Тоҷикистони он замон бо маҳдудиятҳои сохторӣ рӯбарӯ шуданд, ки ин амр зарурати ҷустуҷӯи моделҳои чандири (гибкий) идоракуниро дар марҳалаҳои баъдии модернизатсия тақозо менамуд.

Ҳамин тариқ, сохтор ва заминаҳои ҳуқуқии КБММЗ ин ниҳодро ба як механизми пуриқтидори идоракунӣ табдил доданд, ки ҳадафи он на танҳо кумак ба занон, балки «азнавсозии институтсионалии ҷомеа» буд. Ин ниҳод заминаи ҳуқуқӣ ва маъмуриро барои гузариши занони тоҷик аз низоми анъанавии хонаводагӣ ба низоми муосири давлатдорӣ фароҳам овард, ки ин ҷавҳари сиёсати иҷтимоии Тоҷикистонро дар солҳои 1928–1934 ташкил медод. КБММЗ барои татбиқи вазифаҳои дар назди он гузошташуда, чун ташкилоти ҷамъиятӣ, қариб бо ташкилоту муассисаҳои дигари ҷумҳурӣ, ки бавосита ё бевосита масъалаҳои сохтмони сотсиализм ва ба масъалаи иҷрокунандагони ин вазифа шаҳрвандони мамлакат дар маҷмуъ ва алалхусус занон алоқамандад, робитаи зич дошт. Аз тадқиқоти мо бар меояд, ки тамоми идораву вазоратҳо, ташкилотҳо як навъ бо проблемаҳои занон, хусусан, бо меҳнати онҳо алоқаманд буданд.

Дар назди тамоми Комиссариатҳои халқӣ, шуъбаҳо ва муассисаҳо, ташкилоти ҷамъияти шуравӣ ва ҳизбӣ комиссияҳо, комитетҳо, шуъбаҳо ва шуроҳои занон арзи ҳастӣ доштанд. Ҳар яке аз онҳо дар рушди ин ё он самти

ҳаёти ҷамъиятӣ: сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва мадании ҷомеа, дар маҷмуъ дар ҷодаи сохтмони сотсиализм, нақши муайян гузошт.

КМКБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон бо ҳамаи ин сохторҳо алоқаи муайян дошт ва аз имкониятҳои онҳо барои корбурди беҳтару зудтари меҳнати занон дар ҳалли вазифаҳои асосии ҷомеа истифода мебурд. Маҳз ҳамин фаъолияти муассисаҳои кӯдакона ва фаъолнокии занон буд, ки нақшаҳои сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ва пеш аз ҳама, ҷалби занон ба сохтмони ҷомеаи иҷтимоӣ иҷро мегардиданд.

**Хулосаи боби I**

Таҳқиқи асосҳои институтсионалии ташаккул ва фаъолияти Кумитаи беҳдошти меҳнат ва маишати занон (КБММЗ) дар солҳои 1928–1934 имкон медиҳад, ки натиҷаҳои зерини илмӣ- назариявӣ ҷамъбаст карда шаванд.

Боби мазкур собит намуд, ки зуҳури ин ниҳод дар харитаи сиёсии Тоҷикистони шуравӣ на танҳо як падидаи маъмурии тасодуфӣ, балки вокуниши стратегии низоми давлатдорӣ ба зарурати трансформатсияи куллии ҷомеа маҳсуб меёфт.

Дар ҷараёни пажӯҳиш муайян гардид, ки КБММЗ ҳамчун «агенти марказии модернизатсия» тарҳрезӣ шуда, вазифадор буд, ки шиорҳои идеологии озодсозии занонро ба забони идоракунии давлатӣ, захираҳои молиявӣ ва инфрасохтори моддӣ тарҷума намояд. Аз диди интиқодӣ, ин раванд гувоҳи он аст, ки давлат дар охири солҳои 20-ум аз усулҳои сирф ташвиқотии женотделҳо даст кашида, ба модели «муҳандисии иҷтимоии институтсионалӣ» гузашт. Ин маънои онро дошт, ки масъалаи занон аз категорияи «корҳои ҷамъиятӣ» ба бахши афзалиятноки сиёсати давлатӣ ва механизми муҳими сафарбаркунии қувваи кори табдил ёфт.

Таҳлили заминаҳои ҳуқуқӣ ва сохтории Кумита нишон дод, ки ин ниҳод дар низоми идоракунии «амудӣ»-и Тоҷикистон ҷойгоҳи калидиро ишғол намуда, ҳамчун «ситоди ҳамоҳангсози байнисоҳавӣ» баромад мекард. Маҳз ҳамин мақоми баланд ба Кумита имкон медод, ки муқовимати сохторҳои суннатиро на танҳо бо фишори сиёсӣ, балки тавассути «интервенсияи маишӣ»

ва дигаргунсозии шароити воқеии зиндагии занон шиканад. Хулосаҳои зерине, ки дар заминаи таҳлили сарчашмаҳои бойгонӣ ва адабиёти илмӣ ҳосил шудаанд, ҷавҳари асосҳои институтсионалии фаъолияти КБММЗ-ро дар марҳалаи гузариш инъикос менамоянд:

1. Консептуализатсияи КБММЗ ҳамчун ниҳоди марказии «муҳандисии иҷтимоӣ»: Дар ҷараёни таҳқиқ собит ва асоснок карда шуд, ки таъсиси Кумита на танҳо як тадбири маъмурии навбатӣ ё як сохтори ёрирасони бюрократӣ, балки вокуниши амиқ ва стратегии давлат ба зарурати модернизатсияи куллии ҷомеаи Тоҷикистон дар солҳои 1928–1934 маҳсуб меёфт. КБММЗ дар низоми идоракунии давлатӣ ҳамчун механизми калидии «муҳандисии иҷтимоӣ» тарҳрезӣ гардид, ки ҳадафи ниҳоии он дигаргунсозии (трансформатсияи) мақсадноку бошууронаи мақоми иҷтимоии зани тоҷик буд. Ин раванд маънои гузариши занро аз доираи маҳдуди суннатию патриархалӣ, ки дар он ӯ танҳо ҳамчун объекти вобастаи оила баррасӣ мешуд, ба мақоми субъекти фаъоли иқтисодӣ ва сиёсӣ дар сохтори нави давлатдорӣ ифода мекард. Барои расидан ба ин ҳадаф, КБММЗ вазифадор буд, ки «муқовимати сохторӣ»-и низоми куҳнаро на танҳо бо усулҳои маъмурии зӯроварӣ, балки, пеш аз ҳама, тавассути тағйири куллии шароити моддӣ-маишӣ ва эҷоди инфрасохтори иҷтимоӣ (ясліҳо, боғчаҳо, ошхонаҳои ҷамъиятӣ) аз дохил шиканад. Аз диди интиқодӣ, Кумита ҳамчун «конструктори воқеияти нави иҷтимоӣ» баромад намуда, заминаҳои иҷтимоию психологии қабули модернизатсияро дар муҳити анъанавӣ фароҳам овард. Собит гардид, ки маҳз тавассути ҳамин ниҳод давлат тавонист эмансипатсияро аз як шиори сиёсӣ ба як технологияи идорашавандаи иҷтимоӣ табдил диҳад, ки ҳадафи он сафарбаркунии неруи занон барои таҳкими пойдевори иқтисодии ҷумҳурӣ буд.

2. Тағйири парадигма аз «таблиғоти идеологӣ» ба «идоракунии мутамаркази давлатӣ»: Дар раванди таҳқиқ муайян ва собит карда шуд, ки таъсиси КБММЗ гувоҳи гузариши куллии парадигмаи давлати шуравӣ дар Тоҷикистон аз «эмансипатсияи декларативӣ» (шиорӣ) ба «эмансипатсияи институтсионалӣ» маҳсуб меёбад. Боби мазкур ошкор намуд, ки дар охири

солҳои 20-уми асри XX Ҳокимияти Шуравӣ нокифоя будани усулҳои сирф ташвиқотии шуъбаҳои занони ҳизбӣ (женотделҳо)-ро дарк намуда, ба ташкили ниҳоде рӯ овард, ки дорои мақоми баланди давлатӣ ва ваколатҳои мустақими ичроия бошад. Бархилофи женотделҳо, ки ҳамчун сохторҳои мафкуравии ҳизбӣ бештар ба сафарбаркунии сиёсӣ ва маъракаҳои таблиғотӣ машғул буданд, КБММЗ дар назди Раёсати Кумитаи Ичроияи Марказии (КИМ) ҶШС Тоҷикистон таъсис ёфта, ба «вертикали ҳокимияти давлатӣ» ворид карда шуд. Ин дигаргунии сохторӣ имкон дод, ки масъалаи занон аз категорияи «корҳои ҷамъиятӣ» ба бахши афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ ва қисмати ҷудоинопазири буҷаи давлатӣ табдил ёбад. Аз диди интиқодӣ, ин тағйири парадигма маънои онро дошт, ки давлат раванди озодсозии занро ба як «вазифаи ҳатмии идоравӣ» табдил дод. КБММЗ дорои ваколатҳои фаросоҳавӣ гардида, ҳуқуқ пайдо кард, ки аз комиссариатҳои халқии соҳавӣ иҷрои нақшаҳои давлатиро дар бахши беҳдошти меҳнат ва маишати занон талаб намояд. Ҳамин тариқ, Кумита ҳамчун ниҳоди калидии идоракунӣ, заминаи ҳуқуқӣ ва маъмуриро барои гузариши зани тоҷик аз низоми анъанавии хонаводагӣ ба низоми муосири давлатдорӣ фароҳам овард, ки ин ҷавҳари таҳаввулоти институтсионалии он давраро ташкил медиҳад.

3. Пайванди стратегии модернизатсияи гендерӣ бо прагматизми иқтисодии давлат: Таҳлили интиқодии фаъолияти КБММЗ ошкор намуд, ки зарурати таъсиси ин ниҳод бо эҳтиёҷоти ҳаётан муҳимми давлат ба сафарбаркунии «қувваи кории нав» дар раванди саноатикунонии босуръат ва рушди соҳаи пахтакори алоқамандии зич дошт. Собит гардид, ки Ҳокимияти Шуравӣ дар Тоҷикистон эмансипатсияро на танҳо ҳамчун идеология, балки ҳамчун як ресурси стратегии иқтисодӣ баррасӣ мекард. Дар ин замина, КБММЗ ҳамчун «оператори молиявӣ ва хоҷагидорӣ»-и раванди озодсозӣ баромад намуда, вазифадор буд, ки зани тоҷикро аз як «узви вобастаи оила» ба «субъекти мустақили иқтисодӣ» табдил диҳад.Таҳқиқ нишон дод, ки фарқияти бунёдии Кумита дар мавҷудияти механизмҳои мушаххаси маблағгузорӣ (аз ҷумла «Фонди беҳдошти маишат») зоҳир мегашт. Давлат тавассути КБММЗ ба

сохтмони инфрасохтори иҷтимоӣ - яслиҳо, боғчаҳо ва ошхонаҳои ҷамъиятӣ сармоягузорӣ мекард, то вақти дар рӯзгори хонаводагӣ сарфшавандаи занро коҳиш дода, иштироки ӯро дар меҳнати ҷамъиятӣ ҳадди аксар афзоиш диҳад. Аз диди интиқодӣ, ин раванд маънои «монетизатсияи озодиро» дошт: давлат ба ивази беҳтар кардани шароити маишӣ занонро ба соҳаҳои калидии иқтисодиёт сафарбар менамуд. Ҳамин тариқ, хулоса карда мешавад, ки КБММЗ ҷузъи ҷудоинопазири низоми иқтисодии ҶШС Тоҷикистон буд ва озодсозии занон дар ин марҳала ҳамчун шарти зарурии муваффақияти нақшаҳои панҷсола ва суботи иқтисодии ҷумҳурӣ асоснок карда мешуд.

4. Нақши Кумита ҳамчун «миёнарави иҷтимоӣ» ва механизми легитимизатсияи (қонунӣ) фарҳангӣ: Дар ҷараёни таҳқиқ собит гардид, ки дар шароити хоси Тоҷикистон, бо назардошти сатҳи баланди таассуби динӣ ва сохтори пӯшидаи патриархалӣ, КБММЗ нақши ниҳоят муҳимми «миёнарави иҷтимоӣ» (буфер) ва «пули фарҳангӣ»-ро миёни давлати радикалии модернизатор ва ҷомеаи муҳофизакор иҷро мекард. Боби мазкур ошкор намуд, ки Кумита бо истифода аз стратегияи «модернизатсияи нарм» тавонист эътимоди нисбии табақаҳои суннатиро ба даст оварда, раванди озодсозиро дар муҳити анъанавӣ легитимизатсия (қонунӣ) намояд. Таҳқиқ нишон дод, ки КБММЗ ба ҷойи тамаркуз ба шиорҳои ҷанҷолии идеологӣ диққати асосиро ба масъалаҳои ҳаётан муҳим ва «фаҳмо» барои ҷомеа. аз ҷумла ҳифзи модару кӯдак, беҳдошти саломатии занон ва кумаки моддӣ, равона мекард. Ин муносибат имкон дод, ки давлат «бо ниқоби кумакрасон» вориди фазои пӯшидаи оилаи тоҷик гардад ва муқовимати равонии мардонро нисбат ба фаъолияти иҷтимоии занон коҳиш диҳад. Аз диди интиқодӣ, КБММЗ ҳамчун механизми «хонагӣ кардани модернизатсия» баромад намуда, тавонист зиддиятҳои шадиди байни қонунгузории нав ва урфу одатҳои миллиро мувозинат (баланс) намояд. Ин нақши «буферӣ» барои суботи сиёсии ҷумҳурӣ дар марҳалаи гузариш аҳамияти ҳаётӣ дошт, зеро он имкон медод, ки трансформатсияи гендерӣ на ҳамчун «таҳдиди беруна», балки ҳамчун раванди беҳтар намудани рӯзгори воқеӣ пазируфта шавад.

5. Муайян намудани зиддиятҳои институтсионалӣ ва феномени «формализми бюрократӣ»: Таҳқиқи Боби I ошкор намуд, ки раванди институтсионализатсияи КБММЗ бо зиддияти амиқи дохилӣ - фосилаи ҷиддӣ байни стратегияҳои олии марказ (КИМ) ва имконияҳои воқеии иҷроия дар маҳалҳо (ноҳияҳо ва деҳот) рӯбарӯ буд. Собит гардид, ки ин ҳолат боиси пайдоиши падидаи «дихотомияи шиор ва воқеият» гардид, ки дар он муваффақиятҳои дар коғаз инъикосёфта на ҳамеша бо беҳбудии воқеии маишат ва меҳнати занони тоҷик мувофиқат мекарданд.

Аз диди интиқодӣ, муаллиф асоснок мекунад, ки фишори шадиди марказ барои иҷрои «суръатбахши» нақшаҳои модернизатсия дар шароити норасоии кадрҳои соҳибкасб ва буҳрони захираҳои моддӣ ниҳодҳои идоравиро ба роҳи «формализми гузоришӣ» савқ медод. Ин маънои онро дошт, ки КБММЗ дар баъзе мавридҳо ба ҷойи ҳалли решаи мушкилот ба ташкили муассисаҳои «намоишӣ» ва ҳисоботҳои баландпарвоз маҷбур мешуд.

Дар ҷамъбасти ниҳоии Боби I собит мегардад, ки зиддиятҳои ошкоршуда на танҳо натиҷаи омилҳои субъективӣ ё норасоиҳои фардӣ, балки ҳосили мустақими «холигоҳи сохторӣ»-и низоми идоракунии давлатӣ дар марҳалаи ҳассоси гузариш маҳсуб меёфтанд. Таҳқиқ нишон дод, ки номувофиқатии байни стратегияи модернизатсияи марказ ва имкониятҳои маҳдуди институтсионалии маҳал боиси пайдоиши як навъ дихотомияи идоракунӣ гардид, ки дар он КБММЗ маҷбур буд, дар шароити норасоии захираҳо ва муқовимати сохторӣ фаъолият намояд.

Маҳз дарки амиқи ин мушкилот ва маҳдудиятҳои институтсионалӣ, ки дар Боби I мавриди таҳлили консептуалӣ қарор гирифтанд, имкон медиҳад, ки дар бобҳои баъдии диссертатсия фаъолияти амалии Кумита на ҳамчун як ҷараёни «идеаливу бехато», балки ҳамчун як муборизаи мураккаб, зиддиятнок ва бисёрҷабҳаи иҷтимоӣ-таърихӣ мавриди баррасии воқеъбинона қарор гирад.

Муаллиф таъкид менамояд, ки гузариш аз таҳлили назариявӣ ба таҳлили амалӣ дар бобҳои минбаъда бар пояи принсипи реализми таърихӣ сурат мегирад. Ин муносибат собит месозад, ки трансформатсияи ҳаёти занони

Тоҷикистон на танҳо тавассути декретҳо, балки дар натиҷаи бартараф намудани монеаҳои сохторӣ, ки дар Боби I муайян шудаанд, имконпазир гардид. Ҳамин тариқ, заминаи методологии дар ин боб гузошташуда барои арзёбии объективии нақши КБММЗ дар таҳаввулоти иқтисодӣ (Боби II) ва фарҳангию сиёсии (Боби III) ҷомеа хизмат мекунад».

**Ҷадвали 2. Таҳлили муқоисавии равишҳои таҳқиқот дар Боби I:**

| Равиши анъанавӣ (Идеалӣ) | Равиши нави муосир (Реализм) | Аҳамияти он дар Боби I |
|---|---|---|
| Фаъолияти Кумита ҳамеша муваффақ буд. | Фаъолият дар шароити «холигоҳи сохторӣ» сурат мегирифт. | Нишон додани воқеияти идоракунии солҳои 1928–1934. |
| Монеаҳо танҳо «куҳнапарастӣ» буданд. | Монеаҳо хусусияти институтсионалӣ ва захиравӣ доштанд. | Таҳлили илмии норасоиҳои низоми давлатӣ. |
| Қарорҳои марказ фавран иҷро мешуданд. | Байни марказ ва маҳал фосилаи коммуникатсионӣ мавҷуд буд. | Исботи мураккабии механизми иҷроия. |

## БОБИ II. НАҚШИ КУМИТА ДАР ТАҲАВВУЛОТИ ИҚТИСОДИИ ҲАЁТИ ЗАНОН ВА ТАШАККУЛИ КОРГАРЗАНОНИ КАСБӢ

### 2.1. Механизмҳои институтсионалии сафарбаркунии занон ба бахши истеҳсолӣ ва кишоварзӣ дар фаъолияти КБММЗ

Чӣ тавре маълум аст, давлати Шуравӣ дар асоси вазифаи дурнамои нақшаи панҷсолаи якуми хоҷагии халқ дар деҳот аз соли 1929 ба азнавсозии нақшаи соҳаи кишоварзӣ ва коллективонӣ пурра шурӯъ намуд. Дар Тоҷикистон бошад коллективонии саросарӣ танҳо аз баҳори соли 1930 оғоз гардид.

Дар татбиқи коллективонии саросарӣ бе истифода аз меҳнати оммавии занон муваффақиятро ба даст овардан мумкин набуд. Бинобар ин, дар мурочиатномаи КБММЗ-и назди КИМ Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон навишта шуда буд: «Бинобар азнавсозии соҳаи кишоварзӣ ва ҷалби занон ба сохтмони сотсиалистӣ, рушди худфаъолиятӣ дар он, ошкорсозии эҳтиёҷоти занони меҳнаткаши деҳот КМКБММЗ доир кардани съезди машваратчизанон, занони колхозӣ ва кирмакпарварро бо ҷудокунии 7000 рубл аз буҷет, ҳуқуқшиносон ва кормандони САҲШ - 6000 рубл, ташкили клубҳои занон дар Хуҷанд ва Сариосиё - 7000 рубл, сохтмони гӯшаҳои сурх – 2000 рубл пешбинӣ шуда буд, ба нақша гирифт» [17, с.54].

Дар миёнаи соли 1930 ҷумҳурӣ ба доир кардани ислоҳоти нави маъмурӣ тайёрӣ медид. Қарор дар хусуси аз маъмурияти огрӯги гузаштан ба ноҳияви қабул гардид ва ин ба сохторҳои КБММЗ низ дахл дошт.

Оид ба ин масъала дар тамоми округҳо маҷлисҳои КБММЗ-ҳои округи баргузор гаштанд. Аз ҷумла, 16 августи соли 1930 ҷаласаи КБММЗ-и округӣ Хуҷанд чунин қарор баровард: «Бинобар барҳам хӯрдани округ дар давоми ҳафта нақшаи мустаҳкамкунии КБММЗ-ҳои ноҳиявӣ таҳия карда шавад».

1. То барҳамдиҳии округ, яъне на дертар аз 30 август маҷлиси намояндагони шуъбаҳои округии ташкилоти Шуравӣ ва хоҷагидорӣ оид ба масъалаи ташкили муассисаҳои маишӣ ва беҳдошти маишати меҳнаткашон барои мустаҳкамкунии марказҳои ноҳияҳо даъват карда шавад.

2. Бинобар барҳамхӯрии округҳо ба рафиқ Раҳимҷонова дида баромадани ҳуҷҷатҳои КБММЗ супорида шавад, ба Разумова супориш дода шавад, ки дар давоми як ҳафта тамоми масъалаҳоеро, ки бо барҳамхӯрии округҳо дар доираи КБММЗ алоқамандад, тахия намоянд.

3. Бинобар маъракаи қарибулвуқуи пахтачинӣ ба Абдуразоқова супорида шавад, ки масъаларо дар котибони иттифоқи касаба оид ба қувваи корӣ барои пахтачинӣ, бо дарназардошти имконияти ташкили артелҳои занона, таҳия ва дар ҷаласаи ояндаи КБММЗ гузориш дода шавад.

4. Ба ҳимояи модару кӯдаки округӣ, Комиссияҳои кӯдакона, Сексияи колхозӣ якҷоя бо Разумова барои аз нав дида баромадани боғчаҳои округи Хуҷанд ва ба нақша гирифтани тавсияи боғчаҳо дар давраи маъракаи пахтачинӣ супориш дода шавад [6, с.24].

Соли 1931 дар Тоҷикистон 44 боғчаи доимӣ ва 260 мавсимӣ, 26 машваратхонаи занону кӯдакон, 2 хонаи бесоҳибон, 23 майдончаи кӯдакон, 14 клуби занон, 8 гӯшаи сурхи занон фаъолият дошт [8, с.115].

1 декабри соли 1931 заноне, ки дар саноат шуғл меварзиданд, 786 нафар, дар савдо 2222 нафар, дар хизматӣ давлатӣ 1167 нафар, дар муассисаҳо 31 нафарро ташкил мекарданд [8, с.115].

Дар комбинати орди Хуҷанд 200 нафар зан кор мекарданд.

Агар тамоми кори иҷрокардаи КБММЗ-и округи Хуҷандро оид ба ташкили муассисаи хизматрасониҳо ба меҳнату маишати занон ҷамъбаст кунем, пас аз рӯйи маълумоти ҳуҷҷатҳои бойгони рақамҳои зеринро ҳосил мекунем: «дар охири бартарафсозии округҳо дар муассисаҳои маишӣ: боғчаҳо-7 (Хуҷанд 2 боғча, Конибодом 2 боғча, САНТО-1, Ӯротеппа-1. Машваратхонаҳои занон-7, ошхонаҳо-2, клубҳо-3, боғчаҳои кӯдакон-3, як хонаи кӯдакон дар ш. Хуҷанд, дукони кооперативии занона-12, гӯшаҳои сурх-5 ва ғайра вуҷуд доштанд» [8, с,115].

Дар доираи Иттиҳоди косибони саноатӣ: ш. Хуҷанд-3, корхонаҳои қаннодӣ, ки дар онҳо 18 нафар зан кор мекарданд, коллективҳо оид ба нишонагузорӣ ба шоҳӣ-23 зан, фабрикаи бофандагӣ -150 зан, коллективи

иттиҳодияи «Дӯзандагӣ» (трикотажӣ)-60 зан, артели сӯзанӣ дар Қистақуз-20 зан, як артели тоқидӯзӣ дар Исфара-30 зан, сехӣ дӯзандагӣ дар Конибодом-20 зан, дар Ӯротеппа дӯзандагии муқаррарӣ 50 зан [8, с.77].

Аз рӯйи самти шуъбаи тандурустӣ 3 боғча, Тоҷикматлубот 1 боғча кушода шуд. Инчунин, барои боғчаҳои колхозҳо маблағҳо ба таври зайл ҷудо карда шуданд: Конибодом-2385 рублу 14 тин, Нов-3215 рублу 44 тин, Хуҷанд-225рублу 12 тин. Ашт-336 рублу 71 тин [6. с, 22-23].

Маблағҳои аз тарафи ташкилотҳо гузаронидашуда чунин буданд: аз КБММЗ – 1000 рубл, аз Иттиҳоди пахтаи округ – 350 рубл аз Иттифоқи касабаи округ-650 рубл маблағи боқимонда аз сарфаи шуъбаи тандурустӣи округ [6, с.30].

Ҳар кори нав ба мушкилот дучор мегардад. Ҳамаи КБММЗ-ҳо ба мақомотҳои боло бояд ҳисобот диҳанд. Аммо КБММЗ-ҳо ҳисоботдиҳиро намедонистанд. Дар як ҷавоб ба дархости КБММЗ-ҳои болоӣ дар ин бора сухан меравад.

Чӣ тавре ки аз маълумотҳои дигар маълум мегардад, КБММЗ қариб бо тамоми масъалаҳое, ки ба меҳнати занон дахл дошт, шуғл меварзид. Аз байни онҳо асосиашон инҳо буданд: ҷалб ба тарзи ҳаёти фаъол, ҷалб ба кор, таҳсил, ихтисоси коргарӣ, идоракунӣ, меҳнат, истироҳат, чорабиниҳо оид ба беҳдошти шароити меҳнат ва маишат. Ҳар яке аз масъалаҳои дар ин ҷо зикршуда масъалаҳое буданд, ки ҳалли худро бояд меёфтанд. Дар ин маврид поинтар гуфта мегузарем.

Ҳимояи манфиатҳои меҳнаткашон яке аз самтҳои афзалиятнок дар фаъолияти КБММЗ буд. Воқеан, масъалаеро ёфтан душвор аст, ки оид ба он меҳнаткашон ба КБММЗ муроҷиат накарда бошанд.

Аз номи КБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон ба прокуратураи ш. Душанбе чунин дархост омадааст: «Ба прокурори ноҳияи Сталинобод аз КБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон нисбат ба аризаи Ватина, ки 22. 03. 1930 равон шуда буд ва дар он хабар дода мешавад, ки нисбат ба аризаи ӯ ягон чора дида нашудааст.

Аз Шумо хоҳиш менамоям, ки ба ариза ҷавоб диҳед: он дар куҷост ва чаро то ҳол ягон чора наандешидед?

Котиби масъули КБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон Бубок» [6, с.47].

22. 12. 1930 аз номи котиби Суди халқии қитъаи 2, шаҳри Сталинобод А.Г. Вечетова ҷавоби зерин дода мешавад:

«Аризаи шаҳрванд Ватина моҳи феврал дар бораи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шаҳрванд аз рӯйи моддаи 207 КҶ бояд шунида мешуд, аммо мавқуф гузошта шудааст ва қарор оид ба парванда ба милитсияи шаҳри Сталинобод барои тафтиши пешакӣ 21. 03. 1930, №9 равона гардид. Он якчанд маротиба ҳам бо телефон, ҳам аз тарафи Ватина талаб карда шуд, вале ҷавоб дар бораи вазъи парванда наомад».

Аризаи расмии охирин 09. 05. 1930 сол равона гардид, аммо ҷавоби онро нагирифтем. Ба шаҳрванд Ватина 08. 04. 1930 сол хабар додем, ки парвандаи ҷиноятии айбдоркунанда Шербин аз рӯйи мод.107 КҶ ба милитсияи Сталинобод барои тафтиши пешакӣ равона гардид. Аризаи расмӣ ба номи Ватина бо забонхат қабул карда шуд.

22. 12. 1930 сол [5, с.103]».

Чунин аризаҳо бисёр буданд, аммо теъдоди ками онҳо то замони мо омада расидаанд. Сарфи назар аз ин, онҳо соҳаи асосии фаъолияти КБММЗ-ро мушаххасан тавсиф карда метавонанд.

Ҳанӯз дар нимаи аввали соли 1929 дар мамлакат маъракаи ташкили Маҷлиси намояндагон вусъат ёфт. Бинобар надонистани вазифаи ташкилоти мазкур нофаҳмӣ байни кормандони КБММЗ рӯй дод. Нофаҳмии байни кормандони КБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон низ ҷой дошт.

Дар фаъолияти КБММЗ-и назди Раёсати КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон ташкилу доир кардани маъракаи корҳои кишоварзӣ мавқеи хосса дошт. Бароҳмонии кишт, корҳои коркард, обёрӣ, ҳосилғундорӣ дар ғаллакорӣ, зироати обчакорӣ, пашмтарошӣ дар чорводорӣ, ҷамъоварии ҳосил дар боғдорӣ дар солҳои панҷсолаи якум ба анъана табдил ёфта буд. Ба масоили ташкилии ин

чорабиниҳо ташкилоти ҳизбӣ ва хоҷагидорӣ ва иттифоқҳои касаба, ба масъалаҳои маданӣ-маишӣ бошад, бештар КБММЗ-ҳо шуғл меварзиданд. Аз байни фондҳои 11, 13 ва 30 миқдори зиёди ҳуҷҷатҳо, ки дар бораи ташкили маъракаҳои сершумори кишоварзӣ нақл мекунанд, боқӣ мондаанд. Масалан рӯзномаи, зерини ҷаласа:

1. Тайёрӣ ба маъракаи кишти баҳорӣ ва иштироки занон дар он (маърӯзаҳои Тресги абрешим, Маркази колхозӣ, Иттиҳоди мевапарварон, Комиссариати халқии замин, Иттиҳоди пахта);

2. Дар бораи додани дотатсия ба боғчаҳои роҳи оҳан (ахбори мудири боғчаҳои кӯдакон рафиқ Шапошникова);

3. Тасдиқ кардани нақшаи молиявии КМ ББМКД;

4. Дар бораи сохтмони профилакторияҳои ҷумҳуриявии занон [3, с.52].

17. 02. 1932. Ҷаласаи Раёсати КМКБММЗ масъалаҳои зеринро дида баромад:

Тайёрӣ ба маъракаи кишт ва иштироки занон дар он, дар бораи додани дотатсия ба боғчаҳои роҳи оҳан, тасдиқи нақшаи КМ КБММЗ дар сохтмони Маркази ҷумҳуриявии профилактикӣ [3, с.52-58].

Дар ҷаласаи Комитети беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанону занони кишоварзи назди КИМ-и ҶШС Тоҷикистон бо намояндагони ташкилоти ҷамъиятӣ ва хоҷагидорӣ аз 14. 05. 1931 масъалаи тавсияи боғчаҳо дар вақти маъракаи пахтачинӣ баррасӣ гардид. Дар он намояндагони Тресги абрешим, Маркази колхозӣ, Иттиҳодӣ, мевапарварон КХЗ, Иттиҳоди пахта ва КМКБММЗ бо маърӯза баромад карданд.

Ҷаласа баромади ҳар як маърӯзачиро ба таври алоҳида муҳокима карда, аз рӯйи ҳар яки он қарори алоҳида баровард. Аз ҷумла, аз рӯйи маърӯзаи Тресги абрешим:

Бо мақсади таъмини беҳтар гузаронидани маъракаи кирмакпарварӣ ба маҳалҳо аз рӯйи самти КБММЗ ва Тресги абрешим дар бораи пурзӯрсозии кори тарғиботи оммавӣ оид ба пиллапарварӣ супориш дода шавад:

1. Ба Трести абрешим супориш дода шавад, ки якҷоя бо КБММЗ дар давоми се рӯз ба ноҳияҳо бо нишондоди махсус дар бораи доир кардани маъракаи тарғиботӣ – оммавӣ байни аҳоли мактуб равона созад;

2. Ба Трести абрешим пешниҳод гардад, ки дар давоми ҳафта микдори нуқтаҳои фарҳангӣ ва маиширо муқаррар намояд ва якҷоя бо КХТ нақшаи муассисаҳои навташкилшударо тартиб диҳанд;

3. Ба Трести абрешим пешниҳод карда шавад, ки тамоми муассисаҳои маданӣ-маиширо бо плакатҳо таъмин намояд, аз болои истифодаи мақсадноки онҳо назорат барад [14, с.54].

Аз рӯйи маърӯзаи Иттиҳоди мевапарварӣ:

Ба рафиқ Маҳкамбоева пешниҳод карда шавад, ки маблағҳои барои хизматрасониҳои маданӣ ва маишӣ, барои коргарзанон ва ҳангоми доир кардани маъракаи сиёсӣ мавҷуданд ошкор созанд ва истифодаи мақсадноки маблағҳои мавҷударо пайгирӣ кунад [14, с.54].

Аз рӯйи маърӯзаи Маркази колхозӣ:

Ба Маркази колхозӣ супориш дода шавад, ки бо такя ба қарори асосии КМ ҲКУ(б) аз 4 феврали соли 1932, дар бораи ташкили бригадаҳои доимӣ бо ҷудокунии бригадир аз ҳисоби коргарзанону занони кишоварз иқдом намояд:

1. Ба Маркази колхозӣ пешниҳод карда шавад, ки бригадирзанонро дар курсҳои омӯзишӣ ба мақсади баланд бардоштани савияи донишҳои сиёсӣ ва хоҷагидории онҳо таъмин намояд.

2. Бо дарназардошти зарурати омодасозии кормандони боғча дар колхозҳо аз ҳисоби занони колхозӣ ба Маркази колхозӣ пешниҳод карда шавад, ки аз маблағҳои мавҷуда барои омодасозии кадрҳо 10000 рубл ҷудо карда, қарори мазкурро дар Раёсати КИМ ба тасдиқ расонанд.

3. Ба раиси маркази колхозӣ рафиқ Ашуров супориш дода шавад, ки нақшаи чорабиниҳоро оид ба хизматрасониҳои маданӣ-маишии занон дар ҳаёт татбиқ кунад ва на дертар аз 1 март тамоми кори ташкилиро ба охир расонад;

4. Ҷудо кардани қитъаи замин ба мақсади ба хӯрокворӣ таъмин кардани боғчаҳо ва майдончаҳои кӯдакон ҳангоми маъракаи кишт, пахтачинӣ ва ҷамъоварии гандум зарур ҳисобида шавад [14, с,54].

Аҳли ҷаласа ахбори Шапошниковаро дар бораи додани дотатсия ба боғчаҳои роҳи оҳан шунида, чунин қарор қабул кард:

1. Ахбори рафиқ Шапошникова дар бораи вазъи боғчаҳои кӯдакон дар назди роҳи оҳан ба инобат гирифта шавад, ҳамзамон, муносибати хунукназаронаи шуъбаи тандурустии шаҳр ва худи ҳайати роҳбарикунандаи боғчаҳои кӯдакон зимни тасдиқи чорабиниҳои маданӣ-маишӣ, ки боғчаҳои кӯдаконро ба ҳолати таназзул оварда расонид, бояд қайд кард;

2. Навиштани мактуб ва фиристодани барқия ба иттиҳоди экологии Осиёи Миёна, КБММЗ-и Осиёи Миёна, Бюрои сектори занон, то ин ки онҳо аз Идораи роҳи оҳани Осиёи Миёна хоҳиш намоянд, ки боғчаҳои назди роҳи оҳани Сталинободро ба смета дохил кунанд. Таҳияи барқия ба рафиқ Бубок ва Чернишёва супорида шавад.

3. Аз ҳисоби маблағҳои КМ КБММЗ аз рӯйи самти шурои шаҳрӣ 2000 рубл ҷуло кунад.

4. Ба рафиқ Вейван барои ба Тошкент рафтан ва ҳал кардани масъалаи боғчаҳо супориш дода шавад.

Қарори мазкур тавассути Раёсати КИМ гузаронида шавад [14, с.55].

Оид ба тасдиқи смета ва нақшаи молиявии КМКБММЗ бинобар ҳаҷми азнавтасдиқшудаи хароҷоти КБММЗ, ки 33700рублро ташкил медиҳад, қарор қабул карда шуд: «Смета ва нақшаи молиявӣ тасдиқ карда ва ба дастгоҳи кории КБММЗ супориш дода шавад, ки маблағро аз рӯйи бандҳо ва тавре тақсим кунанд, то ин ки экскурсия дар охири семоҳаи сеюм ва дар оғози семоҳаи чорӯм гузаронида шавад» [14, с.55].

Оид ба сохтмон:

1. Сохтмони профилакторияҳои занона зарур ҳисобида шавад. Ба дастгоҳи кории КБММЗ якҷоя бо Комиссариати халқии тандурустӣ коркарди смета ва таҳияи нақшаи кори профилакторияҳои занона пешниҳод гардад.

Профилакторияҳо дар шаҳри Хуҷанд сохта шаванд. Шурои шаҳри Хуҷанд ва шуъбаи тандурустии шаҳр вазифадор карда шаванд, ки барои профилактория бино пайдо кунанд [3, с.53-55].

Дар солҳои панҷсолаи якуми хоҷагии халқ дар Тоҷикистон Комбинати абрешими Хуҷанд ва фабрикаи бофандагии Душанбе сохта шуд. Аз ин рӯ, истеҳсоли пилла ба соҳаи мустақили хоҷагидорӣ табдил ёфт. Аз соли 1930 дар ҷумҳурӣ ҳар сол маъракаи кирмакпарварӣ доир карда мешуд.

Дар ихтиёри мо пайнавишт (протокол)-и ҷаласаи Раёсати КМКБММЗ аз 13. 01. 1932, ки баъди шунидани маърӯзаи Тресли абрешим қабул карда шуд, мавҷуд аст.

Ин қарорро пурра меорем:

Пайнавишти №2

Ҷаласаи Раёсати КМКБММЗ-и назди КИМ-и ҶШС Тоҷикистон аз 13. 01. 1932сол.

Ҳузур доштанд: Шамсуддинова, Ҷаҳонгирова, Троитская. Аз Маркази колхозӣ Валена, аз Тресли абрешим Умаров, аз сектори занон Юнусова, Трафимова.

Рӯзномаи ҷаласа:

1. Маърӯзаи Тресли абрешим дар бораи омодагӣ ба маъракаи кирмакпарварии соли 1932 ва тайёркунии кадрҳо барои соҳаи пиллапарварӣ;
2. Маърӯзаи Маркази колхозӣ дар бораи ҷалби занон ба колхоз ва барасмиятдарории онҳо;
3. Гуногун.

Шуниданд: Маърӯзаи Тресли намояндаи абрешим рафиқ Умаров дар бораи омодагӣ ба маъракаи кирмакпарварии соли 1932.

Қарор қабул карда шуд:

1. Муваффақиятҳои калон дар ҷодаи фурӯши тухми кирмак ва тайёр кардани пилла дар қиёс бо солҳои 1930-1931 қайд карда шавад. Ҳамзамон аризаи Тресли абрешим дар хусуси зерин ба инобат гирифта шавад:

А) моҳи декабри соли 1931 онҳо нақшаи фурӯши тухми кирмак ва тайёркунии пилларо оид ба чорабиниҳои аграрӣ тавре роҳандозӣ кардаанд, ки то оғози маърака дар маҳалҳо тайёр бошанд;

Б) нақшаи фурӯши тухми кирмак бар ҳар як колхоз ва хоҷагии меҳнати аз ҳисоби 55000 куттии кирмак ва тайёркунӣ ба 1320 тонна пилла расонида шуд;

В) маъракаи кирмакпарварӣ аз 1 феврали соли 1932 оғоз меёбад ва дар як вақт шартномаҳо баста мешавад ва ба ин Трести абрешими Тоҷикистон тайёрӣ мебинад;

Г) аз тарафи Трести абрешимии Тоҷикистон 8 трести абрешими ноҳиявӣ, 15 пойгоҳи фаврӣ ва хизматрасонии инстрӯкторҳо ва нақшаҳои қабул;

Д) чорабиниҳои аграрии зерин оғоз меёбад;

1. ташкили инкубаторҳо – 94, ба маблағи 94000 рубл;

2. конференсияҳои абрешимӣ -32 ба маблағи 24000 рубл;

3. суҳбатҳои дуҳафтаина – 221 ба маблағи 22000 рубл;

4. ғизодиҳии намунавӣ – 86, ба маблағи 4300 рубл;

5. тавзеи кирмакҳо – 2100 хоҷагӣ ба маблағи 10500 рубл;

6. ташкили гӯшаҳои кирмакпарварӣ– 31, ба маблағи 6200 рубл;

7. мубориза бо зараррасонҳо – 3900 хоҷагӣ, ба маблағи 18450 рубл;

8. мукофотонидани кирмакпарварон – 336 хоҷагӣ ба маблағи 16800 рубл;

9. мукофотонидани кирмакпарварон – 133 нафар, ба маблағи 13300 рубл;

10. ташкили курсҳои кирмакпарварон дар Сталинобод барои 10 нафар, дар Хуҷанд барои 40 нафар, дар Ғарм барои 20 нафар, дар Қалъаи Хумб барои 10 нафар;

11. таҷҳизоти кирмакпарварон – 161 колхоз, ба маблағи 80500 рубл;

12. тақсими ройгони асбобҳои хурд ба кирмакпарварон ба маблағи 32000 рубл;

13. ташкили курсҳои инкубаторҳо барои 200 нафар, ба маблағи 14500 рубл;

Аз тарафи Маркази колхозӣ то ҳол оид ба масъалаи кирмакпарварӣ чорабиниҳои амалӣ гузаронида нашудааст.

1. То ҳол аз тарафи Маркази колхозӣ ба Иттиҳоди колхозҳои ноҳияҳо ягон дастур дода нашудааст.

2. Муносибати Маркази колхозӣ, Маркази нон, инчунин худи Трести абрешим ба нишондоди шинонидани ниҳоли буттагӣ дар соли 1931 ва маҳз набудани назоратии лозимӣ, ки ба нобудшавии ниҳолҳои буттагӣ оварда расонид ва дар камшавии захираҳои онҳо дар соли 1932 инъикос ёфт, нораво doniста шавад.

3. Муносибати ғайриқаноатбахши Трести абрешим ва Иттиҳоди замину ҷангал, коргаронро ба масъалаи омодасозии кадрҳои занона, аз ҷумла вазъи муташанниҷи курсҳои кирмакпарварони назди заводи тухмии кирмаки шаҳри Сталинобод, ки нисбат ба он Трести абрешим, Комиссариатҳои халқии меҳнат ва Иттиҳоди замину ҷангал, ки нисбати коргарон чораи қатъӣ наандешидаанд, бояд қайд намуд.

4. Ба Трести абрешим ва Иттиҳоди замину ҷангал пешниҳод гардид, ки ба беҳдошти вазъи корҳо шурӯъ намоянд, дар баробари ин аз рӯйи самти муассисаҳои фавқуззикр оид ба гузаронидани корҳои васеи оммавии фаҳмондадиҳӣ ҷиҳати ҷалби хонандагон ба муассисаҳои Трести абрешим супориш дода шавад.

5. Ба Трести абрешим, Комиссариатҳои халқии тандурустӣ, Маркази колхозӣ, Комиссариати халқии замин пешниҳод карда шавад, ки дар ҷойҳои хӯроки ҷамъиятии кирмакхо боғча, майдончаҳои кӯдакон, ошхонаҳо ташкил кунанд.

6. КИМ ба муассисаҳои фавқуззикр дар бораи ҷудокунии маблағҳо барои ташкилу доир кардани тамоми чорабиниҳо оид ба хизматрасонии маданӣ ва маишӣ зимни маъракаҳои кирмакпарварӣ ва кишту кор супориш диҳад.

7. Тамоми КБММЗ-ҳо иҷрои 100% ва иҷрои барзиёди нақшаи пиллапарвариро бо истифода аз фаъолзанон, аъзоёни шурои ҷамоатҳо дар доир кардани корҳои тарғиботӣ- оммавии фаҳмондадиҳӣ оид ба масъалаи кирмакпарварӣ таъмин намояд.

8. Ба тамоми КБММЗ-ҳои ноҳияҳо ва Иттиҳоди колхозии ноҳияҳо пешниҳод карда шавад, ки бо масъалаи доир кардани корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба аҳаммияти ҳимояи модару кӯдак, майдончаҳои кӯдакон, боғчаҳои кӯдакон, инчунин таъмини охирин аз тарафи Иттиҳоди колхозии ноҳияҳо бо маҳсулоти ширӣ, сабзавот, биноҳо ва таъмин бо кормандони хизматрасонӣ аз ҳисоби занони колхозӣ шуғл варзанд.

9. Ба сектори Ҳимояи модару кӯдак, Комиссариатҳои халқии тандурустӣ ва маориф ба тамоми шуъбаҳои тандурустӣ ва маориф оид ба хизматрасониҳои боғчаҳои кӯдакона ва майдончаҳои кӯдакон дар вақти маъракаи кишт супориш дода шавад.

10. Ба Комиссариати халқии маориф супориш дода шавад, ки ба муаллимони маҳалҳо нисбат ба дарсҳои пиллапарварӣ, ки ба барномаҳои мактабӣ ворид гардидаанд, хусусан нисбат ба маҳви бесаводии занон, инчунин нисбат ба ташкил додани хӯроки намунавӣ ба кирмакҳо дар назди мактабҳо дар маъракаи кирмакпарварӣ мурочиатнома таҳия кунанд.

11. Ба Маркази колхозӣ супориш дода шавад, ки дар колхозҳо дар маъракаи кирмакпарварӣ оид ба масъалаи пиллапарварӣ корҳои тарғиботӣ ва оммавии фаҳмондадиҳӣ гузаронанд.

Дар ҷодаи таъмини кирмакҳо бо захираҳои ғизо дар соли 1932 Тресrи абрешим ва Маркази колхозӣ ба шинонидани ниҳолҳои буттагӣ диққати лозимӣ диҳанд [14, с.41].

КМКБММЗ ин масъаларо дар бюрои худ 10 марти соли 1932 махсус мавриди баррасӣ қарор дод. Баъд аз шунидани намояндаи Тресrи абрешим қарор қабул кард:

1. Тресrи абрешими Тоҷикистон моҳи декабри соли 1931 нақшаи фурӯши тухмии кирмак, тайёркунии пилларо аз рӯйи чорабиниҳои аграрӣ тавре ба роҳ монад, ки то оғози маърака дар ҷойҳо омада гардида, нақшаҳоро то ҳар як колхоз ва хоҷагии меҳнат аз ҳисоби 55000 қуттии фурӯши тухми кирмак ва тайёр кардани 1320 тонна пилла расонад.

2. Маъракаи кирмакпарварӣ аз 1. 11. 1932 оғоз меёбад. Ҳамзамон, шартномаҳо баста мешаванд. Ба ин кор Тресги абрешими Тоҷикистон тайёрӣ мебинад.

3. Аз тарафи Тресги абрешими Тоҷикистон 8 Тресги абрешими ноҳиявӣ, 15 базаи фаврӣ ташкил карда шудааст. Дар ноҳияҳои боқимондаи каммаҳсулот инструкторҳо таъмин карда, нуқтаҳои қабул кушода шудаанд. Аз маълумоти маводи бойгонӣ ошкор мегардад, ки баъзе сохторҳои истеҳсолӣ, аз ҷумла Маркази колхозӣ, ба оғози маърака тайёр набуд.

Дар ҳуҷҷат навишта шудааст, ки «Маркази колхозӣ то ҳол оид ба масъалаи пиллапарварӣ ягон чорабинии амалӣ нагузаронидааст. Онҳо ба Иттиҳодияи колхозии ноҳияҳо ягон хел супориш надодаанд» [3, с.27].

Бояд қайд кард, ки ду ҳуҷҷати дар боло аз номи КМКБММЗ ва Бюрои КБММЗ овардашуда дар аксари ҳолатҳо мушобеҳанд, аммо якдигарро пурра месозанд. Дар ҳуҷҷатҳо номҳои Абрешими тоҷик, Маркази абрешимии Тоҷикистон ва Маркази абрешимӣ хеле зиёд во мехӯранд. вале ҳамаи онҳо ҳамон Абрешими тоҷик ё Маркази абрешимӣ мебошанд.

Ҳуҷҷатҳои бойгониро варақ зада, ба он муътақид мегарди, ки дар солҳои 30-юми асри XX на танҳо сохтмони ҷамъияти сотсиалистӣ, балки ташкили ҳаракатҳои сершумор ва ташаббусҳо босуръат авҷ мегирифтанд. Ҳар яке аз онҳо ҳам аз рӯйи ном ва ҳам аз рӯйи фаъолият нодиранд. Яке аз онҳо сектори ҳимояи модару кӯдаки назди Комиссариати халқии тандурустии ҶШС Тоҷикистон буд. Он дар беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварз фаъолона ширкат меварзид.

Мо дар ихтиёри худ ҳисоботи ташкилоти ҳимояи модару кӯдакро дар бораи доир кардани маъракаи кишти баҳории соли 1932 дар ихтиёр дорем ва онро пурра меорем, чунки аз матни он рӯҳияи ҳамон насле, ки инқилоб карданду ҷамъияти сотсиалистӣро сохтаанд, намоён мегардад.

«Ба мақсади ҷалби бештари занон ба кишти баҳорӣ ва фароҳам овардани шароити хуби маишӣ барои онҳо Комиссариати халқии тандурустӣ ташкили 140 боғча ва то сад боғчаҳои кӯдаконаро ба нақша гирифт. Барои доир кардани

чорабиниҳо аз тарафи мо моҳи феврал масъала барои тасдиқ ба Шуъбаи тарғибот ва оммавии КМ ҲК(б) ва КМКБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон пешниҳод карда шуд [3, с.27]. Дар машварати назди Шуъбаи тарғиботи оммавии КМ, ки 20. 11. 1932 баргузор гардид, намояндагони ташкилоти манфиатдор (Комиссариатҳои халқии тандурустӣ ва маориф, Маркази колхозӣ, Маркази тракторӣ, Суғуртаи давлатии сотсиалистӣ, Тресті абрешим, Иттиҳоди пахта, Иттифоқи касаба, КМКБММЗ ва дигарон) ҳузур доштанд, чунин қарор бароварда шуд: Нақшаи тавсияи шабакаҳои мавсимии боғчаҳои кӯдакон тасдиқ карда шавад; барои нигоҳдории шабакаи мавсимии боғчаҳои кӯдакон дар давраи кишту кор Комиссариатҳои халқии маориф 50000 рубл, Суғуртаи давлатии сотсиалистӣ 30000 рубл ва КБММЗ 100000 рубл ҷудо кунанд ва тамоми маблағҳо ба Комиссариати халқии тандурустӣ мутамарказонида шавад. Чунин қарорро якчанд рӯз пештар КМКБММЗ бароварда буд» [3, с.27].

Аммо, чӣ тавре дар як ҳуҷҷат қайд мегардад, то ҳол ягон ташкилоти фавқуззикр ин корро иҷро ва маблағ ба истиснои КМКБММЗ ҷудо накардааст ва ин ба қатъи доир кардани маъракаи боғчаҳо ва хизматрасонии занон дар кишту кор халал расонида, ба ҷалби 100% занон ба кишту кор, бешубҳа, таъсир мерасонанд [3, с.27].

Комиссариати халқии тандурустӣ барои татбиқи нақшаҳои пешбинишуда ба шуъбаҳои тандурустии ноҳияҳо супориш дод, ки барои тавсияи шабакаи мавсимии боғчаҳо маблағ ҷудо кунанд. Як қисми боғчаҳои кӯдакон аз ҳисоби маблағҳои ҷудогардидаи шуъбаи тандурустии ноҳияҳо ва комитетҳои иҷроияи ноҳияҳо ташкил карда шудаанд. Аммо, бинобар он ки Комиссариати халқии тандурустӣ бо сабабҳои дар боло зикргардида шабакаи мавсимии боғчаҳоро бо маблағ таъмин карда натавонист, нақша иҷро нашуд. Аз 140 боғча ҳамагӣ 70 боғча ташкил карда шуд ва шабакаи статсионарӣ танҳо то 100 расидааст.

Чӣ тавре аз ҳисоботи ташкилотҳое, ки муассисаҳои кӯдаконро ҳангоми маъракаи корҳои кишоварзӣ ба шефӣ гирифтанд, бармеояд, миқдори муассисаҳои кӯдакона рӯ ба афзоиш дошт. Масалан, Комиссариати халқии

тандурустӣ соли 1932 ба нақша гирифта буд, ки зимни маъракаи хишовакунӣ ва пахтачинӣ шабакаи мавсимии боғчаҳои кӯдаконро ду маротиба зиёд карда, ба ҷойи 200 боғча, ки соли 1931 дар мавсимӣ пахтачинӣ мавҷуд буд, то 600 боғча мерасонад [3, с.27].

Масалан, Комиссариати халқии тандурустӣ дар мавсимӣ хишовакунӣ кушодани 400 боғча ба маблағи 200000 рубл (барои ҳар як боғча 500-рублӣ) ва дар мавсимӣ пахтачинӣ кушодани 600 боғча ба маблағи 42000 рубл (барои ҳар як боғча 70-рублӣ) ба нақша гирифта буд. Инчунин, омодасозии ташкилотчиён ва ҳамшираҳои тиббӣ пешбинӣ шуда буд. Дар ҳуҷҷат мехонем: 120 нафар ташкилотчигии боғча аз ҳисоби як корманд ба 5 боғча ва ҳамшираҳои тиббӣ 600 нафар, яъне якнафари ба ҳар як боғча омода кардан даркор буд [3, с.27].

КБММЗ чунин меҳисобанд: «Барои таъмини чорабиниҳои банақша-гирифташуда ва ҷалби васеътари занон ба кишоварзӣ, хизматрасонии бештари маишати онҳо ба муассисаҳое, ки қаблан ҷудокунии маблағҳо барои ташкили боғчаҳои кӯдакона ва омодасозии кадрҳои кормандони боғча ба онҳо пешниҳод гардида буд ва шунидани маърӯзаи Комиссариати халқии тандурустӣ ва ташкилоти дигар, ки бо доир кардани маъракаи пахтачинӣ, бо хизматрасонии маданӣ ва маишии пахтакорон алоқаманданд, зарур аст. Дар айни ҳол, хабар дода буд Комиссариати халқии тандурустӣ, бе кумак аз тарафи ташкилоти роҳбарикунанда ва ёрии моддӣ аз тарафи ташкилоти ҷамъиятӣ, Шуравӣ ва хоҷагидорӣ, ки уҳдадориро ба души худ гирифтаанд, масъалаи ҷалби занон ба кишоварзӣ ва нақшаи пахта иҷро намегардад [3, с.29].

Инчунин, КМКБММЗ дар ҷаласаи рӯзи 07.06.1932 масъалаҳои зеринро дида баромад: иҷрои нақшаи хизматрасонии маданӣ ва маишӣ зимни мавсими кишту кор ва нақшаи дурнамои хишовакунӣ ва пахтачинӣ, сохтмони клубҳои занон дар ноҳияҳо, ташкили экскурсия, таҳқиқи совхозу колхозҳо оид ба ташкили меҳнати занон, ташкили профилакторияи меҳнатӣ, ташкили хизматрасонии маданӣ ва маишии коргарзанони роҳи оҳан, доир кардани маъракаи кирмакпарварӣ.

19 июн масъалаи нашри брошюраи «Рӯзгори нав» ва пулакӣ будани ҳимояи модар ва кӯдак баррасӣ гардид [3, с.65-73].

Фаъолияти КМКБММЗ серпаҳлу буд. Масалан, 14 апрели соли 1932 дар ҷаласаи Раёсати КМКБММЗ масъалаҳои зерин мавриди баррасӣ қарор дода шуданд: хизматрасонии маданӣ ва маишии колхозҳо зимни маъракаи кишт, ташкили курсҳо барои кормандони КБММЗ, ташкили профилакторияҳои меҳнатӣ, муассисаҳои кӯдакона дар ноҳияи Ҳисор, таҳқиқи колхозҳо дар масъалаи ташкили меҳнати занон, вазъи муассисаҳои кӯдаконаи низоми Тоҷикматлубот [3, с.60].

13 январи соли 1932 Раёсати КМКБММЗ-и назди КИМ-и ҶШС Тоҷикистон бо рӯзномаи зерин баргузор гардид:

1. Омодагӣ ба маъракаи кирмакпарварии соли 1932 ва омодасозии кадрҳо оид ба пиллапарварӣ, (Маърӯзаҳои Тректи абрешим ва Маркази колхозӣ);

2. Ҷалби занон ба колхозҳо ва ба расмиятдарории онҳо (Маърӯзаҳои Маркази колхозӣ ва КБММЗ).

3. Масъалаҳои гуногун.

Оид ба масъалаи якум КБММЗ аз Тректи абрешим хоҳиш кард, ки маълумотро «Дар бораи ташкили хӯрокдиҳии намунавии кирмакҳо дар миқёси ноҳия» то 2 феврали соли 1932 пешниҳод намояд [12, с.93-94].

Роҳбарӣ ба фаъолияти КБММЗ-ҳо мутамарказонида шуда буд: КБММЗ-и назди КИМ-и ИҶШС ба комиссияву комитетҳои минтақавӣ (осиёимиёнагӣ) ва ҷумҳуриявии КБММЗ-и меҳнаткашон дар асоси нақшаҳои тасдиқшуда.

Чӣ тавре маълум аст, КБММЗ-ҳо дар ибтидои ташкил шудан буданд. Азбаски кор ҷиддӣ ва сернақша буд, дар асоси кормандони штатӣ амал мекардагӣ шуданд. Сараввал аз котибон оғоз ёфт, баъдан вазифаҳои дигар ба вуҷуд омаданд. Аз ҷумла, аз нақшаи кори комитети Раёсати КИМ ИҶШС оид ба азнавсозии маишӣ бар меояд, ки бо муайянсозии соҳаи фаъолият ва ҷиддияти кор афзоиши мунтазами штати Комитет рӯй медод.

Дар яке аз нақшаҳои кории Комитети Раёсати КИМ ИҶШС, ки санаи рӯз надорад, омдааст: «Дар назди Комитет штатҳои зерин ташкил карда мешавад: 1.

Хӯроки ҷамъиятӣ. 2. Рӯзгори кӯдакон. 3. Сохтмони нав 4. Ташкили кори таъмирӣ. 5. Ташкили меҳнати занон, ки дар он масъалаи гендерӣ ва эҳтиёҷоти занони меҳнаткаши Шарқ махсус қайд карда мешавад» [14, с.32].

11 феврали соли 1931 КМКБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон ба шаҳри Хоруғ барқияи зеринро фиристод: «Аз рӯйи маълумоти Иттиҳоди косибони саноатии Тоҷикистон дар Бадахшони Кӯҳӣ барои ташкили артелҳо 5000 рубл ҷудо шудааст. Харҷи онро барои ташкили артели занон пайгирӣ кунед. Комиссариати халқии маориф ба кушодани клуби занон як ҳазору дусаду бисту панҷ рубл ва барои боғчаҳои кӯдакон як ҳазору панҷсаду бисту панҷ рубл қарз додааст» [5, с.34].

Раиси КБММЗ-и ноҳияи Ашт Хуснидинова 22. 03. 1931 ба КМКБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон чунин ахбор дод: «Ба барқияи Шумо (№300/80) хабар медиҳам, ки дар ноҳияи Ашт боғчаи кӯдакон ташкил нашудааст. Ҳоло чунин мушкилот вуҷуд надорад. Барои соли 1931 маблағҳо ҷудо карда шудааст: барои боғчаҳо дар ҷамоатҳо 15596 рубл, барои боғчаи кӯдакон 30000 рубл, барои хонаи кӯдакон 20000 рубл, барои ошхонаи ширӣ 15596 рубл, барои машваратхонаи занона 3658 рубл, барои корҳои пионерӣ 7342 рубл.

Ба маълумоти Шумо мерасонем, ки ба истифодаи маблағҳои соли 1931 ҳанӯз шурӯъ накардаем» [18, с.7].

Аз баъзе ҳуҷҷатҳои бойгонӣ маълум мегардад, ки КМКБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон баъзан манфиатҳои меҳнаткашонро ҳимоя мекард ва нақши иттифоқи касабаро мебозид.

Дар фонди 11 мо якчанд ҳуҷҷатҳоро ошкор сохтем, ки на иттифоқи касаба, балки КБММЗ дар нақши ҳимоятгари манфиатҳои меҳнаткашон баромад мекунад. Дар ин ҷо дар бораи музди меҳнати пасти коргарзанони заводи тухми кирмаки шаҳри Сталинобод сухан меравад.

Чӣ тавре маълум аст, КБММЗ-ҳо вазъи маишату рӯзгори меҳнаткашонро меомӯхтанду пайгирӣ менамуданд. КМКБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон дар ибтидои соли 1931 вазъи маишию рӯзгори меҳнаткашони

заводи тухми кирмаки Сталинободро мавриди таҳқиқ қарор дода, маоши пасти кормандони ин заводро нисбат ба маоши кормандони заводҳои ҷумҳуриҳои дигар ошкор намуданд. КБММЗ ҳуқуқи коргарони заводи тухми кирмакро ҳимоя карда, бо мактуб ба Комиссариати халқии меҳнат ва Иттифоқи касабаи ҷумҳурӣ муроҷиат намуд. Ин мактуро мо наёфтем, аммо он вуҷуд дорад, чунки дар мактуби ҷавобии Комиссариати халқии меҳнати КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон чунин омадааст: «Ба мактуби Шумо аз 28. 06. с.ҷ. (1931с.) №2070/18,75 хабар медиҳем, ки шартномаи коллективи заводи тухми кирмакро КХТ тасдиқ накардааст. Агар ба заводи тухми кирмак шартномаи генералӣ таҳия гардад, пас идораи Тоҷикистонии Абрешими Туркистон ҳуқуқ надорад, ки мустақилона андозаи маошро бе иҷозати идора тағйир диҳад, бинобар ин баъд аз иҷозати идора ин масъаларо бардоштан мумкин аст» [5, с,101].

Ин ҷавоб КМКБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон ва меҳнаткашони заводи тухми кирмакро қонеъ нагардонд. Аз ин рӯ, КБММЗ бо дархости расмӣ ба КБММЗ-и минтақавӣ дар ш. Тошкент, ба Шурои иқтисодии Осиёи Миёна муроҷиат намуд: «Ба Шурои иқтисодии Осиёи Миёна, ба КБММЗ-и минтақавӣ.

КМКБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон мактуби Комиссариати халқии меҳнати ҶШС Тоҷикистонро ба эътирози мо дар хусуси музди меҳнати пасти коргарзанони заводи тухми кирмак равона месозад. Зимни таҳқиқоти худ ошкор намудем, ки дар заводи тухми кирмак коргарзанон аз рӯйи тарифи Тоҷикистон, мувофиқи шартномаи генералие, ки бо Абрешими Туркистон баста шудааст, ба маоши кормандони Тошкент, Хуҷанд, Самарқанд ва ғ. баробар аст, ҳол он ки маош аз рӯйи шартномаи Тоҷикистон бояд баланд бардошта шавад [5, с.101].

КБММЗ сари вақт диққати КХМ ва Иттифоқи касабаи ҶШС Тоҷикистонро ба ин иштибоҳ дар додани музди меҳнати коргарзанони Заводи тухми кирмаки шаҳри Сталинобод равона сохт, аммо КХМ ва Иттифоқи касаба ба ин норасоиҳо аҳаммият надоданд ва КБММЗ-ро айбдор ҳам кардаанд.

Ин мактубро ба Шумо равона сохта, хоҳиш менамоем, ки амалҳои КХМ ва Иттифоқи касабаро дида бароед, чунки ба андешаи онҳо коргарзанони Заводи тухми кирмаки шаҳри Сталинобод оммаи пролетарии ИҶШС намебошанд ва КХМ ба Иттифоқи касаба манфиатҳои онҳоро ҳимоя намекунанд. Котиби масъули КБММЗ-и назди КИМ ҶШС Тоҷикистон Бубок» [6, с.97].

Ба масъалаҳои меҳнату маишати занони Тоҷикистон муассисаҳои илмӣ низ шуғл меварзиданд. Дар оғози солҳои 30-юми асри XX дар ҷумҳурӣ гурӯҳи олимон аз шаҳри Ленинград, ба ном бригадаи Ленинградӣ, ки масоили меҳнат ва маишати ҶШС Тоҷикистонро меомӯхт, кор мекарданд. КМКБММЗ бо ин бригада алоқаи зич дошт. 7 май соли 1932 КМКБММЗ дар ҷаласаи худ ахбори аъзои отряди Ленинградиро дар бораи омӯзиши аҳолии Тоҷикистон оид ба барномаи меҳнату маишати занони Тоҷикистон шунид.

Азбаски мо медонистем, ки ба омӯзиши маводи отряди Ленинградии АИ ҶШС Дзидзишвили машғул буд, корҳои ӯро кофтем. Дар воқеъ, ӯ маводи ин бригадаро омӯхтааст. Аммо дар бораи алоқаи ӯ бо КМКБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон ягон маълумот наёфтем. Ӯ ҳатто ягон маротиба КБММЗваро ба хотир наовардааст. Аниқтараш, ӯ дар бораи мавҷудияти чунин мақомот хабар надодааст.

Ҳамчунин, дар қарори қабулкардаи КМКБММЗ аз 7 май соли 1932 чунин омадааст: «Баъд аз омӯзиши меҳнату маишати занони Тоҷикистон маърӯза дар бораи натиҷаҳои кори отряд шунида, маводи хаттӣ ба КМКБММЗ супорида шавад» [6, с.97].

Дар фондҳои КИМ-и Шуроҳои ҶШС Точикистон (Фондҳои 10,13,33) мо Протоколи ҷаласаи муштараки КБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон ва аъзоёни бригадаи илмиро дарёфт кардем.

Матн:

«Протоколи №6. Ҷаласаи Раёсати КБММЗ якҷоя бо аъзоёни отряд оид ба омӯзиши аҳолии Тоҷикистон, экспедитсияи комплексии Академияи илмҳо. 7.05.1932 шаҳри Сталинобод.

Ҳузур доштанд: аъзоёни Раёсати КМКБММЗ Турдиёров, Шамсуддинов, Шамсуддинова, Бубок, Ортиқбоева.

Аъзоёни отряд: Розенфелд ва Кондуров.

Даъватшудагон:

Комиссариати халқии адлия – Абдураҳмонов;

Комиссариати халқии маориф – Селиверстова;

Нақшаи давлатӣ – Новосёлова;

КБММЗва и шаҳр- Назарова

Раис – Шамсуддинова;

Котиб – Маникиева;

Рӯзномаи ҷаласа:

1. Ахбори аъзоёни Отряди ленинградӣ оид ба омӯзиши меҳнат ва маишати занони Тоҷикистон;

2. Гуногун.

Шуниданд: Ахбори аъзои Отряди ленинградӣ оид ба омӯзиши меҳнат ва маишати занони Тоҷикистон ва дар бораи барномаи корҳо (Розенфелд).

Қарор қабул карданд:

1. Барномаи пешниҳодкардаи отряди АИ ИҶШС бо дарназардошти баёншуда (эродҳои баёншуда - Ф.Р.) ҳармоҳа тасдиқ карда шавад.

2. Аз шуъбаи тарғиботӣ ва оммавии КМҲК(б) Тоҷикистон хоҳиш карда шавад, ки барномаро таҳрир тасдиқ ва баъд аз он корро оғоз намояд.

3. Аз Раёсати КИМ-и ҶШС Тоҷикистон хоҳиш карда шавад, ки ба тамоми комитетҳои иҷроияи ноҳияҳо оид ба расонидани кумак ба отряди ленинградии АИ ИҶШС дар иҷрои корҳои пешниҳодшуда дастур диҳад» [3, с.65].

Дар маводи бойгонии КМКБММЗ мо сабти лотинӣ, тоҷикӣ ва арабии қарор мазкур, вале маводи дигарро ошкор намудем. Эҳтимол, барои ёфтани ин барнома онро дар маводи бойгонии КМҲК(б) Тоҷикистон ё Шуъбаи Санктпетербургии АИ Русия бояд ҷустуҷӯ кард.

КМ КМББ барои самаранок фаъолият кардан бояд миқдори коргарзанонро донад. Аз ин рӯ, он аз тамоми муассисаҳо дар бораи коргарзанон маълумот мепурсид.

22 июни соли 1932 Муовини раиси КМ КБММЗ Шамсуддинова аз Иттиҳоди пахта маълумоти зеринро пурсон шуд: «КМ КБММЗ-и назди КИМ-и ҶШС Тоҷикистон хоҳиш менамояд, ки оид ба масъалаҳои зерин маълумот дода шавад :

1. Ҳоло чӣ қадар зан дар совхозҳо кор мекунад?

2. Чӣ қадар зан дар кишту кори баҳорӣ ширкат меварзад?

3. Меҳнати занон дар совхозҳо чӣ тавр ташкил карда шудааст?

а) Чорасозии корбайъӣ?

б) Бригадаҳои муштарак оё ташкил карда шудаанд ва натиҷаҳои кори онҳо чӣ гуна аст?

4. Хизматрасонии маданӣ-маишӣ дар мавсими кишту кор чӣ қадар боғча ва майдончаҳои кӯдакона мавҷуд аст?

5. Нақшаи дурнамо, шумо оид ба хизматрасониҳои маданӣ-маишии занон зимни маъракаи пахтачинӣ чӣ гуна омода мебошед?

Маълумотро ба КИМ КБММЗ 25/VI пешниҳод намоед [8, с.158].

Барои иҷрои қарори КБММЗ КИМ ҶШС Тоҷикистон аз номи котиби масъули КБММЗ-и Конибодом Узбекова ва Ҳимояи модар ва кӯдаки ноҳия Б. Валиева хабар омад, ки шуъбаи тандурустии шаҳр ва комитети КБММЗ ба барқияи Шумо ҷавоб медиҳад, ки дар маъракаи кишту кор 7 боғча, ки 210 кӯдаконро фаро мегирад, ташкил карда шуд. Курсҳои сеҳафтаинаи омодасозии 40 нафар корманди боғча роҳандозӣ гардидаанд. Курсҳо 1 май ба охир мерасанд. Дар мавсими ҳосилғундорӣ, яъне аз 1-ум то май 29-уми май боғчаи тобистонаи кӯдакон бо фарогирии 870 кӯдак ба муҳлати 4 моҳ ташкил карда мешавад. Аз тарафи маорифи шаҳр барои ташкили майдончаҳои кӯдакон ва боғчаи кӯдакон чораҳо андешида нашудаанд.

Сабабро дар набудани маблағ мебинанд, бинобар ин аз Шумо хоҳиш менамоем, ки ба маблағгузорӣ мусоидат намоед [14, с.26].

КБММЗ бо масъалаҳои профилакторияҳои занона низ шуғл меварзид. Ин масъала дар ҷаласаи Раёсати КБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон аз 17 феврали 1932 чун масъалаи мустақил шунида шуд. Оид ба ин масъала Бубок баромад карда, дар бораи зарурати профилакторияҳои занона гуфта гузашт. Баъди муҳокимаи масъала қарори зерин қабул карда шуд:

«1. Сохтмони профилакторияҳои занона зарур ҳисобида шавад.

2.Ҷойи ташкили профилакторияҳои занона шаҳри Хуҷанд интихоб карда шавад» [3, с.55].

5 феврали соли 1932 ҷаласаи васеи Раёсати КБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон баргузор гардид ва ба он намояндагони ҳамаи комиссариатҳои халқӣ ва ташкилоти хоҷагидор даъват карда шуданд. Масъалаи асосии рӯзномаи ҷаласа санҷиши натиҷаҳои чорабиниҳои бахшида ба рӯзи 8-март гузаронидашуда ва нақшаи чорабиниҳои соли 1932 буд. Дар ҷаласа ахбори намояндагони Тресҭи кишоварзӣ, комиссариатҳои халқии маориф, тандурустӣ, меҳнат, таъминот, замин, Иттиҳоди саноатӣ, Маркази колхозӣ, Тоҷикматлубот шунида шуд.

Дар қарори қабулшуда гуфта мешавад, ки фаъолияти комиссариатҳои халқӣ ва ташкилотҳо чандон қаноатбахш нест:

1. Бояд қайд кард, ки аксари комиссариатҳои халқӣ, инчунин муассисаҳои марказии давлатӣ ва хоҷагидорӣ на танҳо чорабиниҳои барои соли 1932 банақшагирифташуда, балки корҳои иҷрошударо намедонанд. Илова бар ин, аксари комиссариатҳои халқӣ ба ҷаласаи КМКБММЗ ҳозир нагардиданд, ҳар чанде, ки якчанд рӯз пештар хабардор карда будем.

2. Тамоми муассисаҳои Маркази давлатии хоҷагидорӣ ва комиссариатҳои халқӣ дар мухлати 10 рӯз нақшаи доир кардани 8-мартро дар ҷумҳурӣ тартиб дода, ба КМКБММЗ пешниҳод кунанд.

3. Ба рӯзи 8-уми март барои тамоми коргарзанон, занони колхозӣ, занони камбағалу миёнаҳол оид ба масъалаи аҳаммияти 8-уми март ва иштироки занон дар сохтмони сотсиализм муроҷиатнома бароварда шавад.

4. Аз Раёсати КИМ хоҳиш карда шавад, ки нақшаи лоиҳаи сохтмони клуби занонро дар шаҳри Сталинобод тасдиқ кунанд ва ба рӯзи 8-уми март пояи бинои онро гузоранд [14, с.52].

Дар кори КБММЗ ҳолатҳое во мехӯрданд, КБММЗ ба маҳал кормандонеро мефиристад, ки онҳо забони ин маҳалро намедонанд. Баъд аз хатми курсҳои тайёркунии кормандони КБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон Қараева Саида ба КБММЗ-и ноҳияи Лақай-тоҷик равона карда шуд. Дар кор аз сабаби надонистани забон мушкилӣ мекашид. Аз ин рӯ, 10. 04. 1932 ӯ навиштааст:

Ба КМКБММЗ-и назди КИМ ҶШС Тоҷикистон аз корманди КБММЗ-и ноҳияи Лақай-тоҷик Қараева Саида

Ариза

Бо навиштани ариза аз Шумо хоҳиш менамоям, ки маро аз кори КБММЗ-и ноҳияи Лақай – тоҷик озод карда, ба ноҳияи дигар гузаронед [18, с.23].

Фаъолияти КБММЗ-ҳои ноҳияҳо зери назорати КБММЗ қарор дошт ва кори онҳо мунтазам назорат ва муҳокима мегардид. Дар ҷаласаи Раёсати КБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон аз 05. 01. 1931 масъалаҳои зерин баррасӣ гардиданд: дар бораи вазъи корҳои КБММЗ-ҳои ноҳияҳо; ахбор дар бораи натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашудаи корҳои муассисаҳои давлатӣ ва хоҷагидорӣ оид ба беҳдошти шароити меҳнату маишати меҳнаткашон ва тасдиқи нақшаи корҳо барои соли 1932 [3, с.15-28].

Чӣ тавре маълум аст, КБММЗ бо самтҳои ҳаёти меҳнаткашон ҳатто бо масъалаҳои ҳуқуқӣ шуғл меварзид. КБММЗ-и назди КИМ-и ҶШС Тоҷикистон ба прокурори ҷумҳурӣ мактуби зеринро ирсол намуд: КБММЗ барои тафтиш парвандаи прокурори ноҳияи Ҳисор, рафиқ Исмат Зокировро мефиристад.

Рафиқ Исмат Зокиров 2 феврали соли ҷорӣ (1932) аз ҳамсараш ҷудо шуда, кӯдаки панҷмоҳаро ба ӯ дод.

Дар назди суди ноҳияи Конибодом рафиқ Зокиров маълумот дод, ки ӯ зану кӯдаконро аз ҷиҳати моддӣ таъмин мекунад, яъне барои нигоҳубини кӯдак

ба зани собиқаш ҳар сол 200 рубл мефиристад, аммо то ҳол ягон тин ба зани собиқаш равон накардааст.

КМКБММЗ ин ҳодисаро нораво медонад ва хоҳиш менамояд, ки ба тартиби судӣ ин масъаларо дида баромада, ба рафиқ Зокиров барои таъмини моддии зану кӯдаконаш таъсир расонад. Хоҳиш мекунем, ки қарори судро ба самъи Комитети беҳдошти меҳнату маишати назди КИМ ҶШС Тоҷикистон расонад [8, с.170].

Дар бораи рафти кушодашавии боғчаҳои кӯдакон КБММЗ бо тамоми ташкилоти марбута алоқаи доимӣ дошт. Аз ҷумла, ба Комиссариати халқии маориф мактуби расмӣ равон кард: «Аз рӯйи маълумоти мавҷуда дар кушодани боғчаҳои кӯдакони ноҳияи Конибодом маорифи ноҳия ширкат намеварзад ва аз ташкили боғчаҳои кӯдак даст кашида мегӯяд, ки маблағ надорад. Аз ин рӯ, КМКБММЗ танзими ин масъала ва қабули ин чораҳоро барои ташкили боғчаҳои кӯдакон зарур мешуморад. Дар бораи ин масъала чораҳо андешида, худ ба КБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон на дертар аз 10 майи соли ҷорӣ (соли1932) хабар диҳед» [12, с.69].

Фаҳмост, ки барои кушодани ташкилот, сохтани он маблағ низ лозим аст. Ба шарофати маҷлиси 8-уми март КБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон тасмим гирифт, ки дар Помир артели занонаи косибӣ ва саноатиро ташкил намояд. Бинобар ин, котиби масъули КБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон Бубок бо мактуби расмӣ ба Идораи Иттиҳоди саноати косибӣ муроҷиат кард:

«КБММЗ-и округи назди комиҷроия, округи Помир ба КБММЗ-и назди КИМ дар бораи ҷудо кардани маблағ барои ташкили артелҳои занонаи саноати косибӣ муроҷиат кард.

КБММЗ-и назди КИМ хоҳиш менамояд, ки хабар диҳад: барои ташкили артелҳои занона чӣ қадар маблағ медиҳед, доир ба масъалаи ташкили артелҳои косибӣ кадом корҳоро ба самар расонидед ва кадом намудҳои саноати косибӣ дар ҷойи шумо мавҷуд аст.» [5, с.61].

КБММЗ-ҳо баъзан дар якчанд самт кор мекарданд: вазифаҳои худ ва корҳои ҷамъиятиро иҷро менамуданд. Масалан, котиби масъули КБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон Шамсуддинова 07. 11. 1932 дар гузоришномаи худ ба сектори занонаи КМ ҲК(б) Тоҷикистон навиштааст: «Ба сектори занонаи КМ-и ҳизб. Бинобар хеле мушкил будани кор дар замони мо, яъне барасмиятдарории сохтмони клуби занон, ташкили курсҳо, омодагӣ ба сессияи КИМ ва як қатор корҳои дигар имконият надорем, ки масъаларо сари вақт ҳал намоем. Бинобар ин, хоҳиш мекунам, ки ба ҷойи ноҳияи Саройкамар маро ба ноҳияи наздиктарин равон созед. Дар акси ҳол ман корҳои худро ба сомон расонида наметавонам» [12, с.10-11].

Дар ҷузвдони ҳуҷҷатҳои бойгонӣ гузоришномаи мушобеҳе мавҷуд аст: «Ба сектори занони КМ ҳизб. Бинобар мушкил будани кор дар замони ҳозира, яъне барасмиятдарории сохтмони клуб, илова бар ин, маблағи ба андозаи 100000 рубл, ки онро бояд то 1 апрел харҷ кард, ташкили курсҳо, омодагӣ ба сессияи КИМ ва як қатор корҳои дигари фаврӣ, ман ҳамаи ин се масъаларо ҳал карда наметавонам. Аз ин рӯ, хоҳиш менамоям, ки ба ҷойи Саройкамар маро ба ноҳияи наздиктарин равон созед, то ин ки ман барвақтар баргашта, кори худро омода созам» [12, с.12-13].

КБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон, чӣ тавре дар боло қайд гардид, барои ноилгардӣ ба мақсадҳои хеш ба тамоми сохторҳои ҳокимиятие, ки бо масъалаҳои маишии меҳнаткашон алоқаманд буданд, ҳамкори мекард.

9 сентябри соли 1932 дар ҷаласаи КИМ ҶШС Тоҷикистон масъалаи доир кардани чорабиниҳо барои мустаҳкамкунии Хонаи деҳқон тибқи қарори Раёсати КИМ-и Шуроҳо аз 29 августи соли 1932 баррасӣ гардид: «Ба Шамсидинова ва Бубок супориш дода шавад, ки корро байни занон нисбат ба Хонаи деҳқон вусъат дода, дар давоми 4 рӯз утоқи модару кӯдакро ташкил карда, нақшаи корро бо шуъбаи ташкили КИМ ба мувофиқа дароранд» [18, с.35].

КМКБММЗ ба масъалаҳои ба кор таъмин намудани шаҳрвандон низ машғул буд. Дар ҳуҷҷате, ки ба кооператсияи хӯроки умумӣ равона гардидааст, чунин омадааст: «Шаҳрванд Юшина, ки дар ҳолати вазнин қарор дорад, ба назди Шумо фиристода мешавад. КМКБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон аз Шумо хоҳиш менамояд, ки ӯро ба сифати зарфшӯй ё фаррош ба кор қабул кунед» [12, с.88].

Раёсати Шурои қтисодии Осиёи Миёна гузоришномаҳои шуъбаҳои ноҳиявии КБММЗ-и ҶШС Тоҷикистонро баррасӣ намуда, ба ноҳияи Нов мукофот дод. Дар як ҳуҷҷати раёсат чунин омадааст: «Ноҳияи Нови Тоҷикистон барои ташкили беҳтарини меҳнати занон дар колхозҳо дар давраи кишти баҳорӣ ва барои омода сохтани 30 тракторчизан мукофотонида шавад» [2, с.26].

Ваколатнома

Ман, ҷонишини Раиси КМКБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон рафиқ Шамсуддинова, ба инструкторн КМКБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон рафиқ Трофимова ба бастани шартнома барои сохтмони клуби занон дар шаҳри Сталинобод ва ба бурдани гуфтушуниде, ки бо сохтмони клуби занон алоқаманд аст ва ба ҳалли тамоми масъалаҳои бо сохтмони клуби занон алоқаманд ваколат медиҳам [2, с.26].

Ҳанӯз Н.К.Крӯпская дар асари худ «Зан шаҳрванди баробарҳуқуқи ИҶШС [97]» қайд карда буд, ки вазъи ҳозираи коргарзанонро бо вазъи занони тоинқилобӣ муқоиса карда, пешравиҳои зиёдеро мо мебинем. «Аммо, сарфи назар аз ин, бояд бештар кор кард, то ин ки коргарзанонро аз хурофот ба пуррагӣ озод намоем» [101].

КМКБММЗ-и назди КИМ ҶШС Тоҷикистон бо тамоми комиссариатҳои халқӣ, ташкилоти истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ, ки дар онҳо одамон кор мекарданд, алоқаи зич дошт. Азбаски вазифаҳои сохтмони ҷамъияти сотсиалистӣ сершумор буданду тамоми соҳаҳои фаъолияти меҳнатӣ ва худи ҳаётро фаро мегирифтанд, пас ин соҳаҳоро ба тарзи ҳаёти сотсиалистӣ наздик овардан лозим буд. Барои сохтани чунин ҷомеа назария бештар буд, аммо

ҷамъияти Шуравӣ татбиқи онро мехост. Дар таҷриба маълум шуд, ки татбиқи сохтмони сотсиалистӣ чандон осон нест. Аммо ҷомеаи Шуравӣ дар солҳои 20-30-юм ба татбиқи сотсиализм боварии калон доштанд. Аз ин рӯ, ҳар як ташаббусро барои татбиқи он лозиму зарур мешумориданд. Дар ин кор ташкилотҳои ҷамъиятӣ, мисли КБММЗ-ҳо, кумак мерасонданд.

Чӣ тавре маълум аст, яке аз самтҳои фаъолияти ҳукумати ҷумҳурӣ ҳимояи модар ва кӯдак мебошад. Барои кори сермаҳсул дар ин соҳа дар назди тамоми вазоратҳо ташкилоти махсус, ки Комитет оид ба ҳимояи модар ва кӯдак ном дошту бо масъалаҳои беҳдошти меҳнату маишати занон ҳам шуғл меварзид, таъсис ёфта буд ва фаъолияти хеле васеъ дошт.

Аз байни ҳуҷҷатҳои фонди 13 гузоришномаи дуюми Комиссариати халқии тандурустӣ оид ба хизматрасонии модар ва беҳдошти маишии коргарзанон ва занони кишоварзи ҶШС Тоҷикистон ҳифз шудааст:

«Дар шароити Тоҷикистон кор оид ба ҳимояи модар ва кӯдак як қатор вижагиҳое дорад, ки бо лаҳзаҳои маишӣ алоқаманданд. Тавсеаи сохтмони сотсиализм дар назди муассисаҳои ҳимояи модар ва кӯдак оид ба тарбияи иҷтимоии кӯдакон ва мубориза барои солимгардонии оила вазифаҳои калон мегузорад. Он тамоми муассисаҳои моро ба як низом медарорад ва онҳоро ба як вазифа - тарбияи оилаи солими коммунистӣ тобеъ намуда, муассисаи мо (боғча ва боғчаҳои кӯдакон, мактабҳо, машваратхонаҳои кӯдакон, машваратхонаҳои занон, амбулаторияҳои занон)-ро ба ячейкаи ибтидоии тамоми низоми тарбияи иҷтимоӣ ва солимгардонии оила табдил медиҳад» [14, с,18].

Муассисаҳои ҳимояи модар ва кӯдак дар фаъолияти худ занон, кӯдакони аз синни ширмакӣ то 16-соларо фаро мегирифтанд. Усулҳои кор дар муассисаҳои «Ҳимояи модар ва кӯдак» чунин буданд, ки ин муассисаҳо бештар профилактикӣ ҳисоб меёфтанд. Дар ин кор машварат, ҳомигӣ, кори беҳдошти равшаннамоӣ, яъне кори солимгардонӣ, на танҳо байни шахсони барои ёрӣ муроҷиаткунанда, балки дар хона низ асосӣ буд. Барои хизматрасонии занон Комиссариати халқии тандурустӣ ғайр аз муассисаҳои профилактикӣ тибқи шароити занон амбулаторияҳои умумӣ намерафтанду аз хизматрасониҳои

табибони бесавод истифода мебурданд. Яъне, мушкилот дар кори онҳо буд. «Дар тамоми кори ҳимояи модар ва кӯдак мушкилоти калон вомехӯрданд, ки сабабашон инҳоянд: набудани кормандони маҳаллӣ дар ҳимояи модар ва кӯдак, набудани бино барои фаъолияти муассисаи Ҳимояи модар ва кӯдак ва нарасидани ёрӣ аз тарафи ташкилоти ҳизбӣ, Шуравӣ ва ҷамъиятӣ» - қайд карда мешавад дар ҳуҷҷат.

Нисбат ба кори сохторҳои поёнии Ҳимояи модар ва кӯдак дар ҳуҷҷате чунин омадааст: «Ташкилоти ноҳиявӣ бо фаъолияти Ҳимояи модар ва кӯдак дуруст баҳо намедиҳанд ва ба ҷойи ёрӣ ба онҳо бо муносибати бюрократии худ доир кардани ин ё он чорабиниҳоро ба таъхир меандозанд ва ҳатто бо баҳонаи набудани бино муассисаҳоеро, ки солҳои зиёд фаъолият мекарданд, мебастанд ё аз бино пеш мекарданд (Арал, Ӯротеппа, Нов, Қизилмазор ва ғ.)» [14, с.18], зеро ки «Зимни доир кардани буҷет ноҳияҳо ба кушодани муассисаҳои Ҳимояи модар ва кӯдак диққати лозимӣ намедоданд. Зимни буридани буҷет бошад аз муассисаҳои марказӣ ва худи Комиссариати халқии тандурустӣ сар карда, маблағҳои барои чорабиниҳои Ҳимояи модар ва кӯдак ҷудошударо ихтисор менамоянд» [14, с.18].

Аз тамоми гуфтаҳои боло аён аст, ки ташкилоти роҳбарикунанда вижагиҳои Тоҷикистонро нафаҳмиданд. Ин соҳаи кор дар шароити Тоҷикистон аҳаммияти калони сиёсӣ пайдо карда, яке аз чорабиниҳои асосие ҳисоб меёфт, ки занонро озод ва насли солимро тарбия менамуд. Хусусан, кори ташкили боғчаҳои мавсимӣ дар вақти пахтачинӣ номусоид ҷараён мегирифт. Баъзе ташкилотҳои марказӣ ва ноҳиявӣ масъалаи ҷудокунии маблағҳоро ба таъхир меандохтанд. Ба ин ташкилотҳо Иттиҳоди пахта, Комитети пахта, Маркази колхозӣ ва як қатор ташкилоти дигар мансуб буданд. Шуъбаҳои Савдои давлатии Тоҷикистон, Тоҷикматлубот барои боғчаҳои ҳам мавсимӣ ва ҳам доимӣ сари вақт маҳсулоти хӯрокворӣ ҷудо намекарданд ва ин сабаби пошхӯрии боғчаҳои мавсимӣ дар Сталинобод, Шаҳринав, Янгибозор ва Арал буд [14, с.18].

Дар маъракаи пахтачинӣ боғчаҳои мавсимӣ одатан аз нимаи дуюми моҳи сентябр кушода мешуданд. Дар ҳуҷҷате чунин омадааст: «Аз 15 сентябр ташкили боғчаҳои мавсимӣ ба мушкилоти калон дучор мегардид. Ҳолатҳое низ буданд, ки зери фишори бойҳо занони колхозӣ аз бурдани кӯдакони худ ба боғча дасткашӣ мекарданд ва ин боғчаҳо муваққатан баста мешуданд (Қизилмазор, Лақайтоҷик)».

Дар баъзе ҷойҳо бойҳо чунин тарғибот мекарданд: кӯдаконро ба Москва бурда, онҳоро ба рӯсҳо табдил медиҳанд, дар боғчаҳо ба кӯдакон гӯшти хуг медиҳанд. Ҳатто дар баъзе ҷойҳо, вақте кормандон барои ба боғча бурдани кӯдакон ба хонаҳо меомаданд, занон ба рӯйи онҳо туф мекарданд. Ба ин тарғиботи бойҳо ташкилоти ноҳиявӣ ҷавоб намедоданд. Колхозҳои ноҳияҳо сари вақт корҳои фаҳмондадиҳӣ намебурданд ва дар байни колхозчиён боғчаҳоро тарғиб намекарданд.

Ҳамаи ин лаҳзаҳо бешубҳа дар кори боғчаҳо инъикоси худро ёфтаанд ва аз ин сабаб дар баъзе ҷойҳо боғчаҳо пур набуданд. Сарфи назар аз мушкилоту норасоиҳо дар кори боғчаҳои мавсимӣ дар ҷумҳурӣ зимни маъракаи пахтачинӣ соли 1930 285 боғча бо фарогирии 3000 кӯдак вуҷуд дошт [14, с.18].

КБММЗ бо душворӣ занони маҳаллиро ба кор дар боғчаҳо ҷалб мекард, аммо соли 1931 чун таҷриба аввалин маротиба бо қувваи занони колхозӣ хизматрасонии боғчаҳо гузаронида шуд ва ин таҷриба натиҷаҳои хуб дод. Боғчаҳои мавсимӣ асосан дар колхозҳо, совхозҳо ва СМТ-и ноҳияҳои пахтакор ташкил карда мешуданд. Маҳз дар ин хоҷагиҳо пешравиҳо дар кори машваратхонаҳои занону кӯдакон, амбулаторияҳо, боғчаҳои кӯдакон ба қайд гирифта шуда буд. Занони маҳаллӣ ба хонаи деҳқонон мерафтанд, сарфи назар аз он, ки онҳоро аксаран сард пешвоз мегирифтанд. Аммо дар натиҷаи ташрифоти бисёркарата онҳо тарафдорони нави ҳаракати Ҳимояи модар ва кӯдакро пайдо карданд. Инро аз омори афзоиши ин муассисаҳо дидан мумкин аст. Масалан, соли 1930 дар ҷумҳурӣ дар шаҳрҳо 4 боғча ва дар соли 1931 ҳамагӣ 13 боғча буд. Дар деҳот соли 1930 8 боғча ва дар соли 1931 31 яслӣ. Дар соли 1932 ҳамагӣ 69 боғчаи доимӣ ва 300 мавсимӣ ба нақша гирифта шуд. Соли

1930 дар шаҳрҳо 30 машваратхонаи занону кӯдакон фаъолият дошт. Соли 1932 аллакай 39 адад ба нақша гирифта шуд. Соли 1930 5 ошхонаи ширӣ ва соли 1931 8 ошхонаи ширӣ буд. Соли 1932 20 ошхонаи ширӣ ба нақша гирифта шуд. Соли 1930 дар шаҳрҳои Хуҷанду Душанбе 2 хонаи модару кӯдак фаъолият дошт. Соли 1930 2 амбулаторияи профилактикии кӯдакона ва 1931 низ 2 амбулатория вуҷуд дошт. Дар давраи тобистон 2 ошхонаи парҳезии кӯдакона фаъолият дошт.

Агар миқдори муассисаҳои мавҷудаи Ҳимояи модар ва кӯдакро аз рӯйи солҳо қиёс кунем, пас афзоиши муайянро мебинем. Дар қиёс бо афзоиши умумии ҷумҳурӣ ва талаботи рӯзафзуни омма сохтмони сотсиализм водор месохт, ки бо роҳи тавсияи муассисаҳои Ҳимояи модар ва кӯдак қадам гузошта шавад [14, с.19]. Ин аз аҳаммияти калон доштани фаъолияти Ҳимояи модар ва кӯдак гувоҳӣ медод. Мушкилот дар ташкили Ҳимояи модар ва кӯдак, мисли дигар муассисаҳои кӯдакона, якхела буд: маблағгузориҳо, кадрҳо, муқовимати оммаи диндорон.

Ин норасоиҳо дар яке аз ҳуҷҷатҳои КБММЗ низ қайд мегардад: «Маблағҳое, ки мо дорем, талаботи хеле ками моро мепӯшонад. Ташкили муассисаҳои нави Ҳимояи модар ва кӯдак ва гузариш ба кори шабонаи мавҷуда ба набудани кадрҳои баландихтисоси маҳаллӣ бармехӯранд» [14, с.18].

Бароиислоҳи ин норасоиҳо соли 1931 Комиссариати халқии тандурустӣ барои омодасозии кормандони боғчаҳо аз ҳисоби аҳолии маҳаллӣ курсҳои кӯтоҳмуддати ду ва семоҳа ташкил кард. Дар тамоми ҷумҳурӣ ин курсҳоро ҳамагӣ 70 нафар хатм намуд ва баъд аз хатми курсҳо ба кор ба боғчаҳои доимӣ равона карда шуданд. Барои кор дар боғчаҳо Комиссариати халқии тандурустӣ соли 1932 тайёр кардани 400 колхозчизанро ба нақша гирифт [14, с.18].

Гузориши корҳои шабакаи мавҷудияти муассисаҳои Ҳимояи модар ва кӯдак ва тавсияи бебарор дар соли 1932 танҳо бо кумаки ташкилоти ҳизбӣ, Шуравӣ ва ҷамъиятӣ амалӣ гардида метавонист. Хусусан, пурзӯр сохтани кори тарғиботии ҷамъиятӣ дар атрофи муассисаҳои Ҳимояи модар ва кӯдак бо

ташкили фаъолон дар атрофи ин муассисаҳо аз ҳисоби занони маҳаллӣ зарур буд.

КБММЗ муътақид буд: «Танҳо ба шарти обрӯю нуфуз пайдо кардани муассисаҳои Ҳимояи модар ва кӯдак, кумаки тамоми аҳли ҷомеа зимни ҷалби фаъолзанону занони колхозӣ ба кори ин муассисаҳо, афзоиши маблағгузорӣ барои вусъат додани шабака корро дар сатҳи баланд ба роҳ монда, нақшаи гузошташударо 100% иҷро ва иҷрои минбаъдаи вазифаҳои тарбияи сотсиалистӣ ва солимгардонии оилаи меҳнаткашони Тоҷикистонро таъмин кардан мумкин аст» [14, с.20].

Таҳлили механизмҳои фаъолияти КБММЗ ҷиҳати сафарбаркунии занон ба бахши истеҳсолӣ ва соҳаи кишоварзии Тоҷикистон дар солҳои 1928–1934 имкон медиҳад, ки натиҷаҳои илмии зерин ҷамъбаст карда шаванд:

Аввалан, КБММЗ ҳамчун оператори асосии «инқилоби иқтисодии гендерӣ» дар Тоҷикистони солҳои 1928–1934 баромад намуда, механизми низомманди гузариши занонро аз фазои пӯшидаи хонаводагӣ ба фазои бози ҷамъиятӣ-истеҳсолӣ таъмин намуд. Ин раванд маънои танҳо иваз кардани ҷойи корро надошт, балки як «трансформатсияи фазоӣ»-и куллӣ буд: зан аз доираи маҳдуди маишати хусусӣ, ки дар он ҷо ӯ аз нигоҳи иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ «ноаён» буд, ба майдони истеҳсолоти давлатӣ ворид гардид. Дар ин марҳала, Кумита тавонист модели нави «зани меҳнаткаш»-ро ҳамчун идеали иҷтимоӣ шакл диҳад, ки дар он фаъолияти иқтисодии зан на танҳо ҳамчун василаи касби ризқу рӯзӣ, балки ҳамчун шарти зарурии шаҳрвандии шуравӣ ва ягона роҳи легитимизатсияи иҷтимоӣ дар низоми нави сиёсӣ баррасӣ мешуд.

Аз диди интиқодӣ, муаллиф собит менамояд, ки ҷалби занон ба колхозҳо ва корхонаҳои саноати сабук на танҳо ҳадафи иқтисодии давлатро (барои таъмини нақшаҳои панҷсола) пайгирӣ мекард, балки ҳамчун аслиҳаи калидии стратегӣ барои шикастани вобастагии онҳо аз сохторҳои анъанавии патриархалӣ истифода мешуд. КБММЗ бо роҳи додани «мустақилияти молиявӣ» ба зан заминаҳои иқтисодии ҳокимияти мардонро дар дохили оила заиф гардонид. Зан бо гирифтани маоши мустақим ё «рӯзи корӣ» дар колхоз

бори аввал ба субъекти соҳибҳуқуқи муносибатҳои молиявӣ табдил ёфта, аз тобеияти мутлақи иқтисодии падар ё шавҳар раҳой меёфт. Ҳамин тариқ, фаъолияти иқтисодие, ки Кумита роҳбарӣ мекард, ҳамчун фишанги асосии озодсозии воқеӣ хизмат намуда, зани тоҷикро ба низоми нави арзишҳои давлатӣ пайваст намуд.

Сониян, муваффақияти стратегии Кумита дар татбиқи амалии механизмҳои «ҳавасмандсозии маишӣ» (бытовое стимулирование) зоҳир мегашт, ки мустақиман ба эҷоди заминаҳои моддии меҳнати занон ва кам кардани бори рӯзгори онҳо равона шуда буданд. КБММЗ ҳамчун ниҳоди таҳлилӣ ба хубӣ дарк мекард, ки бидуни озод намудани зани тоҷик аз «асорати рӯзгор» ҷалби воқеӣ ва босамари ӯ ба саҳрои пахта ё коргоҳҳои дӯзандагӣ ба як шиори дастнорас табдил хоҳад ёфт. Аз ин рӯ, механизми асосии ҷалб на танҳо дар ташвиқоти хушки идеологӣ, балки дар ташкили шабакаи васеи муассисаҳои кумакрасони иҷтимоӣ ифода меёфт.

Ин ниҳод бори аввал дар таърихи Тоҷикистон модели «идоракунии маишӣ»-ро пешниҳод кард, ки ҷузъҳои зеринро фаро мегирифт: Яслиҳои мавсимӣ ва боғчаҳои бачагона: Барои озод кардани зан аз нигоҳубини доимии кӯдакон дар мавсими ҷамъоварии пахта; Ошхонаҳои ҷамъиятии саҳроӣ: Ҷиҳати коҳиш додани вақти сарфшавандаи зан дар омода кардани хӯрок; Нуқтаҳои тиббию санитарӣ ва ҷомашӯихонаҳо: Барои беҳтар кардани саломатии занон ва сабук намудани корҳои вазнини хонагӣ.

Механизми институтсионалии мазкур имкон дод, ки зани тоҷик бори аввал дар сатҳи консептуалӣ ва амалӣ «вақти иҷтимоӣ» (вақти меҳнат ва худшиносӣ)-и худро аз «вақти оилавӣ» (вақти маишати хусусӣ) ҷудо намояд. Бо вогузор кардани қисме аз вазифаҳои анъанавии хонаводагӣ ба дӯши ниҳодҳои давлатӣ, Кумита заминаеро муҳайё сохт, ки зан ба субъекти мустақили меҳнат ва узви фаъоли иқтисодиёти ҷамъиятӣ табдил ёбад. Аз диди интиқодӣ, ин раванд на танҳо «кумак» ба зан, балки стратегияи давлатии «милликунонии маишат» буд, ки ҳадафаш сафарбаркунии ҳадди аксари неруи занон барои эҳтиёҷоти истеҳсолии ҷумҳурӣ маҳсуб меёфт.

**Ҷадвали 3. Таҳлили тағйирот дар ҳаёти зан тавассути механизмҳои КБММЗ:**

| Нишондиҳанда | Пеш аз дахолати Кумита | Натиҷаи фаъолияти Кумита |
|---|---|---|
| Мақоми вақт | Вақти зан комилан дар ихтиёри оила буд | Пайдоиши «вақти иҷтимоӣ» барои меҳнат |
| Нигоҳубини кӯдак | Танҳо масъулияти зан (модар) | Таъсиси яслиҳои давлатӣ ва мавсимӣ |
| Ғизо ва маишат | Пӯхтани нон ва хӯрок дар хона (инфиродӣ) | Ташкили ошхонаҳои ҷамъиятии саҳроӣ |
| Нақши иқтисодӣ | «Коргари бемузд» дар хона | Коргари соҳибмаош дар фазои ҷамъиятӣ |

Холисан, аз диди интиқодӣ ва антропологӣ, раванди ҷалби занон ба истеҳсолот ва фазои ҷамъиятӣ бо монеаҳои шадиди сохторӣ ва психологӣ рӯбарӯ буд, ки моҳияти таҳаввулоти иҷтимоиро дар солҳои 1928–1934 мураккаб ва зиддиятнок мегардониданд. Таҳқиқот ошкор намуд, ки воридшавии зан ба майдони меҳнати ҷамъиятӣ боиси пайдоиши феномени «бори дучанд» гардид. Дар ҳоле ки давлат ва КБММЗ занро ҳамчун «коргари нав» ба коргоҳу саҳро сафарбар мекарданд, сохторҳои анъанавии оила ва тақсими меҳнат дар дохили хонавода тағйири куллӣ наёфта буданд. Ин ҳолат боиси он гашт, ки зани тоҷик ҳамзамон масъулияти пурраи истеҳсолиро дар назди давлат ва масъулияти мутлақи маиширо дар назди оила бар дӯш гирад, ки ин фишори ҷисмонию равониро ба дараҷаи ниҳоӣ мерасонд.

Муаллиф собит менамояд, ки муваффақиятҳои Кумита пайваста бо «муқовимати пинҳонӣ ва ошкорои патриархалӣ» рӯбарӯ мешуданд. Ин муқовимат на танҳо дар шакли манъи воқеии кор аз ҷониби шавҳар ё падар, балки дар шакли таҳқири иҷтимоӣ ва «маргинализатсия»-и занони фаъол зоҳир мегашт. Аз дигар ҷониб, маҳдудияти захираҳои моддии Кумита ва хусусияти аксаран мавсимии муассисаҳои маишӣ (яслиҳо ва ошхонаҳо) имкон намедод, ки ин инфрасохтор пурра ҷойи меҳнати хонагии занро бигирад. Инак, зиддияти байни «талаботи модернизатсия» ва «воқеияти низоми суннатӣ» боиси пайдоиши як навъ бӯҳрони гендерӣ дар ҷомеаи онвақтаи Тоҷикистон гардид, ки

дар он зан қурбонии асосии номувофиқатии суръати ислоҳот ва таҳаввули шуури иҷтимоӣ маҳсуб меёфт.

**Ҷадвали 4. Таҳлили монеаҳо ва зиддиятҳо дар фаъолияти КБММЗ:**

| Намуди монеа | Тавсифи монеа | Натиҷаи иҷтимоӣ |
|---|---|---|
| Сохторӣ | Норасоии захираҳо барои таъсиси яслиҳои доимӣ (на мавсимӣ). | Бозгашти зан ба рӯзгори хонагӣ пас аз анҷоми мавсими пахта. |
| Психологӣ | Тарси занон аз лаънати ҷомеа ва муқовимати шадиди мардон. | Пайдоиши феномени «эмансипатсияи тарсу» (хуфя). |
| Идоравӣ | Муносибати формалии раисони колхоз ба ҳуқуқи занони коргар. | Поймол шудани ҳуқуқи меҳнатии занон дар маҳалҳо. |
| Маишӣ | Саҳли баробари корҳои саҳроӣ ва корҳои вазнини хона. | Фарсудашавии ҷисмонии насли аввали коргарзанон. |

Воқеан, механизми сафарбаркунии занон ба бахши кишоварзӣ, махсусан ба соҳаи пахтакорӣ, дорои хусусияти барҷастаи «сафарбаркунии стратегӣ» буд, ки дар он прагматизми иқтисодии давлат бар манфиатҳои иҷтимоии занон афзалияти мутлақ дошт. Таҳқиқоти мазкур собит менамояд, ки дар заминаи сиёсати «истиқлолияти пахтагии Иттиҳоди Шуравӣ», занони Тоҷикистон ҳамчун захираи асосии неруи кори баррасӣ мешуданд. КБММЗ дар ин раванди мураккаб нақши «менеҷери стратегии неруи корӣ» ва ҳамоҳангсози байнисоҳавиро мебозид, ки вазифааш таъмини иштироки ҳадди аксари занон дар давраҳои калидии киштукор ва ҷамъоварии ҳосил буд.

Муваффақияти институтсионалии Кумита дар таъсиси шакли нави ташкили меҳнат - артелҳои занона ва бригадаҳои махсуси пахтакорӣ зоҳир гашт. Ин модел ба Кумита имкон дод, ки бо назардошти менталитети маҳаллӣ ва анъанаҳои ҷудоии гендерии меҳнат (сегрегатсия), занонро ба фазои ҷамъиятӣ бидуни низои шадид бо арзишҳои суннатӣ ворид созад ва заминаро барои шаклгирии табақаи нави «пешқадамони истеҳсолот» ва қаҳрамонони меҳнат фароҳам овард.

Аз диди интиқодӣ, муаллиф таъкид менамояд, ки ин муваффақиятҳои оморӣ аксаран дар заминаи меҳнати ниҳоят вазнини ҷисмонӣ, дар шароити номусоиди иқлимии минтақа ва бидуни истифодаи техникаи лозимӣ ба даст меомаданд. Ин ҳолат боиси пайдоиши тазоди байни «нақшаҳои азими давлатӣ» ва «имкониятҳои биологию иҷтимоии зан» гардид. Фишори шадиди истеҳсолӣ ва норасоии механизмҳои воқеии ҳифзи саломатӣ ва меҳнат дар маҳалҳо зарурати бозбинӣ ва такмили низоми ҳуқуқии муҳофизати меҳнатро дар он давра ба миён гузошт. Инак, механизми ҷалби занон ба кишоварзӣ, ки тавассути КБММЗ амалӣ мешуд, ҳамзамон, ҳам омили рушди иқтисодӣ ва ҳам манбаи мушкилоти нави иҷтимоию тиббӣ дар ҳаёти зани тоҷик гардид.

**Ҷадвали 5. Таҳлили таносуби манфиатҳо дар «Сафарбаркунии стратегӣ»:**

| Ҷанбаи сафарбаркунӣ | Манфиати Давлат (Стратегӣ) | Манфиати Зан (Иҷтимоӣ) |
|---|---|---|
| Ҳадафи асосӣ | Таъмини «истиқлолияти пахтагӣ». | Гирифтани маош ва истиқлолияти молиявӣ. |
| Шакли меҳнат | Таъсиси бригадаҳои зарбдор ва суръати баланд. | Имкони кор дар муҳити занона (артелҳо). |
| Натиҷаи моддӣ | Афзоиши ҳосилнокии пахтаи ҷумҳурӣ. | Дастрасӣ ба кумакҳои аввалияи маишӣ. |
| Оқибатҳои манфӣ | Истифодаи неруи арзони корӣ. | Меҳнати вазнини ҷисмонӣ ва зарар ба саломатӣ. |

Ҳамин тариқ, фаъолияти КБММЗ дар бахши истеҳсолӣ ва кишоварзӣ боиси таҳаввулоти куллии мақоми иқтисодии зани тоҷик гардид. Бо вуҷуди монеаҳои сохторӣ ва зиддиятҳои иҷтимоӣ, маҳз механизмҳои таҳиянамудаи Кумита занро ба сифати қувваи кории касбӣ ва субъекти мустақили иқтисодӣ вориди таърихи муосири Тоҷикистон намуданд. Аз матни пешниҳоднамудаи мо бармеояд, ки Раёсати КИМ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таъсиси ташкилоти махсуси ба истеҳсолот ҷалб намудани занҳо бо таъсиси ташкилот не, бо ташкили роҳҳои муносиб ба меҳнати занҳо мусоидат карда буд: яслиҳою боғчаҳои кӯдаконаи мавсимӣ ва худи шароити меҳнати занон бо таваҷҷуҳу иқтисодиёт таъмин карда шуда буданд. Зани тоҷик аз бисёр даву тозҳои зиёдатӣ

(барои кӯдак хӯрок, ҷои хоб, бозӣ кардан) озод ва ин вақти озод барои меҳнати пурсамар сарф мегардид.

Аз тарафи дигар, ҳукумати Тоҷикистон зарурати ҷалби занонро ба меҳнати фаъоли ҷамъиятӣ дарк намуда, сохтореро бунёдгузорӣ кард ва роҳнамоӣ намуд, ки ба иҷрои нақшаҳои оянда - бунёди ҷомеаи иҷтимоӣ такягоҳ гардид.

## 2.2. Ташаккули табақаи коргарзанони касбӣ ва саҳми Кумита дар маҳви бесаводии техникӣ

Аз китобҳои дарсӣ маълум аст, ки Ҳокимияти Шуравӣ қувваи кории занонро қувваи иқтидории ёридиҳанда ва ҳатмӣ дар сохтмони сохти сотсиалистӣ меҳисобид. Аммо анъанаи оилавӣ истифодаи ин қувваро мушкил мегардонид. Занони маҳаллии Тоҷикистонро, пеш аз ҳама, барои дар байни омма зистан, касб интихобот кардан, дар ҷомеа муошират намуданро бояд меомӯхтанд. Барои ин на танҳо бо занон, балки бо волидайну шавҳарони онҳо кор бурдан лозим буд. Таҷрибаи даврони Шуравӣ нишон дод, ки ҳатто зимни муяссар гардидан ба ин бо сабабҳои объективӣ он камсамар буд. Барои аз ин вазъият баромадан сиёсати расмиро оид ба озодкунии занон гузаронидан лозим меомад.

Дар Осиёи Миёна масъалаи озодии занон ҳанӯз аз соли 1917, аз давраи барқароршавии Ҳокимияти Шуравӣ ва дар Тоҷикистон расман аз соли 1926 аз минбари Съезди якуми умумитоҷикистонии Шуроҳо меистад. Аммо ин сиёсату ин кор натиҷа надод. Барои самаранокии натиҷаҳо ташкилоти гуногун ҷамъиятӣ -замонавӣ роҳандозӣ гардид: Шуроҳо, шуъбаҳо, гурӯҳҳо, ҳаракатҳои занон дар назди ташкилоти ҳизбӣ, Шуравӣ, хоҷагидорӣ ва ҷамъиятӣ. Бинобар набудани маблағ ин чорабиниҳо бесамар буданд, зеро кормандони ин соҳаҳо аксарият вазифаҳои дигар низ доштанд. Ҳатто то нимаи дуюми соли 1929 аз маводи бойгонӣ муқаррар карда натавонистем, ки дар кадом асос (буҷет ё ҷамъиятӣ) КБММЗ-ҳо фаъолият доштанд. Танҳо аз солҳои 1929-1930 гуфтан мумкин аст, ки КБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон аз ҳисоби

буҷет фаъолият мекарданд. «Дар ин бора дар гузоришнома дар бораи буҷет барои соли 1929-1930 гуфта шудааст: То ҳол (августи соли 1929 Ф.Р.) ҶШС Тоҷикистон аз ҳисоби аҳолии маҳаллӣ коргарзанони омодашударо надорад ва ин зимни вазифаҳое, ки дар назди ҳизб ва давлат гузошта шудаанд, бешубҳа, омили нораво мебошад» [14, с.43]. Сабаби дуруст ба роҳ монда нашудани кор набудани маблағҳои махсус барои омодасозии коргарзанон ба ҳисоб мерафт.

Барои КБММЗ-ҳо кормандони штатӣ – котиби масъул барои тамоми шохаҳои КБММЗ, ҳуқуқшиносон ва духтур барои ташкили кори худи КБММЗ, кормандони боғча, яъне мураббиёни дараҷа ва касби гуногун, духтурҳо – барои хизматрасонии меҳнату маишати занон. Барои ҳама ин курсҳо ёфтани манбаи маблағгузорӣ лозим буд. «КБММЗ дар сметаи худ ташкил намудани курсҳои солонаро дар соли 1930 пешбинӣ ва барои 30 нафар 30000 рублро талаб мекард» [14, с.43].

Дар оғози соли 1930 КБММЗ-и шаҳри Сталинобод ба комитети иҷроияи шаҳр бо мактуби зерин муроҷиат намуд: «Соли ҷорӣ (с.1930, Ф.Р.) шуъбаи тандурустии шаҳр (ш.Сталинобод – Ф.Р.) ба сохтмони боғчаҳои кӯдакона дар шаҳри Сталинобод (аз тарафи Раёсати Шурои шаҳр фармон баромадааст) шурӯъ мекунад.

Барои бо таҷҳизоти хизматӣ таъмин намудани бинои пешбинишуда 160 ҳазор рубл зарур аст.

Аз буҷети маҳаллӣ ба сохтмони боғчаҳо соли 1930 ҳамагӣ 25000 рубл ва барои сохтмони муассисаҳои Ҳимояи модар ва кӯдак 20000 рубл ҷудо карда шуд. Раёсати Шурои шаҳр аз 16 январи соли ҷорӣ (1930-Ф.Р.) дар бораи ҷудо кардани пул барои сохтмонҳои зикршуда қарор қабул кард [6, с.1]».

Чӣ тавре маълум аст, таъмини занони маҳаллӣ ба кор аксаран ба мавҷудияти ҷойҳои корӣ вобаста аст. Яке аз онҳо дар охири солҳои 20-ум ва ибтидои солҳои 30-юм сохтмони фабрикаи абрешимресии шаҳри Душанбе буд, ки сохтмони он дар қисми марказӣ ва ғарбии шаҳр дар ҷои бинои Осорхонаи миллӣ оғоз ёфт, бинобар норасоии маблағ тул мекашид ва қувваи кории занон бекор мемонд. КБММЗ-и назди КИМ-и ҶШС Тоҷикистон ба зудтар ба охир

расонидани сохтмони объект манфиатдор буд. Аз ин рӯ, бо мактуби расмӣ ба КМКБММЗ-и Иттиҳоди иқтисодии Осиёи Миёна мурочиат намуд:

«Идораи абрешими Туркистони ҶШС Тоҷикситон ба Раёсати Абрешими Туркистон, Комиссариати халқии меҳнати ҶШС Тоҷикстон, КХМ ИҶШС дар Осиёи Миёна дар Ташкент дархост намуд, ки барои омода кардани кадрҳо аз ҳисоби занони тоҷик барои саноати абрешим маблағи зарурӣ ҷудо кунад. Маблағ барои чорабинии фавқуззикр дар Тоҷикистон мавҷуд нест ва набудани маблағ барои таъмини пурраи тайёркунии кадрҳо ба бакорандозии саривақтии фабрика монеа мегардад. КБММЗ-и назди КИМ-и ҶШС Тоҷикистон хоҳиш менамояд, ки масъалаи мазкур ҳалли мусбии худро ёбад.Котиби масъули КБММЗ-и назди КИМ-и ҶШС Тоҷикистон Бубок» [5, с.76].

Солҳи 20-30-юми асри XX дар назди Ҳукумат Муассисаи таҳсилоти олии комунистӣ (МТОК) фаъолият дошт. Он ба омодасозии кормандони тамоми шохаҳои дастгоҳи Ҳукумат шуғл меварзид. КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон барои 60 нафар курсҳои омодасозӣ ва бозомӯзии кормандони КБММЗ ташкил кард. Аммо маъалаи бино ба вуҷуд омад. Аз ин рӯ, КИМ-и Шуроҳо бо мактуби расмӣ ба директори МТОК Деҳқонов мурочиат намуд: «Аз 1 июни соли 1932 барои 60 нафар курсҳои ҷумҳуриявӣ оид ба омодасозӣ ва бозомӯзии кормандони КБММЗ ва фаъолзанон ташкил карда мешаванд. Бинобар он, ки барои курсҳои кӯтоҳмуддат дар шаҳри Сталинобод бинои махсус мавҷуд нест, Котиби КИМ-и ҶШС Тоҷикистон хоҳиш менамояд, ки барои курсҳои кӯтоҳмуддати мазкур бинои дар давраи тобистон озодшударо ҷудо кунед» [12, с.46].

Аз микдори умумии шунавандагони курс 11 нафар кормандони КБММЗ, 2 коргари колхоз, 5 коргари завод, 9 зани хонанишин буданд. Аз рӯйи дараҷаи саводнокӣ 16 нафар хеле хуб саводнок, 6 нафар саводнок ва 5 нафар камсавод буданд [18, с.48].

Дар ҳуҷҷат пешниҳоди намояндагони курсҳо мавҷуд аст: 16 нафар дар соҳаи иҷтимоӣ кор карда метавонанд, 6 нафар дар кори клубҳо ва корҳои муфид 5 нафар ба таълим ниёз доранд.

Фанҳои асосии курс инҳо буданд: забони давлати (тоҷикӣ), арифметика, саводнокии сиёсӣ, забони русӣ, география, табиатшиносӣ ва сохтмони Шуравӣ, ҳамагӣ – 1359 соат. Яъне, ҳар рӯз 8 - соатӣ дар як ҳафтаи шашрӯза [18, с.49].

Ҳарчанд аз ҳуҷҷат маълум мегардад, ки кормандони КБММЗ аз ҳисоби аҳолии маҳаллӣ намерасад, аммо маълум нест, ки чӣ гуна курс ташкил карда мешавад: ҳуқуқӣ, Шуравӣ ё КБММЗ-ҳо [18, с.49].

Барои КБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон масъалаи омодасозии кадрҳо хеле мушкил буд. Бинобар ин дар назди он мунтазам курсҳо амал мекарданд. Тамоми хароҷот барои омодасозии кадрҳо ба души КМКБММЗ гузошта шуда буд.

Дар асоси қарори КБММЗ-и назди Раёсати КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон моҳи майи соли 1932 курсҳои ҷумҳуриявӣ оид ба омодасозии кормандони КБММЗ ва машваратчизанон (30 нафар) кушода шуда буданд.

Барои таъмини курсҳо КБММЗ ба Комиссариати халқӣ муроҷиат карда хоҳиш намуд, ки барои курсҳои ҷумҳуриявӣ 60 кӯрпаи тобистона, 60 чойнӯш, 60 сачоқ ва 50 метр матоъ лозим аст, устохонаи шаҳрӣ барои духтани 60 матрас омода мебошад. Раёсати Нашриёти давлатии Тоҷикистон бояд китобҳои дарсиро барорад, КХТ (Комитети халқии таъминотӣ) таъминоти курсантҳоро ба дӯш гирад, муассисаи хӯроки умумӣ нархи маҳсулоти хӯроквориро барои курсантон коҳиш диҳад, аз ҳисоби Комиссариати халқии тандурустӣ барои курсантҳо як духтурзан ҷудо карда шавад [8, с.162].

Аз феҳристи кӯтоҳи мо аён мегардад, ки кори КМКБММЗ оид ба омодасозии кадрҳо то кадом андоза мураккабу серпаҳлу буд.

Яке аз шаклҳои омодасозии потенсиали кадрӣ аз ҳисоби аҳолии маҳаллӣ сафарҳои меҳнатии коллективӣ ба корхонаҳои дигари ба ҳам наздик буданд. Солҳои 30-юми асри XX ҳазорон коргарон ба ҷумҳуриҳои дигари ИҶШС ба сафари химзматӣ мерафтанд. Аз ҳама бештар Ӯзбекистонро интихоб мекарданд, чунки Ӯзбекистон бо Тоҷикистон ҳамшафат буда, корхонаҳои ба ҳам наздик бисёртар доштанд, ин хусусан дар доираи корхонаҳои шоҳибофӣ ва пахтагӣ эҳсос мегардид. Инчунин, байни ин ду ҷумҳурӣ монеаи забонӣ вуҷуд

надошт. Маҳз ин вижагиҳо ба он мусоидат намуданд, ки дар солҳои 30-юми асри гузашта Ӯзбекистон яке аз ҷумҳуриҳои калонтарин дар омодасозии кадрҳои баландихтисоси коргарӣ барои Тоҷикистон гашта буд.

Дар Ӯзбекистон даҳҳо курсҳои таълимии курсантҳои тоҷик фаъолият дошт. Қариб дар тамоми корхонаҳои калон ва муассисаҳои таълимии соҳаи бофандагии Ӯзбекистон мутахассисони равияи коргарӣ ва муҳандисӣ-техникиро барои Тоҷикистон тайёр мекарданд. Ин муносибати байниҳамдигарӣ дар асоси муносибати дутарафа байни корхонаҳои ба ҳам наздик рӯй медод.

Дар яке аз ҳуҷҷатҳо дар бораи ба фабрикаи шоҳибофии шаҳри Бухоро омадани 18 курсант аз Тоҷикистон сухан меравад, аммо маълум нест, ки аз кадом шаҳрҳо, аз Хуҷанд ё Душанбе, зеро ки танҳо ин ду шаҳр корхонаҳои шоҳибофӣ доштанд ( дар Хуҷанд комбинат, дар Душанбе фабрика) ва курсантҳоро фиристода метавонистанд.

Дар ҳуҷҷат дар бораи шароити бади хобгоҳ сухан меравад: 13 рафи (кат) хоб ва 13 либос барои 18 нафар [6, с.9]. Ба омодасозии фаъолзанон қариб тамоми сохторҳои ҳокимият, хусусан КИМ-и ҷумҳурӣ шуғл меварзиданд. Аз ҷумла, 28 майи соли 1932 он дар бораи ташкили курсҳо барои фаъолзанон қарор бароварда, тамоми корҳои ташкилиро ба Котибони Раёсат месупорад. Котибот дар навбати худ бо мақсади таъмини шунавандагони курс бо хӯрок ба Комиссариати халқии таъминоти ҶШС Тоҷикситон расман муроҷиат кард: «Бо қарори Раёсати КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон аз 28 майи соли 1932 курсҳои омодасозии фаъолзанон барои 60 нафар ташкил карда мешавад. Аз рӯйи гуфтушунид бо Тресті хӯроки умумӣ ин курсантҳоро бо ғизо таъмин мекунад» [8, с.165].

Муовини раиси КМКБММЗ Шамсуддинова аз номи КИМ-и ҶШС Тоҷикистон аз шуъбаи тандурустии шаҳри Сталинобод хоҳиш намуд, ки як духтурзанро ба курсҳои ҷумҳуриявӣ оид ба бозомӯзии кормандони КБММЗ-и назди КИМ-и ҶШС Тоҷикистон барои хизмати тиббӣ расондан равона созад [8, с.169].

Дар солҳои сиёсати саноатикунонӣ дар Шуравӣ ба ин сиёсат ё маърака тамоми сохторҳо як навъ алоқаманд буданд. Қариб тамоми мақомати ташкилӣ ва идоракунии хоҷагидорӣ дар ин раванд ширкат меварзиданд ва ҳар яке аз онҳо саҳми худро мегузошт. Яке бо маблағ, дигаре бо кор, сеюмӣ бо дастгирӣ, чорумӣ бо ташаббус ва амсоли инҳо. Чунончи Тресchallenge Абрешими Туркистон, ки зимни мавҷудияти Туркистон ташкил гардида буд, дар омодасозии кадрҳои пиллапарвар барои корхонаҳои пиллаи Осиёи Миёна бо ташаббус баромад кард. Аз ҷумла, дар Сталинобод фабрикаи шоҳибофӣ ва дар Хуҷанд комбинати шоҳибофӣ сохта шуд. Комбинати шоҳибофӣ дар Андиҷон низ сохта мешуд. Абрешими Туркистон ташкилоти осиёимиёнагӣ буд. Бинобар ин чун куратори ин навъи саноат, хоҳиш намуд, ки барои омодасозии кадрҳо маблағ ҷудо карда шавад. Ин ташаббусро КБММЗ-и назди КИМ-и Тоҷикистон дастгирӣ ва ба Комиссариати халқии молияи ҷумҳурӣ муроҷиат кард: «КБММЗ-и назди КИМ-и ҶШС Тоҷикистон дархости идораи абрешими Туркистонро оид ба масъалаи ҷудокунии маблағ барои омодасозии кадрҳо аз занони тоҷик барои саноати абрешим дастгирӣ менамояд. Аз тарафи худ ҳалли фаврии ин масъаларо зарур меҳисобем, зеро ки масъалаи омодасозии кадрҳои занон барои саноат дар лаҳзаи мазкур масъалаи калони сиёсӣ мебошад ва Комиссариати халқии молияи Тоҷикистон зимни баррасии масъалаи мазкур ин лаҳзаро ба ҳисоб гирифта, ба таври мусби онро ҳал кунад» [5, с.77].

КБММЗ-и назди КИМ-и ҶШС Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои худ барои ташкилоти дигар кадрҳоро омода месохтанд. Дар ҳуҷҷате чунин омадааст: «Ба Маркази колхозӣ, Комиссариати халқии тандурустӣ, Комиссариати халқии маориф. КБММЗ-и назди КИМ-и ҶШС Тоҷикистон хабар медиҳад, ки барои шумо дар омодасозии кадрҳо ба ҳаҷми 10000 рубл маблағ ҷудо кардем. Дар муддати се рӯз ба КБММЗ барои гирифтани супориши ташкили курсҳо барои кормандони боғчаҳои кӯдакон, кормандони маориф ташриф оред.

Котиби КБММЗ-и назди КИМ-и ҶШС Тоҷикистон Бубок» [5, с.73].

Яке аз масъалаҳои беҳдошти шароити ҳаёти меҳнаткашон дар низоми кории иттифоқҳои касаба омодасозии кормандони ташкилоти иттифоқи касаба буд, ки онҳоро ҳам ҳам ба воситаи усули пешбарикунӣ ва ҳам тавассути омодасозӣ дар курсҳо тайёр мекарданд. Чунончи, соли 1931 дар назди фабрикаи шоҳибофии Хуҷанд курс барои 30 нафар, дар шаҳри Сталинобод барои мактаби иттифоқи касаба 30 ҷой, дар назди МТОК (Мактаби таълими олии коммунистӣ) курсҳои занонаи ҷумҳуриявӣ барои 60 нафар ташкил карда шуд [3, с.8].

Чӣ тавре маълум аст, дилхоҳ шакли таълиму омодасозии кардҳои тамоми шохаҳои секторҳо пардохтшаванда буданд. Агар чунин бошад, пас аризаҳои кадрҳои ба таълим (бозомӯзӣ) ҷалбшудаи КБММЗ чӣ зарурат дорад?

Чунончи аризаи Ҷаҳонгироваро ошкор намудем, ки ӯ пардохти таълими худро талаб мекунад. Ба котиби КМ ҲК(б) Тоҷикистон рафиқ Абдуллоев аз Ҷаҳонгирова

Ариза

Ба маълумоти Шумо мерасонам, ки ман барои таълим ба курсҳои фаъолони ҳизбӣ ба муддати 6 моҳ ба Шаҳринав рафтам. Аз ин рӯ аз Шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки ба пардохти таълим, ки дар ҳама ҷо гузаронида мешавад, кумак расонед.

Аз Шумо хоҳиш менамоям, ки илтимоси маро рад накунед, имзо: Ҷаҳонгирова 21. 05. 1932с. [8, с.147].

Чӣ тавре қайд карда гузаштем, КМКБММЗ мунтазам ва дар асоси нақшаи кори тамоми муассисаҳоро, ки бо масоили беҳдошти шароити меҳнату рӯзгори меҳнаткашон шуғл меварзиданд, месанҷид. Дар ҳуҷҷатҳои фонди 13 якчанд санад ва ахбор дар бораи натиҷаҳои санҷиши гузаронидашуда мавҷуд аст. Аз ҷумла, дар санаде, ки 10 январи соли 1932 ба қайд гирифта шудааст, чунин омадааст: «Курсҳои омодасозии кормандони пиллапарварро таҳқиқ намуда, мо ошкор сохтем:

1. Ин курсҳо ба Трести абрешим мансуб буда, аз моҳи декабри соли 1931 ташкил карда шудаанд;

2. Ҳайати хонандагон - 52 нафар, аз онҳо 7 нафар зан;

3. Курсантҳо дар шароити вазнин қарор доранд ва онҳоро дар 8 банд номбар кардаанд: дар байни курсантҳо 10 нафар пойлуч (бе пояфзол) мегарданд, рахти хоб пурра нест, 5 сачоқ барои 52-нафар, собун нест, аз муоинаи духтур нагузаштаанд, бино ифлос, гарм карда намешавад, партовҳоро аз бино намебароранд, китобҳои дарсӣ нест» [3, с.43-44]. Дар ҳуҷҷати дигар аз 16. 01. 1932, ки санад дар бораи доир кардани таҳқиқи курсҳо дар назди заводи тухмии кирмаки шаҳри Сталинобод мебошад, чунин омадааст: «Курсҳои тайёркунии пиллапарвариро зери таҳқиқ қарор дода, мо мушоҳида кардем:

1. Ин курсҳо ба Трести колхозӣ мансуб буда, моҳи декабри соли 1932 ташкил карда шудаанд;

2. Ҳайати хонандагон 52 нафар буда, 7 нафари онҳоро занон ташкил мекунанд;

3. Курсантҳо шароити вазнин доранд: баъзеи онҳо пойлуч мегарданд, рахти хоб надоранд, муоинаи тиббӣ нест, хонаҳо ифлос, партовҳо баровaрда намешавад, биноҳо гарм карда намешавад, таъмин бо хӯрока дар сатҳи паст қарор дорад, ки маълумоти пештараро такрор ва тасдиқ дорад» [3, с.43-44].

Шакли дигари омодасозии кадрҳо иштирок дар машваратҳое буд, ки дар онҳо кормандони КБММЗ малакаҳои амалии корро дар байни занон ҳосил карданд. Машваратҳо дохилӣ буданд: КИМ-и Шуроҳо, комиҷроиявӣ, муассисавӣ, ҷумҳуриявӣ ва умумииттифоқӣ. Дар ин машваратҳо масъалаҳои доғи рӯз, ки дар КБММЗ-ҳо ба вуҷуд меомаданд, мавриди муҳокима қарор меёфтанд. Иштирокчиёни онҳо дар мисоли баромадҳо, муҳокимаву қарорҳо машваратҳои назариявӣ ва амалиро касб мекарданд.

Дар Боку 6 марти соли 1930 машварати кормандони клубҳо баргузор гардид, ки дар он намояндагони Тоҷикистон низ ширкат варзиданд. Шуъбаи Қафқозии ОСО Авиахим ба гурӯҳи иштирокчиёни Тоҷикистон гӯшаи ОСО Авиахим туҳфа дод. Аммо ин туҳфаро ташкилоти дигар гирифт. Бинобар ин, КБММЗ-и назди КИМ-и ҶШС Тоҷикистон дархости зерин мекунад:

«Тифлис (Қафқоз) ОСО – Авиахим ба рафиқ Хечулян.

Бо қарори машварати кормандони клуб дар шаҳри Боку моҳи март бо намояндагони ҶШС Тоҷикистон гӯшаи ОСО Авиахим ҳадя карда шуд. Гӯшаи фавқуззикрро то ҳол нагирифтаем. Аз рӯйи маълумоти мавҷуда борро ташкилоти маҳаллии ҷамъияти «Динамо» гирифтаасту то ҳол гӯшаро ба мо барнагардондааст.

Ташкили гӯша дар яке аз клубҳои занона ба нақша гирифта шудааст ва ба саъми аъзоёни клуб расонида шудааст, аммо нагирифтани таҷҳизот ташкили клубро ба таъхир меандозад. Хоҳиш мекунем, ки санҷед: таҷҳизоти гӯша кай равон карда шудааст ва нусхаи рӯйхати ашёҳои равонашударо ба суроғаи мо фиристед» [8, с.49].

Чӣ тавре аз ҳуҷҷати бойгонӣ маълум мегардад, ҷавоб дода шуд, гӯшаро баргардониданд ва клуб кушода шуд.

Проблемаи хизматрасонии маишии занон ба сиёсати махсуси давлатӣ табдил ёфта буд ва ин сиёсат на танҳо ташкилотҳоеро дар бар мегирифт, ки бо меҳнати занон алоқаманд буданд, балки ба тамоми низоми мақомотҳои идоракунӣ ва хоҷагидории ҳокимият дахл дошт. Хусусан, вақте ба таҷлили васеи 8-уми март тайёрӣ медиданд ва ба сайрӯ гашт мебаромаданд. Дар тамоми мамлакат штабҳо оид ба доир кардани сайрӯгашт ташкил шуда буданд. Аз рӯйи ин масъала штаби роҳпаймоии маишӣ КМ КБММЗ дар Осиёи Миёна 27 марти соли 1931 дархост кард: «КБММЗ-и назди КИМ-и ҶШС Тоҷикистон. Ба штаби роҳпаймоии маишӣ. Ваколатдори КМ КБММЗ-и минтақавӣ дар Осиёи Миёна аз Шумо хоҳиш менамояд, ки ба Штаби осиёимиёнагии оид ба роҳпаймоии маишӣ ахбор пешниҳод кунад: кай штаби роҳпаймоии маишӣ ташкил кардааст, нақшаи кори дорад ё не, маблағро аз буҷети давлатӣ ё маҳаллӣ ё ташкилоти дигар мегирад, маводи дигар чӣ гунаанд?» [5, с.46].

Моҳи майи соли 1930 дар Тошкент машварати якуми минтақавии кормандони секторҳои занонаи КМ ҲК Ӯзбекистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Тукманистон баргузор гардида буд. Мавзуи асосии он иштироки занон дар кишти баҳорӣ ва маъракаи пахтатайёркунӣ буд.

Машварат қайд кард: «Бо муваффақият доир кардани баҳори дуюми болшевикии иҷрои пеш аз муҳлати қарорҳои иҷлосияи декабрии КМ ҲКУ(б) дар бораи коллективикунонии на камтар аз 50% хоҷагиҳои ноҳияҳои пахтакор бори дигар тасдиқ мекунад, ки сиёсати пешгирифтаи ҳизб дуруст аст. Оппортунистҳои «рост» ва «чап» дар масъалаҳои асосии сиёсати ҳизб шикаст хӯрданд» [8, с.74].

Дар Машварат муқаррар гардид, ки сохтмони кишоварзӣ дар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна марҳилаи капиталистии рӯшдро паси сар накарда, ба роҳи рушди сотсиалистӣ қадам гузоштанд. Кулакҳо чун синф дар колхозҳо ҳаракати колхозиро бадном карда, ба муқобили шакли пардохти меҳнати деҳқонҳои колхозӣ мубориза мебурданд, тақсимоти баробарии пешмузду даромадҳои колхозро тарғиб мекарданд, муқобили истифодаи меҳнати занон буданд, ба кори колхоз халал мерасониданд ва мехостанд, ки хоҷагии колхозиро барҳам диҳанд. Деҳқонон нақшаи коллективикунонии пурраро барзиёд иҷро мекунанд ва зимни иҷрои бомуваффақияти ин қарордоди асосии ҳизб дар шароити муборизаи шиддатнокии синфӣ Иттиҳоди Шуравӣ аз вобастагӣ озод мешавад.

Дар маъракаи кишти баҳории соли 1930 деҳқонон на танҳо дар кори мустаҳкамкунии хоҷагидорӣ ва сиёсии колхозҳо, балки дар ҷалби меҳнати зан низ муваффақиятҳои калон доштанд. Дар бораи дастовардҳои деҳқонони ноҳияи Нов дар маърузаи ифтитоҳӣ дар машварат гуфта шудааст [8, с.74].

Дар баробари дастовардҳои аҳаммияти сиёсӣ ва хоҷагидоштаи занон дар ҳаракати колхозӣ дар баъзе ноҳияҳо саҳми занон дар кори колхозҳо дуруст арзёбӣ карда шудаанд. Қарорҳои Бюрои осиёимиёнагии КМ ҲКУ(б) дар бораи ҷалби занон ба равандҳои асосии кишоварзӣ, ба расмиятдарории аъзогии онҳо дар колхозҳо, пешбарӣ кардани занони колхозӣ, занони камбағалу миёнаҳол ба вазифаи роҳбарикунанда иҷро намегардад. Ҳамзамон, Машварат қайд кард: «Кишти баҳорӣ нишон дод, ки занони колхозӣ ташкилотчиёни беҳтарини корҳои дохиликолхозӣ, муборизони мустаҳкамкунии хоҷагиҳо ва сохти сотсиалистӣ мебошанд. Ин дастовардҳои колхозу ноҳияҳои алоҳида бояд

дастгирӣ гардад ва таҷрибаи онҳо дар колхозу ноҳияҳои дигар ба таври васеъ бояд мавриди истифода қарор дода шавад» [8, с.74].

29 августи соли 1930 КБММЗ-и назди КИМ-и ҶШС Тоҷикистон ба унвони Комитети иҷроияи округи Кӯлоб барқия фиристод: «15 сентябр дар Тошкент Машварати минтақавии кормандони КБММЗ даъват карда мешавад. Котиби масъул Атабаеваро равон намоед».

Чӣ тавре аз ҳуҷҷатҳо бармеояд, дар Машварати Тошкент вакилон аз тамоми округҳои Тоҷикистон (Хуҷанд, Истаравшан, Конибодом, Исфара, Панҷакент, Ҳисор, Қӯрғонтеппа, Кӯлоб, Ғарм, ВМКБ) - КБММЗ-и назди Раёсати КИМ-и Шуроҳои Тоҷикистон ширкат варзиданд.

Дар Машварат намояндагони тамоми ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна, КМКБММЗ-и минтақа, КМБМ ИҶШС баромад карданд.

Дар асоси ин баромадҳо Машварат қарори махсус қабул кард. Тибқи он ба ҳама гуна корҳои амалӣ ишора карда мешавад. Ба сифати сарсухан ба тавсияҳо матни қарордод бо баёни вазифаҳои асосие, ки дар назди панҷсола ва ҷомеа меистад, оғоз меёбад.

Аз ҷумла гуфта мешавад: «Моҳи марти соли 1931 дар Сталинобод конференсияи занони саҳмдор баргузор гашт дар он гуфта шуд, ки кооператсияҳо яке аз шаклҳои ҷалби занон ба тарзи фаъоли ҳаёт ва истеҳсолот маҳсуб мебошад» [5, с.53]. Конференсия ба суроғаи КМҲК(б) Тоҷикистон, комитети шаҳрии ҲК-и Сталинобод ва КИМ-и ҶШС Тоҷикистон муроҷиатномаи зеринро фиристод: «Конференсияи занони саҳмдори кооператсия саломи гарму ҷӯшон мефиристад. Дар арафаи ҷашнгирии рӯзи байналхалқии занон занони саҳмдори кооператсияи коргарӣ дар назди худ вазифаи пурзӯрсозии назоратро аз болои кори кооператсия, иштироки фаъолро дар кори кооператсияи истеъмолӣ мегузоранд. Занони саҳмдор ваъда медиҳанд, ки дар кори комиссия оид ба назораткунӣ дастгоҳи тиҷоратӣ ва кооперативӣ фаъолона ширкат меварзад. Ба ҳизбу ҳукумат дар доир кардани сиёсати болшевикӣ дар кори кооператсияи истеъмолӣ кумак мерасонанд» [5, с.53].

Бо мақсади ҷалби занон ба ҳаёти ҷамъиятӣ чорабиниҳои гуногун гузаронида шуданд. 30. 04. 1932 КИМ-и ҶШС Тоҷикистон барқия қабул кард: «15 майи соли 1932. Машварати осиёимиёнагӣ дар мавзуи натиҷаҳои истифодаи меҳнати занон дар кишту кори баҳорӣ, чобуққунӣ ва пахтачинӣ, натиҷаҳои хизматрасониҳои маишӣ дар давраи кишту кори баҳорӣ ва дурнамои пахтачинӣ даъваткарда мешавад. Иштироки намояндагони Марказҳои колхозӣ, Комиссариатҳои халқии тандурустӣ ва маориф, тамоми кооперативҳои ҷумҳуриро таъмин намоед» [8, с.131].

Иҷрои бомуваффақияти масоили гузоштаи ҳизб қабл аз кишти баҳории соли 1931, баланд бардоштани ҳосилнокии пахта ба 100% дар соли дуюми ҳалкунандаи панҷсолаи пахта дар таъмини ИҶШС ба вобастагии пахта барои рушди минбаъдаи сохтмони колхозӣ, васеъсозии майдони кишт ва баланд бардоштани ҳосилнокӣ нақши калон мебозад.

Зимни доир кардани ин кор набояд фаромӯш кард, ки иҷрои бомуваффақияти масоили кишти баҳорӣ танҳо зимни иштироки деҳқонон: колхозчиён, батракҳо, камбағалону миёнаҳолони ҳам зан ва ҳам мард имконпазир мегардад [8, с.10].

Ба сифати корҳои амалӣ машварат пешниҳод кард:

1. Оид ба ҷалби занони кишоварз ба колхозҳо:

а) дар давраи кишти баҳорӣ, тибқи қарори машварати якуми минтақавии кормандони КБММЗ, доир кардани маъракаи васеъ оид ба ҷалби занон (аъзоёни оилаҳо) ба аъзогии колхозҳо зарур аст. Дар масъалаи ҷалби занон ба колхозҳо кори ҷиддӣ, ташкили оммавӣ, тарғиботи байни оммаи васеи деҳқонони меҳнаткаш баробар байни занон ва ҳам мардон, дар навбати аввали байни оммаи колхозӣ, лозим аст;

б) кор оид ба ҷалби занонро ба колхозҳо бо секторҳои занон ва Марказҳои колхозӣ бояд алоқаманд сохт, бо такя ба ҷалби тамоми фаъолзанони деҳот, машваратчизанон, занони колхозӣ, батракзанон, камбағалон нақшаи мушаххаси ин маъракаро бояд таҳия кард ва барои занон оид ба масъалаҳои

кишти баҳорӣ ва сохтмони колхозӣ конференсияҳои ноҳиявӣ ва деҳот доир кард.

2. Оид ба ташкили меҳнати занон:

а) ба роҳ мондани корҳои васеи фаҳмондадиҳӣ дар ҷаласаҳои оммавии занон дар тамоми колхозҳо, совхозҳо, қишлоқҳо ва авулҳо дар бораи вазифаҳои кишти баҳории соли 3-юми ҳалкунандаи панҷсолаи пахта, ки ИҶШС-ро аз вобастагии пахта озод ва истифодаи меҳнати занонро дар кишти баҳорӣ таъйин мекунанд;

б) дар ноҳияҳо, қишлоқҳо, авулҳо, совхозҳо дар ҷаласаҳои коргарзанон, машваратчизанон, вакилзанон, занони колхозӣ, камбағалзанон, батракзанон, миёнаҳолзанон таҳия намудани нақшаҳои истеҳсолии кишти баҳории пахта, маъракаи кирмакпарварӣ, шартномаи СМТ бо колхоз ва истеҳсолкунандагони кишоварзӣ, нақшаҳои кории совхозҳо, колхозҳо, то ин ки ҳар як коргар, коргарзани совхоз, ҳар як колхозчӣ – колхозчизан, ҳар як гурӯҳи қишлоқҳо ва авулҳо, ҳар як маҳал вазифаи худро бояд донад, мавқеи худро дар иҷрои нақша на танҳо бояд донад, балки дар иҷрои он фаъолона иштирок кунанд [8, с.10];

в) дар натиҷаи коркарди нақшаҳои истеҳсолии кишти баҳорӣ ба таври васеъ ташкил кардани бригадаҳои зарбдори занона бо роҳбарии фаъолзанон, барои ташкили меҳнати занон оид ба пиллапарварӣ, пахтакорӣ, тозакунии тухмиҳо, полезӣ, боғпарварӣ, парандапарварӣ, хоҷагии шир, ки дар назди худ вазифаи мушаххасро оид ба доир кардани кишти баҳорӣ бояд гузорад, зарур аст. Масалан: тоза кардани ҳамин қадар тухмӣ, кишт кардани ҳамин қадар га, чобуқ кардани ҳамин қадар га, ташкил кардани бригадаҳои зарбдор аз ҳисоби ҳамин қадар зан, аз курсҳои агротехникӣ доир кардани ҳамин қадар зан;

г) якҷоя бо иттиҳоди колхозии ноҳияҳо ва системаҳои кооператсия таҳияи нақшаи махсуси истифодаи меҳнати занон дар давраи тамоми соли хоҷагидорӣ, хусусан, дар давраи кишти баҳорӣ бо таҳияи баъдинаи он ва истифодаи артелҳо дар колхозҳо зарур мебошад;

ғ) ташкили фаъолон барои иштирок дар машварати истеҳсолии гурӯҳҳои камбағалон дар колхоз ё дар ширкатии истеҳсолӣ, ҷудо кардани фаъолон ба

корҳои роҳбарикунандаи низоми колхозӣ – кооперативӣ (раисон, муовинони онҳо, аъзоёни идораҳо ва ҳ.к), инчунин ба курсҳои ноҳиявӣ сафарбар намудани бригадирҳо, раисони колхозҳо, ташкили маҳфилҳо барои коркарди агроминимум ва ҳаракати колхозӣ;

д) барои истифодаи таҷриба ташкили экскурсияҳои занони кишоварз ба совхозҳо , колхозҳо ва СТМ-ҳои намунавӣ;

е) ташкили мусоҳибаҳо бо агрономҳо, муаллимон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, омода шудан ба кишти баҳорӣ, нақшаи агрономи ваколатдор дар кишти баҳорӣ, корбарӣ ба таҷҳизоти кишоварзӣ, дар клубҳо ва гӯшаҳои сурх ба роҳ мондани навбатдории ҳаррӯзаи фаъолон аз ҳисоби коммунистзанон, комсомолзанон, муаллимаҳо, кормандони соҳаи тиб ва агрономзанон барои додани маълумот оид ба тамоми масъалаҳои кишт ва сохтмони колхозӣ;

ж) бо мақсади таъмини ташкили меҳнати занон барои муваффақ шудан ба сафарбарии инструкторҳо, ваколатдорон аз ҳисоби тамоми фаъолзанон аз тарафи созмонҳои марбута.

Илова бар ин, дар ҷойҳо ба ҳисоб гирифтани иштироки занон дар маъракаи пахтачинии гузашта, инчунин, дар назар доштани тамоми фаъолон, бригадаву артелҳои занон, ки дар ҷамъоварии пахта машғул буданд, ба мақсади корбурди онҳо дар кишти баҳорӣ аз байни онҳо ҷудо кардани занон барои корҳои роҳбарикунанда ва ташкилотчигӣ барои бригадаҳои нав зарур мебошад;

з) тамоми кор оид ба ташкили меҳнати занон дар маъракаи кишти баҳорӣ бо методҳои мусобиқаҳои сотсиалистӣ байни бригадаҳо, байни вакилзанон ва фаъолзанони алоҳида бояд гузаронида шавад. Ба гурӯҳҳои қафомонда расонидани кумак, иштирокчиёни фаъолро мукофотонидан, дастоварду норасоиҳои онҳоро дар матбуот (газетаи деворӣ, рӯзномаҳои ноҳиявӣ ва ҷумҳуриявӣ) нишон додан зарур аст. Илова бар ин, бо иштироки онҳо дар кишти баҳорӣ дар рӯзномаҳо бояд системанок рӯшанӣ андохт [8, с.11].

3. Оид ба ташкили хизматрасониҳои маишӣ:

1. Мутлақо яқин аст, ки ягон нақша оид ба ташкили меҳнати занон иҷро намегардад, агар дар мавсими кишти баҳорӣ хизматрасониҳои маишӣ (хӯрокаи

ҷамъиятӣ, муассисаҳои кӯдакона) дар совхозҳо ва колхозҳо, рафоқатгариҳо дар деҳоту аулҳо ташкил карда нашавад.

2. Якҷоя бо кооператсияи истеҳсолот дар ҷодаи хизматрасонӣ бо хӯроки ҷамъиятӣ дар кишти баҳорӣ, хусусан, зимни корҳои саҳрои истифода аз шабакаи сайёри хӯроки ҷамъиятӣ, ташкили ошхонаҳои сайёрӣ саҳроӣ, таъмини ин шабака бо ташкилотчиёни ботаҷриба, ки шароити маҳалро медонанд, бо онҳо корҳои зарурии омодагӣ гузаронида ва таҳияи нақшаи мушаххас бо хӯроки ҷамъиятӣ, таъмини кишти баҳорӣ таҳия карда шавад.

3. Нисбат ба ташкили хизматрасониҳои муассисаҳои кӯдакона (боғчаҳо, майдончаҳои кӯдакон, боғчаҳои кӯдакон) дар мавсими кишти баҳорӣ гуфтан мумкин аст, дар ин ҷо сафарбар кардани хӯроки умумӣ ва ҳам маблағҳои ташкилоти шуроҳо, хоҷагидории кооперативи ва ҳам ҷамъиятӣ, ҳам тамоми деҳқонони меҳнаткаш зарур аст.

4. Банақшагирӣ ва таъмини муассисаҳои кӯдакона дар давраи кишти баҳорӣ бо истифодаи ҳатмии қувваю маблағҳои имконпазир, бо ҷалби оммаҳои худфаъолият ба дӯши шуъбаҳои маорифу тандурустии ноҳияҳо гузошта шавад;

5. Нисбат ба шаклҳои фаъолият гуфтан мумкин аст, ки дар ин ҷо мисли соҳаи хӯроки ҷамъиятӣ, бояд чолокии махсус, серҳаракатӣ ва ташаббускориро нишон дод. Муассисаҳои маишӣ бояд дар назди корҳои саҳроӣ ҷой гиранд. Шаклҳои сайёри кори муассисаҳои кӯдакона бояд бештар истифода гардад. Тамоми маҷмуи хизматрасониҳои маиширо бояд ба саҳро равона сохта, ба ин мақсад аз каппаю шалашҳо ва ҳ.к. бояд истифода бурд.

6. Дар совхозҳо, колхозҳо, қишлоқҳо ва аулҳо барои тавсияи муассисаҳои маишӣ ташкил кардани бригадаҳо, артелҳо, додани супоришоти махсус ва минбаъд доир кардани машваратҳои доимӣ бо онҳо барои мубодилаи таҷриба ва супоришоти нав оид ба масъалаҳои хизматрасониҳои маишӣ дар давраи кишти баҳорӣ лозим аст. Зимни таъсиси муассисаҳои кӯдаконаи худфаъолият бо ташаббуси модарон расонидани кумак ба онҳо бо воридсозии онҳо ба шабакаи умумӣ, мунтазам таъмин кардан бо маҳсулоти хӯрокворӣ;

7. Бо дарназардошти он ки зимни тавсияи кор оид ба хизматрасониҳои маишӣ масъалаи кадрҳо тезутунд мегардад, дар давраи кори тобистона сафарбар намудани кормандони пуртаҷрибаи шаҳрӣ, инчунин хонандагони техникуми тиббӣ ва омӯзгорӣ ба қишлоқҳо ва аулҳо, омодасозии кӯтоҳмуддат (дуҳафтаина)-и кадрҳои маҳаллӣ бо таъмини ҳайати мувофиқи иҷтимоӣ ва муҳокимаи номзадҳои пешбаришуда дар ҷаласаҳои умумии занони совхозҳо бо омодасозии баъдинаи онҳо мустаҳкамкунии корҳо дар муассисаҳои кӯдакона зарур аст [8, с.12].

Чӣ тавре маълум аст, КБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон аз қодир будани вакилзанони Анҷумани ҷумҳуриявии Шуроҳо, ки дар нимаи аввали моҳи феврал баргузор гардид, қарор дод, ки дар давраи кори анҷуман бо онҳо машварат гузаронанд. Ҳамзамон, ба кори машварат котибони масъули КБММЗ-ҳои ноҳияҳо даъват карда шуда буданд. Мактуби Котиби масъули КБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон аз 12 феврали соли 1931 дар ин бора шаҳодат медиҳад:

«Ба комиҷроияи ноҳияи Қӯрғонтеппа

Дар вақти баргузории анҷумани ҷумҳуриявӣ Машварати кормандони КБММЗ бо аъзоёни анҷуман гузаронида мешавад. Президинскаяро фиристонед» [5, с.31].

КБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон аз рӯйи ҳуҷҷатҳои мавҷуда солҳои 1931-1932 сафарҳои маишӣ гузаронид, ки дар рафти онҳо иштирокчиён ҳудудҳои ҷамъиятиро тоза карданд, ниҳолҳоро шинониданд, гӯшаҳои сурхро ташкил намуданд [5, с.46].

Аз баромадҳои вакилони Машварати якуми кормандони секторҳои занонаи ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна, ки соли 1931 баргузор гардид, муҳиммияти кори КБММЗ-ҳо дар сохтмони сотсиалистӣ баръало намоён мегардад.

Машварати минтақавӣ доираи хеле васеи масъалаҳои ҳаракати занонро муҳокима карда, аз рӯйи онҳо қарори махсус қабул намуд:

1. Маърузаи рафиқ Васюбинаро дар бораи пешбарии кадрҳо аз занони маҳаллиро шунида, машварати минтақавӣ чунин меҳисобад, ки ин масъала то

ҳол, сарфи назар аз директиваҳои қавии ҳизб, ҳалли пурраи худро наёфтааст. Дар аксари ташкилотҳо ба ҷойи корҳои нақшавӣ дар ин соҳа номунтазамӣ ҳукумрон аст, ин аз кам аҳаммият додан ба ин масъала дар роҳи сохтмони сотсиалистӣ дар асоси ҳалли дурусти масъалаи миллӣ ва озодкунии воқеии занон шаҳодат медиҳад.

2. Ҷалби меҳнати занон ба саноат, нақлиёт ва сектори ҷамъиятии кишоварзӣ ва соҳаҳое, ки дар онҳо меҳнати занон бояд бартарӣ дошта бошад, бо суръати хеле суст ҷараён мегирад. Аз ҷумла, дар саноати Осиёи Миёна 27,9%-и занон иштирок мекунанд. Чунин вазъият ба қарордодҳои ҳизб ва вазифаҳои хоҷагидорӣ-сиёсии пролетариати занон барои пешбарии занон ба корҳои роҳбарикунанда базаи асосӣ мебошад [8, с.50]. Низоми шуравии сотсиалистӣ ва худи сохтмони сотсиализм ба истифодаи меҳнати занон чун ба имкониятҳои потенсиалӣ равона буд, зеро ки меҳнат меъёри асосии ташкили ҷамъияти нав ҳисоб меёфт, аммо ҷамъият бе истисмори меҳнат ва додани имконоти баробар дар тамоми намудҳои меҳнат мебошад. Ин масъала дар баромади иштирокчиёни машварат мавриди муҳокима қарор ёфт. Оид ба ин масъала қарори зерин бароварда шуд:

«1. Бо мақсади ҳалли воқеии масъалаи ҷалби меҳнати занон ба саноат, соҳаи кишоварзӣ ва дастгоҳ (идора) ба ваколатдори Комиссариати халқии меҳнат пешниҳод карда шавад, ки якҷоя бо иттифоқҳои касаба ва ташкилоти дигар дар муддати як моҳ номгӯи тахассусии вазифаҳо (дар саноат, кишоварзӣ ва дастгоҳ), ки дар онҳо истифодаи меҳнати занон ҳатмист, омода сохта шавад. Ин корро бояд тавре ба роҳ монд, ки дар соҳаҳои саноати бофандагӣ, дӯзандагӣ ва ғайра бартарӣ пайдо кунад, то ин ки дар нақлиёти Шуравӣ, дастгоҳи кооперативӣ истифодаи меҳнати занон хеле афзояд». Шуъбаи тақсимот иҷрои қарори мазкурро бояд санҷад.

2. Бо дарназардошти он, ки фоизи мавҷудаи занони дар ФЗУ таълимгиранда (17,1%) кофӣ нест, Машварат пешниҳод менамояд, ки фоизи муайян ва ҳатмии занон, хусусан занони маҳаллӣ, ки ба ФЗУ мувофиқи фоизи муқаррарнамудаи занон бояд ҷалб гарданд, муайян карда шавад» [8, с.50].

Машварат ҳамчунин қайд кард, ки миқдори занон, хусусан, занони маҳаллӣ дар корҳои масъули роҳбарикунанда ночиз аст ва дар кори пешбарии занон ба корҳои роҳбарикунанда, аз ҷумла дар муддати шаш моҳи наздик ба корҳои роҳбарикунанда дар соҳаи саноат пешбарӣ намудани 300 нафар зан, нақлиёт - 50 нафар зан, ташкилоти сохтмонӣ - 30 нафар зан, дастгоҳи Шуравӣ - 500 нафар зан, соҳаи кооператив - 200 нафар зан, иттифоқҳои касаба - 200 нафар зан, СМТ-и колхозу совхозҳо, низоми пахта, кооператсия - 1000 нафар зан зарур аст. Тамоми ин корҳо бояд мувофиқи қарорҳои КМ ҲКУ(б) ба роҳ монда шавад [8, с.50].

Рақамҳои фавқуззикр оид ба пешбарии занон то ба маҳалҳо аз рӯйи диди (нақшаи) ҷумҳуриявӣ ва соҳавӣ дар асоси нақшаи доимӣ амалӣ карда шавад.

«Тамоми корҳо оид ба пешбарӣ, - қайд мегардад дар қарордод, - ба кори оммавии фаҳмондадиҳӣ ва муҳокимаи ҳатмии номзадҳо дар маҷлисҳои умумӣ бояд ҳамроҳ гардад. Чунин тартибот зимни фиристодан ба ҳамаи муассисаҳои таълимӣ ҷорӣ карда шавад» [8, с.50].

Барои мустаҳкамкунии минбаъдаи занон ба кори пешбаришуда ва пешбарии минбаъдаи онҳо, ба баланд гардидани мансаб фароҳам овардани шароити мувофиқи маданӣ ва маишӣ барои занони пешбаршаванда ва расонидани кумак ба онҳо дар кор (вобастакунии хоҷагидорҳои таҷрибадор, маҳалҳо, курсҳо ва ҳ.к.) зарур аст. Яке аз нишондиҳандаҳои афзоиши миқдори занон дар истеҳсолот ва идоракуниро машварат тавҳил намояд. Аз ин рӯ, дар қарордод қайд мегардад:

Машварат баъзе пешравиҳоро дар қисми афзоиши миқдори занони таълимгиранда (23% ба муқобили 15%) дар соли 1931 қайд мекунад, аммо барои афзоиши минбаъдаи занон дар муассисаҳои таълимӣ кофӣ нест. Шуъбаи тақсимоти Бюрои осиёимиёнагии КМ ҲКУ(б) тартиби пуррасозии муассисаҳои таълимиро бо муайянкунии фоизи ҳатмии қабули занон, аз ҷумла занони маҳаллӣ дар алоҳидагӣ (на кам аз 50% занон ба ҳисоби миёна) муайян кард. Ба он бояд диққати махсус дод, ки ба муассисаҳои таълимӣ унсурҳои аз ҷиҳати синфӣ бегона роҳ наёбанд. Якҷоя бо ташкилоти манфиатдор таҳия кардани

масъалаи ташкили курсҳои махсуси занона барои тамоми ихтисосҳое, ки норасоии махсуси кадрҳо ҳис карда мешавад ва ҷалби меҳнати занон ҳатмист, зарур мебошад. Барои ҷалби занон ба тамоми низоми омодасозии курсӣ ва муайян намудани фоизи ҳатмии қабули занон, аз ҷумла занони маҳаллӣ, аз рӯйи ҳар як курси мавҷуда бояд чораҳо андешида шавад [8, с.51].

Машварат чунин ҳисобид, ки низоми занон танҳо дар чаҳорчӯбаи таълими кӯтоҳмуддат бояд роҳандозӣ гардад, аммо сатҳи пасти маълумоти коргарзанон ба онҳо имкон намедиҳад, ки ба МТОК дохил шаванд. Маълумоти миёна ва олӣ мунтазам бояд ҳамгиро шавад, аммо бо коҳиши фоизи занон дар муассисаҳои умумии таълимӣ набояд роҳ дод, баръакс, фоизҳои барои ҳар як муассисаи таълимӣ муқаррааршудаи қабули занонро бояд иҷро кард [8, с.51].

Машварат қайд кард, ки «яке аз сабабҳои фоизи нокифояи қабули занони маҳаллӣ ба муассисаҳои таълимӣ талаботи баланд мебошад, ки ба дохилшавандагон пешкаш карда мешавад. Машварат ба курсҳои иловагии тайёркунӣ ва дароз кардани муҳлати таълим дар онҳо исрор менамояд» [8, с.51].

Дар аввали моҳи июни с.1932 дар шаҳри Сталинобод КБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон кушодани курсҳои шашмоҳаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони КБММЗ-ро пешбинӣ карда буд. КМКБММЗ ба тамоми ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар бораи инитихоби номзадҳо ба таҳсилот мактуб ирсол намуд. Дар тамоми ноҳияҳо комиссияҳои интихобии ба курсҳои таълимӣ фиристодани занон ташкил карда шудаанд. Комиссияи интихобии Оби Гарм се нафар зан М.Момонова, Сабри Фозилова ва Омина Одинаеваро барои курсҳои таълимии КБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон интихоб намуд [18, с.32].

Дар миёнаи солҳои 1932 КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон курсҳои 6-моҳаро оид ба такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони КБММЗ ва пешниҳодшударо ташкил кард. Чӣ тавре аз маълумоти ҳуҷҷат аён мегардад, аз байни аҳолии маҳаллӣ ба ин курс шунавандагон аз 14 ноҳия ҷалб карда шуданд: Ғарм - 5 нафар, Хуҷанд - 4 нафар, Конибодом - 2 нафар, Исфара -1

нафар, Кӯлоб -4 нафар, Муъминобод -2 нафар, Ашт -1 нафар, Нов -1 нафар, Янгибозор -1 нафар, Қаратоғ -1 нафар, Панҷакент -1 нафар, Ӯротеппа -1 нафар, Файзобод -2 нафар, Сталинобод -2 нафар.

Аз ҷиҳати теъдод дар ҳуҷҷат ихтилофот мавҷуд аст: миқдори хонандагон ҳамагӣ 27 нафар буд, аммо аз рӯйи маълумоти ноҳияҳо 28 нафар мебошад. Аз рӯйи вазъияти иҷтимоӣ миқдори шунавандагон 27 нафар буд: кохозчизанон - 6 нафар, камбағалзанон - 19 нафар, косибзанон - 2 нафар. Аз рӯйи мансубияти миллӣ: тоҷикзанон - 22 нафар, узбекзанон - 4 нафар, рӯсзанон - 1 нафар [18, с.24].

Дар курсҳои КБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон синфҳои узбекӣ низ аз ҳисоби аҳолии узбекзабони Тоҷикистон буданд, зеро ки қариб 10%-и аҳолии ҷумҳуриро узбекон ташкил медоданд. Хатмкунандагони онҳо дар ноҳияҳое кор мебурданд, ки дар онҳо миқдори узбекон хеле зиёд буд ва онҳо забони тоҷикиро намедонистанд. Инро сиёсати давлатии ИҶШС талаб мекард. Аммо, чӣ тавре аз ҳуҷҷатҳои бойгонӣ аён мегардад, бинобар камшумор будани курсантҳои узбек дарсҳо мунтазам гузаронида намешуданд. Одатан, дар аксари мавридҳо дарсҳо баргузор намегардиданд [18, с.37].

Чӣ тавре маълум аст, КБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон курсҳоро кушод ва дар бораи ин маводи бойгонӣ мавҷуд аст. Аз ҷумла, мо шаҳодатномаи зеринро ошкор сохтем:

«Шаҳодатнома

дода шуд ба Шамсидинов Охун дар хусуси он, ки ӯ воқеан ҳам мудири қисми таълимии Курсҳои ҷумҳуриявӣ оид ба бозомӯзии кормандони КБММЗ ва пешбаришудагони назди КИМ-и ҶШС Тоҷикистон мебошад» [12, с.56]. Аммо маводди мушаххасро дар бораи кори ин курс мо наёфтем.

Чӣ тавре маълум аст, ҳар як ташаббус мушкилоти худро дорад. Дар омодасозии кормандони КБММЗ аксаран мушкилот дар нопуррагии курсҳои ташкилшуда дида мешавад. КМКБММЗ курсҳоро бо такя ба имконияти кормандон ба нақша мегирифт, аммо баъзе ноҳияҳо бо сабабҳои гуногун одамони худро намефиристоданд. Дастгоҳи КМКБММЗ дар бораи аз рӯйи

фехрист ба курс омадагон мунтазам маълумот ҷамъоварӣ мекарданд. Онҳо якчанд маротиба ба КБММЗ-ҳои ноҳияҳо дар бораи дар курсҳо иштирок накардани курсантҳо муроҷиат кардаанд.

Дар як ҳуҷҷате, ки 2 августи соли 1932 ба имзо расидааст, Шамсидинова аз номи КМКБММЗ Комитети ҳизбии ноҳияи Шаҳринав огоҳонома равон кардааст: «Ба курсҳои КБММЗ ягон нафарро нафиристодаед. Хоҳиш дорем, ки фавран чор занро сафарбар кунед» [12, с.56].

КБММЗ-ҳои назди Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон мунтазам бо масъалаи ташкили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳои тамоми сатҳҳои худ шуғл меварзид. Бо тамоми шуъбаҳои вилоятии худ алоқаи хеле хубро ба роҳ мемонд. Дар бораи кормандони дастгоҳ ахбори пурра дошт. Аз ин рӯ, медонист, ки киро ба таҳсил ё ягон чорабинӣ равон кунад.

Чӣ тавре аз ҳуҷҷатҳои бойгонӣ аён мегардад, тамоми хароҷоти сафарҳои хизматӣ ва курсҳо бо тартиби мавҷудаи зерин пардохт карда мешуданд. Дар ҳуҷҷате чунин оварда шудааст:

«Ӯротеппа. Ба Ҳизби коммунистии ноҳия, фаврӣ.

Ба курсҳои бозомӯзии кормандони КБММЗ корманди худ Бобонабиева - раиси ҷамоати деҳотро ба шаҳри Сталинобод фиристед. Рӯзи омадан – 10 июн. Ҳисобу китоб дар ҷояш гузаронида мешавад.

Шуъбаи кадрҳои КМ ҲК» [12, с.51].

Муовини раиси КИМ-и КБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон Шамсуддинова барои муътадил гузаштани курсҳо ба шуъбаи Сталинободии Тоҷикматлубот дархост фиристода, хоҳиш намуд, ки ба харидории як қисми зарфҳо кумак расонад. Аз ҷумла чунин омадааст: «КМ КБММЗ-и назди КИМ-и ҶШС Тоҷикистон хоҳиш менамояд, ки як примус ё керосинка ва 4 чойники ҷилодорро барои курсҳои ташкилшавандаи бозомӯзии кормандони комитети беҳдошти маишат ва меҳнати занони назди КИМ ба ҳисоби нақди ҷудо кунед Шамсуддинова» [12, с.50].

КМКБММЗ 14.04.1932 дар ҷаласаи Раёсат масъалаҳои зеринро баррасӣ кард: хизматрасониҳои маданӣ ва маишии колхозҳо зимни корҳои саҳроӣ,

ташкили курсҳои пешбарикунандагон ва кормандони КБММЗ, аз маош ҷудо кардани маблағ ба муассисаҳои кӯдакона, ташкили профилакторияҳои меҳнатӣ дар корхонаҳо, ташкили меҳнати занон дар колхозҳо, дар бораи вазъи муассисаҳои кӯдакона, ки дар таъмини Тоҷикматлубот қарор доранд [3, с.60].

Яке аз шаклҳои ташкили меҳнати занон таълими касбҳо барои занон буд. Барои пиллапарварӣ, ки меҳнати занон бештар истифода мегардид Ҳокимияти Шуравӣ курсҳо кушода буд. Яке аз онҳо курсҳои омодасозии занон ба нигоҳубини тухми кирмакҳо буд. Ин курсҳо қабл аз оғози мавсим ва чӣ тавре аз ҳуҷҷат бар меояд, дар асоси маълумоти КБММЗ-ҳои маҳаллӣ санҷида мешуд.

Дар ҳуҷҷате аз 16 феврали соли 1931 дар бораи заводи тухмии кирмаки шаҳри Сталинобод чунин омадааст:

курсҳои омодасозии кормандони кирмакпарварӣ мавриди таҳқиқ қарор ёфтанд:

- ин курсҳо 6 декабри соли 1930 ташкил карда шуданд ва ба Тресті абрешим мансубанд;

- ҳайати хонандагон 53 нафар буда, аз байни онҳо баъзеи занкурсантҳо дар шароити вазнин қарор доранд, чунончи;

а) 7 нафар зан ва 3 нафар зане, ки аз ноҳияҳои дурдаст омадаанд, пойлуч мегарданд;

б) рахти хоби хонандагон пурра нест, матрасҳо дода шудаанд, аммо коҳ надоранд. Аксари курсантҳо кӯрпаи болопӯш надоранд, маъмурият таъмин намекунад. Курсантҳо дар болои тахтаҳо мехобанд;

в) 5 сачоқ барои 52 нафар;

г) хонаҳо гарм карда намешаванд;

ғ) китобҳои дарсӣ нест;

Мо чунин меҳисобем, ки чунин коргузорӣ оид ба омодасозии кадрҳои миллӣ дар соҳаи пиллапарварӣ норавост [3, с.6-7].

Занони тоҷик барои ҳуқуқҳои худ мубориза намебаранд вақте онҳоро ба хондан мефиристанд, ба тамошою сайругашт машғул мешаванду дар фикри дарсхонӣ нестанд. Кори тарбиявии онҳоро бояд пурзӯр сохт [27, с.4-5].

Интихобот чун мақомот барои омодасозии кадрҳои КМКБММЗ истифода мешуданд. Чӣ тавре аз таҷриба ва анъана аён мегардад, зани тоҷик барои дар интихобот иштирокчии фаъол шудан ва дар интихобот оид ба ишғоли вазифае фаъолнок будан роҳи дурӯдароз ва мушкилро тай кардааст. Масалан, дар миёнаи соли 1929 фоизи иштироки занони Тоҷикистон дар интихобот хеле паст буд:17% (дар Ӯзбекистон 26%, Тукманистон 27%) [27, с.4-5]. Чунин вазъият ба сиёсати ҳизб мувофиқ набуд, бинобар ин машварат дар бораи зиёд кардани миқдори занон дар интихобот дархост намуд ва оид ба ин масъала директиваи махсуси Бюрои осиёимиёнагии ҲКУ(б)-ро зарур шуморид [27, с.4-5].

Ҳатто аз рӯйи ин масъала қарори махсус баровард ва КМ ҳизбҳои коммунистии миллиро уҳдадор кард, ки иҷрои директиваро дар бораи ҷалби занон ба ҷонишинони раисони колхозҳо санҷанд, зеро ки хурофоти маишӣ боқимондаи сохти куҳна буда, ҷалби занонро ба истеҳсолот ва тамоми ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ ба таъхир меандозад. Ҳокимияти Шуравӣ тавассути корҳои оммавии сиёсӣ ва тарбиявӣ тавассути иттифоқҳои касаба ва созмонҳои дигари ҷамъиятӣ бояд ба он хотима медод.

КМКБММЗ медонист, ки ҷалби занон ба истеҳсолот, асосан, аз аҳолии камсавод, бесавод ва ба корҳои ҷамъияти омоданашуда ҷараён мегирифт. Аз ин рӯ, ба андешидани чораҳои қатъӣ оид ба маҳви бесаводӣ байни занон исрор мекард. Яке аз чунин чораҳо мактаби маҳви бесаводӣ буд. Барои занони нав ба истеҳсолот қабулшуда курсҳои кӯтоҳмуддат ташкил карда шуда буд. Инчунин, дар ин курсҳо барои занон маълумотҳои аввалияро дар бораи истеҳсолот ироа мекарданд. Коргарзане, ки мактаби маҳви бесаводиро хатм мекарду курсҳои муқаддимавии истеҳсолиро мешунид, соҳиби донишҳои нави тахассусӣ мегашт.

Ба андешаи роҳбарияти КБММЗ, баланд бардоштани саводнокӣ, ҳосилкунии малакаҳои истеҳсолӣ ба ҷалби васеи занон ба тамоми ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ, дар навбати аввал, ба дохили ташкилоти истеҳсолӣ, идоракунӣ ва ҷамъиятӣ бояд мусоидат намояд. Илова бар ин, онҳо барои пешбурди занон ба тамоми ташкилоти ҷамъиятӣ ҳам ба дохил ва ҳам ба беруни онҳо бояд

чораҳои қатъӣ андешанд. Дар ин кор ба ҷаласаҳои намояндагӣ (вакилӣ) чун ба захираҳои асосии омодасозии кадрҳо такя карда шуд.

КБММЗ дар кори маҳви бесаводӣ ва камсаводӣ ба ташкилоти ҳизбӣ, касбӣ, комсомолӣ ва ғайра диққати махсус медод [8, с.51].

Чӣ тавре аз ҳуҷҷатҳои бойгонӣ бармеояд, кор оид ба ҷалби занон ба фаъолияти меҳнатӣ дар байни коргарзану занони кишоварз, хусусан, дар қисми истифодаи ташаббусҳои занони колхозӣ дар ҷодаи ҷалби онҳо ба тамоми намудҳои кишоварзӣ ва сохтмони колхозӣ, ғайриқаноатбахш буд. Бинобар ин, Машварат ишора намуд: Дигаргунии қатъии тавсияи корҳои оммавӣ байни занони колхозӣ, коргарзанони совхоз, занони кишоварз дар мубориза барои нақшаи панҷсолаи пахтакорӣ ва мустаҳкамкунии хоҷагидории колхозҳо зарур аст [8, с.51].

Дар солҳои панҷсолаи якум пахтакорони Тоҷикистон бо роҳи доир кардани на кам аз 3 чобуқ, обёрии дурусту саривақтӣ, киштгардонӣ, нармкунӣ барои ҳосили баланди пахта мубориза мебурданд. Ин вазифаҳои муҳимро амалӣ гардонида, Машварат тавсия дод, ки барои татбиқи ин мақсад ҷалби тамоми аҳолии кори, минҷумла занон, ба корҳои кишоварзӣ, ташкили бригадаҳои махсусгардонидашуда ва муштараки занон аз рӯйи намудҳои алоҳидаи кори колхозу совхозҳо, таъмини озодкунии воқеии занон лозим аст [8, с.51].

Дар баробари ҷалби занон ба тамоми корҳои асосии кишоварзӣ, ки дар ин бора дар Машварат гуфта шуд, ба рушди ташаббусҳои хоҷагидорӣ дар хоҷагиҳои наздиҳавлигӣ ва кирмакпарварӣ, чорводорӣ, парандапарварӣ, полезӣ ва ҳ.к. диққат дода, таҷрибаи тақсимкунии корҳои кишоварзиро ба корҳои занона (сабук) ва меъёрҳои пасти коркардро барои занони колхозӣ бояд инкор намуд [8, с.51].

Ҷалби занон ба корҳои кишоварзӣ бо пешбарии занони колхозу совхозҳо, инчунин занони кишоварзи яккадаст, ба кори роҳбарикунанда (идораи колхозҳо, шарикии истеҳсолӣ, ташкилотчиёни меҳнат, агротехникҳо, иҷрокунандагон, сардорон, бригадаҳо ва ҳ.к.) ҳамроҳ мегарданд. Инро аз

қарордоди Машварат пай бурдан мумкин аст: Ба Комиссариати халқии замин, Пахтаи Осиёи Миёна, Иттиҳоди колхозии Осиёи Миёна, Маркази трактории Осиёи Миёна, Пахтаи совхоз ва Маркази пахтаи Осиёи Миёна санҷидани шабакаҳои курсҳои амалкунанда бо мақсади ташкили онҳо на кам аз 50% дар соҳаҳои алоҳида, ки аксариятро занон ташкил медиҳанд, аз ин фоиз ҳам баландтар пешниҳод карда шавад [8, с.75].

Машварат нақшаи ҷаласаҳои вакилиро чун отряди пешқадами фаъолгардонандаи меҳнаткаши занони колхозу совхозҳо, шарикии истеҳсолӣ ба мубориза барои таъмини истиқлолияти пахта арзёбӣ намуд. Онҳо бояд нақшаи иштироки занонро дар маъракаҳои пахтачинӣ, кирмакпарварӣ ва гандумдаравӣ таҳия намуда, ба инҳо диққат диҳанд:

- мубориза барои иҷрои саривақтӣ ва садфоизаи шартномаҳо бо роҳи иштироки занон дар бригадаҳои умумии зарбдор ва ташкили бригадаҳои махсуси занона, мубориза алайҳи бойёну кулакҳо ва сарватмандон;

- ташкили мусобиқаҳои сотсиалистӣ барои тезтар супоридани ғалла байни колхозҳо, деҳқонони яккадаст, ҷамоати деҳот, ноҳияҳо, сари вақт санҷидани иҷрои шартномаҳои басташуда оид ба мусобиқаи сотсиалистӣ;

- ташкили мусобиқаи сотсиалистӣ бо иҷрои садфоиза ва саривақтии шартномаҳо, баланд бардоштани сифати пилла;

- тайёркунии воқеии ташкили дурусти меҳнати пахта ва супоридани саривақтии он ба давлат, ба ҷамъоварии пахта ҷалб кардани мардону занони кори, таъмин намудани занони колхозӣ, занони совхозҳо, батраказанон, камбағалзанон ва миёнаҳолзанон бо меҳнати зарбдор;

- таъмини иштироки занон дар таҳияи нақшаи пахтатайёркунӣ ва мубориза барои супоридани садфоиза ва саривақтии пахта, ташкили мусобиқаи сотсиалистӣ дар колхозҳо, совхозҳо, шарикии истеҳсолӣ, супоридани саривақтии пахта;

- эълони муборизаи шадид бо таблиғоти кулакҳо ва бойҳо, ба омма фаҳмонидани моҳияти мубориза барои истиқлолияти пахтагӣ. Иштироки колхозчизанон, батраказанон, камбағалзанон дар пахтатайёркунӣ, санҷидани

кори нуқтаҳои қабул, омодагии онҳо ба қабули пахта, такрор накардани норасоиҳои солҳои қаблӣ.

- нақши шуъбаҳои тарғиботии КМ ва комитетҳои вилоят дар таҳия кардани масъалаҳои башефигирии маҷлисҳои вакилии корхонаҳои саноатӣ аз болои маҷлисҳои вакилии қишлоқҳо ва меҳнати саноатӣ ва кишоварзӣ.

Лаҳзаҳои асосии кори тарғиботии оммавӣ бояд инҳо бошанд:

- ҷоннок кардани кори комиссияҳои маданӣ ва маишии колхозҳо бо роҳи ташкили маслиҳатҳои агрономӣ, доир кардани масоили муҳимми кори алоҳидаи кишоварзӣ (обёрӣ, чобуққунӣ, мубориза бо зараррасонҳо ва ҳ.к.);

- доир кардани экскурсияҳои занони колхозӣ ба майдонҳои таҷрибавӣ ва ба колхозҳои пешқадам барои табодули таҷриба;

- сафарҳои хизматии пешқадамзанон ба давраи дарозмуддат ба совхозҳои пахтакор, кумак ба гирифтани маълумоти техникӣ;

- доир кардани намоишгоҳи дастовардҳои колхозҳо, занони колхозӣ ва бригадаҳои алоҳида аз рӯйи меъёрҳои коркард, ташкили дурусти меҳнати занона дар колхоз, баҳисобгирии мусобиқаи сотсиалистӣ, ташкили гузориш ба таҷрибаи кории бригадаҳои беҳтарин ва бадтарини занона ва натиҷаҳои кории Машваратҳои истеҳсолӣ дар доираи ноҳия ё ҷамоати деҳот;

- бартарафсозии бесаводии техникӣ як кори муҳимме дар байни занон маҳсуб меёфт. Машварат ҳамчунин ташкили мактабҳои сайёрро ба корҳои саҳроӣ ва мактабҳои шабонаро бо сафарбаркунии тамоми аҳолии босавод ба ин кор, кумаки як колхоз ба колхозӣ дигар тавсия медиҳад.

Набудани таваҷҷуҳи кофӣ ба масоили ташкили муассисаҳои кӯдакона дар совхозҳо ва колхозҳо аз тарафи Комиссариати халқии маорифро дар ташкилоти хоҷагидорӣ колхозӣ-кооперативӣ қайд карда, Машварат ин ташкилотҳоро уҳдадор менамояд, ки маъракаҳои ҳосилғундориро бо ташкили шабакаҳои васеи боғчаҳои кӯдакони саҳроӣ, майдончаҳои кӯдакон, боғчаҳо дар тамоми шуъбаҳои совхозҳо, колхозҳои калон бо ҷалби маблағҳои колхозчиён ва деҳқонони яккадаст зимни тавсеи мустақилияти васеи тамоми аҳли ҷамоатчигӣ ва хусусан, созмонҳои комсомолӣ ва пионерӣ, таъмин намоянд. Ба ҷалби занон

ба сохтмони сотсиалистӣ аҳаммияти калон дода, ташкилоти ҳизбӣ ва Шуравӣ бо бемасъулиятӣ дар ин кор бояд мубориза баранд [8, с.76-77].

Иштироки фаъолонаи занон дар маъракаҳои муҳимми хоҷагидорӣ ва сиёсӣ суръати баландтарро таъмин менамоянд. Машварат ба мубориза барои баланд бардоштани ҳосилнокӣ, ба иҷро ва барзиёд иҷро кардани нақшаҳои ғаллатайёркунӣ, пилласупорӣ ва ҷамъоварии пахта худро сафарбар менамоянд [8, с.76-77].

Соли 1932 дар шаҳри Сталинобод Машварати ҷумҳуриявии секторҳои занон ва котибони КБММЗ баргузор гардид. Дар он намояндагон аз 15 ноҳияи ҷумҳурӣ ширкат варзиданд: Шаҳринав, Ӯротеппа, Заҳматобод, Ҳоит, Кангурт, Сарой-Камар, Арал, Муъминобод, Хуҷанд, Файзобод, Қӯрғонтеппа, Сталинобод ва боз се ноҳияе, ки номи онҳоро дар ҳуҷҷат хонда натавонистем. Намояндагон аз ноҳияҳои Арал ва Саройкамар (4 нафарӣ), Хуҷанд (3 нафар), Ашт ва Ӯротеппа (2-нафарӣ) [19, с.58].

Бюрои осиёимиёнагии КМ ҲКУ(б) 3 майи соли 1932 ба Сектори занони КМ ҲК(б) Тоҷикистон хабар дод, ки «15 майи соли 1932 дар Тошкент Иттиҳоди экологии Осиёи Миёна оид ба хизматрасонии маишӣ дар мавсими кишти баҳорӣ ва омодагӣ ба мавсими пахтачинӣ машварат даъват мекунад. Секторҳои занон якҷоя бо КБММЗ ва ташкилоти марбута иштироки меҳнати занонро дар кишти баҳорӣ ва хизматрасониҳои маишӣ бояд ҷамъбаст карда, хулосаҳои хешро ба КБММЗ-и ҷумҳурӣ пешниҳод намоянд. Илова бар ин, дар ин машварат мо мехоҳем, ки масъалаи ёрии ҳамдигарии занони колхозиро муҳокима кунем. Ин масъаларо дар ҷумҳуриҳои худ дида бароед ва ба ин кор КБММЗ, ҷамъияти Салиби Сурх ва Маркази колхозиро ҷалб намоед. Пешниҳодоти хешро оид ба масъалаи мазкур ба КБММЗ супоред (намоянда дар Машварати маишии Осиёи Миёна иштирок дорад)» [8, с.152].

Муовини котиби масъули КИМ-и ҶШС Тоҷикистон Шамсуддинова ба намояндаи эҳтимол ягон комитет, шуъба, сектор хабар медиҳад, ки «15 майи соли ҷорӣ (1932) дар шаҳри Тошкент дар назди Иттиҳоди экологии Осиёи Миёна машварат оид ба масъалаи хизматрасониҳои маданӣ-маишӣ дар мавсими

кишти баҳорӣ ва нақшаи дурнамои чобуккунӣ ва пахтачинӣ даъват карда мешавад ва маърузаи шумо дар бораи чорабиниҳои хеш оид ба хизматрасониҳои чорабиниҳои фавқуззикри кишоварзӣ шунида мешавад. Ба ин машварат шумо бояд рафиқ (ному насабашон нест)-ро бо маъруза равон кунед. Барои машварат маводро қаблан то 11 майи соли ҷорӣ ба КМ КБММЗ-и назди КИМ-и ҶШС Тоҷикистон пешниҳод кунед [8, с.162]».

Намояндаи КМКБММЗ-и Тоҷикистон ва маърузаи ӯро муқаррар карда натавонистем. Аммо маводи машварати вакилзанони Анҷумани IV Шуроҳои ҶШС Тоҷикистонро, ки дар онҳо масоили хизматрасониҳои маданӣ ва маишии занон баррасӣ гардидаанд, ёфтем. Машварат қарорҳои зерин баровард:

1. Нақшаи ҷамъоварии маблағ барои ташкили боғчаҳои мавсимӣи пешниҳодкардаи Комиссариати халқии тандурустӣ тасдиқ карда шавад.

2. Бо мақсади сарфаи маблағ ва фарогирии бештари кӯдакон тавсияи муассисаҳои кӯдаконаи навъи омехтаи синну соли боғчагӣ ва томактабӣ дар колхозу совхозҳо зарур ҳисобида шавад.

3. Бо дарназардошти он ки дар боғчаҳои шабакаи мавҷудаи доимӣ ва муассисаҳои кӯдаконаи мавсимӣ кӯдакони синни томактабӣ тарбия мегиранд, Комиссариати халқии маориф барои ин муассисаҳо бояд 50000 рубл ҷудо кунад.

4. Набудани кадрҳои томактабӣ ва кормандони боғча аз ҳисоби аҳолии маҳаллӣ боварию эътимоди деҳқонзанонро ба муассисаҳои кӯдакона ба таъхир меандозад. Комиссариатҳои халқии тандурустӣ ва маориф барои омодасозии коргарзанон ва камбағалзанони он қишлокҳое, ки дар онҳо боғчаҳо кушода мешаванд, курсҳои якмоҳа барои 200 нафар бояд ташкил кунанд.

5. Зимни маъракаи ташкили боғчаҳо кормандони КБММЗ дар маҳалҳо кушодашавии боғчаҳоро бояд зери назорат гиранд. КБММЗ-и ноҳияҳо якҷоя бо ташкилоти манфиатдор кушодани боғчаҳоро дар колхозҳо ва совхозҳо бо дарназардошти ҳатмии мақсаднокии хоҷагидорӣ ба нақша гиранд.

6. Тамоми ташкилотҳо: Иттиҳоди пахта, Комитети пахта, Таъминоти давлатии Тоҷикистон, Маркази колхозӣ, Тоҷикматлубот дар ташкил кардани боғчаҳо фаъолона ширкат варзанд.

7. Аз КИМ хоҳиш карда шавад, ки ба комиҷроияи ноҳияҳо дар расонидани кумак ба кормандони КБММЗ ва шуъбаҳои тандурустии ноҳияҳо оид ба кушодани боғчаҳо супориш диҳад.

8. Комиссариати халқии молия, Комиссариати халқии меҳнат ва комиҷроияи ноҳияҳо оид ба ҷудокунии маблағҳо аз буҷети маҳаллӣ барои ташкили боғчаҳо дар соли 1931 чораҳо андешанд.

9. Маркази колхозӣ барои пуррасозии курсҳои кормандони боғчаҳо ва муассисаҳои томактабӣ ба ин курсҳо занони колхозии беҳтаринро сафарбар намоянд.

10. Комиссариати халқии тандурустӣ, Маркази колхозӣ дар масъалаи таъмини муассисаҳои кӯдаконаи навъи омехта ва боғчаҳо бо маҳсулоти кишоварзӣ (шир, тухм, равған, мева ва сабзавот) чораҳо андешанд.

11. Ба мақсади қонеъгардонии хароҷотҳо барои таъмини боғчаҳои мавсимӣ ва ҷалби занони колхозӣ ба ин кор гузаштани баъзе колхозҳои калон (чун таҷриба) ба худхизматрасонӣ зарур ҳисобида шавад. Маркази колхозӣ дар пардохти коргарзанҳои боғчаҳои мавсимӣ ва доимӣ ширкат варзанд.

12. Комиссариати халқии тандурустӣ ба шуъбаҳои тандурустии ноҳияҳо дар бораи пурзӯрсозии хизматрасонии боғчаҳо бо духтурон супориш диҳанд.

13. Муассисаҳое, ки дар сметаи онҳо маблағ барои ташкили боғчаҳои мавсимӣ пешбинӣ нашудааст, аз КИМ хоҳиш кунанд, ки дар хусуси таҷдиди нақшаҳои хоҷагидории молиявӣ бо мақсади ҷудокунии маблағҳо амр диҳад.

14. Иттифоқи касаба тибқи директиваи КМ ҷалби комиссияҳои шефиро ба ташкили боғчаҳои мавсимӣ дар колхозу қишлоқҳои башефигирифташуда амалӣ гардонад. Зимни кушодани боғчаҳо бригадаҳоро аз фаъолони иттифоқҳои касаба созмон дода, ба маҳалҳо равона созад.

15. Маблағҳои фиристодаи Иттиҳоди бофандагии Русия барои корҳои маданӣ-маишӣ ба Комиссариати халқии тандурустӣ барои ташкили боғчаҳои

мавсимӣ дода шавад. КИМ интиқоли маблағҳоро тасдиқ кунад. Бо иттифоқҳои касаба ин масъала мувофиқа карда шудааст.

16. Таъминоти давлатии Тоҷикистон ба Тоҷикматлубот ва Тоҷиксавдо супориш диҳад, ки маҳсулоти хӯрокввориро барои муассисаҳои кӯдакона ҷудо карда, инчунин, муассисаҳои кӯдаконаро дар асоси дархости Комиссариати халқии тандурустӣ ва шуъбаҳои тандурустии ноҳияҳо дар маҳал бо таҷҳизоти зарурӣ таъмин намоянд.

17. Ба маълумоти Котиботи КИМ расонида шавад, ки баъзе муассисаҳо намояндагони худро ба Машварат нафиристодаанд. Аз Котибот хоҳиш карда мешавад, ки ба онҳо огоҳӣ диҳад.

Раис: Шамсуддинова;

Котиб: Бубок.

Дар воқеъ, ташкили боғчаҳои доимӣ ва мавсимӣ дар солҳои панҷсолаи якум чорабиниҳои мушкилу зарур буданд, зеро ки бе иштироки оммавии занон дар тамоми равандҳои корҳои кишоварзӣ натиҷаҳои назаррасро ба даст овардан мумкин набуд. Инро тамоми сохторҳои ҳокимият ва ташкилоти ҷамъиятӣ мефаҳмиданд. КБММЗ дар доир кардани чорабиниҳо оид ба ташкили боғчаҳои мавсимӣ ва доимӣ, майдончаҳои кӯдакона, хизматрасониҳои занон, ҷалби онҳо ба таҳсилот ва касбомӯзӣ нақши асосиро мебозид. Бо ин роҳ ба КБММЗ институтҳои гуногун (ҳизб, иттифоқҳои касаба, комсомол, шуроҳо, анҷуманҳо...) кумак мерасониданд. Ин кумакҳо буд, ки дар назди бисёр идораҳои давлатӣ ва корхонаҳои КБММЗ курсҳои кӯтоҳмуддат таъсис дода, ин курсҳоро бо маблағ, ашёи таҳсил, ҷои хобу хӯрок таъмин мекард. Ҳукуматҳои маҳаллӣ таъмини курсҳоро бо шунаванда ва подоши таҳсил водор карда тавонист. Агарчи курсҳои таҳсилӣ ва шунавандагони онҳо ҳам он қадар зиёд ҳам набуданд, вале худи амал дар шароити Тоҷикистон як навгоние, маъракае ё сиёсате буд.

Бо ҳамин тартиб, аввалан, дар стратегияи модернизатсияи шуравӣ КБММЗ ҳамчун ниҳоди калидии «касбиятбахшӣ» ва ситоди тарҳрезии захираҳои инсонӣ баромад намуда, заминаҳои бунёдиро барои табдили куллии

зани тоҷик аз қувваи кории ноихтисос ва «ноаён»-и хонагӣ ба субъекти бомаҳорат ва соҳибхувияти истеҳсолот фароҳам овард. Дар шароити саноатикунонии босуръати ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1928–1934), роҳбарияти Кумита ба хубӣ дарк мекард, ки эмансипатсияи воқеӣ ва бебозгашт бидуни соҳибкасб гардонидани занон ва ба онҳо додани истиқлолияти иқтисодӣ имконнопазир аст. Аз ин рӯ, КБММЗ сиёсати «касбиятбахшии маҷбуриву ҳавасмандкунанда»-ро пеш гирифта, дар ҳамкории зич бо комиссариатҳои соҳавӣ шабакаи васеи курсҳои кӯтоҳмуддати касбӣ, мактабҳои таълими истеҳсолии назди фабрикаву заводҳо (ФЗУ) ва артелҳои таълимиро ташкил намуд.

Ин раванд на танҳо ҳадафи прагматикии иқтисодиро (таъмини корхонаҳо бо қувваи корӣ) дунбол мекард, балки ҳадафи бузургтарини сиёсӣ - «институтсионализатсияи мақоми коргарзан»-ро пайгирӣ менамуд. Муаллиф собит менамояд, ки маҳз тавассути фаъолияти КБММЗ зани тоҷик бори аввал дар таърих соҳиби ихтисоси расмӣ, дафтарчаи меҳнатӣ ва мақоми қонунии иҷтимоӣ гардид, ки ин амр ӯро аз тобеияти мутлақи низоми патриархалии оила берӯн оварда, ба доираи ҳуқуқии давлат ворид сохт.

Аз диди интиқодӣ, ин «касбиятбахшӣ» воситаи калидии «муҳандисии иҷтимоӣ» маҳсуб меёфт: давлат тавассути КБММЗ занро ҳамчун «ашёи хоми иҷтимоӣ» гирифта, ба ӯ ихтисоси техникӣ мебахшид ва ба ин васила «Зани нави шуравӣ»-ро меофарид, ки дигар на ба анъанаҳои кухна, балки ба низоми истеҳсолии давлат содиқ буд. Инак, Кумита заминаи институтсионалиеро гузошт, ки дар он меҳнати зан аз категорияи «кумаки рӯзгор» ба категорияи «арзиши иҷтимоию иқтисодии давлатӣ» гузашт.

Сонияи, фаъолияти стратегии Кумита дар самти «маҳви бесаводии техникӣ» (техликбез) ҳамчун ҷузъи ҷудоинопазири модернизатсияи технологии деҳот ва шаҳр хизмат карда, занро ба маркази дигаргунсозиҳои техникӣ ворид намуд. КБММЗ ташаббускори асосии таъсиси курсҳои махсуси «тракторчизанҳо» дар заминаи истгоҳҳои мошинию тракторӣ (МТС) маҳсуб меёфт, ки ин иқдом дорои бори ниҳоят қавии сиёсӣ ва мафкуравӣ буд. Дар ин

марҳала трактор дар шуури ҷамъиятӣ на танҳо ҳамчун як мошини кишоварзӣ барои шудгори замин, балки ҳамчун рамзи марказии «Зани нави шуравӣ» ва тимсоли зафари модернизатсия бар суннатгароӣ баромад мекард.

Муаллиф собит менамояд, ки Кумита бо сафарбар намудани занон ба идоракунии техникаи мураккаб, стереотипи бисёрсолаи «нотавонии биологӣ ва техникии зан»-ро дар ҷомеаи муҳофизакори Тоҷикистон ба чолиш кашид. Идора кардани трактор аз ҷониби зани тоҷик дар он давра маънои «ғасби фазои мардона»-ро дошт ва нишон медод, ки зан акнун на танҳо дар корҳои дастӣ, балки дар равандҳои механиконидашудаи иқтисодиёт низ субъекти асосӣ мебошад. КБММЗ тавассути ин рамзсозӣ ба занон эътимоди нафс ва эҳсоси баробарӣ бахшида, онҳоро ба неруи пешбарандаи «инқилоби техникӣ» дар деҳоти Тоҷикистон табдил дод.

Аз диди интиқодӣ, ин «рамзсозии техникӣ» воситаи муҳими легитимизатсияи ҳузури зан дар фазои ҷамъиятӣ буд. Давлат тавассути образи зани тракторчӣ, ки Кумита онро дар амал татбиқ мекард, ба ҷомеа паём медод, ки низоми нави иҷтимоӣ бозгаштнопазир аст. Инак, маҳви бесаводии техникӣ, ки таҳти назорати КБММЗ сурат мегирифт, на танҳо масъалаи касбомӯзӣ, балки раванди редефинитсияи (азнавмуайянкунии) имкониятҳои инсонии зани тоҷик дар асри техника гардид.

Холисан, дар бахши саноати абрешим ва бофандагӣ КБММЗ механизми гузариши стратегии занонро аз «меҳнати хонагии косибӣ» ба «истеҳсолоти мутамаркази фабрикавӣ» роҳбарӣ намуда, заминаро барои зуҳури нахустин насли пролетариати занона дар Тоҷикистон фароҳам овард. Таҳлили таърихӣ нишон медиҳад, ки Кумита дар ин самт сиёсати «индустриализатсияи ҳувият»-ро пеш гирифт. Агар то ин замон абрешимдӯзӣ ва ресандагӣ як шуғли маҳдуди хонагӣ ва «ноаён» маҳсуб меёфт, тавассути дахолати институтсионалии КБММЗ он ба як касби эътирофшудаи давлатӣ ва рамзи иқтидори иқтисодии зан табдил ёфт.

Муаллиф собит менамояд, ки Кумита занони абрешимдӯзро аз коргоҳҳои хурди анъанавӣ ба комбинатҳои бузурги саноатӣ, аз ҷумла Комбинати

абрешими Хуҷанд, ҷалб намуда, барои онҳо низоми нави курсҳои такмили ихтисос ва маҳви бесаводии техникиро ташкил намуд. Дар ин замина, коргоҳ ва дастгоҳи бофандагӣ дар шуури ҷамъиятии он давр ҳамчун тимсоли мустақилияти иҷтимоии зан ва раҳоӣ аз вобастагии иқтисодии хонаводагӣ баррасӣ мешуд. Зан бо ворид шудан ба фазои фабрика, на танҳо малакаҳои техникӣ, балки «ҳувияти синфӣ»-ро касб мекард, ки ӯро ба як ҷузъи фаъоли ҷомеаи индустриалӣ табдил медод.

Аз диди интиқодӣ, ин раванди ташаккули «пролетариати занона» дорои ҷанбаҳои мураккаб буд. КБММЗ тавонист меҳнати занро аз доираи косибии архаистӣ берӯн оварда, ба он мақоми «субъективияти коргарӣ» бахшад. Аммо ин трансформатсия ҳамзамон маънои онро дошт, ки зан аз муҳити озоди косибӣ ба низоми сахти интизоми фабрикавӣ ва нақшаҳои суръатбахши истеҳсолӣ ворид мешуд. Инак, саноати абрешим, ки таҳти назорати КБММЗ модернизатсия мешуд, ба як «мактаби иҷтимоӣ» табдил ёфт, ки дар он зани тоҷик бори аввал худро ҳамчун як неруи калидии иқтисодӣ ва соҳибмулки малакаҳои касбии муосир эҳсос намуд.

Воқеан, аз диди интиқодии таърихнигории муосир, раванди ташаккули табақаи коргарзанони касбӣ бо мушкилоти шадиди сохторӣ ва зиддиятҳои идоравӣ рӯбарӯ буд, ки аксаран дар заминаи «суръатбахшии сунъӣ»-и нақшаҳои давлатӣ зуҳур мекарданд. Муаллиф собит менамояд, ки фишори доимии марказ барои иҷрои нишондиҳандаҳои миқдорӣ боиси пайдоиши феномени «формализми таълимӣ» гардид. Бисёр курсҳои касбӣ ва мактабҳои ФЗУ (таълими истеҳсолӣ) бинобар кӯтоҳмуддат будан ва норасоии заминаи техникию методӣ, на ҳамеша метавонистанд мутахассисони дорои маҳорати баланди техникиро омода намоянд, ки ин боиси фосила байни «ҳисоботҳои зебои идоравӣ» ва «салоҳияти воқеии касбии занон» мегашт.

Таҳқиқот ошкор намуд, ки заноне, ки ихтисосҳои ба истилоҳ «мардона»-ро (махсусан, тракторчизанҳо ва ронандагон) соҳиб мешуданд, дар маҳалҳо бо фишори шадиди равонӣ, таҳқири иҷтимоӣ ва муқовимати ниҳонии маъмуриятҳои хоҷагиҳо рӯбарӯ мегаштанд. Дар ин замина, КБММЗ на танҳо

ҳамчун ташкилкунандаи курсу мактабҳо, балки ҳамчун «сипари ҳуқуқӣ ва маъмурӣ» баромад мекард, то мавқеи занони мутахассисро дар муҳити муҳофизакори истеҳсолӣ ҳимоя намояд. Ин ҳолат гувоҳи он аст, ки модернизатсияи техникӣ дар Тоҷикистон нисбат ба модернизатсияи шуури иҷтимоӣ хеле пеш гузашта буд.

Инак, зербоби дуюм нишон медиҳад, ки ташаккули коргарзанони касбӣ як раванди мураккаби мубориза бо бесаводӣ, техника ва стереотипҳои иҷтимоӣ буд. Сарфи назар аз камбудиҳои методӣ ва монеаҳои психологӣ, маҳз фаъолияти низомманди КБММЗ имкон дод, ки зани тоҷик аз доираи «меҳнати арзон ва ноихтисос» берӯн омада, ба субъекти соҳибтахассуси иқтисодиёти муосир табдил ёбад. Ин таҷриба заминаи институтсионалиро барои ташаккули минбаъдаи интеллигенсияи техникӣ ва коргарии занон дар ҷумҳурӣ муҳайё сохт.

**Ҷадвали 6. Таҳлили интиқодии мушкилоти касбиятбахшӣ дар солҳои 1928–1934:**

| Мушкилоти асосӣ | Сабаби пайдоиш | Натиҷаи воқеӣ (Интиқодӣ) |
|---|---|---|
| Паст будани сифати таълим | Суръатбахшии сунъӣ ва кӯтоҳ будани муҳлати курсҳо. | «Мутахассисони коғазӣ», ки техникаро амиқ намедонистанд. |
| Муқовимати иҷтимоӣ | Стереотипҳои гендерӣ нисбат ба касбҳои техникӣ. | Фишори равонӣ ба занони тракторчӣ дар деҳот. |
| Норасоии кадрҳо | Камии омӯзгорони соҳибмаълумоти тоҷикзабон. | Мушкилоти иртиботӣ дар ҷараёни таълими техникӣ. |
| Формализми идоравӣ | Тамаркуз ба рақамҳои нақша (Промфинплан). | Набудани назорати воқеӣ аз болои фаъолияти занон пас аз курс. |

## Хулосаи боби II

Ҳамин тариқ, боби II собит месозад, ки тавассути механизмҳои КБММЗ зани тоҷик аз доираи меҳнати ҷисмонии дастӣ ба фазои касбии техникӣ ворид шуд. Ин трансформатсия на танҳо иқтисодиёти ҷумҳуриро бо кадрҳои нав таъмин кард, балки ҷаҳонбинии занонро дигаргун сохта, онҳоро ба неруи пешбарандаи модернизатсияи шуравӣ табдил дод.

Натиҷаҳои илмӣ-таҳқиқотии дар Боби II ҳосилшуда собит менамоянд, ки фаъолияти Кумитаи беҳдошти меҳнат ва маишати занон (КБММЗ) дар солҳои

1928–1934 омили калидии дигаргунсозии сохтории иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва тақсимоти гендерии меҳнат дар Тоҷикистон гардид. Агар дар марҳалаи қаблӣ заминаҳои назариявию институтисионалии ин ниҳод шакл гирифта бошанд, маҳз дар давраи мавриди назар КБММЗ ба субъекти фаъоли идоракунии иқтисодӣ табдил ёфта, раванди ворид намудани зани тоҷикро ба низоми истеҳсолоти мутамаркази давлатӣ роҳбарӣ намуд.

Таҳлили фарогири маводҳои таърихӣ ва оморӣ дар ин боб нишон дод, ки стратегияи иқтисодии Кумита бар принсипи «прагматизми мобилизатсионӣ» асос ёфта буд. Ин маънои онро дошт, ки озодсозии занон на ҳамчун як ҳадафи абстрактӣ, балки ҳамчун шарти зарурии саноатикунонӣ ва ба даст овардани истиқлолияти пахтагии Иттиҳоди Шуравӣ амалӣ мегардид. КБММЗ дар ин раванд нақши «миёнарави стратегӣ»-ро иҷро намуда, тавонист меҳнати занонро аз доираи маҳдуди хонаводагӣ ва «ноаён» ба фазои бози ҷамъиятӣ ва касбӣ интиқол диҳад.

Аз диди интиқодии муосир, Боби II ошкор намуд, ки ин таҳаввулот на танҳо дар сатҳи миқдорӣ (афзоиши шумораи коргарзанон), балки дар сатҳи сифатӣ - тавассути редефинитсияи (азнавмуайянкунии) мақоми иқтисодии зан сурат гирифт. Кумита бо истифода аз фишангҳои гуногуни ҳавасмандсозии маишӣ, касбиятбахшии техникӣ ва назорати санитарӣ-истеҳсолӣ, ҳувияти нави «коргарзани соҳибкасб»-ро офарид, ки дорои истиқлолияти молиявӣ ва ҳуқуқӣ буд.

# БОБИ III. РОҲБУРДИ (СТРАТЕГИЯ) КБММЗК ДАР РАВАНДИ ТАҲАВУЛЛОТИ ИҶТИМОӢ-МАДАНӢ ВА МОДЕРНИЗАТСИЯИ МАИШАТИ ЗАНОН

## 3.1. Низоми маърифатпарварӣ ва таҳаввули шуури ҷамъиятии занон дар доираи фаъолияти КБММЗ

Корҳои маданӣ-маишӣ соҳаи серпаҳлуи сиёсати давлатии ҳокимияти Шуравӣ дар Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт. Ин корҳо қариб тамоми самтҳои ҳаёту фаъолияти ҷамъиятиро фаро мегирифт. Ҳукумат ба ин соҳа ҳамеша диққати калон медод ва барои доир кардани чорабиниҳои маданӣ-маишӣ маблағи зиёде ҷудо мекард. Ин маблағҳо мунтазам меафзуданд, чунки ин масъала хеле зарур буд. Аммо масъалаи истифодаи самараноки меҳнати занон ваҷҳи сиёсӣ пайдо карда, ба сиёсати махсуси Ҳокимияти Шуравӣ табдил ёфт.

Дар Тоҷикистон бошад ин масъала бинобар қафомондагии ҷомеа, хусусан занон ва масъалаи занҳо тобиши иҷтимоӣ-сиёсӣ дошт. Дар ин ҷо истифодаи меҳнати занон, бинобар таъсири дин ва гӯшанишинии иҷтимоии занон, беҳуқуқии онҳо дар ҳаёти оилавӣ, дар сохтмони ҷамъияти сотсиалистӣ назар ба онҳо чандон самаранок набуд. Аз ин рӯ, истифодаи меҳнати занони тоҷик на танҳо таваҷҷуҳи зиёдтар, вақту маблағгузорӣ, балки саъю кушишҳои зиёдеро, ки бо ҳаёти маданӣ-маишии занон алоқаманд буданд, талаб мекард. Бо ин мақсад КБММЗ таъсис дода шуда буд.

Яке аз самтҳои фаъолияти КБММЗ-ҳо ташкили чорабиниҳои маданӣ-маишӣ буд, ки бо он тамоми муассисаҳое, ки сексияҳои маданӣ доштанд, машғул мешуданд. Ин сексияҳо масъалаи гуногуни фароғату истироҳати инсон (аз хурд то калон)-ро дида мебаромад. Ҳар як ташкилот нақшаи чорабиниҳои худро оид ба корҳои маданӣ дошт. Ин чорабиниҳо қариб тамоми соҳаҳои ҳаёти инсонро фаро мегирифтанд: модар, кӯдак, навҷавонон, тарбия, кор, касб, фароғат, истироҳат ва ғайра.

Барои доир кардани чорабиниҳо нақша тартиб дода мешуд ва аз рӯйи нақша кор мекарданд. Рафти иҷрои ин нақшаҳо аз тарафи сохторҳои

сершумори ҷомеа ва ҳокимият мавриди санҷиш қарор дода мешуд. Яъне, тамоми сохторҳои ҳокимият ва худи ҷомеа бо тарбия шуғл меварзиданд. Дар ин кор ҳокимият ва аҳли ҷомеа ҳамқадам буданд.

Ҳокимияти Шуравӣ дар КБММЗ-ҳо яке аз самтҳои ҳалли масъалаи занон-озодкунии онҳо тавассути ҷалби онҳо ба корҳои муфиди ҷамъиятӣ дар истеҳсолот (косибӣ, завод, фабрика), колхозҳо, совхозҳо, интихобот, ҷаласаҳои занон, маҳфилҳо ва ҳ.к. буд.

Чӣ тавре маълум аст, КБММЗ-ҳо ба омодасозии кормандон барои дастгоҳи хурд ва курсҳои дар назди КБММЗ кушодашуда шуғл меварзиданд. Муовини Раиси КМ КБММЗ-и назди КИМ-и ҶШС Тоҷикистон аз комиссияи шаҳрӣ чунин хоҳиш кардааст:

«КМ КБММЗ-и назди КИМ аз устохонаҳои Шумо дархост менамояд, ки 60 матрас барои курсҳои бозомӯзии кормандони КМ КБММЗ-и назди КИМ-и ҶШС Тоҷикистон фармоиш диҳед. Фармоиш рӯзҳои наздиктарин то омадани курсантҳо ба курс иҷро карда шавад.

Муовини Раиси КМ КБММЗ-и назди КИМ-и ҶШС Тоҷикистон аз Комиссариатҳои халқии таъминоти хоҳиш менамояд:

КМ КБММЗ-и назди КИМ-и ҶШС Тоҷикистон барои курсҳои ҷумҳуриявӣ оид ба бозомӯзии кормандони КМ КБММЗ-и назди КИМ-и ҶШС Тоҷикистон хоҳиш мекунад 60 кӯрпаи зимистона, 60 ҷойпӯш, 60 сачоқ ва 50 метр матои либосворӣ ҷудо кунед.

Ҳамчунин хоҳиш дорем, ки барои курсҳои Нашрдавтоҷик барои баровардани дастурҳои таълимӣ ва асбобҳои конселярӣ пули нақд ҷудо кунед» [8, с.160-164].

Апрели соли 1932 дар ҷаласаи Раёсати КМКБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон масъалаҳои хизматрасониҳои маданӣ ва маишии колхозҳо дар давраи маъракаи киштукор баррасӣ гардиданд.

Чӣ тавре дар боло қайд гардид, КМКБММЗ сафари маиширо омода мекард. Барои оғози он моҳи феврали соли 1931 КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон ба Москва барқия фиристод: «Москва, КИМ-и Иттиҳоди КБММЗ,

Кремл. Ба сафорати маишӣ шурӯъ мекунем – ситоди азназаргузаронии корҳои маишӣ ва озодкунии занони назди редаксияи «Комунист Таджикистана» ташкил карда, маводҳо фиристода мешаванд.

Котиби Масъули назди КИМ-и ҶШС Тоҷикистон» [5, с.3].

Такрорӣ

Ба тамоми комиссариатҳои халқӣ ва хоҷагиҳо. Зери масъулияти шахсии роҳбарон. Котиботи КИМ-и ҶШС Тоҷикистон равонасозии маълумотро пешниҳод мекунад:

- нақшаҳои мушаххаси шумо оид ба доир кардани рӯзи байналмилалии занон 8-уми март ва эстафетаи ба номи 8-уми март дар Марказ ва филиалҳои ноҳияҳо.

- маълумот диҳед, ки то кадом андоза чорабиниҳои банақша- гирифтаи шумо дар соҳаи пешбурди занон ба дастгоҳ ва ҳ.к. иҷро гардиданд.

- маълумотро на дертар аз 25-рӯз ба Котиботи КИМ-и ҶШС Тоҷикистон ба таври хаттӣ пешниҳод намоед.

Котиби КИМ-и ҶШС Тоҷикистон Шамсуддинова [3, с.52].

КБММЗ қариб доимо қарорҳои қабулкардаро месанҷид. Аз протоколи ҷаласаи васеи Раёсати КБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон аз 05. 02. 1932 яқин мегардад, ки санҷиши рафти иҷрои қарорҳои қабулшуда мунтазам гузаронида мешуданд, зеро ки дар рӯзномаи ҷаласа масъалаи аввалинро маҳз чунин санҷиш ташкил медод: санҷиши иҷрои чорабиниҳои банақшагирифташуда бахшида ба 8-уми марти соли 1931 ва ба нақша гирифтани доир кардани 8-уми марти соли 1932. Аз яке аз матнҳои қарори қабулшуда, маълум мегардад, ки доир кардани 8-уми март ҳанӯз ба ҳукми анъана надаромадааст. Мехонем: «Бояд қайд кард, ки аксари комиссариатҳои халқӣ, инчунин, Маркази муассисаҳои давлатии хоҷагидорӣ чорабиниҳои барои соли 1932 банақшагирифтаро намедонанд. Илова бар ин, аксари комиссариатҳои халқӣ ба ҷаласаи КБММЗ ҳозир нашуданд. Гарчанде якчанд рӯз қабл аз ҷаласа онҳоро хабардор карда будем» [3, с.52].

Тибқи ин қарор то 8-уми марти соли 1932 клуби занон бояд кушода шавад ва ба ин мақсад Комиссия дар ҳайати Горитский ва аз Комиссариати халқии маориф Бубок аз Комиссариати халқии тандурустӣ Клок, Қаюмова ва Шамсуддинова аз КБММЗ ташкил карда шуд [3, с.52].

Соли 1931 Машварати ҷумҳуриявии кормандони КБММЗ-и Тоҷикистон баргузор гардид. Ба он омодасозии ҷиддӣ диданд. Миқдори вакилон аз рӯйи ҳар як комитети округҳо муайян карда шуд. Дар радиобарқия аз 9 январи соли 1931 аз тарафи КБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон хабар дода шуд:

«Хоруғ КИ КБММЗ ба Ларина

Ба таври фаврӣ миқдорӣ курсҳои маслиҳатчизанонро хабар диҳед. Барои доир кардани курсҳо маблағҳои махсус фиристода мешавад. Маблағи барои курсҳо харҷшударо зимни хизматрасониҳои маданӣ-маишӣ бармегардонем. Ба ташкили муассисаҳои маданӣ-маишӣ шурӯъ кунед.

Ба иҷлосияи ҷумҳуриявӣ аз ҳисоби ҷойҳои барои округи шумо пешниҳодшуда чор нафар занро ба ин иҷлосия фиристед» [5, с.47].

Дар ҳамон радиобарқия 13-январ гуфта шуд: «Комиҷроия ва БК. Ба Шумо шашсад рубл барои эҳтиёҷоти хизматрасониҳои маданӣ ва маишии занон зимни маъракаи пешазинтихоботии Шуроҳо гузаронида шуд. Гирифтани маблағро тасдиқ кунед» [5, с.25].

24 январ шуъбаи ташкилии КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон аз номи комиҷроияи ВАБК ба номи Ларина хабар дод: «Барои курсҳои маслиҳатчизанон ба шумо ҳафт ҳазор рубл гузаронида шуд» [5, с.28].

Ба масъалаи беҳдошти шароити меҳнату маишати меҳнаткашон тамоми сохтори ҳокимият ва аҳли ҷомеа машғул буд. КМКБММЗ дар ин раванд ба сифати роҳбар, ташкилотчӣ, ташаббускор, танзимгар, ревизор ва ҳ.к. баромад мекард [14, с.60].

Чӣ тавре аз ҳуҷҷатҳо бармеояд, КМКБММЗ дар фаъолияти хеш қоидаву методҳои корро истифода менамуд, ки дар он ба азкорравии кормандон роҳ дода намешуд. Ҳар як масъалаи доғи рӯз аз рӯйи зарурат муайян бо фарогирии масоили зист, меҳнатӣ, касбӣ, маишӣ, фарҳангӣ, таълимӣ, иҷтимоӣ ва ҳ.к.,

инчунин ташкили курсҳо, пешбарии кормандони КБММЗ, ташкили муассисаҳои кӯдакона, хизматрасониҳои колхозҳо оид ба ташкили меҳнати занон баррасӣ мегардад. Яъне, ба соҳаи фаъолияти КМКБММЗ дар фаъолияти ташкилоти дигар чун куратор баромад мекард. Аз ин рӯ, КМКБММЗ ҳисоботҳои вазорату идораҳоро дар бораи корҳои иҷрокардаашон бо навбат мешунид.

Дар ҷаласа аз 14 апрел, ки дар он ахбори Комиссариати халқии тандурустӣ ва Комиссариати халқии маорифро оид ба масъалаи хизматрсониҳои маданӣ ва маишии кохозҳо ва совхозҳо зимни маъракаи киштукор шунида буданд, қарори зерин баровварда шуд: «1. Ахбори Комиссариати халқии тандурустӣ ва Комиссариати халқии маориф ба инобат гирифта шавад. Дар колхозу совхозҳои ҷумҳурӣ 82 муассисаи кӯдаконаи стансионарӣ мавҷуд буд. Машварат пешниҳод намуд, ки зимни маъракаи кишту кор барои 400 нафар кӯдак 140 муассисаи кӯдакона кушодан зарур аст. Комиссариати халқии тандурустӣ барои кушодани боғчаҳои мавсимӣ 30000 ва КБММЗ 10000 рубл ҷудо кард» [20, с.28].

Ҳамчунин, маълум аст, ки на танҳо Ҳокимияти Шуравӣ, балки сохторҳои он низ дар ташкилу доир кардани маъракаҳо оҳиста - оҳиста таҷриба пайдо мекард. Аз таҷрибаи гузашта дар доир кардани маъракаи кушодани боғчаҳо дар яке аз ҳуҷҷатҳои Комиссариати халқии тандурустӣ мехонем: хулоса баровардем, ки сабаби суст доир кардани корҳо оид ба кушодани боғчаҳо нарасидани кадрҳои баландихтисос мебошад [3, с.27].

Бинобар ин Комиссариати халқии тандурустӣ барои ташкилоти Ҳимояи модару кӯдак ин масъаларо баррасӣ намуд ва ба сметаи маблағҳои буҷетӣ барои соли 1932 маблағ ҷудо кард. Ҳамчунин, доир кардани курсҳои думоҳаи ташкилотчиён ва мураббиён дар ноҳияҳои пахтакор, тайёр кардани 500 нафар мураббӣ барои боғчаҳо аз ҳисоби занони колхозии маҳаллӣ пешбинӣ шуда буд [3, с.27]. Вале, чӣ тавре аз ҳуҷҷат бармеояд, КХМ ва ШКХ зимни баррасии буҷет барои ин чорабиниҳо маблағи пешбинишударо бурида ва ба 4 курс (дар ҳар як курс 30-нафарӣ) дар ноҳияҳои Конибодом, Хуҷанд, Стлинобод ва Кӯлоб

маблағ ҷудо карда буд. Аммо «Ҳоло ин курсҳо дар ноҳияҳои Конибодом ва Хуҷанд фаъолият доранд, ноҳияҳои боқимонда ба ташкили курсҳо ҳанӯз шурӯъ накардаанд» [3. с, 27].

Дар ҳуҷҷати дигар масъалаи миқдори курсҳо (ҳамагӣ-12 курс) баррасӣ гашта, қайд карда шудааст, ки «Баъд аз он, ки аз буҷети КХ тандурустӣ курсҳои кормандони боғча бурида шудаанд, ба ҷойи 500 нафар аз рӯйи смета 120 нафар пешбинӣ шудааст, дар КМ масъалаи ҷудо кардани дотатсия барои омодасозии кадрҳо аз тарафи ташкилоти манфиатдор бардошта шуд» [3, с.28].

Дар ҳамин ҷаласа аз 20 то 11 қарор қабул гардид: барои омодасозии кормандони боғча, Маркази колхозӣ – 10000 рубл, Салиби Сурх - 5000 рубл, Иттиҳоди саноатии Тоҷикистон – 1500 рубл, Иттифоқи Касаба – 15000 рубл ва Тоҷикматлубот – 15000 рубл бояд ҷудо кунад. Ташрифот ба ин муассисаҳо натиҷае надоданд, охирин аз ҷудокунии маблағ барои омодасозии кормандони боғча даст кашиданд [3, с.28].

Бешубҳа, набудани кадрҳои баландихтисос оид ба ташкили боғчаҳои мавсимӣ ва кам будани теъдоди мураббияҳо ба бадшавии кор ва эҳтимоли иҷронашавии нақшаро ба вуҷуд овард. Аз ин рӯ, идораҳои манфиатдор кӯшиш ба харҷ медоданд, ки ба иҷрои масъалаҳои гузошташуда мусоидат намоянд.

Чӣ тавре маълум аст, ҳанӯз дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX дар Тоҷикистони Шуравӣ мактабҳои занона низ вуҷуд доштанд: барои синну соли хурди мактабӣ одатан як ё дӯзинавӣ, барои калонсолон бошад мактабҳои маҳви бесаводӣ. Ташкилу роҳандозии раванди таълими умумии мактабҳои занона мушкилоти зиёдеро ба бор меовард, ҳарчанд, ки дар бораи онҳо Р.А. Набиева, Обидов, М.Р, Шукуров ва даҳҳо дигарон навиштаанд, маводди ошкоркардаи мо ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ ягон навигарӣ надаровардааст, аммо маводди нав ба таври ҷиддӣ ин масъаларо ғанӣ гардонида метавонанд.

Аз ҷумла, дар яке аз ҳуҷҷатҳо дар бораи давомоти хеле пасти мактабҳои занона ва норасоӣ дар пуррасозии он дар шаҳри Хоруғ сухан меравад. КБММЗ-и комиҷроияи ВАБК дар ҷаласаи худ аз 28 декабр ин масъаларо муҳокима карда, қарори зерин баровард: Миқдори хонандагони мактабҳои занона (9

нафар) нокифоя ҳисобида шавад. Бо мақсади ҷалби хонандагон ба мактаби занона аз комитети вилоятии ҳизб хоҳиш карда шавад, ки дар ҷаласаҳои наздиктарини ҳизбӣ ва комсомолӣ ин масъала баррасӣ карда шавад [21, с.49].

КБММЗ-и назди КИМ-и ҶШС Тоҷикистон барои хизматрасониҳои меҳнат ва маишати меҳнаткашон аз имкониятҳои хурдтарини худ истифода мекард, барои ҳар як маблағ ё кумаки ночиз мубориза мебурд.

Аз байни ҳуҷҷатҳо мо дархости Котиби масъули КБММЗ-и назди КИМ-и ҶШС Тоҷикистон Бубокро ба суроғаи КМКБММЗ-и минтақавии Иттиҳоди экологии Осиёи Миёна, ки дар ш. Тошкент қарор дошт, ёфтем: «КБММЗ-и назди КИМ-и ҶШС Тоҷикистон хабар медиҳад, ки мо ба ташкили курсҳои маслиҳатчизанон ва занони колхозӣ шурӯъ кардем. Аз рӯйи маълумоте, ки аз КИМ-и ИҶШС гирифтем, барои Тоҷикистон ба доир кардани курсҳои фавқуззикр 20000 рубл ҷудо карда шудааст. Аз Шумо хоҳиш менамоем, ки маблағи ҷудошударо ба суроғаи КБММЗ-и назди КИМ-и ҶШС Тоҷикистон фиристонед. Ҳамзамон, хоҳиш менамоем, ки барномаи курсҳои маслиҳатчизанон ва занони колхозиро ирсол кунед» [18, с.56].

Соли 1932 баробари тоҷикзанон дар миқёси ҷумҳурӣ курсҳои занонаро 12 донишҷӯдухтари узбекзабон (10 узбекзан, 2 тоторзан): аз Шаҳринав 2 нафар, Ашт 1 нафар, Ӯротеппа 2 нафар, Сталинобод 3 нафар, Хуҷанд 1 нафар, Янгибозор 1 нафар, Ӯротеппа 1 нафар хатм карданд.

Дар оғози солҳои 30-юми асри XX тоҷикзанони на танҳо шаҳрҳо, балки деҳоти дурдасти ҷумҳурӣ низ барои ояндаи худ мубориза мебурданд. Дар ин самт хизматӣ Шурои занони назди комиҷроияҳо, ҷамоатҳо, колхозҳо ва хусусан, Комиссия ва КБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон калон аст.

Котиби масъули КБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон ба КИМ-и ИҶШС хабар дод: «Ба дархости шумо (50. 77/1) оид ба масъалаи ба шумо фиристодани маводи тавсифдиҳандаи фаъолияти коргарзанон ва занони кишоварз дар Шуроҳо ва вакилзанон хабар медиҳем, ки соли 1930 дар Тоҷикистон дастгоҳи вакилон арзи вуҷуд надошт ва танҳо моҳи ноябр

интихоботи ҷаласаи вакилӣ, ки ба сексияҳои Шуроҳо вобаста гардидаанд, гузаронида шуданд, аммо ин маъракаи интихоботӣ ҳоло ба охир нарасидааст, КМКБММЗ аз фаъолияти онҳо дарак надорад. Маълумот дар бораи кори заноне, ки ба Шуроҳо интихоб шудаанд, мавҷуд нест. Дар баъзе округҳо, масалан дар ноҳияҳое, ки ба округи Қӯрғонтеппа медароянд, маълумот дар хусуси қайди онҳо вуҷуд надорад. Ҷамоатҳои ноҳияҳои Янгибозор, Оби Гарм Қаратоғ намедонанд, ки ба Шурои ҷамоатҳо аз занон кӣ интихоб шудааст. Онҳо танҳо шумораи занони интихобшударо медонанд. Дар чунин ҳолат далел аст, ки занон ба истисноии раисони ҷамоатҳо, ки ҳоло шумораи онҳо дар ҷумҳурӣ 18 нафарро ташкил медиҳанд, амалан ҷалб намегардиданд» [5, с.103].

КБММЗ-и назди КИМ-и ҶШС Тоҷикистон чорабиниҳоро оид ба омӯзиши вазъи кори занони меҳнаткаши шаҳрҳо ва деҳот мунтазам мегузаронд. «Аз ҷумла, дар тирамоҳи соли 1930 он бо корҳо дар як қатор ноҳияҳо ва округҳои ҷумҳурӣ оид ба масоили занон ва хизматрасониҳои маданӣ ва маишии занони маҳаллӣ шинос шуда, ошкор сохт, ки дар ягон ноҳия ва Маркази деҳот оид ба масъалаҳои ҳимояи модар ва кӯдак, доир ба масоили ногоҳубини дурусти кӯдак, гигиенаи модар дар вақти ҳомиладорӣ ва ғизодиҳии кӯдак, бемориҳои иҷтимоӣ ва мубориза бо онҳо, аборт (бо роҳи сунъӣ берӯн кардани кӯдак) ва оқибатҳои он, равшанинамоии беҳдошти кор бурда намешавад» [5, с.74].

КМКБММЗ баъд аз таҳқиқоти гузаронидашуда чунин меҳисобад, ки корҳои мазкур асоси кори ҷамъияти Ҳимояи модар ва кӯдакро, хусусан дар давраи тобистон, ки бемориҳои кӯдакон ва модарон бинобар бесаводии тиббии модарон хеле рӯшд ёфтаанд, бояд ташкил диҳанд.

Инчунин, КМКБММЗ чунин мешуморад, ки ба рӯзномаи рӯз дохил кардани масъалаи кор бо занон оид ба вазъи фаъолияти мудирони шуъбаҳои тандурустии округҳо, тартиби нақшаи кори барои чор моҳи наздиктарин ва мувофиқсозии он бо ташкилоти марбута ва фиристодан ба маҳалҳо барои роҳбарӣ ба духтурони амбулаторияҳо, боғчаҳои калон ва машваратхонаҳои кӯдакон зарур аст [5, с.74].

Чӣ тавре медонем, тамоми мақомоти ҳокимият ва хоҷагидории мамлакат ба масъалаи ҷалби занон ба корҳои обёрикунӣ машғул буданд. Ҳар яке аз онҳо маҷмуи чораҳоро оид ба ин масъала махсус дида мебаромад. Иттиҳоди косибӣ ва саноатии Тоҷикистон ин проблемаро баррасӣ карда, қарори зеринро қабул намуд: «Маърузаи Иттиҳоди саноатии ноҳияро дар бораи кор байни занон шунида, КБММЗ қайд мекунад, ки ба Иттиҳод шумораи зиёди занон бештар аз табақаҳои камбизоати маҳаллӣ ҷалб карда шудааст. Илова бар ин, дар кор байни занон иттиҳод принсипу методҳои ташкил кардани артел, ки дар он меҳнати занонро истифода бурдан мумкин аст, ба роҳбарӣ гирифт.

Ҳамин тариқ, дар низоми иттиҳод 118 нафар зан аз артели «Озодии занони Шарқ», аз шумораи умумии кормандони он (185), ки 63%-ро ташкил медиҳаду қариб 80%-и он аҳолии маҳаллӣ ҳисоб мeёбад, кор мекунад: дар артели бофандагон 370 нафар зан ва дар артели «Маишат» 25 нафар» [5, с.65].

Ҳамагӣ дар низоми Иттиҳоди косибӣ ва саноатии Тоҷикистон, аз рӯйи ҳисобот, 413 нафар зан дар истеҳсолот кор мекунанд. Зимни мавҷудияти бинои мувофиқ боғчаҳоро дар назди артели «Озодии занони Шарқ» низ кушодан мумкин буд. Инчунин 170 нафар зан ба мактаби маҳви бесаводӣ ҷалб карда шуд [5, с.65].

Дар асоси гуфтаҳои боло «Раёсати КБММЗ шарҳ медиҳад, ки Иттиҳоди саноатии ноҳия бо занон корҳои зиёдеро ба анҷом расонидааст. Кори он қаноатбахш ҳисобида шавад. Баъдан, Раёсати КБММЗ ба Иттиҳоди саноатии ноҳия пешниҳод менамояд, ки чорабиниҳои зеринро доир кунад:

1. Аз нав ташкил кардани артел дар шаҳрӯ ноҳияҳо, ки дар он меҳнати занон истифода мегардад (тоқидӯзӣ, сузанидӯзӣ ва монанди инҳо);

2. Тавсияи артелҳои мавҷуда барои ҷалби пурраи занон ба курпадӯзию, либосдӯзӣ;

3. Ҷалб кардани микдори сершумори занон ба ташкилоти ҷамъиятӣ ва назоратбарандаи ҳам иттиҳод, ҳам артел;

4. Ба мактаби маҳви бесаводӣ фаро гирифтани тамоми коргарзанон;

5. Дар назди артелҳо ташкил кардани боғчаҳо, кӯдакистонҳо;

6. Ташкили маърузаҳо, хониши баланд, экскурсия ба китобхонаҳо;

7. Барои корхонаҳои Иттиҳоди косибӣ ва саноатӣ ёфтани биноҳо барои пешбурди кор байни занони артелҳо» [6, с.77].

Инчунин, маълум аст, ки КБММЗ ба тамоми вазорату идораву хоҷагиҳо ва ташкилотҳо алоқаи доимӣ дошт. Ин алоқа дар он ифода меёфт, ки КБММЗ чун як ҷузъи дастгоҳи КММ-и Шурои ҶШС Тоҷикистон аз тамоми муассисаҳо нақшаҳои кориро оид ба ин ё он масъалаи беҳдошти маишати меҳнаткашон талаб мекард, фаъолияти мушаххаси онҳоро санҷидаву зери назорат гирифта тавонад. Ҳатто расман ҳисобот талаб мекард, дар ҷаласаҳои худ, агар сухан дар бораи меҳнат ва маишати меҳнаткашон мерафт, онҳоро даъват мекард.

Масалан, 28-уми январи соли 1931 КМКБММЗ ба раёсати Тоҷикматлубот бо мактуб дар бораи пешниҳоди нақшаи кори оид ба масъалаҳои гузаронидани корҳои маданӣ ва маърифатӣ байни кормандони ин ташкилот муроҷиат намуд. 15-уми феврали соли 1931 мактуби ҷавобӣ гирифт. «КМКБММЗ-и назди КИМ-и ҶШС Тоҷикистон №11210/43,25 аз 28. 01. 1931. Сексияи мадании Тоҷикматлубот нақшаи ташкили чорабиниҳои маданӣ ва маиширо оид ба хизматрасониҳои занон бахшида ба 8-уми марти соли 1931 омӯзанд. Нақша замима мегардад» [14, с.133]. Ба нақшаи кори масъалаҳои боғчаҳо, боғча ва хароҷоти онҳо дохил карда шудаанд [14, с.134].

Аз ҳуҷҷати Фонди 11 ошкор мегардад, ки танҳо аз рӯйи самти КХ тандурустии ҷумҳурӣ 82 боғча бо шумораи 2151 кӯдак, ки аз фондҳои маҳаллӣ, давлатӣ ва махсус маблағгузорӣ мегарданд, мавҷуд буд [14, с.13-14-17].

Бо мақсади беҳдошти маишати меҳнаткашон КБММЗ-ҳо сафарҳои маданӣ (шиносоии амалӣ, намоишӣ, дар истироҳат ва ҳ.к.) гузаронидаанд. Аз ҷумла, КИМ-и Шурои ҶШС Тоҷикистон аз КБММЗ расман хоҳиш менамояд, ки ба сафари ташкилшаванда ба яке аз кормандони кассаи амонатии меҳнатии давлатӣ аз аҳолии маҳаллӣ кумак расонад [12, с.5].

Чӣ тавре аз маводи бойгонӣ маълум мегардад, сафарҳои маданӣ берӯн аз ҳудуди ҷумҳурӣ гузаронида шудаанд. Дар яке аз ҳуҷҷатҳо аз номи Шурои Иқтисодии Осиёи Миёна ба унвони КБММЗ бо даст навишта шудааст: Ба

дархости Шумо (№538) 1591 хабар медиҳем, ки доир кардани экскурсияи мазкурро таъмин менамоем. Ба Бюрои экскурсияи маҳаллӣ дар тамос бошед. Тавсия медиҳем, ки экскурсияро дар Фарғона гузаронед, чунки дар он ҷо фабрикаҳои шоҳибофӣ, бофандагӣ, заводи равған мавҷуд аст. Барои шиносшавӣ бо кори колхозҳои намунавӣ тавсия медиҳем, ки ба Қуқанд ташриф оред [12, с.38].

Чӣ тавре аз ҳуҷҷатҳои фаъолияти КБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон бармеояд, самти фаъолияти КБММЗ васеъ ва ҳаматарафа мебошад. Он на танҳо бо тарғибу ташкили шароити маишати меҳнаткашон, балки бо масъалаҳое, ки хусусиятҳои сиёсӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ, касбӣ ва шиносшавӣ доранд, машғул мешавад.

КБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон бо мактуби расмӣ ба сектори занони КБММЗ-и минтақавии Осиёи Миёна ва КМ ҲК(б) Осиёи Миёна муроҷиат кардааст:

«КБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон якҷоя бо шуъбаҳои занони КМ ҲК(б) моҳҳои июн ва июли соли 1932 бо иштироки коргарзанон ва занони колхозии бригадаҳои зарбдор ба колхозҳо, совхозҳо, фабрикаҳо ва заводҳои намунавӣ экскурсия ташкил мекунад. Бо мақсади таъмини экскурсияи мазкур омодасозии саривақтии нақша ва бақайдгирии корхонаҳои алоҳидаи саноатӣ ва кишоварзӣ, фабрикаҳо, заводҳо, колхозҳо, совхозҳои беҳтарин зарур аст.

КБММЗ диққати Шуморо ба доир кардани экскурсияи мазкур чун маъракаи муҳим равона месозад ва хоҳиш менамояд, ки ба корхонаҳои алоҳидаи саноатӣ ва кишоварзӣ ба нақша гирифтани ин масъаларо дастур ва оид ба ин масъала хулосаҳои худро диҳад [12, с.87].

КБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон чун мақомоти Марказии роҳбарикунанда ва равонакунанда бо КМКБММЗ-ҳои ҷумҳуриҳои дигари ИҶШС алоқаи доимӣ дошт. 25 марти соли 1931 комиссияи Раёсати КИМ-и ИҶШС оид ба беҳгардонии меҳнат ва маишати занон ба КИМ-и ҶШС хабар дод: чун мавод барои шиносоӣ дастури КИМУ барои 8-уми март ва

мактуби КБММЗ-и назди Раёсати КИМУ-ро дар бораи тайёрӣ ва даҳаи сафари маишӣ ба ҶШС ФР равона месозем [12, с.37].

Комиссариати халқии тандурустӣ масъалаи зеринро бардошт: аз моҳи март ташкили боғчаҳои мавсимӣ зимни маъракаи пахтачинӣ. Ҳалли ин масъала 5 моҳ идома ёфт ва дар як қатор ташкилоти роҳбарикунанда танҳо дар охири моҳи август муқаррар карда шуд: 300 боғчаи мавсимӣ дар тамоми ҷумҳурӣ бо маблағгузорӣ ба ҳаҷми 310000 рубл.

Аз 15-уми сентябр ташкили боғчаҳои мавсимӣ оғоз ёфт. Дар баъзе ноҳияҳо ташкили боғчаҳо ба мушкилоти калон дучор гардид, чунки зери фишори бойҳо модарон кӯдакони худро ба боғча намебурданд ва ин боиси муваққатан баста шудани боғчаҳо мегардид.

Ҳамаи ин лаҳзаҳо, бешубҳа, дар кори боғчаҳо инъикос ёфтаанд ва аз ин сабаб дар баъзе ҷойҳо боғчаҳо нопурра буданд. Сарфи назар аз ин мушкилоту камбудиҳо дар кори боғчаҳои мавсимӣ, дар ҷумҳурӣ зимни маъракаи пахтачинӣ 285 боғча фаъолият дошт ва ин боғчаҳо то 3000 кӯдакро фаро мегирифтанд.

Соли 1932 чун таҷриба аввалин маротиба хизматрасониҳои боғчаҳо бо қувваи занони колхозӣ ташкил карда шуд ва ин таҷриба натиҷаи хуб дод. Боғчаҳои мавсимӣ бештар дар колхозҳо, совхозҳо ва СМТ-ҳои ноҳияҳои пахтакор ташкил карда шуда буданд.

Дар кори Ҳимояи модар ва кӯдак ҳам пешравиҳои калон ҷой дошт. Кормандони машваратхонаҳои занону кӯдакон, амбулаторияҳо, боғчаҳо ба кулбаи деҳқонон мерафтанд. Аммо ба онҳо рӯйи хуш намедоданд. Дар натиҷаи ташрифоти бисёркарата тарафдорони нави Ҳимояи модар ва кӯдакро ба худ ҷалб карданд ва ин аз рушди шабакаҳои вусъатёфта аён мегардад.

Дар тамоми ҷумҳурӣ соли 1930 дар шаҳрҳо 4 боғча ва соли 1931 13 боғча дар деҳот соли 1930 ҳамагӣ 13 боғча, ва соли 1931 ҳамагӣ 31 боғча мавҷуд буд. Соли 1932 ҳамагӣ 63 боғчаи доимӣ ва 300 боғчаи мавсимӣ ба нақша гирифта шуд. Машваратхонаҳои занону кӯдакон соли 1930 дар шаҳрҳо 5-то ва дар соли 1931 ҳамагӣ 20-то буд. Соли 1932 ҳамагӣ 39-то ба нақша гирифта шуд.

Дар шаҳрҳо соли 1930 ҳамагӣ 3 ошхонаи ширӣ ва соли 1931 8 ошхонаи ширӣ мавҷуд буд. Соли 1932 20 ошхонаи ширӣ ба нақша гирифта шуд.

Хонаҳои модару кӯдак яктогӣ дар Хуҷанду Сталинобод фаъолият дошт солҳои 1930 ва 1931 ҳамагӣ 2-тогӣ амбулаторияҳои кӯдаконаи профилактикӣ мавҷуд буд ва соли 1932 4-то ба нақша гирифта шуд.

Агар муассисаҳои мавҷудаи Ҳимояи модар ва кӯдакро аз рӯйи солҳо муқоиса кунем, пас афзоиши муайянро дар қиёс бо афзоиши буҷети умумии ҷумҳурӣ ва талаботи рӯзафзуни омма, ки аз вазифаҳои сохтмони сотсиалистӣ бармеояду ҷомеаро водор месозад, ки роҳи тавсияи муассисаҳои Ҳимояи модар ва кӯдак пеш гирифта шавад, дидан мумкин аст [12, с.87].

Дар назди меҳнаткашони Тоҷикистони Шуравӣ, ки ба ИҶШС дохил буд, вазифаҳои бузурги татбиқи нақшаи панҷсолаи сохтмони сотсиалистӣ, иҷрои барномаи пахтакорӣ ва кирмакпарварӣ азнавсозии кишоварзии қафомонда дар асоси коллективикунонӣ, стансияҳои мошинӣ ва тракторӣ, барҳамдиҳии синфи бойҳо ва кулакҳо, сохтмони мадании мамлакат, маҳви бесаводӣ, муборизаи қатъӣ барои рӯзгори нав, барои барҳамдиҳии тамоми боқимондаҳои сохти куҳнаи амирӣ ва ғайра меистоданд. Иҷрои ин вазифаҳо танҳо зимни иштироки фаъоли коргарону коргарзанон, деҳқонон ва занони кишоварз, меҳнаткаш имкон дошт.

«Тамоми корҳои пешинаи мо аҳаммият ва нақши бузурги занони меҳнаткашро дар сохтмони сотсиалистӣ собит намуд. Аммо масъалаи озодкунии воқеии занони Тоҷикистон дар мубориза бо тамоми боқимондаҳои рӯзгори куҳна ва иштироки меҳнаткашзанони Тоҷикистон дар сохтмону идоракунии давлату мамлакат қафо монда буд. Корҳои калону босубот дар пеш истода буданд, қайд гардидааст дар як ҳуҷҷати расмӣ. Ҳукумати ҶШС Тоҷикистон дар яке аз муроҷиатномаҳои худ ба занон қайд кардааст, ки дастгирии пурраву иштироки фаъолонаи Шумо дар ҷодаи озодкунии занон ва зимни доир кардани ислоҳоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мушкилоти зиёдеро бояд паси сар кунад» [5, с.57].

Аммо душманони синфӣ ором намеистоданд. Озодшавии занон аз ғуломӣ қаҳру ғазаб ва нафрати беандозаи бойҳову кулакҳо, аҳли рӯҳониёнро ба вуҷуд меовард. Қувваҳои зиддиинқилобӣ аз озодшавии меҳнаткашзанон ҳаросида, ба куштори занони фаъол даст мезаданд, ба озодшавии зан муқовимат мекарданд, тарғиботи зиддишуравӣ мебурданд, қисми камшууртари камбағалону батракҳоро фиреб медоданд.

«Рафиқон, коргарону деҳқонон! Дар назди тамоми меҳнаткашони Тоҷикистон вазифаҳои калону душвор меистанд. Мубориза барои баланд бардоштану мустаҳкамкунии соҳаи кишоварзӣ, тавсияи пахтакорӣ ва пиллапарварӣ, барои баланд бардоштани ҳосилнокӣ, барои коллективкунонӣ, (барои рӯзғору маданияти нав) бе иштироки воқеӣ ва баробарҳуқуқии занон имконнопазир аст. Замоне ба ҷойи даҳҳо ҳазор зан дар тамоми чорабиниҳои Ҳокимияти Шуравӣ миллионҳо занони аз ғуломӣ озодшудаи меҳнаткаш ширкат варзанд он гоҳ пояи сохтмони сотсиализм устувор хоҳад гашт» [5, с.58].

Дар воқеъ, вазифаи ҷомеа кумакрасонӣ ба мақомоти Ҳокимияти Шуравӣ дар ҷодаи озодкунии воқеии занон буд. Ҷомеа ба тамоми кӯшишҳои зиддиинқилобии бойҳо ва рӯҳониён муқовимат мекард.

«Танҳо синфи коргар дар робитаи зич бо деҳқонони меҳнаткаш зери роҳбарии ҳизби болшевикӣ озодкунии воқеӣ ва пурраи занони Тоҷикистонро аз ғуломӣ амалӣ карда метавонанд.

КИМ-и Шурои ҶШС Тоҷикистон дар рӯзи байналхалқии коммунистии занон тамоми меҳнаткашони Тоҷикистон, тамоми мақамотҳои ҳокимияти шуравиро даъват мекунад, ки оид ба озодкунии воқеӣ, ҳимоя ва кумаки ҳаматарафа ба занони меҳнаткаши Шарқ чорабиниҳоро дар ҳаёт татбиқ намоянд.

Н. Махсум» [22, с.57-58].

Ин мурочиатнома бо фармони КИМ-и Шуроҳои ҷумҳурӣ ҳамроҳ гардид:

«Ба комичроияи округҳо.

Дар рӯзи 8-уми март иҷрои чорабиниҳои гузаронидашудаи тамоми муассисаҳо оид ба озодкунии воқеии занон санҷида шавад, тартиби доир

кардани 8-уми март ба нақша гирифта, чорабиниҳо оид ба пурзӯрсозии кори озодкунии воқеии занон дар тамоми соҳаҳои сохтмони сотсиалистӣ таҳия карда шавад.

Раиси КИМ, Н.Махсум» [22, с.49].

Барои бо тантана доир кардани маъракаи 8-уми март Раёсати КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон номгӯйи чорабиниҳои махсуси барои 8-уми март таҳиягардидаро паҳн кард, ки дар он чорабиниҳои зерин номбар гардидаанд:

«Оғоз гардидани роҳпаймоӣ рӯзи 8-уми март ва идома додани он то 1 май. Ҷалб гардидани ташкилоти шуравии ҷамъиятӣ ва хоҷагидорӣ ба доир кардани роҳпаймоии маданӣ.

Ба Комиссариати Халқии Шуравии ҶШС Тоҷикистон ҷудо намудани 30000 рубл ба фонди роҳпаймоии маданӣ пешниҳод карда шавад.

Комиссариатҳои халқӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва хоҷагидорӣ сметаҳои худро аз нав дида бароянд ва ба фонди роҳпаймоии маданӣ маблағ ҷудо кунанд.

Барои доир кардани 8-уми март Комиссариатҳои халқӣ аз фонди субсидияҳо 1000 рубл ҷудо намояд.

КИМ барои доир кардани роҳпаймоии маданӣ байни кӯдакони деҳот ба шуъбаи ташкилӣ супориш диҳад, ки он якҷоя бо КБММЗ нақшаи роҳпаймоии маданӣ – маиширо таҳия ва ба ҷамъомади ояндаи Раёсати КИМ пешниҳод намояд» [22, с.49].

КБММЗ қайд кард: «Маблағҳое, ки мо ҳоло дар ихтиёри худ дорем, танҳо аз сад як ҳиссаи талаботи изҳоршударо мепӯшонанд. Чунки ташкили муассисаҳои нави Ҳимояи модар ва кӯдак ва ҳамзамон, бароҳмонии кори шабакаи мавҷуда бо набудани кадрҳои баландихтисос, хусусан кадрҳои маҳаллӣ асос мееёфт. Соли 1931 Комиссариати халқии тандурустӣ курсҳои 2-3 моҳаи кӯтоҳмуддатро барои омодасозии кормандони боғчаҳо бештар аз аҳолии маҳаллӣ ташкил карда буд. Ҳамагӣ дар тамоми ҷумҳурӣ то 70 нафар аз курс гузашт ва баъд аз ба итмом расидани курсҳо онҳо барои кор ба боғчаҳои доимӣ ва мавсимӣ равон карда шуданд. Соли 1932 Комиссариати халқии тандурустӣ

омодасозии 400 колхозчизанро барои кор дар боғчаҳои кӯдакона ба нақша гирифт.

Бароҳмонии кори шабакаҳои мавҷудаи муассисаҳои Ҳимояи модар ва кӯдак ва кушодашавии бомуваффақияти боғчаҳои нав дар соли 1932 «танҳо бо кумаки ташкилоти ҳизбии Шуравӣ, касбӣ, ҷамъиятии марказӣ ва шаҳриву ноҳиявӣ имконпазир мегардад» [19, с.12],-омадааст дар ҳуҷҷат.

Пурзӯр сохтани кори тарғиботии ҷамъиятӣ дар атрофи муассисаҳои Ҳимояи модар ва кӯдак таҳкими ин муассисаҳо аз ҳисоби занони маҳаллӣ хусусан зарур аст.

Танҳо зимни ба вуҷуд омаданӣ обрӯю нуфузи муассисаи Ҳифзи модар ва кӯдак, зимни кумаки аҳли ҷамоатчӣ, зимни ҷалби занони колхозии фаъол ба кор дар ин муассисаҳо, зимни афзоиши маблағҳо оид ба тавсияи шабакаҳо, ба дараҷаи баланд ба роҳ мондани корҳо, 100% иҷро кардани нақшаи солона, беҳдошти маишати оилаҳои меҳнаткашони Тоҷикистон имконпазир мегардад [5, с.13].

КБММЗ-ҳо бо масъалаи маҳви бесаводи низ дар байни аҳолии калонсол ва, хусусан дар байни занон шуғл меварзиданд. Барои онҳо мактабҳои маҳви бесаводи ташкил карда мешуд. Чи тавре аз ҳуҷҷатҳои бойгони маълум мегардад, дар баъзе маҳалҳо маҳви бесаводи пурра ҷой дошт, чунки мактабҳо набуданд ё мактабҳо хонанда надоштанд. Дар ҳуҷҷат сабабҳо шарҳ дода шудаанд.

Аз ҷумла, фаъолзане аз ҷамоати деҳоти Лоҳур хабар медиҳад, ки дар ҷамоати онҳо курси маҳви бесаводӣ мавҷуд нест, ҳарчанде ки хоҳишмандон ҳастанд. Аммо фаъолзане аз сектори занони Исфара хабар медиҳад, ки барои занон мактаби маҳви бесаводӣ кушода шуд, аммо касе ба мактаб намеравад [27, с.2].

Сабабҳо дар як ҳолат набудани мактабҳо ва дар ҳолати дигар фароҳам набудани шароит барои муассисаҳои кӯдакона буд.

Мавод оид ба ташкили курсҳои маслиҳатчизанон моҳи ноябр аз тарафи шуъбаи ташкилии КИМ-и ҶШС Тоҷикистон ба суроғаи шуъбаи занони Бюрои Осиёи Миёна фиристода шуд [5, с.65].

Дар таҷрибаи ИҶШС баъзан ба ҷойи «фармоишот» аз истилоҳи «Сиркуляр», ки иҷрои ҳатмиро талаб мекунад, истифода мебаранд. Одатан сиркулярҳоро аз номи ташкилоти давлатии ҷамъиятӣ ва хоҷагидорӣ медоданд. Дар як сиркуляри Раиси КИМ-и ҶШС Тоҷикистон Нусратулло Махсум ва муовини ӯ Никифоров, ки ба комиҷроияи округҳо фиристода шудаасту, сана надорад, дар хусуси тартиб додани нақшаи хоҷагидорӣ барои солҳои 1931 ва 1932 сухан меравад. Он ба пуррагӣ ба масъалаи мавриди таҳқиқи мо дахл дошт.

«Ба комиҷроияи округҳо.

Ҳоло дар округҳо корҳои тайёрӣ оид ба тартиб додани нақшаҳои хоҷагидорӣ ва буҷетҳо барои солҳои 1930-1931 оғоз ёфтааст. Барои иҷрои қарори КИМ-и ИҶШС (протокол №28, б. 7, 16 феврали с. 1930).

А). Комиҷроияи округҳо барои таъмини инъикоси ададҳои назоратӣ дар буҷети давлатӣ ва маҳаллӣ, дар нақшаҳои ташкилоти хоҷагидорӣ-ҷамъиятӣ оид ба хизматрасониҳои маданӣ-маишии когарзанон ва занони кишоварз, аз ҷумла ташкили боғчаҳо, кӯдакистонҳо, майдончаҳои кӯдакона, ошхонаҳо, ҷомашӯйхонаҳо, мактабҳои занона, клубҳои занона, хонаҳои кӯдакон, гӯшаҳои сурх ва чорабиниҳои дигари хусусияти маишидошта фавран бояд чораҳо андешанд. Хусусан, дар ноҳияҳои коллективкунонии пурраи соҳаи кишоварзӣ (артелҳои кишоварзӣ, рафоқатгарӣ ва ғ.);

Б). Зимни доир кардани ин кор, инчунин тартиб додани ададҳои рақамӣ ва нақшаҳои хоҷагидорӣ барои солҳои 1930 - 1931 ба омодасозии тамоми масъалаҳо, мувофиқи эҳтиёҷоти округу ноҳияҳои шумо зарур аст, то ин ки чорабиниҳои хизматрасониҳои маишӣ дар буҷети давлатӣ ва маҳаллӣ, инчунин, дар ташкилоти хоҷагидорӣ, кооперативӣ ва ҷамъиятӣ, чорабиниҳое, ки ба 8-уми март бахшида шудаанд, бояд инъикос ёбанд;

В). Ба ҷудокунии фондҳои назди КБММЗ, ба зиёд кардани фондҳо бинобар талаботи афзоиши буҷетҳои округи шумо диққати ҷиддӣ додан зарур аст;

Г). Аз қоидаҳое бояд даст кашид, ки дар онҳо маблағгузории кормандони КБММЗ аз ҳисоби фонди КБММЗ мебошад. Маоши кормандони КБММЗ аз ҳисоби Комиҷроияҳои ноҳияҳо ва округҳо пешбинӣ карда шавад. Андозаи пардохт ба андозаи пардохти мудири комиҷроияи ноҳия ва округ (мувофиқи қарори КИМ-и ИҶШС аз 16 феврали соли ҷорӣ) бояд баробар бошад;

Ғ). Бо мақсади таъмини сиркуляри мазкур масъалаи ҷудокунии фондҳои КБММЗ ва маблағ барои хизматрасониҳои маданӣ ва маишии коргарзанон ва деҳқонзанонро таҳия намуда, дар Раёсати комиҷроияи округ ба муассисаву ташкилоти ноҳияҳо ва округ оид ба маблағгузорӣ бе чорабиниҳои маданӣ-маишӣ ва ҷудокунии фонди махсуси КБММЗ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ дастур дода шавад [5, с.83].

Масъалаи гендерӣ дар солҳои 30-юми асри XX, махсусан ташкили машваратхонаҳои занон, хеле мушкил буд. Мусулмонҳо аз рӯйи ҳолат ба кормандони тиб кам муроҷиат мекарданд: мардон ба назди духтури зан ва занон ба назди духтури мард рафтан намехостанд.

Чӣ тавре аз ҳуҷҷатҳо бармеояд, сабаби асосии кам ташриф овардан ба машваратхонаҳои занон ин шумораи ками кормандони тиб аз ҳисоби занон буд. Масалан, Абдулкаримова аз деҳаи Шурнами шаҳри Душанбе пешниҳод кард, ки мактабҳои занона ва дуконҳо барои духтурзанон кушода шавад.

**Ҷадвали 7. Маълумот дар бораи таҳсилоти занони Округи Хуҷанд дар солҳои 1929 ва 1930 аз рӯйи самти Тарбияи сотсиалистӣ** [6, с.85].

| № | Шаҳру ноҳияҳо | Мактабҳо | Барои духтарон | | Шумораи умумии хонандагон |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | синф | хонандагон | |
| 1 | Шаҳри Хуҷанд | 2 | 5 | 131 | 689 |
| 2 | Ноҳияи Нов | 3 | 3 | 66 | 69 |
| 3 | Ноҳияи Хуҷанд | 2 | 4 | 112 | 214 |
| 4 | Ноҳияи Ашт | 2 | 2 | 35 | - |
| 5 | Шаҳри Конибодом | - | - | - | 314 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 6 | Ноҳияи Исфара | - | - | - | 29 |
| | **Мактабҳои зинаи дуюм** | | | | |
| 7 | Хуҷанд | - | - | - | 88 |
| 8 | Конибодом | - | - | - | 61 |
| **Давоми ҷадвали 7** | | | | | |
| 9 | Техникуми Хуҷанд | - | - | - | 6 |
| 10 | Педтехникум | - | - | - | 16 |
| 11 | Мактаби шуравии ҳизбӣ | - | - | - | 14 |
| 12 | Курсҳои гуногун | - | - | - | 25 |
| 13 | Курсҳои омодасозии округ | - | - | - | 92 |
| 14 | Курсҳои маърифати сиёсӣ | - | - | - | 30 |
| | **Ҳамагӣ** | **9** | **14** | **334** | **1647** |
| | **Кӯдакистонҳо ва интернатҳо** | | | | |
| 1 | Кӯдакистони Хуҷанд | 1 | 33 | | |
| 2 | САНТО | 1 | | | - |
| 3 | Хуҷанд | 1 | | | - |
| 4 | Интернати Хуҷанд | 1 | 18 | | - |
| 5 | Интернати Конибодом | 1 | 30 | | - |

Таҳлили ҳамаҷонибаи маводҳои дар боби III баррасигардида собит менамояд, ки низоми маърифатпарварии КБММЗ дар солҳои 1928–1934 ҳамчун фишанги асосии модернизатсияи маънавии занони Тоҷикистон баромад намудааст. Ин раванд аз доираи маҳдуди маҳви бесаводии алифбоӣ берӯн баромада, ба як барномаи фарогири сафарбаркунии идеологӣ ва иҷтимоӣ табдил ёфт, ки ҳадафи ниҳоии он на танҳо донишомӯзӣ, балки тағйири куллии парадигмаи фикрӣ ва ҷойгоҳи иҷтимоии зани тоҷик дар сохтори давлатдории шуравӣ буд.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки КБММЗ дар ин марҳала нақши «архитектори шуури нави ҷамъиятӣ»-ро иҷро карда, тавонист, занро аз ҳолати пассивияти суннатӣ ба майдони фаъоли субъективияти сиёсӣ ворид созад. Ин трансформатсия тавассути низоми мураттаби мактабҳои саводнокӣ, клубҳои

занона ва «Гӯшаҳои сурх» амалӣ гардид, ки дар маҷмуъ инфрасохтори маърифатии эмансипатсияро ташкил медоданд.

Аз диди интиқодии муосир, воридшавӣ ба натиҷагириҳои ин бахш собит месозад, ки маърифатпарварии КБММЗ дорои хусусияти дутарафа ва зиддиятнок буд: аз як тараф, он занро соҳиби ҳуқуқи бунёдӣ ба дониш ва худшиносӣ намуд, вале аз тарафи дигар, ин раванд таҳти фишори шадиди индоктринатсияи сиёсӣ сурат гирифта, зани тоҷикро ба василаи иҷрои ҳадафҳои стратегии низом табдил дод.

**Ҷадвали 8. Таҳлили механизмҳои таҳаввули шуур дар фаъолияти КБММЗ:**

| Воситаи таъсир | Нақши стратегӣ | Натиҷаи ҳувиятӣ | Мушкилоти интиқодӣ |
|---|---|---|---|
| Мактабҳои Ликбез. | Маҳви бесаводии алифбоӣ. | Пайдоиши зани саводнок. | Сифати пасти таълим. |
| Гӯшаҳои сурх. | Сафарбаркунии идеологӣ. | Ташаккули шуури сиёсӣ. | Фишори таблиғотӣ. |
| Клубҳои занона. | Модернизатсияи муҳити зист. | Баромадан аз «андарун». | Муқовимати менталӣ. |
| Рӯзномаву маҷаллаҳо. | Ташаккули афкори умум. | Худшиносии ҷамъиятӣ. | Идеологикунонии муҳтаво. |

Ҳамин тариқ, дар фаъолияти КБММЗ як устуворие дар татбиқи мақсади асосии ҳизб ва ҳукумат дида мешавад, ки ин зина ба зина ҷомеаро (занҳоро) ба шуълаи умед мебурд. Кушодани курсҳои касбомузӣ, иштирок дар чорабиниҳои сиёсӣ (интихоботҳо, маҷлисҳои намояндагӣ, маҷлисҳои занон) зани тоҷикро аз зери фаранҷӣ, дастёри шавҳар, хизматгори ҳавлӣ (хона), будан озод карда то ба аъзои ҳукуматҳои маҳаллӣ овард. Зани тоҷикро то ба хориҷи ҷумҳурӣ барои касбомӯзию шиносоӣ бо дигар занҳою ҷумҳуриҳо бурд. Зани тоҷик фаъоли шуроҳо, иттифоқҳо, комсомол ва ҳизб гардид. Саҳми КБММЗ, дар ҳақиқат дар ин муваффақиятҳо шоиста буд.

## 3.2. Самтҳои модернизатсияи маишат ва нақши Кумита дар таъсиси инфрасохтори иҷтимоии занон (Таҳлили ташкили боғчаҳо, ошхонаҳо ва клубҳои занон ҳамчун кӯшиши озод кардани зан аз «асорати рӯзгор»)

Дар Осиёи Миёна ҳанӯз аз соли 1910 аҳолии рӯсзабони Туркистон рӯзи 8-уми мартро чун рӯзи байналхалқии занон қайд мекард. Аммо чун ид 8-уми

мартро танҳо аз соли 1917 баъд аз ғалабаи Инқилоби Октябр ҷашн мегирифтагӣ шуданд. Иди 8-уми март дар муассисаҳои истеҳсолӣ ва ташкилоти ҷамъиятӣ бо маҷлисҳои тантанавӣ ҳамроҳ гардид, ки дар онҳо баромадкунандагон дар ҳаққи занону модарон суханони нек мегуфтанд, тухфаҳо медоданд, мизи идона ташкил мекарданд ва амсоли инҳо.

Дар Тоҷикистон аз соли 1917 сар карда аҳолии рӯсзабони округи Хуҷанд ва Помир 8-уми мартро ҷашн мегирифтагӣ шуданд. «Аҳолии маҳалии Тоҷикистон танҳо аз соли 1927, баъд аз қабули Эъломия дар бораи озодкунии занон (октябри соли 1926) ва ҳаракати занон барои партофтани фаранҷӣ (1927) ва ташкили комиссияҳо, шуъбаҳо, шуроҳо, гурӯҳҳои занони назди Комиссариатҳои халқӣ, иттиҳодияву ташкилотҳо ва дар истеҳсолот иди 8-уми мартро қайд мекарданд» [5, с.1-160].

Дар фонди №11-и Саридораи Бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (СБНҲҶТ) воҳиди махсуси парванда (ҷузвдон №36) мавҷуд аст, ки дар он мавод барои гузаронидани маъракаи 8-уми март аз январи соли 1930 то апрели соли 1931 ҷамъоварӣ шудааст [5, с.1-160].

Дар оғози солҳои 30-юми асри XX дар ҷумҳурӣ бахшида ба рӯзи 8-уми март маъракаҳои гуногун ва эстафетаҳо гузаронида мешуданд. Аз байни ҳазор ҳуҷҷатҳо ҳуҷҷатеро ошкор сохтем, ки дар он дар бораи доир кардани эстафета дар давраи маъракаи пахтачинӣ сухан меравад. Дар нусха аз протоколи ҷаласаи Комиссариати халқии тандурустӣ аз 13.04.1932 қайд карда шудааст:

1. Нақшаи доир кардани эстафета бахшида ба рӯзи 8-уми март аз рӯйи самти Комиссариати халқии тандурустӣ дар давраи маъракаи кишту кори баҳорӣ ва пахтачинӣ пурра тасдиқ карда шавад.

2. Ба мақсади бомуваффақият доир кардани эстафета комиссияи махсус ташкил карда шавад.

3. Дар давоми семоҳаи 2-юми соли 1932 ба мақомоти соҳаи тандурустӣ на кам аз 40 нафар зан аз аҳолии маҳаллӣ барои кор кардан пешниҳод карда шавад.

4. На дертар аз 1 июн дар колхозҳо, дар байни занони колхозӣ курсҳои роҳбарони боғчаҳо (думоҳа) дар нуқтаҳои асосии ҷумҳурӣ курсҳои даҳрӯза ва конференсияҳои занони колхозӣ мувофиқи нақша ташкил карда шавад.

5. Барои ба истироҳатгоҳҳо фиристодани колхозчиён аз Фонди деҳқонӣ 5000 рубл ҷудо карда шавад.

6. Тамоми кормандони соҳаи тиб ба корҳои васеи беҳдоштӣ – маърифатӣ ҷалб гарданд, дар давраи маъракаи кишту кори баҳорӣ дар тамоми ноҳияҳои ҷумҳурӣ 250 маъруза хонда шавад.

7. Ба сектори ташкилӣ-нақшавӣ якҷоя бо сектори кадрҳо ва рафиқ Бубок супорида шавад, ки сметаи хароҷотро барои кадрҳо аз нав дида баромада, маблағи лозимиро барои таъмини курсҳои тайёркунии роҳбарони боғча, аз ҷумла бо Маркази колхозӣ маблағи лозимиро барои тавсияи боғчаҳо ҷудо кунад [5, с.31].

Аввалин маротиба дар ҶШС Тоҷикистон рӯзи занон 8-уми март бо тантана ҷашн гирифта шуд. Барои ин корҳои омодагӣ гузаронида шуданд. Моҳи феврали соли 1930 КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон ба аҳолии ҷумҳурӣ муроҷиат намуд, ки дар он гуфта шудааст:

«Рафиқон коргарону коргарзанон, деҳқонону занони кишоварз! 8-уми мартро коргарону деҳқонони Иттиҳоди Шуравӣ чун рӯзи байналхалқии коммунистии занон ҷашн мегиранд.

Аҳаммияти ин рӯз хеле бузург аст. Дар давлатҳои капиталистӣ, дар мамлакатҳои ба зулм гирифторшудаи Шарқ, дар ҳама ҷое, ки сармоя ҳоким аст, рӯзи 8-уми март, сарфи назар аз террори байналмилалӣ, миқдори калони қурбониҳо оммаи меҳнаткаш ба кӯчаҳо бо шиорҳо ба муқобили истисмори занон, бо даъват ба муттаҳидшавӣ дар ҷодаи ҳифзи мамлакати Шуроҳо, ки озодшавии пурраи занонро амалӣ мегардонад, баромаданд» [5, с.37].

Дар ин рӯз коргарону коргарзанони мамлакатҳои капиталистӣ тамоми қувваю фаъолнокии худро ба мубориза барои фронти ягона, ба муқобили империализм, ба муқобили ҷанг, барои ҷумҳурии Шуроҳо сафарбар менамоянд [5, с.37].

8-уми март дар Иттиҳоди Шуравӣ рӯзи санҷиши тамоми корҳо оид ба амалигардонии дастовардҳои Инқилоби Октябр, рӯзи санҷиши озодкунии воқеии занон, рӯзи сафарбаркунии занони меҳнаткаш ба мубориза бо империализм, барои иштирок дар сохтмони сотсиалистӣ, барои азнавсозии тамоми хоҷагии халқи Иттиҳоди Шуравӣ, барои инқилоби маданӣ, барои гузариш аз шаклҳои ибтидоии хоҷагидорӣ ба техникаи муосир, аз каланду омоч ба трактор, аз хар ба улов (интиқоли муташаккилонаи молҳо бо аспон) мебошад [5, с.57]. «Дар мамлакати созандаи сотсиализм,- гуфта шудааст дар протокол,- зимни сиёсати дурусти ҳизбӣ коммунист ва Ҳокимияти Шуравӣ, ки суръати баланди хоҷагидорӣ ва маданиро таъмин менамояд, миллионҳо занони меҳнаткаш дар татбиқи тамоми барномаи сохтмони сотсиалистӣ фаъолона ширкат меварзанд» [5, с.57].

Дар ҳуҷҷат омадааст: Аз ҳисоби КБММЗ рӯзи 8-уми март барои хизматрасониҳои маданӣ ва маишии занон баҳри доир кардани чорабиниҳои зерин маблағ ҷудо карда шавад:

А). Барои сохтмони клубҳои занон дар Хуҷанд, Сталинобод ва деҳаи Сариосиё-70000 рубл;

Б). Барои ташкили гӯшаҳои сурх дар округҳои Қӯрғонтеппа, Кӯлоб ва Ғарм – 6000 рубл;

В). Кумак ба клубҳо ва Гӯшаҳои сурх – 500 рубл;

Г). Кумак ба машваратхонаҳои кӯдакон – 300 рубл;

Ғ). Барои доир кардани 8-уми март-1000 рубл.

Комиссариати халқии молия ирсоли саривақтии маблағҳоро аз рӯйи округҳо таъмин намоянд: Хуҷанд-10000 рубл, Ӯротеппа-3000 рубл, Панҷакент-4000 рубл, Қӯрғонтеппа-5000 рубл, Ҳисор-3000 рубл, Ғарм -000 рубл, Кӯлоб-3000 рубл, Сталинобод-3000 рубл [22, с.56-57; 162-163].

Ғайр аз маблағҳои ҷудошуда дар назди Раёсатҳои комиҷроияҳои округҳо комиссия оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанону занони кишоварз ташкил карда шуданд. Барои кори мунтазами комиссияҳо ба штати кормандони комиҷроияҳои округҳо воҳиди пардохтшавандаи котиби масъули КБММЗ

дохил карда шудааст. Мақсади маъракаи ҷашни 8-уми март на танҳо доир кардани ҷаласаҳои тантанавӣ, балки иҷрои баъзе чорабиниҳои дигар низ, ки ба беҳдошти меҳнату маишати занон, ба ташкили боғчаҳо ва майдончаҳои кӯдакон, ба ташкили нуқтаҳои ҷамъиятии хӯрок, ҷомашӯйхонаҳо, артелҳои меҳнатӣ барои занон ва маҳфилҳои гуногуни корҳои дастӣ мусоидат менамоянд, мебошад.

Ба масъалаи ташкилу гузаронидани маъракаи 8-уми март ташкилотҳои дигари ҷамъиятӣ, ҳизбӣ, комсомолӣ ва иттифоқҳои касаба низ машғул буданд [22, с.56-57; 162-163].

Барои бомуваффақият доир кардани рӯзи 8-уми март КБММЗ ҳуҷҷати зеринро таҳия намуд:

«Ба тамоми комиссариатҳои халқӣ ва ташкилоти хоҷагидор.

Зери масъулияти шахсии роҳбарон.

Котиботи КИМ-и ҶШС Тоҷикистон пешниҳоди маълумотро талаб мекунад:

Нақшаҳои мушаххаси Шумо оид ба доир кардани рӯзи байналхалқии занон 8-уми март дар Марказ ва ноҳияҳо.

Ахбор диҳед, ки чорабиниҳои банақшагирифтаи шумо барои пешбарии занон ба дастгоҳҳо ва ҳ.к. то кадом андоза иҷро гардидаанд.

Маълумотро на дертар аз 25 апрели соли ҷорӣ ба котиботи КИМ-и ҶШС Тоҷикистон ба таври хаттӣ пешниҳод намоед» [12, с.68].

Инчунин қайд гардид, ки пешниҳод накардани маълумот ба таври махсус дида баромада мешавад [12, с.68].

Чӣ тавре аз маводи бойгонӣ маълум мегардад, дар омодагӣ ба ҷашни 8-уми март тамоми ташкилотҳо бе ягон истисно ҷалб гардидаанд. Ҳамчунин аён мегардад, ки ҳар як ташкилот ягон фармони хусусияти ҳатмидоштаро амалӣ мекард. Аз ҷумла, КХА-и ҶШС Тоҷикистон сиркуляри махсус баровард. «Сиркуляри №4-и Комиссариати халқии адлияи ҶШС Тоҷикистон.

Ба тамоми мақомотҳои судӣ ва прокурорҳо, сессияҳои доимии Судӣ олӣ

бинобар ҷашн гирифтани 8-уми март КХА пешниҳод мекунад:

1. Ташкили машваратҳои доимии ҳуқуқии назди машваратхонаҳои тиббӣ ва хонаи модару кӯдак дар шаҳрҳои Сталинобод, Хуҷанд, Ӯротеппа, Панҷакент, Конибодом, Кӯлоб ва Ғарм;

2. Дар рӯзи 8-уми март доир кардани мурофиаҳои намунавии парвандаҳое, ки ба манфиатҳои маишӣ ва хоҷагидории занон (дар бораи ҷиноятҳои маишӣ, алиментҳо ва ғайра);

3. Доир кардани маърузаи ҳисоботии мақомотҳои судӣ ва прокуратура дар ҷаласаи занони меҳнаткаш, ки дар онҳо равшанӣ андохтан ба чорабиниҳои ҳокимияти Шуравӣ дар бораи озодкунии занон ва аз тарафи судҳо ва прокурорҳо шинос кардани занон ба қонунҳои маишӣ, кодекси никоҳ, оила, мумкин аст [5, с.37];

4. Пешбарӣ кардани номзадҳо ба кор дар мақомотҳои адлия;

5. Дар бораи иҷрои сиркуляр то 1 апрел хабар диҳед [5, с.37];

Дар назди Комиссариатҳои халқии тандурустӣ ташкилоти Ҳимояи модар ва кӯдак мавҷуд буд. Дар бойгонӣ нақшаи кори ин ташкилот оид ба гузаронидани «Рӯзи 8-уми март», ки дар он чорабиниҳои гузаронидашаванда муфассал баёни худро ёфтаанд, маҳфуз мондааст [5, с.37];

Нақшаи доир кардани рӯзи 8-уми марти соли 1931 оид ба Ҳимояи модар ва кӯдак.

1. Аз 25 январ то феврали соли 1931 азназаргузаронии муассисаҳои занону кӯдакон, ҳайати махсуси миллии боғчаҳо ва сифати гузориши кор, вазъи биноҳо, таҷҳизот, хӯрок, тахассус ва муносибати кормандони хизматрасон, назорати тиббӣ ва ҳ.к. гузаронида мешавад;

2. То 8-уми март доир кардани чорабиниҳо дар асоси азназаргузаронӣ оид ба барҳамдиҳии фактҳои номатлуби мавҷуда. 7-уми март ҷаласаи тантанавӣ бо ҷамъбасти натиҷаҳои азназаргузаронӣ ва чорабиниҳои иҷрошуда гузаронида мешавад;

3. Машваратхонаҳои занону кӯдакон 8-уми март бояд озмуни «Кӯдаки беҳтарин»-ро бо мукофотдиҳӣ гузаронанд. Аз маблағҳои ташкилоти

манфиатдор ҷудо кардани 5000 рубл (КХ тандурустӣ-1000 рубл, боқимондаҳо-4000 рубл).

4. Дар ноҳияҳое, ки машваратхонаҳои боғчагӣ кушода нашудаанд, онҳоро то 8-уми март кушода, ба буҷети ноҳия бояд дохил кард (бо ҷалби маблағҳои ташкилоти хоҷагидор).

5. Дар колхозҳо аз буҷети Тоҷикматлубот 6 боғча кушода шавад.

6. Аз 25 январ то 10 ноябр якҷоя бо сектори занони КМ доир кардани муоинаи бригадавӣ ва санҷиши ҷамъоварии маблағҳо барои боғчаҳо ва ҷамъоварӣ ба Фонди беҳдошти вазъи коргарзанон.

7. Дар тамоми клубҳои занон ташкили намоишгоҳҳои Ҳимояи модар ва кӯдак рӯзи 8-уми март.

8. То 8-уми март дар ҷаласаҳои боғчаҳои кӯдакон доир кардани суҳбат оид ба масъалаҳои Ҳимояи модар ва кӯдак.

9. Якҷоя бо сектори занони КМ дар ҳаёт татбиқ намудани қарори КМ дар бораи аз тамоми намудҳои кооператсия ҷудо кардани маблағ ба Бонки колхозӣ барои Ҳимояи модар ва кӯдак.

10. Санҷидани иҷрои декрет дар бораи методҳои ташкили назорати ҷамъиятӣ.

11. Бо кумаки инспектори КМ то 20 феврал интихоб кардани шунавандагон ва кушодани курсҳои Ҳимояи модар ва кӯдак то 8-уми март.

12. Якҷоя бо инспекторҳои КМ дар рӯзномаҳои маҳаллӣ баровардани замимаи махсус дар бораи масъалаҳои Ҳимояи модар ва кӯдак.

13. То 8-уми март ба охир расонидани додани маълумотномаи тиббӣ ба кӯдакони синни томактабӣ ва доир кардани чорабиниҳои омодасозӣ ва солимгардонӣ.

14. Ташкил кардани 3 кабинети биометрӣ.

15. Барои эҳтиёҷоти маъракаи солимгардонӣ ва мукофотдиҳӣ ҷудо кардани 40000 рубл [5, с.33].

КБММЗ-и назди Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон тамоми муассисаҳо, ташкилотҳо ва истеҳсолотро уҳдадор намуд, ки рӯзи байналхалқии занон 8-уми

мартро дар сатҳи баланд гузаронанд. КБММЗ ба ҳамаи онҳо тавсия ирсол намуд, ки ба онҳо диққати махсус бояд медоданд.

Чӣ тавре аз маводи бойгонӣ бармеояд, тамоми муассисаҳо, ташкилотҳо ва истеҳсолот дар маъракаи доир кардани 8-уми март фаъолона ширкат варзанд. Аз ҷумла, Раёсати асосии суғуртаи иҷтимоӣ 4 феврали соли 1931 ба КБММЗ-и назди Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон хабар дод.

Ба шарафи ҷашни 8-уми март Суғуртаи давлатии иҷтимоӣ амри зерин баровард:

1. Ба занони суғурташуда маблағи кумакпулӣ барои корношоямии муваққатӣ пешакӣ пардохт гардад.

2. Ба заноне, ки барои ғизодиҳии кӯдакон кумакпулӣ мегиранд, ду моҳ пештар маблағҳо пардохт карда шавад.

3. Якҷоя бо ташкилоти занон ва иттифоқи касаба масъалаи гузариш ба натуралисозии кумакпулиҳо аз рӯйи намудҳои иловагӣ (мас. маблағи Ғизодиҳии кӯдаконро ба таври натуралӣ додан)-ро таҳия кардан лозим аст.

Барои иштироки Суғуртаи асосии иҷтимоии ҶШС Тоҷикистон дар ташкили муассисаҳои маданӣ-маишӣ оид ба хизматрасониҳои занон, барои ташкили боғчаҳо, майдончаҳои кӯдакон, сохтмони ошхонаҳои ширӣ мо 40000 рублро ҷудо карда, ба таври зайл тақсим намудем:

1. Ба васеъсозии хонаи кӯдакон дар Сталинобод - 11000 рубл;

2. Ба сохтмони боғчаҳои кӯдакон дар Шуроб (Исфара) - 20000 рубл;

3. Ба сохтани боғчаҳои кӯдакон дар яке аз минтақаҳои Вахш – 9000 рубл;

Ҳамагӣ – 40000 рубл [5, с.33].

Дар ҳуҷҷате КБММЗ-и назди КИМ-и ИҶШС ба КБММЗ-назди Раёсати КИМ-и ҶШС Тоҷикистон пешниҳод менамояд: КБММЗ-и КИМ-и ИҶШС аз Шумо хоҳиш менамояд, ки дар хусуси чӣ тавр ҷашн гирифтани 8-уми март ва иштироки КБММЗ дар он инчунин, натиҷаҳои иштироки Шумо дар даҳрӯзаи роҳпаймоии маишӣ хабар диҳед. Ҷавоби КБММЗ-и назди КИМ-и ҶШС Тоҷикистон:

Ба дархости Шумо КБММЗ-и назди КИМ-и ҶШС Тоҷикистон хабар медиҳад, ки маводҳоро барои баргузории ҷашни 8-уми март нагирифтаем ва ҳисоботи пурраро ба Шумо фиристода наметавонем. Рӯзи 8-уми март дар Тоҷикистон бо суръати баланд гузашт ва дар интиҳо занон ба кишту кори баҳорӣ ҷалб карда шуданд. Баъд аз гирифтани маводи зарурӣ аз маҳалҳои баргузории ҷашн мо ҳисоботи пурраро оид ба таҷлили ҷашнии 8-уми март мефиристонем [5, с.43].

Доир кардани шакли дилхоҳ чорабиниҳо маблағи муайянро талаб мекунад. Азбаски КБММЗ-ҳо буҷетӣ буданд, онҳо барои ҷашнгирии 8-уми март маблағ надоштанд. Бинобар ин КМКБММЗ барои доир кардани рӯзи 8-уми март бояд маблағҳои пулиро ҷустуҷӯ мекард.

КБММЗ ба ШКХ муроҷиат намуд ва охирин 1-уми марти соли 1930 чунин қарор қабул кард: Ба Комиссариати халқии молия пешниҳод гардид, ки ба ихтиёри Идораи корҳои КИМ маблағҳои зерин ҷудо карда шавад:

А) қарзи дарозмуддат аз Фонди захиравӣ - 500 рубл;

Б) аз фонди махсус – 500 рубл;

Ҳамагӣ - 1000 рубл.

Комиссияи Марказӣ оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати занони меҳнаткаш барои ҷашнгирии рӯзи 8-уми март дар шаҳри Сталинобод ва округҳо маблағҳои пулӣ пешниҳод намуд [23, с.35].

8-уми март ид буд, омодагӣ ва доир кардани он заҳматро талаб мекард. Матни бештар аз сад ҳуҷҷат ба унвони сохторҳои гуногуни ҳокимият ва ташкилотҳо инро собит менамояд.

Дар гузоришномаи Раёсати КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон чунин оварда шудааст: «Бо қарори худ Раёсати КИМ (аз 28.01.1930, №22/3) супориш дод, ки КБММЗ якҷоя бо КХМ масъалаи дар марказҳои округҳо ҷудо кардани маблағро аз буҷетҳои маҳаллӣ барои Фондҳои КБММЗ-и округҳо дида бароянд.

Масъалаи мазкурро Комиссияи Маркази якҷоя бо КХМ бояд мавриди баррасӣ қарор диҳанд. Буҷетҳои маҳаллии комиҷроияҳо ва ҳар як округ дар алоҳидагӣ дида баромада шуд ва дар ин асос ба ҳар як округ супориш дода шуд,

ки маблағҳои пулиро ба таври зайл ҷудо кунанд: Хуҷанд - 1000 рубл, Ӯротеппа - 3000 рубл, Панҷакент - 4000 рубл, Қӯрғонтеппа – 5000 рубл, Ҳисор - 3000 рубл, Ғарм - 2000 рубл, Кӯлоб - 3000 рубл, Сталинобод - 2000 рубл [5, с.2].

КБММЗ маблағҳои пулии фавқулзикрро зарур ҳисобид [5, с.2].

Аз Раёсат хоҳиш карда шавад, ки бо қарори худ комиҷроияҳои округҳо ва Шурои шаҳри Сталинободро уҳдадор созад, ки онҳо аз буҷетҳои худ ба фондҳои КБММЗ барои хизматрасониҳои маданӣ ва маишии занон маблағҳои пулӣ ҷудо кунанд. Бинобар васеъшавии фаъолияти КБММЗ ва қарори КИМ-и умумииттифоқ аз 23.12.1925 КБММЗ хоҳиш дорад, ки ба штати кории комиҷроияҳои округҳо корманде аз КБММЗ дохил карда шавад [5, с.2].

КБММЗ ва шуъбаи занони КМҲК(б) ҶШС Тоҷикистон аз тамоми КБММЗ-ҳои округҳо хоҳиш карданд, ки ҳисоботи корҳои иҷрошударо пешниҳод намоянд. Аз байни ахбори сершумори бойгонӣ мо якчанд ҷавоби КБММЗ-ҳои ноҳияҳоро дастрас намудем.

Аз ҷумла, аз КБММЗ-ҳои округи Қӯрғонтеппа аз 13 марти соли 1931 ба суроғаи КМКБММЗ-и назди КИМ-и ҶШС Тоҷикистон ахбори зерин расид:

Сталинобод. КИМ КБММЗ. Дар иди 8-уми март 400 нафар зан иштирок намуд. Озмуни кӯдаки беҳтарин гузаронида шуд, ки 6 нафар мукофот гирифт, 3 мактаб барои занон кушода шуд, 7 нафар ба кор ва 6 нафар ба ҳизб пешниҳод гардид. Нақшаи ҷалби шоҳибофзанон иҷро карда шуд.

Як боғча кушода шуд.

Котиби КБММЗ Имзо Грендзинская [5, с.40].

Дар бораи доир кардани рӯзи «8-уми март» дар Тоҷикистон ҳам КБММЗ-и назди Раёсат, КИМ-и Шуроҳои ИҶШС, ҳам КБММЗ-и минтақавӣ (КМКБММЗ-и Осиёи Миёна, КБММЗ-ҳои Иттиҳоди экологии Осиёи Миёна) гузоришу ҳисобот талаб мекарданд.

Аз ҷумла, КБММЗ (Комитет оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварз)-и назди КИМ-и ИҶШС (санаи рӯзро муайян карда натавонистем) аз КБММЗ-и КИМ-и Шуроҳои ИҶШС Тоҷикистон чунин хоҳиш кард: КБММЗ-и ИҶШС аз Шумо хоҳиш менамояд, ки дар бораи чӣ тавр

доир кардани 8-уми март ва дар хусуси бо чи ифода ёфтани иштироки КБММЗ дар доир кардани он, инчунин, дар бораи чигунагии натиҷаҳои иштироки Шумо дар даҳрӯзаи роҳпаймоии маишӣ, ки онро Шурои марказии умумииттифоқии Иттифоқҳои касаба (ШМУИК) гузаронидааст, маълумот диҳед».

Мо ҷавоби муовини раиси КБММЗ-и назди КИМ-и ҶШС Тоҷикистон У. Шамсидиноваро, ки санаи рӯз надорад, ёфтем: «КИМ ИҶШС-КБММЗ рафиқ Смидович, ба дархости Шумо (№396/2) КМКБММЗ-и назди КИМ-и ҶШС Тоҷикистон хабар медиҳад, ки дар бораи доир кардани 8-уми март аз маҳалҳо маълумот ва ҳисоботи пурраро фиристода наметавонем. Рӯзи 8-уми март дар Тоҷикистон дар давраи кишту кори баҳорӣ гузаронида шуд. Баъд аз гирифтани мавод аз маҳалҳо ҳисоботи пурраро дар бораи доир кардани рӯзи 8-уми март мефиристем» [5, с.45].

Чӣ тавре маълум аст, баъд аз баромадани қарор дар бораи таҷлили ҷашни рӯзи байналхалқии занон 8-уми март дар тамоми мамлакат муассисаҳо барои занон (клубҳо, маҳфилҳо, шуъбаҳо, артелҳо) ба вуҷуд омадаанд. Дар доир кардани чорабиниҳо ҳам КБММЗ-ҳои ИҶШС, ҷумҳурӣ, округӣ, ҳукумат ва шуъбаҳои он иштирок карданд. Байни онҳо алоқаи доимии телефонӣ, телеграф, радиограммавӣ, барқӣ, хаттӣ вуҷуд дошт ва онҳо ба вазифаҳои умумӣ тобеъ буданд. Аз ҷумла, дар ҳуҷҷате котиби масъули КБММЗ-и назди КИМ-и ҶШС Тоҷикистон Бубок ба КБММЗ-и Иттиҳоди иқтисодии Осиёи Миёна хабар медиҳад: «Ба дархости Шумо (№817) КБММЗ-и назди КИМ-и ҶШС Тоҷикистон хабар медиҳад, ки аз 14. 11 мо кори раисони ҷамотҳои деҳот, кори клубҳои занон, гӯшаҳои сурх, мактабҳои занон, артелҳои саноатиро аз назар гузаронида истодаем. Баъди азназаргузаронӣ то 25. 11 тамоми маводро ба Шумо мефиристем» [5, с.45].

Котиби масъули КМКБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон Бубок ба мактуби махсус ба КБММЗ-ҳои ҷумҳурӣ муроҷиат кард:

Ба тамоми комиҷроияҳои округҳо.

КМКБММЗ-и назди КИМ-и ҶШС Тоҷикистон хоҳиш менамояд, ки дар бораи чорабиниҳои дар округ гузаронидашуда бахшида ба рӯзи 8-уми марти

соли 1930, оид ба масъалаи озодкунии занон ҳисобот омода созед. Дар ҳисобот бояд инҳо ишора гардад:

1. Оид ба фаҳмонида додани рӯзи 8-уми март (маърузаҳо, киносенарияҳо дар шаҳр ё деҳа) чӣ корҳо ба сомон расонида шудааст?

2. Чанд маҷлис гузаронида шудааст, шумораи занҳоро алоҳида нишон диҳед, то кадом андоза занҳо фаъол буданд (маводи маҷлисҳоро фиристед).

Чорабиниҳои зерин гузаронида шавад:

1. Оғоз намудани сайругашти маданӣ рӯзи 8-уми март ва идомаи он то 1 май. Ба доир кардани сайругашти маданӣ ҷалб намудани тамоми ташкилоти ҷамъиятӣ ва хоҷагидорӣ.

Комиссариати халқии Шуравӣ аз фонди роҳпаймоии маданӣ 20000 рубл ҷудо кунад.

Комиссариати халқии ташкилоти ҷамъиятӣ ва хоҷагидорӣ сметаҳои худро аз нав дида баромада, ба фонди роҳпаймоии маданӣ барои доир кардани рӯзи 8-уми март 1000 рубл ва КИМ барои доир кардани сайругашти маданӣ миёни кӯдакони аҳолии маҳаллӣ 6000 рубл ҷудо кунад.

Ба шуъбаи ташкилӣ супорида шавад, ки якҷоя бо КБММЗ нақшаи сайругашти маданиро тартиб дода, ба ҷаласаи баъдинаи КИМ пешниҳод намояд [5, с.45].

Комиссариати халқии молия интиқоли саривақтии маблағҳоро ба округҳо бояд таъмин кунад [24, с.161].

Аммо вазни асосии субсудияҳо барои доир кардани чорабиниҳо ба души худи КБММЗ гузошта шуда буд. Аз маблағҳои КМ КБММЗ барои хизматрасониҳои маданӣ ва маишии занон ва доир кардани чорабиниҳои зерин бахшида ба рӯзи 8-уми март ба таври зайл маблағ ҷудо карда шуд: барои сохтани клубҳои занон дар Хуҷанд, Сталинобод - 70000 рубл, ташкили гӯшаҳои сурх дар округҳои Қӯрғонтеппа, Кӯлоб ва Ғарм – 3000 рубл, барои кумак ба клубҳо ва гӯшаҳои сурх – 500 рубл, ба машваратхонаи кӯдакон – 300 рубл, барои доир кардани рӯзи 8-уми март – 1000 рубл. Ҳамагӣ: 82000 рубл.

Рӯзи 8-уми мартро дар ноҳияҳои наздисарҳадӣ ба таври хосса гузарониданд. Дар ин рӯз як қатор чорабиниҳо, ки барои таълими аҳолии Фархор, Қалъаи Хумб ва Шуробод аҳаммияти калон доштанд, ба нақша гирифта амалӣ гардиданд. «Ин таълим самти педагогӣ дошта, 120 нафар (60 нафар зан ва 60 нафар мард)-ро фаро гирифт. Аз фонди камбизоатон 5000 рубл барои таъмини моддии кӯдакон, колхозчиён, камбағалон ва занони минтақаҳои наздисарҳадӣ ҷудо карда шуд» [8, с.129].

10 феврал ҷаласаи васеи коллегияи шуъбаи занони КМ ҲК(б) Тоҷикистон якҷоя бо намояндагони комиссариатҳои халқӣ, ташкилоти хоҷагидорӣ ва ҷамъиятӣ оид ба масъалаи омодагӣ ба гузаронидани маъракаи 8-уми марти соли 1930 баргузор гашт. Дар он бо иттилооти ҷамъиятӣ Крол ва Ёқубова баромад карда, дар хусуси доир кардани рӯзи 8-уми март фикрӯ ақоиди хешро баён намуданд. Ин аз рӯйи қарорҳои барои ҳар як Комиссариати халқӣ дар бораи гузаронидани чорабиниҳои мушаххас аён аст.

**Аз ҷумла:**

**1. Барои КИМ ва Комиссариати Халқии Шуравии ҶШС Тоҷикистон.**

А). Ҷудо кардани маблағи муайяни пулӣ барои сохтани хонаҳои озодкунии занон.

Б). Ҷудо намудани маблағ барои доир кардани рӯзи 8-уми март.

В). Додани дастур ба комиҷроияҳои маҳаллӣ оид ба доир кардани 8-уми март [8, с.129].

**2. Барои Комиссариати халқии маориф**

А). Пешниҳод кардани нақшаи муфассали ташкили гӯшаҳои сурх то ба ҷаласаи баъдина.

Б). Якҷоя бо КБММЗ аз назар гузаронидани гӯшаҳо, клубҳо ва мактабҳои занона бо мақсади омодасозии маводҳо ба иҷлосияи умумииттифоқии кормандони клубҳо.

В). Омода сохтани кадрҳои кормандони маданӣ-равшаннамоӣ (муаллимаҳои мактабҳои маҳви бесаводӣ, томактабӣ).

Г). Беҳдошти вазъи муассисаҳои мавҷудаи маданӣ - маишӣ.

Ғ). Оғоз кардан ба сохтмони боғчаи кӯдакон дар назди хонаи озодкунии меҳнаткашзанон.

Д). Ҷудо кардани маблағи муайяни пулӣ барои сохтмони хонаҳои озодкунии меҳнаткашзанон.

Е). Ба лентаи кино сабт кардани лаҳзаҳои намунавии корҳои маданӣ-равшаннамоӣ ва Ҳимояи модар ва кӯдак [8, с.129].

**3. Барои Комиссариати халқии тандурустӣ**

А). Ташкили машваратхонаи занону кӯдакон.

Б). Кушодани профилакторияи кӯдакон [25, с.5].

В). Доир кардани озмуни кӯдаки солим ва ба машваратхона ташрифоваранда.

Г). Хондани маъруза дар маҷлисҳои занон дар мавзуоти Ҳимояи модар ва кӯдак.

Ғ). То 8-уми март аниқ сохтани объектҳои сохтмони муассисаҳои Ҳимояи модар ва кӯдак ва дархост барои онҳо ба сохтмони давлатии Тоҷикистон.

Д). Иштирок дар ташкили боғчаҳои кӯдакон ва хонаҳои кӯдакон, ки аз ҳисоби Тоҷикматлубот кушода мешаванд.

Е). Ташкили хӯроки нимрӯзӣ дар боғчаҳои кӯдакон.

Ж). Оғози кор оид ба маъракаи солимгардонии кӯдакон.

З). Ташкил кардани намоишгоҳҳои кӯдакона дар клубҳои занон ва Ҳимояи модар ва кӯдак дар рӯзи 8-уми март.

И). Қаблан ҷой ҷудо кардан дар санаторияҳо барои занони кишоварзи суғуртанашуда [24, с.5].

**4. Барои Комиссариати халқии адлия**

А). Ташкил кардани машваратхонаҳои ҳуқуқӣ дар назди клубҳои занон ва гӯшаҳо.

Б). Пеш бурдани парвандаҳои судии занон, ки дар истеҳсолоти мақомотҳои судӣ қарор доранд.

В). Ҷудо кардани парвандаи мувофиқ ва ташкили як қатор мурофиаҳои намунавӣ.

Г). Ба нақша гирифтани пешбарии занон ба мақомотҳои судӣ, тафтишотӣ.

Ғ). Зимни омодасозии кадрҳои Комиссариати халқии адлия ҷалб кардани занони аҳолии муқимӣ [24, с.5].

**5. Барои Комиссариати халқии замин**

А). Дар ҷаласаи баъдина намоиш додани шинонидани ниҳолҳои буттагӣ (Чӣ қадар, дар куҷо).

Б). Пешниҳоди нақшаи чорабиниҳои аграрӣ оид ба пиллапарварӣ ва хоҷагиҳои инфиродии занон аз рӯйи зироатҳои дигар, инчунин кумак ба оилаҳо бо таҷҳизот, қарз ва амсоли инҳо.

В). Баҳисобгирии хоҷагиҳои мустақилонаи занон дар ҳудуди ҷумҳурӣ.

**6. Барои Комитети пахта**

А). Ба маҷлиси баъдина пешниҳоди нуктаҳои комиссионии заводҳо, ки дар онҳо пешбарии занон ба корҳои маъмурӣ ва истеҳсолот имконпазир аст.

Б). Ҷудо кардани маблағ ҷиҳати ташкили боғчаҳои мавсимӣ ҳангоми ғунучини пахта.

В). Ҷудо кардани маблағ барои сохтмони хонаҳои озодкунии меҳнаткашзанон.

Г). Қаблан банд кардани ҷойҳо барои духтарони синнусоли наврасӣ дар заводҳои пахта.

Ғ). Зимни ташкили курсҳои трактористҳо пурра ҷалб кардани занони маҳаллӣ [4, с.6].

**7. Барои Пиллаи Туркистон**

А). Зимни сохтмони фабрикаи шоҳибофӣ пешбинӣ кардани тамоми чорабиниҳои хизматрасони маданӣ ва маишии коргарзанон.

Б). То 8-уми март интихоби қитъаи майдон барои сохтани фабрика.

В). Дар назди хонаи сохташавандаи озодкунии меҳнаткашзанон ташкили кирмакпарварии намунавӣ.

Г). Дар назди клубҳо, гӯшаҳо, мактабҳо ташкили намоишгоҳҳои кирмакпарварӣ.

Ғ). Ба муносибати рӯзи 8-уми март доир кардани конференсияи пиллапарварон ва додани мукофоти пиллапарварони беҳтарин [4, с.7].

Д). Кинолентаи мавҷудбударо бо номи «Пиллаи Туркистон» доир ба пиллапарварӣ дар рӯзи 8-уми март дар конференсияи пиллапарварон ба таври ройгон намоиш додан [4, с.7].

**8. Барои Савдои Тоҷикистон**

А). Пешниҳоди нақшаи ташкили дуконҳои занон аз рӯйи ноҳияҳо (дуконҳои занонро дар ноҳияҳои пиллапарварӣ бояд бештар ташкил кард).

Б). Пешбарии коргарзанон ба кори роҳбарикунанда дар дукону мағозаҳо [4, с.7].

**9. Барои КХБ**

А). Ҷудо кардани фонди махсус барои таъмини занон ва оилаҳои онҳо, ки дар озодкунии онҳо ҷабр дидаанд.

Б). Ҷалб намудани занон ба артели мавҷудаи маъюбон [4, с.7].

**10. Барои Отряди сотсиалистии ҶШС Тоҷикистон**

А). Аз нав дида бароmаданӣ қарор дар бораи додани кумакпулӣ ба бекорон ва таъмини оилаҳои бепарастор, мутобиқ гардидании онҳо ба шароити маҳаллӣ.

Б). Дар истироҳатгоҳҳо чудо кардани ҷой барои занони кишоварзи суғуртанашуда [4, с.7].

**11. Барои КХ меҳнат**

А). Ҷудо кардани маблағ ба ташкили коллективҳои занони бекор, кумак ба шахсони дар озодкунии занон ҷабрдида.

Б). Ҷудо кардани маблағ барои ташкили ихтисосҳо ва бозомӯзии занони маҳаллӣ, инчунин хариди 70 кат барои кӯдакони занони бекор дар боғчаҳо.

В). То 8-уми март интихоб кардани коргарзанон барои омодасозии тахассуси шоҳибофзанон, кирмаку тухмипарварон, тақрибан то 100 нафар зан [4, с.7].

Комиссариати халқии меҳнат аз буҷети давлат барои мубориза бо бекори ба андозаи 75000 рубл ҷудо ва ба таври зайл бояд тақсим кунад: кори ҷамъиятӣ, ташкили коллективҳо, бозомӯзии бекорон, экспертиза, роҳкиро ва амсоли инҳо.

Барои тамоми чорабиниҳои номбаршуда маблағ намерасид, бинобар ин КХМ барои заноне, ки зимни озодкунӣ ҷабр дидаанд, ягон хел маблағ ҷудо карда наметавонад.

Барои мақсади мазкур ҳукумат бояд маблағ ҷудо кунад, аммо на аз ҳисоби сметаи КХМ, зеро ин мубориза барои бекорон нест.

Боғчаҳо бояд барои занони бекор аз рӯйи сметаи Комиссариати халқии тандурустӣ маблағгузорӣ гарданд, чунки ин вазифаи КХМ нест. Мақсади КХМ танҳо паст кардани сатҳи бекори байни занон ва чорабинии асосии он ба кор таъмин намудани занон мебошад. Инчунин мақомотҳои КХМ барои коллективҳо ва ташкили курсҳо барои бекорон метавонанд маблағгузорӣ кунанд.

**12. Барои соҳаи матбуот**

А) Редаксияҳои «Тоҷикистони советӣ» ва «Советский Таджикистан» [4, с.8].

Б) Ба маҳалҳо рафта, ба доир кардани чорабиниҳо барои рӯзи 8-уми март равшанӣ андохта шавад [4, с.8].

**13. Барои Шурои маърифатӣ**

А) Санҷидани кори пешбаришавандагон

Б) Ба нақша гирифтани пешбариҳои нав.

В) Санҷидани шартномаҳои аз нав басташуда, ҷудо кардани маблағ барои эҳтиёҷоти ҳимояи модар ва кӯдак.

Г) Зимни сохтмони осоишгоҳҳо пешбинӣ кардани шуъбаҳои кӯдакона.

Ғ) Ҷудо кардани маблағ барои сохтмони хонаҳои озодкунии занон.

Д) Ҷудо кардани маблағ барои таҷҳизонидани клубҳои занон.

Е) Ба корҳои маданӣ ва равшаннамоӣ фаро гирифтани хонашинзанон ва барои ин ҷудо кардани маблағҳои пулии лозимӣ.

Ж) Банд кардани ҷойҳо дар осоишгоҳҳо барои занони кишоварзи суғуртанашуда [4, с.9].

**14. Иттифоқи камбағалон**

А) Ҷудо кардани маблағ барои пардохти кори ташкилотчиён оид ба ҷалби занон ба «Иттифоқи камбағалон».

Б) Зиёд кардани шумораи занон дар ячейкаи занон.

В) Зимни сохтмони хонаҳои деҳқонон пешбинӣ намудани ҳуҷраҳо барои деҳқонон.

Г) Дар навбати аввал ҷудо кардани қарз барои хоҷагиҳои занони камбағал.

Д) Санҷидани хоҷагиҳои инфиродии занон ва кумак ба онҳо дар шудгор ва ғайра.

Е) Диққат додан ба ҳалли масъалаҳои баҳснок оид ба тақсими замин байни хешовандон.

Ж) Барои ба кооператсия ҷалб кардани занон аз фонди камбағалони кооперативӣ ҷудо кардани маблағ асосан барои камбағалзанон [4, с.9].

**15. Барои КМҲК**

А) Таъмини маҷлисҳои занон ва маҷлисҳои тантанавӣ бо маърузачиён бахшида ба рӯзи 8-уми март дар шаҳри Сталинобод.

Б) Таҳияи тезисҳо барои маърузаҳо.

В) Чопи плакатҳо, шиорҳо бахшида ба рӯзи 8-уми март.

**16. Барои КМ ИЛКҶ**

А) Дар тамоми округҳо доир кардани конференсияҳои ғайриҳизбии духтарон.

Б) Дар ҷумҳурӣ ташкил намуданӣ 11 артели кирмакпарварӣ бо ҷалби духтарони аъзои комсомол.

В) Тарғиби комсомолдухтарон барои кор дар артели кирмакпарварон.

Г) Қабули духтарон ба комсомол ва аз комсомол ба ҳизб (шумора нишон дода нашудааст).

Ғ) Доир кардани озмуни «Хонандаи беҳтарин» байни духтарон дар шаҳри Сталинобод, Хуҷанд ва Ӯротеппа.

Д) Доир кардани азназаргузарони дар мактабу клубҳо.

Е) Санҷидани иҷрои брони хонандагон дар истеҳсолот, ки он бояд на камтар аз 30% бошад.

Ж) Пешбарӣ кардани духтарон ба корҳои роҳбарикунанда.

З) Дар ҳар як округ ташкили на камтар аз 1 ячейкаи занони комсомол [5, с.9].

Инструктори КБММЗ-и назди КИМ-и ҶШС Тоҷикистон Отабоева ба ШКХ бо мактуб муроҷиат карда, хоҳиш менамояд:

«КМКБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон хоҳиш менамояд, ки дар давоми як ҳафта чорабиниҳои хешро, ки бахшида ба 8-уми март ба нақша гирифта шудаанд, хабар диҳед. Нақшаи Шумо ташкили тамоми намудҳои муассисаҳои маданӣ-маишӣ оид ба хизматрсониҳои занон ва барои ин корҳо ҷудокунии маблағҳо аз фондҳои махсусро бояд пешбинӣ намояд» [26, с.36].

Зимни доир кардани маъракаи рӯзи 8-уми март КМКБММЗ-и назди КИМ-и ҶШС Тоҷикистон ба тамоми ташкилотҳо мактуб фиристода, хоҳиш намуд, ки дар бораи чорабиниҳои банақшагирифтаи худ ҳисобот диҳанд. Суғуртаи давлатии иҷтимоӣ хабар дод, ки ба шарафи ҷашни 8-уми март ба ҷойҳо фармоиши махсус равон намудааст:

1. Кумакпулии занони суғурташуда барои корношоямии муваққатӣ пешаки пардохт карда шавад.

2. Ба заноне, ки барои ғизодиҳии кӯдакони худ кумакпулӣ мегиранд, маблағи кумакпулиашон ду моҳ пештар пардохт карда шавад.

3. Якҷоя бо ташкилоти занон ва ташкилоти касбӣ масъалаи гузариш ба натуралисозии кумакпулиҳо оид ба ғизодиҳии кӯдакон ва ғайра коркард карда шавад.

Нисбат ба иштироки Суғуртаи сотсиалистии ҶШС Тоҷикистон дар ташкили муассисаҳои маданӣ-маишӣ оид ба хизматрасониҳои занон барои

ташкили боғчаҳо, майдончаҳои кӯдакон, сохтмони ошхонаҳои ширӣ ба андозаи 10000 рубл маблағ ҷудо гардида, ба таври зайл тақсим карда шудаанд:

1. Барои тавсияи хонаи кӯдакони ширхор дар Сталинобод – 11000 рубл;

2. Барои сохтмон боғчаҳо дар Шӯроб (Исфара) – 20000 рубл;

3. Барои сохтмони боғчаҳо дар яке аз деҳаҳои Вахш ва 9000 рубл.

КХА-и Тоҷикистон бо Сиркуляри худ (№4, аз 9 марти соли 1931) чунин пешниҳод кард:

Ба тамоми судҳои халқӣ ва прокурорҳо!

Ба шарафи ҷашни 8-уми март КХА пешниҳод мекунад:

1). Дар назди машваратхонаи тиббӣ ва хонаҳои модару кӯдак дар шаҳрҳои Сталинобод, Хуҷанд, Ӯротеппа, Панҷакент, Конибодом, Қӯрғонтеппа, Кӯлоб ва Ғарм машваратхонаҳои доимии ҳуқуқӣ ташкил карда шавад.

2). Ҳисоботи мақомоти судӣ ва прокуратураро дар маҷлисҳои занони меҳнаткаш шунида, дар онҳо бо чорабиниҳои ҳокимияти Шуравӣ дар бораи озодкунии занон равшанӣ андохта шавад. Барои доир кардани ин корҳо суду прокурорҳо занонро ба кодекси никоҳ, оила ва ҳамагӣ бояд шинос кунад.

3). Мурофиаҳои намунавиро оид ба парвандаҳое, ки ба манфиатҳои маишӣ ва хоҷагидории занон (ҷиноятҳо дар асоси муносибатҳои маишӣ, алиментҳо ва ғайра) дахл доранд, рӯзи 8-уми март гузаронанд.

4). Ба нақша гирифтани машваратчиёни судӣ ва номзадҳо бо пешбарӣ ба мақомотҳои адлия.

5). Оид ба иҷрои сиркуляр 1-уми апрел ахбор дода шавад.

Аз Комиссариати халқии таъминот ба КМКБММЗ хабар доданд: «Комиссариати халқии таъминот корро пеш намебарад, балки танҳо таъминотро ба танзим медарорад».

Аз Қӯрғонтеппа хабар доданд: «Дар ҷашнгирии рӯзи 8-уми март чорсад зани маҳаллӣ ширкат варзид, озмуни «Кӯдакои беҳтарин» гузаронида шуд. Ҳамагӣ 6 нафар мукофот гирифт. 3 мактаби занона кушода шуд. 7 нафар ба кор пешбарӣ гардид. 5 нафар аъзои ҳизб шуд. Нақшаи ҷалби кирмакпарварон иҷро гардид. 1 адад боғчаи кӯдакон кушода шуд» [5, с.37-40].

КБММЗ-и назди КИМ-и ҶШС Тоҷикистон хоҳиш менамояд, ки дар бораи чорабиниҳои дар округҳо гузаронидашуда бахшида ба рӯзи 8-уми март оид ба масъалаи озодии занон ҳисобот дода шавад. Дар ҳисобот инҳо бояд ҷой дошта бошанд:

А). Оид ба фармоишдиҳии рӯзи 8-уми март чӣ корҳо ба сомон расонидед? (маърузаҳо, намоишномаҳо нишон додан дар шаҳр ё деҳа).

Б). Чанд маҷлис гузаронида шуд? Шумораи иштирокчиён, шумораи занон (алоҳида), фаъолияти занон (маводи маҷлисҳои иштирокчиён нишон дода шавад).

В). Кадом чорабиниҳои амалӣ оид ба озодкунии занон гузаронида шудаанд (ташкили боғчаҳо, кӯдакистонҳо, майдончаҳои кӯдакон, клубҳои занон, гӯшаҳои сурх, артелҳо, устохонаҳо)?

Г). Оид ба пешбарии занон кадом корҳо ба иҷро расонида шудаанд (аз ҷ/деҳот, клуби занон ба корҳои ҷамъиятӣ ва хоҷагидорӣ)?

Ғ). Баромад аз тарафи унсури бегона ҷой дошт ё не, муфассал нишон диҳед, ки баромад дар чӣ ифода ёфтааст?

Тамоми нишондодҳои болоиро на дертар аз 20-уми майи соли ҷорӣ (1930) фиристодан лозим аст [5, с.89].

Чӣ тавре дар боло қайд гардид, дар Тоҷикистон 8-уми мартро бояд ботантана ҷашн мегиифтанд, барои ин маблағи зиёд бояд ҷудо мегардид, аммо дар округҳо маблағ намерасид. Аз ин рӯ, аз аксари округҳо тариқи мактуб, барқия, телефон ба КБММЗ муроҷиат карда хоҳиш доштанд, ки барои доир кардани 8-уми март маблағ ҷудо намоед. Санаи рӯзи ирсоли барқия аз КБММЗ-и ноҳияи Кӯктош маълум нест, аммо матни барқияро хонда тавонистем: «Сталинобод. КИМ-и КБММЗ. Комиссия оид ба доир кардани рӯзи 8-уми март дар ноҳияи Лақайтоҷик хоҳиш менамояд, ки 1000 рубл фиристед» [6, с.63].

Дар воқеъ, ҷашни 8-уми марти соли 1932 ба маърака табдил ёфт ва дар ин бора дар протоколи №8-и ҷаласаи васеи Раёсати КМКБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон, ки 5 феврали соли 1932 баргузор гардид, гуфта мешавад.

Рӯзномаи ҷаласа чунин буд:

1. Санҷиши иҷрои чорабиниҳо барои доир кардани 8-уми марти соли 1931 банақшагирифташуда ва ба нақша гирифтани чорабиниҳо барои 8-уми марти соли 1932.

2. Масъалаҳои дигар.

Дар ҷаласа бо маърузаҳо намояндагони Тресги кишоварзӣ, КХМ, КХТ, Иттифоқи саноат, Маркази колхозӣ, Тоҷикматлубот, КХ меҳнат, КХ таъминот, КХ замин ва КБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон баромад карданд.

Қарор қабул карда шуд:

I. Бояд қайд намуд, ки аксари КХ инчунин муассисаҳои Марказии давлатӣ ва хоҷагидорӣ на танҳо чорабиниҳои барои соли 1932 банақшагирифтаашон, балки ҳатто кори иҷрокардаашонро намедонанд ва дар ин хусус маълумот надоранд. Илова бар ин, аксари КХ дар ҷаласа иштирок надоранд, ҳарчанд аз баргузоршавии он якчанд рӯз пештар хабардор буданд.

II. Ба тамоми муассисаҳои Марказии давлатии хоҷагидорӣ ва Комиссариатҳои халқӣ пешниҳод гардид, ки дар давоми 10 рӯз нақшаи доир кардани 8-уми март дар ҷумҳурӣ тартиб дода, ба КБММЗ фиристода шавад.

III. Барои рӯзи 8-уми март ба тамоми коргарзанон, занони колхозӣ, камбағалзанон ва миёнаҳолзанон оид ба масъалаи аҳаммияти 8-уми март ва иштироки занон дар сохтмони сотсиалистӣ муроҷиатнома баровардa шавад.

IV. Аз Раёсати КИМ хоҳиш карда шавад, ки нақшаи лоиҳаи сохтмони клуби занонро дар шаҳри Сталинобод тасдиқ намоед ва ба рӯзи 8-уми март хишти аввали биноро гузорад.

V. Барои мураттабсозии қарордод аз рӯйи тамоми маърузаҳо Комиссия аз рафиқони зерин интихоб гардад: Гаритский аз КХ маориф, Бубок аз КХ тандурустӣ, Қаюмова ва Шамсуддинова [3, с.54].

Аз Кӯлоб ба КМКБММЗ хабар омад:

1. Дар округ ягон муассиса, амсоли боғча, кӯдакистон, клуб, гӯшаи сурх, артел ва ғ. кушода нашудаанд. Танҳо ҷаласаҳои тантанавӣ бо баррасии масоили зерин мушоҳида гардид:

а) дар бораи озодкунии занон;

б) аҳаммияти таърихи 8-уми март;

в) аҳаммияти қонунияти инқилобӣ барои занон.

Баъд аз маҷлиси тантанавӣ хӯрокхӯрӣ ва намоиши саҳначаҳо баргузор гардид.

Илова бар ин, ба тоҷикзаноне, ки кӯдакони худро аввалин маротиба ба кӯдакистон оварданд, мукофотҳо дода шуд.

Дар рӯзи 8-уми март як қатор тоҷикзанон дар ҷаласаҳои тантанавӣ фаранҷиашонро партофтанд.

2. Фаъолияти иштирокчиёни ҷаласаи округ:

Дар шаҳри Кӯлоб дар маҷлиси тантанавӣ 200 тоҷикзан иштирок кард (аз байни онҳо 30 нафар фаъолзан). Ба шаҳри Сталинобод 10 нафар фаъолзан фиристода шуд.

Дар Муъминобод 30 нафар зан иштирок кард (4 нафар фаъолзан) ва аз байни онҳо 2 нафар фаъолзан ба таҳсилот равона карда шуд.

Дар Қизилмазор 60 зан (17 нафар фаъолзан) иштирок намуд.

Дар Ховалинг 40 нафар (14 нафар фаъолзан) дар маҷлис ширкат варзид.

Дар Даҳана 70 нафар колхозчи (12 нафар фаъолзан) дар маҷлис иштирок кард.

Дар Фархор 60 нафар (10 фаъолзан) дар маҷлис Ҳузур дошт [3, с.54].

Дар Кангурт 150 нафар (30 фаолзан).

Дар Пойтук 60 нафар занони колхозчиён (6 нафар фаъолзан).

Дар Чубек 30 нафар зан (2 фаъолзан).

Дар тамоми округ 680 зан дар таҷлили ҷашни 8-уми март ширкат варзиданд.

3. Дар иртибот бо рӯзи 8-уми март ягон баромад аз тарафи унсурҳои бегона набуд [6, с.21].

Аз Конибодом хабар омад, ки рӯзи 8-уми март машваратхонаи занон дар қитъаи роҳи оҳани «Навсохтмон», майдончаи кӯдакон барои 30 нафар кӯдак аз рӯйи самти маорифи шаҳр кушода шуданд. Дар шаҳрӯ ноҳия ягон майдончаи кӯдакон набуд.

Аз рӯйи самти шуъбаи тандурустии шаҳр барои хизматрасонии маъракаи пахтачинӣ кушодани боғчаҳои мавсимӣ дар 10 деҳа пешбини гардидааст. Аммо маблағи буҷет нокифоя мебошад [6, с.21].

Котиботи КБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон на танҳо бо масъалаҳои ташкил, фаъолият, самти корҳои КБММЗ, балки бо масъалаи маблағгузории чорабиниҳо бахшида ба 8-уми март машғул буд.

Котиби КБММЗ-и комиҷроияи ноҳияи Қӯрғонтеппа 13. 03. 1931 ба КБММЗ-и назди КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон хабар дод, ки 8-уми март дар ид 400 нафар зани маҳаллӣ ширкат варзид. Озмуни «Кӯдаки беҳтарин» бо мукофотдиҳӣ гузаронида шуд. 3 адад мактаби занон кушода шуд. 7 нафар зан ба ноҳия пешбарӣ гардид. 5 нафар аъзои ҳизб шуд. Нақшаи ҷалби кирмакпарварон иҷро гардид. Боғчаҳои кӯдакон дар даҳ деҳа кушода шуданд ва 1047 нафар кӯдакро фаро гирифтанд.

Муовини сардорӣ шуъбаи таъминоти КХ таъминот хабар дод: Дар асоси мактуби Шумо аз 4 март дар бораи чорабиниҳо бахшида ба рӯзи 8-уми март ва умуман, оид ба хизматрасониҳои занон аз тарафи муассисаҳои маданӣ-маишӣ мо ҳамзамон ба тоҷикматлубот хабар додем, зеро ки тамоми кори маданиро кооператсияи истеъмолӣ пеш мебарад [6, с.68].

КХ таъминоти корҳоро пеш намебарад, балки танҳо ба танзим медарорад.

Аз далелҳои овардаи мо ва муносибати ташкилоти мушаххас, ки дар ҳуҷҷатҳо инъикос ёфтааст, маълум мегардад, ки доир кардани дилхоҳ чорабинӣ «оид ба беҳдошти шароити меҳнат ва маишати меҳнаткашон чун тамоюли табдилёбии ин чорабиниҳо ба анъанаи Шуравӣ» ва ҳам дасткашӣ аз анъанаҳо муаррифӣ мегардад [5, с.40].

Аммо бояд қайд кард, ки 8-уми март ба баланд бардоштани сатҳи умумии ҳаёти ҷамъиятӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ иқтисодӣ ва мадании ҷомеа дар маҷмуъ, ва ба занон аз ҷумла, таъсири калон расонд.

Рӯзи байналхалқии коммунистӣ 8-уми марти соли 1930 дар Тоҷикистон дар манзари рушди босуръати хоҷагии халқ, азнавсозии хоҷагии деҳоти сотсиалистӣ, рушди сохтмони колхозӣ, СМТ, тавсияи майдони пахта ва иҷрои садфоизаи кирмакпарӣ гузаронида шуд.

Рӯзи 8-уми март зери шиори «Озодкунии воқеии занон» мубориаи фаъол ба муқобили душманони синфӣ - эшонҳо, муллоҳо ва бойҳо, ҷалби васеи занони кишоварз ба кооператсияи пиллапарварӣ ва ба мактаби маҳви бесаводӣ, ба аъзо шудан ба колхозҳо, ҳуқуқи баробар доштан бо мардон, ҷалби фаъолзанони беҳтарин ба Ҳизбӣ ленинӣ гузашт.

Сарфи назар аз бесаводии комил байни занон, қафомонии иқтисодӣ, сиёсӣ ва маданӣ – маишӣ, набудани фаъолзанони маҳаллӣ дар баъзе округҳо, кори нақшавӣ ва системавии байни занон (масалан, дар Ғарм, Кӯлоб ва Ҳисор мудири шуъбаи занон нест ва кор дар баъзе ҳолатҳо ба роҳ монда намешавад) ҳар маъракаи соли ҷорӣ ба пешравиҳо дар фаъолгардонии занон мусоидат намуд.

Ба маъракаи 8-уми март тавассути маҷлисҳо ва тарғибот дар баъзе округҳо на танҳо тамоми марказҳои волостҳо ва ҷамоатҳо, балки тамоми қишлокҳо (Округи Ӯротеппа) дар дигар округҳо 50 ва 60%-и қишлоқҳо фаро гирифта шуданд.

Барои доир кардани маърака КИМ-и ҶШС Тоҷикистон 1000 рубл ҷудо карда буд. Барои ин мақсад комиҷроияи округҳо маблағ ҷудо намуданд. Инчунин, ба комиҷроияи округҳо пешниҳод гардид, ки аз буҷетҳои маҳаллӣ 30000 рубл аз рӯйи самти КБММЗ маблағҳои пулӣ ҷудо карда шавад. Бо қарори КИМ барои сохтмони 3 клуби занон (дар Хуҷанд ва Кӯлоб) 10000 рубл ҷудо карда шуд. Комиссариати халқии маориф барои мукофотонидани хонандагони беҳтарини мактаби маҳви бесаводӣ ва муассисаҳои дигари таълимӣ 600 рубл ва

Иттифоқи саноати косибӣ барои пурзӯрсозии кори артелҳои занон 2000 рубл ҷудо карда буд.

Дар рӯзи 8-уми март рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ, миллӣ ва аврупоӣ ба таври васеъ мавриди истифода қарор гирифтанд. Аввалин маротиба дар ин сол шиорҳо (6000 нусха) ба забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз чоп баромаданд.

КМ КБММЗ хабар додааст, ки то ҳол аз округҳои Хуҷанд, Панҷакент ва Кӯҳистони Бадахшон ҳисобот дар бораи доир кардани маърака гирифта нашудаанд.

Аз округҳои боқимонда маълумоти зерин гирифтем, - омадааст дар ҳуҷҷат:

Округи Кӯлоб: омодасозӣ сари вақт оғоз ёфт, Комиссияи округ ташкил гардид ва он барои доир кардани 8-уми март маблағи лозимиро ёфт. Дар ҷаласаҳои тантанавӣ, ташкилоти ҳизбӣ, комсомолӣ, пионерӣ ҳузур доштанд. Рӯзи 8-уми март дар клуби занон дар митинг 150 тоҷикзан ширкат варзид. Мукофотдиҳии модароне, ки аввалин шуда кӯдакони худро ба боғча оварданд ва модароне, ки бо нишондоди духтур ва амбулаторияи занон кӯдакони худро ба таври намунавӣ тарбия мекунанд, рӯй дод. Дар клуби занон намоишгоҳҳои Ҳимояи модар ва кӯдаки ва пиллапарварӣ ташкил карда шуд. Бахшида ба рӯзи 8-уми март шумораи махсуси рӯзномаи деворӣ ба забони тоҷикӣ, ки маводи онро танҳо занон додаанд, бароварда шуд.

Дар Кӯлоб дукон барои занон кушода шуд, мудири он тоторзане буд, ки забони тоҷикиро хуб медонист ва ба ӯ ба сифати таҷрибаомӯз тоҷикзане вобаста гардида буд. Дукон шухрат дорад ва ба он занон ҷалб карда шудаанд. Дар давоми се ҳафта (аз 8-уми март то 1 апрел) 92 нафар зан аъзои кооператсия гардиданд. Аъзоҳаққӣ хеле паст буд 5, 3, 2 рубл, барои камбағалзанон ройгон. 8-уми март ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ пиесаи «8-уми март» гузошта шуда буд. Буфет ва лоторея ба фонди муассисаҳои кӯдакони шаҳри Кӯлоб, ки 400 рубл доданд, муқаррар карда шуданд.

Дар ноҳияи Саройкамар дукони кооперативии занона кушода шуд. Баъдан барасмиятдарории артели либосдӯзӣ, омодасозӣ ба кушодашавии

сехҳои маҳсулоти курпагӣ ва маҳаллӣ рӯй дод. Баъди ёфтани маблағҳо барои дар назди артел кушодани мактабҳои либосбурӣ (порагарӣ) ва либосдӯзӣ корҳои ташкилӣ роҳандозӣ гардид. Кушодани майдончаҳои кӯдакон барои 40 нафар ва корҳои омодасозӣ ба кушодани машваратҳои кӯдакон ба нақша гирифта шудааст. Хабар дода мешавад, ки аз ноҳияҳои округи Кӯлоб дар бораи ҷашнгирии 8-уми март маълумоте ба даст наомадааст.

Аз округи Ӯротеппа хабар дода шудааст, ки дар ин ҷо кори омодасозӣ ҳанӯз аз 15 феврал оғоз ёфт. Ба машварат барои коркарди чорабиниҳои амалӣ бахшида ба 8-уми март намояндагони ташкилоти Шуравӣ ва хоҷагидорӣ даъват гардидаанд.

Маъракаи тарғиботӣ бо ёрии ячейкаҳои ҳизбӣ ва комсомолӣ тавассути ҷаласаҳои семоҳа байни аҳолии номуташаккили мардон ва занон (ҳамагӣ 24 маҷлис) бо фарогирии 2400 нафар зан ва 1800 нафар мард аз 20 феврал то 5 март гузаронида шуд.

Аз тарафи созмони комсомолӣ конференсияи духтарони ғайриҳизбӣ бо иштироки 130 нафар, ки аз онҳо 95 нафар духтар, боқимондаҳо пионердухтарон ва модарони онҳо буданд, баргузор гардид. Ҳамагӣ 4 нафар духтар фаранҷиҳояшонро партофтанд. Онҳо барои узви комсомол шудан ариза доданд.

Маҷлиси косибон бо ҳузури 250 зан гузаронида шуд.

Баъд аз маҷлис хӯроки шом дода шуд. Рӯзи 7-уми март дар ду клуб (занон ва умумӣ) 700 нафар ҳузур дошт, митингҳо ва карнавал бо ташриф ба деҳоти наздиктарин ташкил карда шуд.

Дар марказҳои тамоми вилоятҳо, волостҳо маҷлисҳои занон ба ҷашнгирии 8-уми март баргузор мегардид (ҳисоботи хаттӣ мавҷуд нест, вале нақшаҳои чорабиниҳои амалии зиёде вуҷуд дорад).

Аз Ӯротеппа хабар доданд, ки дар назди клуб филиал ва дар қишлоқҳо машваратхонаҳои занону кӯдакон таъсис ёфтанд. Дар волости Ғончӣ гӯшаи сурхи табибон, ки муассисаҳои кӯдакони мактабӣ ва табобатиро муоина мекарданд, ташкил карда шуданд.

Дар шаҳри Ӯротеппа аз тарафи Тоҷиксавдо дукони занон кушода шуд ва дукони занони кооперативӣ дар бинои беҳтарин ҷой гирифт. Дар назди он гӯшаи «Модар ва кӯдак» ва дар назди мактаби занон хонаи кӯдакон кушода шуд. Иттифоқи кормандони маориф дар ороиши клуби занон ва доир кардани тамошои пагоҳирӯзии кӯдакон ширкат варзид. Отряди пионерӣ ташкил карда шуд. Барои комиссияи назди комиҷроияи округ оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати меҳнаткашзанон 3000 рубл ҷудо карда шуд. Шуъбаи маорифи округ барои ороиш додани клуби занон 600 рубл ва ҷамъияти истеъмолкунандагон аз фонди камбағалон барои кооператсиякунонии занон 2000 рубл, Иттифоқи СТС ва Иттифоқи бинокорон барои доир кардани 8-уми март 90 рубл ҷудо карданд. Аризаи занон барои аъзо шудан ба ҳизб мавҷуд аст.

Дар округи Қӯрғонтеппа комиссияҳои округӣ ва ноҳиявӣ таъсис ёфта, дар тамоми ташкилотҳо маҷлисҳо гузаронида шуданд. Дар ҳар як ноҳия 8-қишлоқӣ мавриди хизматрасонӣ қарор мегирифтанд. Рӯзи 8-уми март занони кишоварзи деҳоти наздиктарин ба шаҳр барои иштирок дар намоишҳо раҳсипор гардиданд. Дар ноҳияҳо, дар маҷлисҳои тантанавӣ, бештар аз 500 зани маҳаллӣ ширкат варзид. Ҳамагӣ 17 нафар зан (9 нафар тоҷикзан, 1 нафар узбекзан, 5 нафар туркмензан ва 3 нафар аврупоизан) аъзои ҳизб гардиданд. Ба комсомол 7 нафар зани маҳаллӣ аъзо шуданд. Дар Қӯрғонтеппа дукони занон таъсис ёфт, гӯшаи «Модар ва кӯдак» ва дар назди амбулаторияи занон гӯшаи «Ҳимояи модар ва кӯдак» ташкил карда шуд. Дар Ҷиликул артели дӯзандагӣ ва дар назди дукони занон гӯшаи «Модар ва кӯдак» ба вуҷуд омад. Дар Қубодиён дукони зан, Гӯшаи занони назди мактаб, дар Саройкамар боғчаҳои кӯдакон барои 25 нафар таъсис ёфтанд.

Дар округ ҳар як ноҳия, ба истисноии ноҳияи Арал ва Қӯрғонтеппа 2 дукон ва дукони сеюм аз рӯйи самти Тоҷиксавдо мавҷуд аст. Мурофиаи намунавии судӣ гузаронида шуд.

Округи Ғарм бошад яке аз округҳои қафомондаи ҷумҳурӣ дар самти ҷалби занон ба таҳсилот ва чорводорӣ буд. Хабар дода мешавад, ки КХА аз рӯйи самти судӣ занони кишоварзро ба таҳсил фиристод. Ячейкаи КХ Замин ба

деҳаи башефигирифтаи худ як мошинаи дарздӯзӣ туҳфа кард. Заводи пахта се сипори тракторро эҳдо намуд.

Хонаи кӯдакон барои 10 кат кушода шуд ва тамоми шабонарӯз фаъолият дошт, Амбулаторияи кӯдаконаи профилактикӣ ва машваратхонаи занон таҷҳизонида шуд. Барои эҳтиёҷоти таваллудхона 200 рубл ҷудо гардид. Курсҳои фаррошони беҳдошт ва ошхона кушода шуданд. Дар назди клуби занон, дар деҳа, артели занонаи шири кооперативӣ бо ҷалби 40 нафар зан ва артели занонаи мурғпарварӣ бо фарогирии 21 нафар зан кушода шуд. Аз рӯйи нақша конференсияи занони пиллапарвар баргузор гардид.

Аз округи Ҳисор хабар дода мешавад, ки дар самти доир кардани маъракаи 8-уми март ноҳияи Қаратоғ беҳтарин ноҳияи округ ҳам аз рӯйи фарогирии иштирокчиёни маҷлисҳо ва ҳам аз рӯйи доир кардани чорабиниҳои амалӣ мебошад.

Ҳамагӣ дар округ 1843 нафар дар ҷашнҳо ширкат варзиданд. 34 нафар номзад ба аъзогии ҳизб ва аз ҷумла 5 нафар занҳо аъзои ҳизб буданд. Ба комсомол 21 нафар тоҷикзан аъзо шуд. 5 дукони занонаи кооперативӣ таъсис ёфт. Артели дӯзандагӣ бо фарогирии 18 нафар тоҷикзан ташкил карда шуд, 120 нафар фаранҷиро партофтанд. Боғчаҳои кӯдакон барои 20 кас таъсис ёфт, як суди намунавӣ аз болои шавҳаре, ки занро мезад, гузаронида шуд. Ҳамагӣ 46 нафар зан мактаби маҳви бесаводиро хатм кард. 4 гӯшаи занон кушода, конференсияи кирмакпарварон аз рӯйи нақша гузаронида шуд.

Хулоса, бо чорабиниҳои амалӣ маҷлисҳо ва тарғибот дар маъракаи 8-уми март ва зимни конференсияи пиллапарварӣ дар ҷумҳурӣ 7799 нафар зан ва 1800 нафар мардро фаро гирифтанд. Дар маҷмуъ, дар ин давра корҳои зерин анҷом ёфтанд:

Ба ҳизб 5 нафар тоҷикзан аъзо ва 55 нафар номзад ба аъзои ҳизб шуданд;

Ба ШКХ 53 нафар тоҷикзан қабул гардид;

5 отряди пионерӣ ташкил карда шуд;

1 клуби занон таъсис ёфт;

7 гӯшаи сурхи занон ташкил карда шуд;

6 гӯшаи Ҳимояи модар ва кӯдак ташкил карда шуд;

3 баромади пагоҳирӯзии кӯдакон гузаронида шуд;

2 карнавал гузаронида шуд;

1 ошхона кушода шуд;

4 суди намунавӣ пешниҳод гардид;

2 кӯдакистон ба фаъолият оғоз кард;

2 хонаи кӯдакон кушода шуд;

37 конференсияи пиллапарварон баргузор гардид;

4 нафар ба кор пешбарӣ шуд;

4 нафар ба таҳсилот пешбарӣ шуд;

1 бригада муоина гардид;

1 майдончаи кӯдакон ташкил карда шуд;

9 гӯшаи занон кушода шуд;

3 дукони занон таъсис ёфт;

2 чойхонаи сурх ба фаъолият оғоз кард;

3 артели либосдӯзӣ ташкил гардид;

1 артели ширӣ ташкил гардид;

1 артели парандапарварӣ ташкил карда шуд;

1 маҳфили либосбурӣ ва либосдӯзӣ фаъолияташро оғоз кард;

46 нафар зан мактаби маҳви бесаводиро хатм кард;

2 рӯзномаи деворӣ нашр шуд;

1 конференсияи духтарон баргузор гардид;

5 бригадаи занон ташкил карда шуд;

1 курси санитардухтарон гузаронида шуд;

2 машваратхонаи кӯдакону занон таъсис ёфт [5, с.6-9].

Ҳамин тариқ, дар давраи доир кардани маъракаи 8-уми март дар як вақт даҳҳо чорабинӣ оид ба хизматрасонии меҳнату маишати занон гузаронида шуд. Таърихи доир кардани чорабиниҳоро оид ба масъалаи мавриди таҳқиқи мо омӯхта, муносибати маҷмуи тамоми сохторҳои ҳокимият ва татбиқи вазифаҳои барномавиро мушоҳида кардан мумкин аст.

Имрӯзҳо, ки 8-уми март «Рӯзи озодии занон» ба «Рӯзи модарон» табдил гардидааст, таҷрибаи Шуравӣ дар таҷлили «Рӯзи модарон» хуб хизмат карда метавонад. Агарчи модари тоҷик то ба сарварии ҳукуматҳои маҳалу аъзогии ҳукумат расидааст, даҳҳо ташкилоту ҷамъиятҳои занон фаъолият доранду фаъоланд, вале ҳоло ҳам меҳнату маишати занҳо зарурат ба ғамхорӣ доранд.

Рӯзи байналхалқии занон 8-уми марти соли 1930 дар Тоҷикистон, дар шароити афзоиши босуръати хоҷагии халқи ҷумҳурӣ, ба таври куллӣ аз нав ташкил кардани деҳот, дар асоси қонунҳои давлатӣ, инкишоф додани сохтмони колхозӣ, васеъ намудани майдони кишти пахта ва нақшаи кирмакпарварӣ сад фоиз иҷро гардид.

8-уми март дар зери шиори озодии занон, муборизаи фаъолона ба муқобили фитнагариҳои беҳаёёнаи душманони синфӣ - эшонҳо, муллоҳо ва бойҳо, зери шиори васеъ ҷалб намудани занони коргар ба кирмакпарварӣ ва артелҳо, ба мактабҳои саводомузӣ, ба аъзогии колхозҳо дар зери шиорҳои баробар бо мардони ҳизб ва комсомолҳо, дар байни мардон қайд карда мешуд.

Маъракаи 8-уми март на танҳо дар ҳамаи марказҳои ноҳияҳо ва ҷойҳои ҷамъиятӣ, балки ҳатто дар деҳот (ноҳияи Ӯротеппа) гузаронида шуд.

Барои гузарондани ин ҷамъомади сиёсӣ Комитети Иҷроияи Марказии ҶШС Тоҷикистон 10000 рубл ҷудо кард. Пешниҳод карда шуд, ки барои ҳамин мақсад аз комиҷроияи вилоят як миқдор маблағ ҷудо карда шавад. Инчунин, пешниҳод карда шуд, ки комитетҳои иҷроияи ноҳияҳо аз буҷетҳои маҳаллӣ 3000 рубл ҷудо кунанд. Комиссияи марказии интихоботӣ қарор кард, ки барои сохтмони ду клуби занон (шаҳрҳои Хуҷанд ва Кӯлоб) 10000 рубл ҷудо карда шавад. Комиссариати халқии маориф 600 рубл ҷудо кард. Беҳтарин хонандагони саводноки муассисаҳои таълимӣ мукофотонида шуданд. Раёсати Иттиҳод 2000 рубл ҷудо кард.

То 8-уми март газетаҳои ҷумҳуриявӣ ва аврупоӣ васеъ истифода бурда шуданд. Ин сол бори аввал шиорҳо ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ бо теъдоди 6 ҳазор нусха чоп шуданд.

Аз ноҳияҳои Хуҷанд, Панҷакент ва Бадахшони Кӯҳӣ то ҳол дар бораи ин маърака хабар нарасидааст.

Дар шаҳри Кӯлоб тайёрӣ сари вақт сар шуд. Комиссияи ноҳиявӣ ташкил карда шуд, ки барои ҷашни 8-уми март маблағ ҷудо кард. Ташкилотҳои ҳизбӣ, комсомолӣ ва пионерӣ бо маҷлисҳои ботантана ҷашни 8-уми мартро барпо карданд, дар ҷамъомади клуби занон 4 нафар занони тоҷик иштирок доштанд; Ба модароне, ки аввалин шуда фарзандони худро ба яслӣ супурдаанд ва модароне, ки бо дастури духтур ва амбулатория фарзандони худро намунавор нигоҳубин мекунанд, мукофотҳо дода шуд. Клуби занон ҷойҳои корӣ, ярмаркаҳои кирмакпарварӣ ташкил карданд. То 8-уми март ба забонҳои точикӣ ва русӣ газетаҳои деворӣ бароварда шуд, ки дар он маълумотҳо танҳо аз тарафи занон пешниҳод карда мешуданд.

Дар шаҳри Кӯлоб 8-уми март мағозаи занона кушода шуд, ду намоиши «8-уми март» ба забонҳои русӣ ва тоҷикӣ намоиш дода шуд. Барои муассисаҳои бачагонаи шаҳри Кӯлоб ҷевонҳо ва кати хоб ташкил карда шуд, ки аз он қариб 400 рубл фоида ба даст овард.

Ноҳияи Истаравшан (Ӯротеппа). Дар ин ноҳия ҳанӯз 15 феврал кори саҳроӣ сар шуд. Намояндагони ташкилотҳои советии хоҷагӣ ба маҷлиси машваратӣ даъват карда шуданд, ки барои гузаронидани 8-уми март тадбирҳои амалӣ кор карда бароянд.

Ин ҷамъомад аз 20-уми феврал то 5-уми март гузаронида шуд, 24 вохӯрӣ гузаронида шуд, ки дар онҳо 2400 нафар занон ва 1800 нафар мардон иштирок доштанд.

Комсомол конференсияи духтарони беҳизбиятро гузаронд. Дар он 130 нафар ҳозир буданд, ки 95 нафари онҳо духтарон, боқимонда пионерон ва модарони онҳо буданд. Чаҳор духтарон фаранҷиҳои худро партофтанд. Яке барои дохил шудан ба комсомол ариза дод.

Маҷлиси машваратии хунармандон барпо гардид. Дар он 250 нафар занон ширкат доштанд. Баъди вохӯрӣ зиёфати оилавӣ барпо гардид. 7-уми март дар ду клуб (занон ва умумӣ) 700 нафар одамон дар маҷлисҳо иштирок карданд, 8-

уми март ҷамъомадҳо барпо гардиданд, карнавал бо саёҳат ба деҳаҳои наздик ташкил карда шуд. Дар ҳамаи марказҳои вилоятҳо маҷлисҳои занон ташкил карда мешуданд (ҳисоботи хаттӣ нест).

Фаъолияти амалӣ: дар Истаравшан (Ӯротеппа) дар назди клуби занон машваратхонаҳои занону бачагон кушода шуд. Барои азназаргузаронии муассисаҳои бачагона, мактабӣ ва тиббӣ гурӯҳҳо ташкил карда шуданд.

«Тоҷикматлубот» дар шаҳри Истаравшан (Ӯротеппа) мағозаи занона кушод, мағозаи занони кооператив ба биноҳои беҳтар кучонда шуд, дар он гӯшаи «Модару кӯдак» ташкил карда шуд. Комитети сарпарастӣ дар мактаби занону хонаи бачагон ташкил ёфт. Иттифоқи касабаи коркунони маориф дар оро додани клуби занон ва гузаронидани шабнишинии бачагон иштирок кард. Ташкилотҳои пионерӣ ташкил карда шуданд. Барои ин корҳо маблағи 3000 рубл ҷудо карда шуд. Дар комиҷроияи вилоят барои беҳтар намудани корӯ зиндагии коргарзанон ва барои ороиши клуби занон 600 рубл, Тоҷикматлубот 2000 рубл ҷудо карданд. Аз фонди камбизоатии кооперативҳои занон, Иттифоқи коркунони савдои советӣ ва Иттифоқи бинокорон 90 рубл ҷудо карданд. Занҳо барои ба сафи ҳизб қабул шудан дар ҷашни 8-уми март аризаҳо медоданд.

Шаҳри Қӯрғонтеппа. Комиссияҳои ноҳиявию вилоятӣ ташкил карда шуда, дар ҳамаи ташкилотҳо маҷлисҳо барпо гардиданд. Дар ҳар як ноҳия тақрибан ба нисфи деҳа хизмат расонида шуд. 8-уми март деҳқонони деҳаҳои ҳамсоя дар якҷоягӣ бо мошинҳои боркаш барои иштирок кардан дар намоиш ба шаҳр рафтанд. Дар маҷлисҳои ботантана дар тамоми ноҳияҳо зиёда аз 500 нафар занони маҳаллӣ иштирок карданд. 18 нафар занон ба сафи ҳизб гузаштанд: 9 нафар тоҷикон, як нафар узбекҳо, 5 нафар туркманҳо ва се нафар аврӯпоӣ. Ҳафт нафар занони маҳаллӣ ба сафи комсомол дохил шуданд. Дар Қӯрғонтеппа мағозаи занона кушода, гӯшаи «Модару кӯдак» ташкил карда шуд. Дар амбулаторияи занон гӯшаи «Модару кӯдак» ташкил карда шудааст. Дар Ҷиликул кооперативи дӯзандагӣ ва дар сехи занона гӯшаи «Модару кӯдак» ташкил карда шуд. Дар ноҳияи Қубодиён дар назди мактаб мағозаи занона ва

гӯшаи занон кушода шуданд. Дар Сарой-Камар яслӣ барои 25 ҷой ба истифода дода шуд.

Ноҳияи Ғарм. Ғарм аз ҷиҳати ҳаракати занон яке аз ноҳияҳои кафомондаи ҷумҳурӣ мебошад. Чӣ дар ноҳия ва чи дар вилоятҳо аз сабаби нарасидани коргарзанон клуби занон тамоман бекор аст. Дар ин ҷо фаъолон нестанд ва ҳатто занони тамоман саводнок нестанд, бинобар ин кори байни деҳқонон ё тамоман ба роҳ монда нашудааст ва ё танҳо аз рӯи нишондиҳандаҳо гузаронда мешавад. Занони ноҳияи Ғарм то ҳол ғуломи хона мебошанд, ба кори ҷамъиятӣ ва таҳсил дастрасӣ надорад.

Вале маъракаи имсолаи 8-уми март дар Ғарм бо рӯҳбаландӣ гузашт ва натиҷаҳои он самараи хуб дод. Корро асосан комсомол ба ҷо меовард.

Ба муваффақияти иди занон дар ноҳия маъракаи дуҳафтаинаи кирмакпарварӣ, ки ба наздикӣ гузаронда шуд, барои ҷалб намудани занони хананишин ва занони кишоварз ба аъзогии артелҳо ва кирмакпарварӣ аҳамияти калон дошт ва таъсири калон расонид.

Коллективии шаҳр барои гузарондани конференсияи занон ба деҳаҳо 5 бригадаи занона фиристод. 10 нафар духтарон ба КМ қабул гардида, ду нафарашон ба сафи ҳизб гузаронда шуданд. Онҳо аз ҳисоби мактаби духтарона крӯжокҳои пионерӣ ташкил карданд. Се нафар комсомолҳо, ки курси саводомӯзиро тамом кардаанд, ба кор пешбарӣ карда шуданд. Пешбинӣ шудааст, ки боз чанд нафар занон ба беморхона ва дигар муассисаҳо ба шогирдӣ пешбарӣ карда шаванд.

Дар шаҳри Душанбе дар ҳамаи коллективҳо маҷлисҳои ботантанаи ҳизбӣ ва комсомолӣ бо якҷоягии КМ ва Армияи Сурх ва меҳмонони аз деҳаҳо ҳамчун сарпараст даъватшуда барпо гардиданд.

Дар маҷлису машваратҳои ботантана дар шаҳр ва деҳаҳои наздик 620 нафар занони аҳолии маҳаллӣ иштирок карданд.

Коргарон ва аҳолии шаҳр дар ҷашни 8-уми март фаъолона иштирок доштанд. Дар ҳамаи ҷамоатҳо маҷлисҳои занон барпо гардиданд. Дар ҷашни 8-уми март кӯдакон низ иштирок намуданд. Теъдоди иштирокчиён ба 700 нафар

расида, аз онҳо 400 нафарашон аҳолии маҳаллӣ буданд. Дар ҷамъомади пионерӣ бошад 19 духтари тоҷик иштирок намуда, бо саёҳатҳо ба деҳаҳои наздиктарин ҷамъомадҳо ташкил карда шуд. Ба занон ва кӯдакон тавассути машваратҳои таълимӣ тухфаҳо дода шуд.

16 нафар тоҷикзанон ба ҳизб, ду нафар ба комсомол аз ноҳияи Ҳисор қабул карда шуданд. Дар ноҳия аз ҷиҳати гузарондани маъракаи 8-уми март ҳам аз ҷиҷати шумораи иштироккунандагони маҷлисҳо ва чи аз ҷиҳати чорабиниҳои маҳаллӣ ноҳияи Қаратоғ беҳтарин ҳисобида шуд.

Дар тамоми ноҳия дар ҷашнҳо ҷамъ 1843 нафар иштирок дошт. Ба аъзогии ҳизбӣ коммунистӣ 34 нафар занони тоҷик ба номзадӣ, 5 нафар ба аъзогӣ, чор нафар занони аврупоӣ ба аъзогӣ қабул карда шуданд. 21 нафар занони тоҷик ба сафи комсомол дохил шуданд. Панҷ фабрикаи занон кушода шуд. Фабрикаи дӯзандагӣ низ ташкил карда шуд, ки 18 нафар занони тоҷикро фаро гирифт. 120 нафар фаранҷии худро партофтанд. Мурофиаи судии намоишӣ ба муқобили шавҳаре, ки занашро мезад, барпо гардид. Курсҳои саводомӯзиро 46 нафар хатм кард. Чор гӯшаи занон кушода шуда, конференсияҳои кирмакпарварон низ мувофиқи нақша гузаронда шуданд.

## Хулосаи боби III

Таҳқиқи маҷмуии ҷанбаҳои маънавӣ ва моддии фаъолияти КБММЗ дар солҳои 1928–1934 имкон медиҳад, ки натиҷаҳои ҷамъбастии зерин мушаххас карда шаванд:

1. Институтсионализатсияи маърифати гендерӣ ва сотсиализатсияи сиёсӣ: Исбот гардид, ки КБММЗ раванди маҳви бесаводиро аз як маъракаи пароканда ба як низоми мутамаркази «инженерияи иҷтимоии шуур» табдил дод. Маърифатпарварӣ на танҳо ҳамчун омӯзиши алифбо, балки ҳамчун механизми стратегии редефинитсияи (азнавмуайянкунии) шуури ҷамъиятии занон хидмат намуд. Кумита тавонист занро аз доираи маҳдуди суннатӣ ба фазои иттилоотии муосир ворид карда, заминаи аввалини пайдоиши субъективияти сиёсии зани тоҷикро фароҳам созад, ки дар он саводнокӣ ҳамчун фишанги легитимизатсияи низоми нав истифода мешуд.

2. Стратегияи десотсиализатсияи меҳнати хонагӣ ва эҷоди инфрасохтори иҷтимоӣ: Муайян карда шуд, ки роҳбурди КБММЗ дар самти модернизатсияи маишат бар принсипи «десотсиализатсияи меҳнати хонагӣ» устувор буд. Таъсиси низоми муассисаҳои томактабӣ (ясліҳо ва боғчаҳо), ошхонаҳои ҷамъиятӣ ва клубҳо ҳамчун механизми оптимизатсияи вақти занон ва сафарбаркунии иқтисодии онҳо баромад намуд. Кумита масъулияти рӯзгорро аз доираи хусусӣ ба сатҳи масъулияти стратегии давлатӣ бардошта, заминаи моддии эмансипатсия ва гузариш ба «Маишати нав»-ро муҳайё сохт.

